Дар инкишофи назарияи фразеологияи англис асарҳои забоншиноси англис Логан П. Смит мавқеи хос доранд. Ӯ ба идиомаҳои луғавӣ (лексикӣ), пеш аз ҳама, идиомаҳое, ки калимаҳои хусусияти экспрессивӣ доштаро дар бар мегиранд, таваҷҷӯҳи хос зоҳир намудааст. Вай сохтори луғавии ВФ-ро таҳқиқ кардааст. Аммо масъалаҳои маънои (семантикаи) ВФ, типологияи семантикӣ-сохторӣ, мавҷудияти калимаҳо ва ибораҳои озод дар таркибҳои фразеологӣ, ки масъалаи хурди ин соҳа намебошанд, аз мадди назари ӯ дур мондаанд.

«Идиомаҳои луғавӣ»-еро, ки Логан П. Смит гурӯҳбандӣ кардааст, таснифоти муътамад наметавон донист, чунки онҳо мутобиқи нишонаҳои асосии фразеологизмҳо асоснок карда нашудаанд.

Корҳои Х. Квасарес ва Логан П. Смит маводи фаровони аёниеро дар бар мегиранд ва дар заминаи онҳо андешаҳои ғолибе баён гардидаанд. Таснифоти ибораҳои фразеологӣ дар амалия санҷида шудаанд. Бо вуҷуди арзиши баланди илмиашон ин таҳқиқот хусусияти тавсифӣ доранд.

Г. Суит ба принсипҳои зерини таснифоти воҳидҳои фразеологӣ ишора кардааст: 1) зарурати фарқ кардани хусусияти релевантӣ ва ғайрирелевантии фразеологизмҳо; 2)

доштани қобилияти фарқ кардани ибораҳои тағйирёбандае, ки ҷузъи онҳо аз нуқтаи назари луғавӣ (лексикӣ) мустақил нестанд, инчунин ибораҳое, ки ҷузъи онҳо маънои манбаиашро гум кардааст (релевантӣ – доштани қобилият барои фарқ кардани воҳидҳои забон); 3) дар сохтори таъбирҳои фразеологӣ вуҷуд доштани ҷузъҳои тағйирёбандае, ки сарфи назар аз тағйирёбиашон ибораҳо шакл ва маъноянашонро гум намекунанд; 4) услҳои (принсипҳои) тағйирёбии воҳидҳои фразеологӣ дар ҳолати айнизамонии (синхронии) забон (фразеологияи синхронӣ) ва ғ.

Баъд аз Ш. Балли ба масъалаҳои гуногуни фразеология забоншиноси испаниё Х. Квасарес диққати махсус додааст. Дар таснифоти ӯ се навъ ибораҳои фразеологӣ ба назар мерасанд: а) ибораҳои номӣ; б) ибораҳои феълӣ; в) зарбулмасалҳо. Ақидаи Х. Квасарес дар бораи таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳо чун яке аз навъҳои воҳидҳои фразеологӣ дар таҳқиқи фразеологияҳои забонҳои ҷудогона (албатта, дар заминаи омилҳои забон) ҷолиби диққат мебошад.

Донишманди забоншинос О. Есперсен дар таъйини масъалаи таркиботи устувори калимаҳо саҳми арзанда гузоштааст. Вай ҳамаи таркибҳои забонро ба формулаҳо ва ибораҳои озод тақсим намудааст. Ибораҳои озод дар нутқ ҳар дафъа шакли маъмулиро мегиранд, вале гурехи калимаҳои устувор, аз нав ташаккул намеёбанд, дар давраҳои муайян ба шакли тайёр такроран ба кор бурда мешаванд.

Масъалаҳои ибораҳои устувор қисман дар осори Е. Крейзинг, В. Графф, А. Кеннедӣ, В. Болл ва дигар забоншиносони хориҷӣ таҳқиқ шудаанд. В. Графф ҳамаи навъҳои ибораҳои устуворро зери мафҳуми формула фароҳам овардааст. Формула ибораи устуворест, ки дар он тағйири ягон ҷузъ боиси гум шудани маънои умумии ибора мешавад. Вай мавҷудияти аринаҳои (вариантҳои) гуногуни сершуморро дар забони англисӣ ба эътибор намегирад ва таъкид менамояд, ки то он андозае, ки формула хусусияти идиомагӣ дошта бошад, яъне то кадом андозае, ки маънои алоҳидаи ҷузъҳо дар таъсири маънои умумии формула бимонад, ба ҳамон андоза он ба калимаи мураккаб наздик мешавад.

Андешаҳо ва мушоҳидаҳои оид ба фразеология иброз доштаи олимони хориҷии дар боло номбаршуда, хусусияти сатҳӣ доранд, дар натиҷаи таҳқиқи амиқи илмӣ ба миён наомадаанд. Танҳо корҳои баанҷомрасонидаи Ш. Балли ва Х. Квасарсе, бо вуҷуди баъзе камбудиҳо то имрӯз арзишу эътиборашонро нигоҳ доштаанд.

То замони академик В. Виноградов забоншиносони рус Потебня А. А. (гузориши масъала оид ба шакли фразеологизмҳо), Срезневский И.И. (оид ба робитаи байни фразеология ва калимасозӣ), Фортунатов Ф.Ф. (оид ба ибораҳои навъи *роҳи оҳан*), Шахматов А.А. (таҳлили ибораҳои уствор), Поливанов Е.Д. (оид ба зарурати ҷудо кардани фразеология чун соҳаи махсуси илми забон) мушоҳидаҳову андешаҳояшонро иброз доштаанд.

В.В. Виноградов – асосгузори фразеология чун соҳаи забоншиносӣ, – масъалаҳои зиёди умумиро дар таҳқиқи ибораҳои устувори забони русӣ ба миён гузошт ва ҳал кард.

Корҳои В.В. Виноградов оид ба фразеология диққати забоншиносонро ба худ ҷалб намуданд. Баъд аз нашри онҳо ибораҳои фразеологӣ аз ҷиҳати сохтор, маъно (семантика), хусусиятҳои грамматикӣ, пайдоиш ва хусусиятҳои услубӣ мавриди омӯзиши ҳарҷониба қарор гирифтанд. Доир ба ин масъала мақолаҳои сершумори калону хурд, рисолаҳову монографияҳо таълиф шуданд; забоншиносони ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ва донишмандони хориҷӣ дар заминаи андешаҳои назариявии академик В. В. Виноградов ба омӯзиши фразеологияи забонҳои худ шурӯъ намуданд.

Забоншиносони собиқ шӯравӣ ва муосир дар тӯли солҳои 1950 – 2005 масъалаҳои тасниф, сохтор ва семантикаи фразеологизмҳоро амиқтар мавриди омӯзиш қарор доданд. Онҳо на танҳо андешаҳои академик В.В. Виноградовро инкишоф доданд, балки баъзе мафҳумҳоро возеҳ намуданд ва тазаккур доданд, ки дар ҷараёни таҳқиқи ин ё он забон хусусиятҳои (қоидаҳои) онро ба назар бояд гирифт. Масалан, Б.А. Ларин ба таҳлили фразеологизмҳо, махсусан манбаҳои маъноии онҳо таваҷҷуҳ намудааст [6, с. 19]. Ақоиду назариёти В.В. Виноградов дар навиштаҳои А.И. Ефимов бештар ҷамъбаст

гардидаанд. Вай воҳидҳои фразеологиро ба ду гурӯҳ тақсим намудааст: ба гурӯҳи якум он воҳидҳои фразеологиеро дохил намудааст, ки В.В. Виноградов дар корҳояш онҳоро тақсимбандӣ карда буд, яъне воҳидҳои фразеологии баробар ба ибораҳо; гурӯҳи дуюм доираи васеътари фразеологизмҳо: зарбулмасалу мақолаҳо, ҳикматҳо (афоризмҳо), аз он ҷумла гуфтаҳои адибон, таъбирҳои ҳикматомез, ибораҳои устувори формуламонанд ва таъбирҳои маъмулии илмӣ-техникӣ, қолабҳои маъмул дар дафтардорӣ (канселяризмҳо), ифодаҳои маъмул дар истеҳсолот ва ғ. Бархилофи А.И. Ефимов С.И. Ожегов воҳидҳои фразеологиеро, ки воситаи сохтани ҷумла мебошанд, ба фразеологизмҳо ба маънои танг дохил менамояд.

А.И. Мелчук қайд менамояд, ки таснифоти мавҷуда ва таърифҳои ВФ ба пуррагӣ ташаккулёфта ва дақиқ нестанд. Ҳар як ибора дараҷаи муайяни устуворӣ дорад: дар асосаш ҳудуди устувориро муайян метавон кард. Ибораҳои устувор ба ақидаи И. А. Мельчук маҷозӣ (идиоматикӣ) ва ғайримаҷозӣ (ғайриидиоматикӣ) мебошанд. Ӯ чор навъи ибораҳоро нишон додааст: 1) ибораҳои устувори маҷозӣ (идиоматикӣ); 2) ибораҳои ноустувори маҷозӣ (идиоматикӣ); 3) ибораҳои ноустувори ғайримаҷозӣ (ғайриидиоматикӣ); 4) ҳамаи ибораҳои озоду ғайриозод: истилоҳоти таркибӣ, қолабҳои сухан, зарбулмасалҳо, мақолҳо ва ғайра [12, с. 33-39].

Ба ақидаи В.Л. Архангелский уствории ибораҳои фразеологӣ маҷмӯи маҳдудиятҳо дар интихоби фразеологизмҳои тағйирёбанда мебошад. Тағйири хусусияти аъзои ибораҳо ва тағйирот ба таркиби чунин ибораҳои фразеологӣ хос нест, гарчанде ба тарихи назариявӣ муодилияти аъзои он имконпазир аст. Тасреҳи мафҳуми устуворӣ аз ҷониби В.А. Архангелский имконияти фаҳмиши онро чун сохтори таҳамул фароҳам меоварад. Ба муносибатҳои дохилииборавии ВФ такя карда, ӯ қоидаҳои аҷиби устуворӣ, аломатҳои асосӣ ва фарқкунандаи воҳидҳои фразеологиро аз ҷиҳати моҳияти онҳо пешниҳод менамояд [2, с. 39-62].

Андешаҳои забоншинос, профессор А.И. Смирнитский дар таҳқиқи масоили фразеология аҳаммияти калон доранд. Вай дар назарияи худ муқоисаи ВФ ва калимаро ба асос гирифта, хусусиятҳои умумӣ, фарқияти маъноӣ, вазифа ва сохтори онҳоро тавзеҳ кардааст. А.И. Смирниский фразеологизмҳоро ба гурӯҳҳои яктаркиба, дутаркиба ва бисёртаркиба, яъне пайванди калимаҳои аз як калимаи мустақил ва калимаи тобеъ ва ё ду ё зиёда аз он калимаҳои мустақил иборатбуда ҷудо намудааст. Вай фарқияти «воҳидҳои фразеологӣ»-ро аз рӯи вазифаашон, таъкид кардааст: аз ҷиҳати услубӣ нейтралианд, ибораҳои устуворанд, ки маънои маҷозиашон аз байн рафтааст ва ё умуман, ин маъноро надоштанд, инчунин «идиомаҳои аслӣ», ибораҳои маъмулӣ, ки хусусияти идиоматикӣ дорад ва аз ин рӯ ба қатори фразеологизмҳо дохил намешаванд.

Ба таҳқиқи фразеологияи забонҳои Бадахшон С.В. Хушенова, А. Каримова машғул шудаанд. Дар осори ба забонҳои Бадахшон ва баъзе асарҳои олимони тоҷик оид ба фразеологияи забони тоҷикӣ, муқоисаи воҳидҳои фразеологии забони адабӣ ва фразеологизмҳо дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба назар мерасад.

Дар омӯзиши фразеологияи забони форсӣ Л.С. Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, Ю.Ю. Авалиани, И.А. Смирнова поягузор маҳсуб мешаванд. Бо омӯзиши ВФ забони курдӣ М.У. Ҳамоян машғул шудааст. С.В. Хушенова қайд намудааст, ки маълумоти дар асарҳои олимони мазкур дарҷ гардида қисми таркибии назарияи фразеология дар забонҳои эронӣ мебошанд [14, с. 64-71].

Баъдан корҳое ба миён омаданд, ки ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқи ВФ-и забонҳои гуногунро дар бар мегирифтанд. Асарҳои Г.Б. Баракаева (1968), А. Аҳмадҷонова (1970), Э. Бобоева (1976), Н.М. Азимова ба масъалаи омӯзиши муқоисавии ВФ-и забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудаанд.

Аз тавзеҳи мухтасари таърихи омӯзиши ВФ-и забони тоҷикӣ ва баррасии онҳо бармеояд, ки забоншиносони тоҷик кӯшидаанд дар осорашон хусусиятҳои асосии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро фарогир бошанд.

Бешубҳа, саҳми академик В.В. Виноградов дар барқарор ва рушди фразеология арзишманд аст. Бо вуҷуди он ки то ба миён омадани асарҳои В.В. Виноградов дар

забоншиносӣ таваҷҷуҳи муайяне оид ба фразеология зоҳир гардида буд, корҳои ӯ оид ба фразеологияи русӣ амалан нуқтаи гардише дар омӯзиши фразеология буданд, асоси омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ гардиданд, ба тавассути онҳо равияҳои асосии омӯзиши онҳо ташаккул ёфт. Яке аз муҳаққиқони шинохтаи фразеологияи забони англисӣ, ки дар ташаккули назарияи муосири омӯзиши фразеология саҳми босазое гузоштааст, Н.Н. Амосова таъкид намудааст: «Консепсияи академик дар муқоиса бо он чизе, ки дар забоншиносии русӣ анҷом ёфта буд, дар инкишофи омӯзиши ибораҳои устувор қарор дорад». Дар корҳои В. В. Виноградов мавҳумҳои асосии фразеология тарҳрезӣ, оид ба ҳаҷм ва вазифаҳои он масъала ба миён гузошта шуда буд. Таълимоти В.В. Виноградов барои рушду равнаҷи омӯзиши фразеологияи бисёр забонҳо, аз ҷумла, забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ замина муҳайё намуд. Аксар муҳаққиқон дар омӯзиши ин масъала ба андешаҳову ақоиди В.В. Виноградов такя кардаанд.

Ба баъзе аз андешаҳои В.В. Виноградов донишмандони соҳаи фразеология танқидан назар кардаанд. Масалан, Н.Н. Амосова қайд мекунад, ки чун аксиома донистани мафҳуми «маҷмуи таркибҳои устувор»-ро, ки таърифу дақиқсозиро тақозо наменамояд, чун махсусияти маводди русӣ наметавон донист. Вай инчунин менигорад, ки мафҳуми «бесобитии воҳидҳои фразеологӣ» дар осори В.В. Виноградов дар ҳеч як аломатҳои мушаххас ва ба таври объективӣ муқарраргарди такягоҳ надоранд. Аз ин ҷост, ки на дар ҳама ҳолат ҳудуд гузоштан байни воҳидҳои фразеологии васлшуда ва ягона, имконпазир аст. Ин масъала то имрӯз ҳал нагардидааст.

Назари танқидӣ оид ба доираи васеи категорияҳои фразеологӣ, аз қабили истилоҳоти техника ва илм, ибораҳои истиораомез, суханҳои тезу тунд, ҳикматҳо, зарбулмасалу мақолҳо низ вуҷуд дорад. Гуфта мешавад, ки ба қатори воҳидҳои фразеологӣ дохил намудани ибораҳои таҳдиди назар кардашуда ва нашуда ба мақсад мувофиқ нест. Таснифоти ВФ, ки В.В. Виноградов анҷом додааст, аз ҷониби баъзе муҳаққиқон мавриди танқид қарор гирифтааст [6, с. 19-28]. Муҳаққиқон қайд намудаанд, ки ибораҳои васлшудаи фразеологӣ ва ягонагиҳо дар асоси аломати собитаи воҳидҳои фразеологӣ ҷудо карда мешаванд, ҳол он ки ибораҳои фразеологӣ аз рӯйи аломати маҳдудияти таркибро ташкил додани калимаҳо тақсимбандӣ мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки бо вуҷуди он ки В.В. Виноградов доир ба омӯзиши ВФ дастовардҳои арзишманди назариявии умумизабоншиносӣ дорад, онҳо то андозае дастовардҳои назариявӣ доир ба як забони мушаххас – забони русӣ мебошанд, чунки ҳангоми таҳқиқи фразеологияи як забон дар асоси маводди ҳамон забони мушаххас муҳокима рондан лозим меояд. Аммо дар осори баъзе муҳаққиқон, ки масъалаҳои фразеологияи забонҳои дигарро таҳқиқ кардаанд, интиқоли афкору андешаҳои В.В. Виноградов ба таҳқиқоташон ба назар мерасад. Барои рафъи ин камбудӣ мебояд, ки ҳангоми таҳқиқи маводди забонҳои мушаххас баъзе ҷанбаҳои таълимоти академик В.В. Виноградов ба назар гирифта шаванд.

Бояд тазаккур дод, ки дар асарҳои В.В. Виноградов на ҳамаи масъалаҳои марбути фразеология ҳал гардидаанд ва тавзеҳ ёфтаанд. Масалан, мафҳуми устувории ВФ ҳалли пурраашро мехоҳад, пеш аз ҳама ошкор сохтани худи моҳияти ибораҳоро дарк бояд кард, чунки бе муайян намудани ҳудуди фразеология ва мафҳуми пайвастагии фразеологии калимаҳо моҳияти ВФ равшан ношуда мемонад. Мутаассифона, то имрӯз ин масъала аз мадди назари муҳаққиқон дур мондааст.

Масъалаҳое, аз қабили робитаи собитӣ ва маънибарорӣ аз воҳидҳои фразеологӣ ҷиҳати синтаксисии онҳо, фарқиятҳои умумии васлшавии калимаҳо ва ягонагӣ дар давраи оғози омӯзиш қарор доранд.

Иқтибос яке аз меъёрҳои ташаккули низоми фразеология

Дар системаи фразеологии забонҳои муқоисашаванда ибораҳои фразеологие во мехӯранд, ки чун иқтибосҳо мавқеи махсус доранд. Иқтибосҳо дар забон дар натиҷаи бевосита ва ба таври умумӣ ба ҳам наздик шудани соҳибони забонҳои гуногун ба миён меоянд. Ба ҳамин тариқ, ВФ-и иқтибосӣ ибораҳои фразеологиеанд, ки чун унсури забони бегона ба туфайли пайдо шудани муносибати байни забонҳо ба забони дигар гузаштаанд.

Воҳидҳои фразеологии иқтибосӣ натиҷаи пойдор гардидани муносибатҳои дуру дарози таърихии забонҳои тоҷикиву англисӣ мебошанд ва дар низоми фразеологии ин ду забони ба ҳам муқоисашаванда мавқеи назаррас пайдо кардаанд.

Чунон ки аз таҳлили лингвистии гузаронидаи мо бармеояд, дар тӯли даврахои таърихӣ анъанаҳо ва равияҳое дар бархурдии забонҳои муқоисашаванда рӯй додаанд ва онҳо барои афзудани робитаҳои фарҳангиву иқтисодии байни халқҳо ва забонҳо мусоидат намудаанд.

Иқтибосоти забони англисӣ, ба мисли дигар забонҳои аврупоӣ, калимаҳои забонҳои лотинӣ, франсавӣ ва юнонӣ мебошанд. Ин чунин баъзе иқтибосот аз забонҳои испониё, итолиёӣ ва дигар забонҳо во мехӯранд.

Захираи асосии иқтибосоти фразеологии забони тоҷикӣ аз забонҳои арабӣ, туркӣ, русӣ мебошанд, чунки аз қадимулайём халқи тоҷик бо соҳибони ин забонҳо робитаҳои зичи таърихӣ фарҳанги дошт. Аксари воҳидҳои фразеологии иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ хусусияти китобӣ доранд.

Дар таркиби фразеологӣ забонҳои муқоисавӣ ибораҳои фразеологӣ, ки бо хусусияти лексикӣ – фразеологӣ, пайдоиш, ҳаҷм ва доираи истифодабарии худ фарқ мекунанд, ҷудо карда мешаванд, ки дар байни онҳо иқтибосот ҷои асосиро ишғол менамояд.

Иқтибосот дар забон дар натиҷаи ҳамшафату ҳамзист будан аз забонҳои ғайр бевосита ва бавосита дохил мегардад. Бинобар ин, ВФ- иқтибосӣ – ин ибораҳои фразеологие, ки дар таркиби худ унсурҳои забонҳои бегонаро доранд ва аз як забон ба забони дигар дар натиҷаи робитаи забонӣ гузаштаанд, ба шумор мераванд.

ВФ- и иқтибосӣ дар натиҷаи робитаи дурударози таърихии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ пайдо шуда, дар системаи фразеологии забонҳои муқоисавӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад.

Чуноне ки аз таҳлил маълум мешавад барои забон муқоисавӣ таърихан равандҳо ва самтҳои гуногуни робита бо забонҳои дигар ташаккул ёфтанд, ки ин бешубҳа ба инкишофи забонҳои муқоисавӣ таъсири назаррас расонидааст. Омилҳои таърихии инкишофи забонҳои муқоисавӣ боиси он гардидаанд, ки дар сарчашмаи пайдоиши фразеологизмҳои иқтибосӣ дар ин забонҳо тафовут пайдо гардид.

Дар забони англисӣ чун дар бештари забонҳои аврупоӣ фонди асосии калимаҳои иқтибосӣ забонҳои лотинӣ франсузӣ ва юнонӣ маҳсуб меёбанд.

Калимаҳои иқтибосие, ки дар забони тоҷикӣ ба назар мерасад, асосан, аз забони арабӣ, туркӣ ва русӣ дохил гардидаанд. Дохил гардидани калимаҳои иқтибосии дар боло зикр гардида таърихи дурударози ҳамзистӣ, хешутабориро доро буда, бо сарчашмаҳои таърихӣ-фарҳангӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. ВФ иқтибосӣ бештар хусусияти адабиро доро аст.

Адабиёт:

1. Арнольд И. В. Лексикология современного английского языка. И. В. Арнольд– М.: Высш. шк., 1986.– 295 с.

2. Архангельский В. Л. Устойчивые фразы в современном русском языке: Основы теории устойчивых фраз и проблемы общей фразеологии. В.Л Архангельский.– Ростов на Дону: Изд-во Ростовского ун-та, 1964. – С. 39–62.

3. Балли Ш. Французская стилистика. Ш.Балли – М.: Изд. иностр. лит., 1961.– 394 с.

4. Балли Ш. Французская стилистика. Ш.Балли – М.: Изд. иностр. лит., 1961.– 394 с. Ларин Б. А. Очерки по фразеологии // Б. А. Ларин. История русского языка и общее языкознание. – М.: «Просвещение», 1977. С. 125–129.

5. Виноградов В. В. Шахматов. А. А. Об основных типах фразеологических единиц в русском язке // А. А. Шахматов. В. В. Виноградов– М. – Л., 1957.- 297 с.

6. Виноградов В. В. “Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины” В. В. Виноградов М., 1977. С. 118-161.

7. Виноградов В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке // В.В. Виноградов Лексикология и лексикография: Избр. Тр. - М.: Наука, 1986.-179с.
8. Виноградов В.С. Введение в переводоведение. В.С Виноградов. – М., 2001. 56 с.
9. Ғаффоров Р. Ибораҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ // Маориф ва маданият. Р. Ғаффоров – 1963. – 237 с.
10. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка. А.В. Кунин– М.: Высш.шк., 1986. – 336 с.
11. Маджидов Х. М. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка: Х. М. Маджидов Автореф. дисс. доктора филол. наук. Душанбе, 1995.– С. 12.
12. Мельчук И. А. О терминах «устойчивость» и «идиоматичность» // ВЯ,- И. А. Мельчук 1960. – № 4. – 360 с.
13. Ожегов С. И. Лексикология. Лексикография. Культура речи. Ожегов С. И.– М.: «Высш. шк.», 1974. – С. 194.
14. Хушенова С. В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка. С. В. Хушенова– Душанбе: «Дониш», 1971. – 246 с.
15. Шанский Н. М. Лексикология современного русского язык. Н. М.Шанский – М.: «Просвещение», 1972. – 368 с.

ФРАЗЕОЛОГИЯ ҲАМЧУН ҚИСМАТИ МУСТАҚИЛ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Дар мақолаи мазкур сухан роҷеъ ба масъалаҳои фразеология ҳамчун қисмати мустақил дар забоншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

Дар мақола муаллиф қайд намудааст, ки фразеология яке аз соҳаҳои бузургу гуногунтаркиб ва ё гуногунсохтор маҳсуб ёфта, пажӯҳиши ҳар яке аз ҷанбаҳои ё худ бахшҳои ҷудогонаи он, бешубҳа, қобили таваҷҷӯҳи алоҳидаи ҳар як забоншинос ба шумор меравад.

Инчунин фразеология амсоли дигар қисматҳои забоншиносӣ ё худ илмҳои ҷудогонаи марбути забон - овошиносӣ, сарф, наҳв, луғатшиносӣ, луғатнигорӣ, маънишиносиву савтиёт масоили баҳсангезу номакшуферо соҳиб аст, ки имрӯз ҳам мубраманд ва ҳалли худро аз тарафи пажӯҳандагон, олимон, забоншиносон ва муҳаққиқону донишмандон интизоранд. Фразеологизмҳо яъне воҳидҳои фразеологӣ як ҷиҳати муҳими забон мебошад, ки забон бе онҳо вуҷуд дошта наметавонад. Фразеологияи забони англисӣ хеле бой ва ғанӣ буда, таърихи бисёрасра дорад. Забони англисии муосир забони таҳлилӣ мебошад. Зиёдшавии таҳлили забони англисӣ тамоми воҳидҳои фразеологии забони англисиро маҳдуд месозад.

Воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба раванди инкишофи ҷомеа, дар даврахои гуногуни таърихӣ ба вуҷуд омадаанд ва бахшҳои муҳимтарини ҳаёти мардумро дар бар мегиранд. Ибороти рехта ё таъбирҳои нав ҳамчун ҷузъи устувор дар худ марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофи забонҳои бостониро таҷассум менамоянд. Ин хусусияти муҳими таъбирот метавонад, фаҳмиши моро дар бораи равандҳои гуногуни диахронӣ, аз ҷумла дарки масъалаҳои таърихи забон ва ташаккули миллат дар тӯли таърих густариш диҳад.

Бояд қайд намоем, ки фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хеле бой ва рангин буда, тававҷҷуҳи ҳар як муҳаққиқ ва пажӯҳандаи забонро ба худ ҷалб менамояд. Ин ҳам бошад бесабаб нест, зеро ҳарду забони мавриди қиёс ба гурӯҳи забонҳои шакли аналитикӣ мутаалиқанд. Дар сохтори луғавии ҳар ду забон миқдори зиёд воҳидҳои фразеологии сермаъно ва услубан гуногун мавҷуданд, ки дар услубҳои гуногуни нутқ корбаст шуда метавонанд.

Аз ин рӯ, фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳам барои забоншиносон, олимон, дастандаркорон, омӯзандагони ин забон ва ҳам барои мутарҷимон мушкилоти азимеро пеш меоварад. Танҳо омӯзиши жарфи фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои хубтар фаҳмидан ва мукамалтар донистани он кӯмак мерасонад.

Калидвожа: шакли аналитикӣ, ибороти рехта, овошиносӣ, сарф, наҳв, луғатшиносӣ, луғатнигорӣ, маънишиносиву савтиёт, мукамалтар, зерсистема, таснифоти воҳидҳои фразеологӣ, фарҳанги дучилда.

ФРАЗЕОЛОГИЯ КАК САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ ЧАСТЬ В ЛИНГВИСТИКЕ

В данной статье рассматриваются вопросы фразеологии как самостоятельной части языкознания.

В статье автор отмечает, что фразеология является одной из самых крупных, разноплановых или междисциплинарных областей, и изучение каждого ее аспекта или отдельных разделов, безусловно, представляет интерес для любого лингвиста.

Фразеология, как и другие разделы языкознания или отдельные науки, связанные с языком - фонология, грамматика, лексикография, лексикография, семантика и фонетика - имеет спорные и неоднозначные вопросы, которые до сих пор актуальны и понятны исследователям и ученым. Фразеологизмы, т. е. фразеологические единицы, являются важной стороной языка, без которой язык не может существовать. Английская фразеология очень богата и имеет долгую историю. Современный английский — аналитический язык. Повышенный анализ английского языка ограничивает все фразеологизмы английского языка.

Фразеологизмы в зависимости от процесса развития общества возникли в разные исторические периоды и охватывают важнейшие стороны жизни людей. Новые выражения или новые выражения как устойчивый компонент представляют разные этапы развития древних языков. Эта важная особенность интерпретации может расширить наше понимание различных диахронических процессов, включая понимание истории языка и формирования нации на протяжении всей истории.

Следует отметить, что фразеология таджикского и английского языков очень богата и красочна, привлекая внимание каждого исследователя и лингвиста. Это небезосновательно, так как оба сопоставимых языка относятся к группе аналитических языков. Лексический состав обоих языков содержит большое количество семантически и стилистически различных фразеологизмов, которые могут употребляться в разных стилях речи.

Поэтому фразеология таджикского и английского языков ставит большие задачи перед лингвистами, учеными, практиками, изучающими этот язык, а также перед переводчиками. Только углубленное изучение фразеологии таджикского и английского языков поможет лучше ее понять и осмыслить.

Ключевые слова: аналитическая форма, идиома, фонология, употребление, грамматика, лексикография, лексикография, семантика и фонология, более полная, подсистема, классификация фразеологизмов, билингвальная культура.

PHRASEOLOGY AS AN INDEPENDENT PART IN LINGUISTICS

This article deals with the issues of phraseology as an independent part of linguistics.

In the article, the author notes that phraseology is one of the largest, most diverse or multidisciplinary fields, and the study of each of its aspects or separate sections is, of course, of interest to any linguist.

Phraseology, like other branches of linguistics or the separate sciences related to language - phonology, grammar, lexicography, lexicography, semantics and phonetics - has controversial and ambiguous issues, which are still relevant and understood by scholars and scholars. Phraseological units, ie phraseological units, are an important aspect of language, without which language cannot exist. English phraseology is very rich and has a long history. Modern English is an analytical language. Increased analysis of the English language limits all the phraseological units of the English language.

Phraseological units, depending on the process of development of society, have emerged at different historical periods and cover the most important parts of people's lives. New expressions or new expressions as a stable component represent different stages of development of ancient languages. This important feature of interpretation can expand our

understanding of various diachronic processes, including the understanding of the history of language and the formation of a nation throughout history.

It should be noted that the phraseology of the Tajik and English languages is very rich and colorful, attracting the attention of every researcher and linguist. This is not unreasonable, as both comparable languages belong to the group of analytic languages. The lexical structure of both languages contains a large number of semantically and stylistically different phraseological units that can be used in different speech styles.

Therefore, the phraseology of the Tajik and English languages poses great challenges for linguists, scholars, practitioners, learners of this language, as well as for translators. Only an in-depth study of the phraseology of the Tajik and English languages will help to better understand and comprehend it.

Keywords: analytical form, idiom, phonology, grammar, lexicography, lexicography, semantics and phonology, more complete, subsystem, classification of phraseological units, bilingual culture.

Маълумот дар бораи муаллиф: Табаров Б – докторанти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроғa: 735360, ҶТ, Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. Тел: (992) 985872334

Сведения об авторе: *Табаров Б - докторант кафедры* языкознания и сравнительной типологии *Кулябского Государственного Университета имени Абуабдуллох Рудаки.* Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. Тел: (992) 985872334

Information about the author: Tabarov B – Dr.Phd of the chair of Linguistics and Comparative Typology of the Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, and S.Safarov St.-16. Phone: (992) 985872334

УДК – 81.173.45 (2 тоҷ)
ББК – 81 (2 тоҷ)
И - 11

НОМИ АНВОИ ГИЁҲОНИ ҒАЙРИИСТЕЪМОЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Сабоҳати И.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Гиёҳони ғайриистеъмолӣ ҳам дар ҳаёти мардумон нақши муҳим доранд. Онҳоро на танҳо чун хӯрокӣ ҳайвоноти хонагӣ, балки барои масоили гуногуни зиндагӣ истифода мебаранд. Аз ҷумла, аз пӯстлохи онҳо барои бофтани канаб, сохтани қамчин, бандина, навдаҳои баъзе анвоъ барои танидани кирмак, ҷиҳати гирифтани рангҳо барои бофандагӣ, хаси борику дарози бархе аз гиёҳон барои чароғ ва дигар масоил муфид мебошанд.

Гиёҳони ин гурӯҳ дар дашту саҳро, кӯҳу биёбон, байни зироати полезию ғалладона, марғзор, лаби кӯчаю хиёбон, дар оби равон ва ё кӯлҳо меруянд.

Растаниҳое ҳастанд, ки дар зери баргу гули онҳо мӯрча, занбӯр, сангпушт, хорпушт зиндагӣ мекунад ва ё дар зери онҳо курбоққаҳо тухм мегузоранд, паррандагон лона месозанд. Тану барг ва тухми гиёҳонро мардум ба дигар ашёҳо монанд мекунанд. Баргҳо ва гули гиёҳон зардчатоб, кабудча, сурхча, бунафш, нофармон хушбӯй, сарсабзу ҳамешасабз мебошанд. Ҳамаи ин аломату хусусияти гиёҳон барои он оварда шуд, ки мардум онҳоро мутобиқи ҳамин хосиятҳо номгузорӣ намудаанд. Гоҳо ин аломатҳо дар номи растаниҳо сабт аст, гоҳо нест ва аз рӯйи манотиқ ҳам тафовути истифодаи онҳо дида мешавад [14, с. 65].

Вожаи сир (Ог.) номи як навъи буттаест, ки аз он ҳам “бандина” метобанд, бо вуҷуди он ки дар шева баробари забони адабӣ ва дигар шеваҳои забони тоҷикӣ ба

маънои роз (сири дъл, сиръ асрор, сиръ савдо, сир гъръфтан) ва пиёзи кӯҳӣ низ мустаъмал буда, хусусияти омонимӣ зоҳир намудаанд [8, с. 32].

Барои сохтани “қамчин” аз растании ҳамном яъне қамчинак, ки бо иловаи пасванди калимасози-ак сохта шудааст, истифода мебаранд.

Гиёҳи маъруфи тамоку//тамоку дар забоншиносӣ ду навъ дорад, ки бо ибора ифода мешаванд ва муайянкунандаҳои онҳо макони баромади тамоку ва таъйиноти онро далолат мекунанд: тамокуи балхӣ “навъи тамокуи аълосифат”; тамокуи носӣ “навъи тамоку” дар лаҳҷаҳои дарвозӣ ва қаротегинӣ роиҷ аст, ки аз он нос тайёр мекунанд [14, с. 23].

Аз рӯйи монандӣ гузоштани номи ин гурӯҳи растаниҳо ҳам дида мешавад. Дар қолаби калимаҳои мураккаб ва ибораҳо меоянд, ки на танҳо вожаҳои тоҷикӣ, балки ӯзбекӣ низ саҳм доранд: гунаҳои кабутгълак // кавутгълак “навъи растанӣ, ки гули кабудчатоб дорад” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахёӣ-қаротегинӣ ва гунаи кавгълак дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ. Дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб воҳидҳои луғавии қъзилқийоғ “навъи ғеша, ки баргаш сурхчатоб аст” ва ибораи дъли бара ба маънии «навъи растанӣ, ки баргаш ба дил монанд аст» истифода мешавад. Вожаи зарпечак // зарпечък хусусияти умумиистеъмолӣ дорад [9, с. 45].

Дар баробари ин калимаҳое вомехӯранд, ки монандии онҳо ба ашёи гуногун дида шавад ҳам, ин монандӣ дар истилоҳот ва вожасозӣ сабт намеёбад ва аз рӯйи интишор ҳатто бо вариантҳои савтӣ фарқ мекунанд: гунаи шамантулоқ ба маънии “растании паҳнбарг, ки бехмевааш ба картошка монанд буда, сафед аст” роиҷ бошад, вожаи испаҒул “навъи растанӣ, ки ба зуф монанд аст.

Дар сохтани номи растаниҳо ҳаёти обхокиҳо низ ба инобат гирифта шудааст. Калимаҳои зерин, ки дар қолаби вожаҳои мураккаби тобеъ ва ибора бо истифода аз вожаҳои аслии тоҷикию иқтибосии ӯзбекӣ сохта шудаанд гувоҳи ин маънӣ мебошад:

a coltsfoot / a foalfoot-шанбалид
a cone-ҷалғуза
a milfoil / yarrow-бӯйи модарон
a plantain-борҳангзабони барразуф
a raspberry bush-буттаи тамашк
african violet -бунфша
anemone -гули шақоиқ лолаи нуъмон
balloon flower -гули пуфак
bellflower -гули зангула
berry-буттамева
bird cherry-махлаб
biternate - нешзананда
bitter pumpkin-кадуи талх
blackseed-сиёҳдона
blue bell / campanula --гули момо
blueberry-кустарник
cactus -гули ханҷарӣ
carnation-гули мехак
chadwar-чадвор
chamomile -бобуна
chrysanthemum -гули довуди
clasping -кафидан
conifer -сузанбарг
cornflower -тугмагул
corolla -гулча
cotton-пахта
cuneate -нозанин
daffodil -наргис
dandelion -қоқу
dates-хурмо
deciduous - баргрез
epithet -эпитет
floret - гул
flowering tobacco -тамокуи гулдор
form -шакл
gardenia -тасбеҳак
garden-боғ
gather-чидан
gladiolus -гули ёқут
grass pink -алафи гулобӣ
gulkand-гулканд
hemp -бангдона
hino-хино
hyacinth -сунбул
john’s wort -чойкаҳак
larch-дарахти сӯзанбарг
lichen -гулсанг
lily-савсан
lily-савсанзанбақ
lotuslitygreeper-нилуфар
lupine -тирмис
maple-заранг
marigold -аббосӣ
marigold -хуҷаста
mimosa -нозгулмимоза
mimosa-нозгул
orchid -саҳлаб
ovary -тухмдон

ovate -тухмдор
petal -гулбарг
poppy-кукнор
pot flower -қутии гул
potter plants-гулҳои хонагӣ
primrose-гули наврӯзӣ
pumkin-каду
rose -гул
shrub-бутта
shumgiyoh-шумгиёх
snowdrop -бойчечак
trefoil-себарга
tulip-лолаи кӯҳӣ
violet -бунафша
water lily-нилуфари сафед
waterlily-савсани обӣ

Дар маҷмуъ бояд гуфт, ки истилоҳоти марбут ба гиёҳони ғайриистеъмолӣ як қабати ниҳоят калони калимаҳоро дар бар мегирад ва онҳо ҳам барои масоили гуногуни рӯзгор муфид мебошанд.

а) Номи анвои гул

Дар ташаккули лексикаи истилоҳоти гиёҳӣ анвои гул мавқеи намоён дорад. Аз рӯйи таркиби морфологиашон онҳо сода, сохта ва мураккаб буда, аксарияти онҳо барои ҳамаи тоҷикон фаҳмо буда, характери умумихалқӣ доранд. Масалан, гулҳои наргис daffondil flovers, бунафша purple, ғармаш garmash, лола tulip, райҳон basil, сияҳгӯш blackberry klower, хайрӣ, гули ҳино henna, тоҷи хурӯс roster crown flower, ишқи печон wrapped love, ки дар қолабҳои гуногун сохта шудаанд, барои ҳамаи тоҷикон умумианд. Баъзе аз онҳо бо тафовути савтиашон фарқ мекунанд; бунафша, сияҳгӯш, тоҷи хурӯс ва ғ.

african violet -бунфша
aloe -алоэ
amaryllis -паргис
anemone -гули шақоиқлолаи нӯъмон
aster -гули қашқарӣ
aster -гули қашқарӣ гули мино
balloon flower -гули пуфак
begonia-ҳасратгул
bellflower -гули зангула
blue bell / campanula -гули момо
bouquet of flowers flower bouquet-як даста гул
bouquet -гулдаста
bunch of flowers-дастаи гул
buttercup -чинорак гули арусӣ
cactus -гули ханҷарӣ
cactus кактус -гули ханҷарӣ
cactus-гули ханҷарӣ
camellia -навъи растани аз чинси чойгул
camomile-бобуна
carnation -гули мехак
chamomile -бобуна
chavzi bavo-чавзи баво
chrysanthemum -гули довудӣ
conifer -сузанбарг
cornflower -тугмагул
corolla -гулча
cowslip -гули наврӯзӣ
crocus -заъфарон
cuneate -нозанин
daffodil -наргис
daffodil-наргиси зардчатоб
dahlia -картошкагул
dahlia -картошкагулгули кавкаб
daisy -гули марворидак
daisy -гули марворидакгули мино
dandelion -қоқу
dates-хурмо
exotic flower -гули маъмулӣ
fan flower - гули мухлисон
floret -гул
flowerbed-гулзор
flowering cabbage/kale -карами гулдор/кале
flowering tobacco -тамокуи гулдор
flower-гул
fuchsia -гуловез
gladiolus -гули ёқут
hulba-хулба
hyacinth -сунбул
hyacinth -сунбулёқути зард
hyacinthjacinth-сунбул
hydrangea -рофа
imperfect flower -гули нокомил
iris -савсан
irregular flower -гули номунтазам
jasmine -ёсуман
john’s wort -чойкаҳак
kallakaram-каллакарам
khandalak --хандалак
lily of the valley-гули барфак
lily -савсан
lily-савсанзанбақ
lime tree-зерфун
lotuslitygreeper-нилуфар

mimosa -нозгулмимоза
mimosa-нозгул
mountain lily-савсани кӯҳӣ
peony -гули маҷахгули ашрафӣ
periwinkle -як навъи алафи ҳамешасабзи кабудгул
petal - гулбар
petal-барги гулгулбарг
petiole -петиол
petunia –карнайчагул
pine-санавбар
pistillate flower -гули пистилят
pot flower -қутии гул
purple coneflower - гули арғувон
purple millet - арғувон, арзан
rhododendron -бӯшаҳрӣ гули маҳин
rose -гул
rose гули садбарг
rose-садбарг
saffron-заъфарон
salomalek-саломалек
snowdrop -бойчечак
spider flower -гули тортанак
stalk фрукта -пояи гул
staminate flower - гули устувор
violet -бунафша
water lily-нилуфари сафед
waterlily-савсани обӣ
wild flowers-гули даштӣсаҳроӣ
wild flower-гули даштӣ
yarrow- бӯйи модарон

Дар баробари ин анвои гулҳои зиёде вомехӯранд, ки бо роҳҳои гуногун сохта шуда, хазинаи луғавии забонро бештар намудаанд. Бо пасванди-ак аз асосҳое, ки аломатро далолат мекунанд, исми навъи гул сохта шудааст, ин ашё дорои хусусиятҳои асоси вожа мебошанд: калак (Ғк.) гули қоқу. Морфемаи луғавии курак дар шакли курък меваи хомро ифода мекунад, ки болотар доир ба ин масъала фикрамонро баён карда будем, аммо бо гунаи курак ба маънои “гули ношукуфта” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахёӣ-қаротегинию ванҷӣ ва аз рӯйи семантикаи “кӯрак, қашқа, пахтаи ношукуфта” дар умумиистеъмол аст [1, с. 54].

Як идда исмҳои мураккаби ифодакунандаи номи гулҳо мавҷуданд, ки ин истилоҳотро мутобиқи рангҳояшон гузоштаанд. Онҳо аз ибораҳое, ки ҷузъи атрибутиашон рангҳои гуногун мебошанд, сохта шудаанд. Доираи интишори минтақавии ин воҳидҳои луғавӣ баробар нест. Баъзе аз онҳо тамоми минтақаи шеваи ҷанубӣ ва ҷанубӣ шарқиро фарогиранд, қисме аз онҳо бо лаҳҷаи яке аз манотиқ маҳдуд мемонад. Баъзан вариантҳои ин ё он навъи гул интишори ягона надоранд. Ба ин маънӣ лексемаи сийагуш//сийагуш тамоми минтақаро фаро гирифта бошад ҳам, варианти сийагуша хоси шимоли Кӯлоб мебошад. Навъи съфедгъл ва зардакгъл барои гурӯҳи кӯлобии ҳисор, вале ареали интишори сърхгъл ва савзакгъл Қаротегин ва сийагъл дар шимоли Кӯлоб ва Дарвоз аст.

Навъи дигари гулҳо дар доираи калимаҳои мураккаби тобеъ сохта шудаанд, ки на аз рӯйи ранг, балки аз ҳисоби рабту монандиашон ба ашёи гуногун, вобаста ба шакли зоҳирии худи гулҳо ва ғайра номгузорӣ шудаанд. Барои мисол бо калимаи ахтар навъи ахтаргъл дар забони тоҷикӣ сохта шудааст, ки номи гулест бо рангҳои сурху норинҷӣ ва зард ва хурду резаю ҳамешасабз буда, баргҳои паҳн дорад. Асоси ин вожа ахтар дар шеваи ҷанубӣ ба маънои «ҳайрон» ҳам меояд, вале ареали ин маънӣ бо минтақаи Лахш маҳдуд мешавад ва гузашта аз ин калимаи ахтаргъл дар Лахш роиҷ нест. Аммо вожаи ахтаргъл бо доштани маънои мазкур аз асоси ахтар-ситора бунёд нашудааст, балки ба фикри мо аз «ахтар» маънӣ мегирад, зеро монандиаш ба пораҳои лахчаи сурх робита дорад ва ҳудуди интишораш дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб мебошад. Бо тарзи монандкунӣ сохтани номи гулҳо бо ин калима анҷом намеёбад, балки ин тарз вусъат дорад. Монандии гулҳо ба абрешим, бахмал, коса ва ғайра дида мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба интишори ин навъи гулҳо дар минтақаҳои мухталиф гуфтан мумкин аст, ки буриши ҷуғрофии сохтани калимаҳо аз рӯйи монандӣ хеле васеъ буда, анъанаи классикӣ дар забони зиндаи халқ ҳифз шудааст. Навъи бърешъмгъл дар шимолии Кӯлоб, бахмалгъл дар деҳаи Пилдони гурӯҳи вахёӣ-қаротегинӣ ва косагъл дар Лахш ба қайд гирифта шудааст. Косагъл бо тағйири савтии косагул дар лаҳҷаи Бухоро низ мустаъмал аст [6, с. 129].

Аломатҳои зоҳирии гулҳо низ боиси номгузории онҳо шудааст. Як идда номи навъи гулҳое, ки дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб истифода мешаванд, маҳз аз рӯйи ҳамин хусусият дар қолаби вожаҳои сохта ва мураккаб бунёд шудаанд: гълхор, каҷгъл, ғъмчагъл, қопагъл як навъ гули зарди калон-калон, ки аввали баҳор мерӯяд; шумак сохти ғармаш ворӣ бъланд мешава; саґерагълак як навъ гули сафедчатоб, ки аввали баҳор мерӯяд; ҷавґостун // ҷавґостон як навъи гули сурхи доирашакли калон, ки бӯйи хуш дорад; лолакаҳак.

Наъҳои дигаре мавҷуд аст, ки дар доираи вожаҳои мураккаби тобеъ сохта шуда, ҳудуди интишори гуногун доранд. Ба ин маънӣ чавґъстун (навъи гули баҳорӣ); наргиси шалаластӣ (гули наргис, ки сафедӣ ва зардии он моил ба сиёҳист) кундагул (як намуди гули садбарг) аст.

Тавассути ибора истилоҳот беш аз 50 навъи гул баён мешавад. Онҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Гурӯҳи якум вариантҳои калимаҳои мураккаб мебошанд, гурӯҳи дигар истилоҳотеанд, ки ҳоло дар шакли калима ташаккул наёфтаанд.

Адабиёт:

1. Алиакбар, Деҳхудо. Луғатнома./Д. Алиакбар. Ҷ. 15.-Теҳрон, 1341.-396 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: Дар 3 ҷилд.- Душанбе.1985-1986.- Ҷилди 1. - 356 с.; Ҷ. 2.-371с.; Ҷ. 3. - 324 с.
3. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот//Муҳаммад Ғиёсуддин. Таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот ва феҳристи А.Нуров.-Душанбе: Адиб.-Ҷ.1, 1987.-480 с.
4. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои ІҶ- Ҷ) /М.Н. Қосимова Қисми 1. -Душанбе, 2003.- 490 с.
5. Қодиров Д. Хусусияти сохторӣ-грамматикии фразеологии шевагӣ (дар заминаи лаҳҷаи Дарвози забони тоҷикӣ) /Д.Қодиров //Дисс. номзади илми филол. - Хоруғ. 2007.- 151 с.
6. Маҳмудов М. Лаҳҷаҳои тоҷикони райони Китоб / М. Маҳмудов. Душанбе: Дониш, 1978. - 280 с.
7. Маҳмудов М. Луғат ва истилоҳоти тахассусӣ дар гӯишҳои шимолии забони тоҷикӣ /М.Ма ҳмудов // Номаи Пажӯҳишгоҳ. Фаслномаи пажӯҳишгоҳи эроншиносӣ. - 2006. - Соли шашум.- №11- 12. - С. 71-84.
8. Саидов, М.Б. Сохти морфологӣ ва қабатҳои забонии антропонимҳои Қуръон (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он)//Б. М. Саидов.–Душанбе, «Матбаа».–2020.–112 с.
9. Саидов, М. Б. Вижагиҳои луғавӣ-маъноии топонимия дар Қуръон (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он).–Душанбе, «Матбаа», 2021. 86 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ [иборат аз ду ҷилд].-М.: СЭ, 1969.-952 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) Иборат аз ду ҷилд/Дар зери таҳрири М.М.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ.-М.: Советская энциклопедия, 1969. Ҷ.1.-951 с.; Ҷ.2.-952 с.
12.Шафоатов, А.Н, Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ.- Душанбе-2019.318 с.
13.Шукуров М. Истилохот ва маданияти сухан//Забони мо хастии мост. - Душанбе: Маориф, 1991. - С. 199 - 218.
14.Юсупова, А.А.Таҳқиқи луғавӣ- семантикӣ ва сохтории воҳидҳои луғавии марбут ба наботот дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ. Душанбе – 2019.168 с.

НОМИ АНВОИ ГИЁҲОНИ ҒАЙРИИСТЕЪМОЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муаллиф, зимни таҳлилу таҳқиқ ва баррасии мавзуи мазкур ба хулосае омадааст, ки гиёҳони ғайриистеъмолӣ ҳам дар хаёти мардумон нақши муҳим доранд. Онҳоро на танҳо чун хӯроки ҳайвоноти хонагӣ, балки барои масоили гуногуни зиндагӣ низ истифода мебаранд. Аз ҷумла, аз пӯстлохи онҳо барои бофтани канаб, сохтани қамчин, бандина, навдаҳои баъзе анвоъ барои танидани кирмак, ҷиҳати гирифтани

рангҳо барои бофандагӣ, хаси борику дарози бархе аз гиёҳон барои чароғ ва дигар масоил муфид мебошанд.

Илова бар ин муаллиф гиёҳҳоро ба қисматҳои гуногун ҷудо намуда, гулу буттаҳо, гиёҳҳои шифобахш, гиёҳҳои истеъмолӣ ва ғайриистеъмолиро дар миёни гиёҳҳои зиёд ошкор сохтааст.

Муаллиф барои пурра ва суфта гардидани маводи таҳлилию таҳқиқии худ аз чандин сарчашмаҳои муътамад, махсусан фарҳангу луғатҳои муътамади англисию тоҷикӣ ва сомонаҳои интернетӣ низ истифода намудааст.

Калидвожаҳо: истилоҳот, калимасозӣ, наботот, содда, сохта, мураккаб, тор, қабза, банд, ғарам, гиёҳ, наботот.

НАЗВАНИЯ НЕСЪЕДОБНЫХ РАСТЕНИЙ НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В ходе исследований и обсуждения данной темы автор пришел к выводу, что непищевые растения также играют важную роль в жизни людей.

Их используют не только в качестве корма для домашних питомцев, но и для решения различных жизненных задач. В частности, их кора пригодна для плетения конопли, изготовления плетей, перевязок, веточек некоторых видов для шелкопрядения, красителей для ткачества, тонких стеблей некоторых растений для светильников и других вопросов. Кроме того, автор разделил растения на разные части и среди множества растений выделил цветы, кустарники, лекарственные, съедобные и несъедобные растения. Чтобы дополнить и уточнить свои аналитические и исследовательские материалы автор использовал ряд надежных источников, особенно надежные англо-таджикские словари и веб-стран.

Ключевые слова: терминология, словообразование, травы, простые, построенные, сложные, сеть, пучок, связка, пачка, трава, растения.

NAMES OF INEDIBLE PLANTS IN TAJIK AND ENGLISH

In the course of research and discussion of this topic, the author came to the conclusion that non-food plants also play an important role in people's lives.

They are used not only as food for pets, but also for solving various life problems. In particular, their bark is suitable for weaving hemp, making whips, dressings, twigs of some species for silk spinning, dyes for weaving, thin stems of some plants for lamps and other issues. In addition, the author divided the plants into different parts and among the many plants he singled out flowers, shrubs, medicinal, edible and non-edible plants. To supplement and clarify his analytical and research materials, the author used a number of reliable sources, especially reliable English-Tajik dictionaries and web countries.

Key words: terminology, word formation, herbs, simple, constructed, complex, network, bundle, bunch, pack, grass, plants, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сабоҳати Ислом – докторанти (PhD)-и кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Суроғ:** 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. **тел**.:(992)981046414

Сведения об авторе: Сабохати Ислом- докторант (PhD) кафедры методики обучения английских языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16.

Information about the author. Sabohati Islom doctoral student (PhD) of the department of methods of teaching English department of the Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, and S.Safarov St.-16. Phone: (992) 981046414

УДК – 81.373 (2 точ)
ББК – 81 (2 точ)
Ш - 30

ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ РАЗРЯДЫ ИМЕН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ. РАЗНЫЕ ТИПОЛОГИИ

Шарипова О.П.

Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Имя существительное - это часть речи, обозначающая предмет и выражающая категориальное грамматическое значение предметности в частных грамматических категориях одушевленности - неодушевленности, рода, числа и падежа. Существительные называют предметы в широком смысле, т.е. не только конкретные предметы окружающей действительности (дом, ствол), их совокупности (джунгли, листва) или составные части (ветка, ручка), но и живых существ (птица, человек, Иван), а также действия и состояния в отвлечении от их производителей (бег, отдых), свойства и количества в отвлечении от их носителей (синева, сотня). Следовательно, значение предметности - это отвлеченное грамматическое значение, свойственное всем без исключения существительным.

При выделении существительных в лексико-грамматических разрядах лингвисты используют различные критерии:

П.А. Лекант делит имена существительные на несколько лексико-грамматических групп по семантическим и формально-грамматическим признакам, выделяя существительные собственные, нарицательные, которые в свою очередь подразделяются на 4 типа: отвлеченные, собирательные, вещественные, конкретные [3; с. 181].

Авторы РГ-80 подразделяют существительные на 1) собственные и нарицательные; 2) собирательные; 3) вещественные; 4) конкретные и отвлеченные; 5) одушевленные и неодушевленные. Среди имен собственных различают: 1) имена собственные в узком смысле этого слова и 2) наименования. [14, с. 460].

Буланин А.Н. делит существительные в зависимости от значения и грамматических (преимущественно морфологических) особенностей: 1) собственные и нарицательные, 2) одушевленные и неодушевленные, 3) собирательные, вещественные, отвлеченные. [1, с. 132].

Тихонов А.Н. объединяет существительные в ЛГР на базе общности значений (семантический критерий) и морфологических свойств существительных, выделяя: 1) нарицательные и собственные; 2) личные и неличные; 3) одушевленные и неодушевленные; 4) конкретные и отвлеченные; 5) вещественные; 6) собирательные. [4, с. 172].

Колесников А.А. предлагает выделить собирательные существительные в отдельный ЛГР, в силу их специфических знаний, а не ставить в один ряд с разрядами отвлеченных, конкретных, вещественных, одушевленных и неодушевленных [5, с. 94].

Таким образом, в русской грамматике нет единого мнения о количестве ЛГР имени существительного. Однако все лингвисты выделяют в первую очередь имена собственные и нарицательные.

Н.М. Шанский выделяет черты, присущие ЛГР имени существительного:

Каждый разряд объединяет слова с определенной семантикой. Собирательные существительные обозначают совокупность однородных предметов (или лиц) как неделимое целое (листва, белье, мебель); личные существительные - названия лиц - противопоставляются по своему значению всем неличным существительным (мать, дочь, учитель и школа, овощи, лес).

Слова каждого разряда обладают общими грамматическими признаками. Отвлеченные существительные имеют только формы единственного числа, в то время

как большинство конкретных существительных изменяются по числам (стол - столы, книга - книги).

ЛГР тесно связаны с грамматическими категориями и взаимодействуют с ними. Собирательные, вещественные, отвлеченные существительные выступают как слова, не изменяемые по числам, и существенно влияют на характер проявления грамматической категории числа; категория рода наполняется разным содержанием в личных и неличных, одушевленных и неодушевленных именах существительных.

Значения, на базе которых слова объединяются в ЛГР, не обязательно выражаются морфологическими средствами.

По признаку называния предметов как индивидуального или как представителя целого класса все существительные делятся на собственные и нарицательные.

Существительные собственные (или имена собственные) - такие слова, которые называют индивидуальные предметы, входящие в класс однородных, однако сами по себе не несут какого-либо специального указания на этот класс.

Существительные нарицательные (или имена нарицательные) - такие слова, которые называют предмет по его принадлежности к тому или иному классу; соответственно они обозначают предмет как носитель признаков, свойственных предметам данного класса [2, с. 460-462].

Имена собственные служат названием единичных предметов, выходящих из ряда однородных: Кавказ, Урал, Виктор.

Имена нарицательные служат обобщенными наименованиями однородных предметов: лес, стул, гора, человек. (Лекант П.А.).

Грамматическое различие собственных и нарицательных существительных связано с категорией числа. Если нарицательные легко принимают формы обоих чисел (дорога - дороги, стакан - стаканы), то собственные, как правило, имеют форму только единственного числа (Африка, Дунай) и гораздо реже форму только множественного числа (Альпы, Афины).

Разница между именами собственными и нарицательными непостоянная и подвижна: имена нарицательные легко становятся собственными наименованиями, прозвищами и кличками. Имена собственные часто используются для обобщенного обозначения однородных предметов и становятся при этом нарицательными.

Имена нарицательные бывают четырех типов: отвлеченные, вещественные, собирательные и конкретные.

Эти разряды пересекаются: существительные вещественные, обозначающие однородную массе вещества, могут иметь значение собирательности (клюква, виноград, сахар); существительные конкретные объединяют в своем составе все те слова, - одушевленные и неодушевленные, которые называют считаемые предметы. Вместе с тем слова каждого из выделенных ЛГР обладают общими морфологическими и в некоторых случаях и словообразовательными характеристиками.

Конкретные существительные - слова, называющие вещи, лица, факты и все явления действительности, которые могут быть представлены в отдельности и подвергнуты счету: карандаш, поединок, учитель, кошка.

Отвлеченные (абстрактные) существительные - слова, называющие отвлеченные понятия, свойства, качества, действия и состояния: слава, смех, стойкость, храбрость, новизна, чтение и др.

Значение отвлеченных существительных исключает представление о счете; поэтому они имеют формы только единственного числа. Однако если они употребляются для обозначения конкретных явлений, то получают форму множественного числа. Формы множественного числа образуют лишь те слова, которые могут называть не только отвлеченные свойства, качества, состояния или действия, но и единичные их проявления: боль - боли, обман - обманы.

Вещественные существительные называют вещества: пищевые продукты (крупа, сахар, соль), материалы (гипс, цемент), виды тканей (ситец, шелк, бархат) и другие однородные делимые массы.

Значением вещественности по сравнению со значением собирательности более конкретно; оно не мотивировано специфическим отношением к числу. Хотя вещественные существительные обозначают не считаемые предметы, для них, в отличие от тех же собирательных, не исключены формы множественного числа. При этом вещественные существительные приобретают дополнительные оттеки значения. Относительной регулярностью отличается значение сорта, типа, вида вещества.

Отдельный ЛГР среди нарицательных существительных составляют существительные собирательные. Сюда относятся слова, называющие совокупность предметов и лиц как неделимое целое (воронье, военщина, березняк, мелочь, чернь, дичь, сор).

Со стороны структуры различаются собирательные существительные, оформленные суффиксами и не имеющие словообразовательных примет.

Значение собирательных существительных (обозначение множественности) и их форма (только единственное число) не соответствуют одно другому. Однако в этом несоответствии можно усмотреть определенный объективный признак собирательности.

Специфика собирательных существительных как ЛГР выступает более наглядно на фоне таких случаев, где собирательность представлена лишь как значение, не получившее грамматического выражения.

Характерным отличием форм собирательности от ЛГР существительных является отсутствие какой-либо возможности собирательных существительных употребляться в форме множественного числа, тогда как абстрактные и вещественные существительные могут употребляться в этой форме, что связано с конкретизацией абстрактных и изменением личных значений вещественных существительных.

У существительных в форме собирательности и грамматических формах числа синтаксические формы в основном одинаковы (шорох листвы - шорох листьев; доводы профессуры - доводы профессоров; досуг студенчества - досуг студентов). Включение собирательности в парадигму категории числа имен существительных вполне отвечает требованиям, предъявляемым к парадигмам: сохраняется единство лексемы и личных значений, единство инварианта частных значений (общее отношение значений словоформ к идее количества) и принципы взаимообусловленности частных значений категории.

По значению, словообразовательным и грамматическим особенностям особую группу составляют личные существительные. Они обозначают лицо: по характерному признаку, физическим данным; по национальности; по профессии, специальности; по политическим взглядам; по спортивно-физкультурным занятиям; по месту жительства (добряк, китаец, доктор, демократ, боксер, москвич).

Названия лиц относятся к самой продуктивной группе имен существительных.

Между личными и неличными существительными нет непроходимой границы. Об этом свидетельствуют слова, в семантике которых совмещаются значения и тех и других: лень, мешок, чурбан, лицо.

Литература:

1. Буланин Л.П. Трудные вопросы морфологии. Пособие для учителя. - М.: Просвещение, 1976. Стр 232-236

2. Переходность и синкретизм в языке и речи / Межвузовский сборник научных трудов. - М.: Прометей. МГПУ им. В.И.Ленина, 1991. Стр 32-45

3. Современный русский литературный язык / Под ред. П.А.Леканта. - 2-е изд. - М.: Высшая школа, 2008. Стр 152-161.

4. Тихонов А.Н., Шанский Н.М. Современный русский язык. - I часть. М.: Просвещение, 1987. Стр 322.

5. Колесников А.А. О грамматическом статусе собирательных имен существительных русского языка / РЯШ. - 2006. - №6. - с.94-96.

6. Потиха З.А.Современное русское словообразование.с.231

7. Свердлов Л.Г.- Отглагольные имена существительные на-ние (-ение),-тие в русском литературном языке XVIIIв.-АКД,М., 1961г
8. Никитская Р.П.-Отвлеченные существительные с суффиксами –ние,-ени(е), -ти (е) в литературном языке петровской эпохи.-«Уч.зап.Кемеровского пед. ин-та», 1962 г.
9. Барлас Л.Г.-Русский язык. Стилистика.-1976.,с214
10. Логинова К.А. – Деловая речь и ее стилистические изменения в советскую эпоху.- В кн: Развитие функциональных стилей современного русского языка –М.,1968., с.265
11. Рустамов Ш. –«Исм». – Душанбе, 1981 г.
12. Данная форма взята как заглавное слово в «Русско – таджикском словаре».

ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ РАЗРЯДЫ ИМЕН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ. РАЗНЫЕ ТИПОЛОГИИ

В своей статье автор дал информацию о классификации разных лексико-грамматических уровней имен существительных и отметил, что имена существительные являются не только названиями всех конкретных предметов, но и названиями живых существ, а также совершаемых ими действий. При классификации имен существительных по лексико-грамматическим уровням лингвисты используют разные критерии.

Опираясь на мнение специалистов в данной области, автор статьи разделил имена существительные на следующие уровни: 1) собственные и нарицательные; 2) собирательные; 3) вещественные; 4) конкретные и отвлеченные; 5) одушевленные и неодушевленные.

Наряду с цитированием исследователей в данной области, автор также высказал свое мнение по данному вопросу.

Ключевые слова: автор, действия, названия, классификация, лингвист, фон, случай, предмет, значения, критерия, статья.

ДАРАҶАҲОИ ЛЕКСИКӢ-ГРАММАТИКИИ ИСМ. ТАСНИФОТИ ГУНОГУН

Муаллиф дар мақолааш атрофи таснифоти гуногуни дараҷаҳои лексикӣ-грамматикии исм маълумот дода, қайд намудааст, ки исмҳо на танҳо дар маҷмуъ номи тамоми ашёҳои конкретӣ, балки номи махлуқоти зинда, ҳамзамон амалиёти аз ҷониби онҳо анҷомдодашударо мефаҳмонад. Ҳангоми ҷудо намудани исмҳо ба дараҷаҳои лексикӣ-грамматикӣ забоншиносон аз меъёрҳои гуногун истифода мебаранд.

Ба ақидаи мутахассисони соҳа такя намуда, нависандаи мақола исмҳоро ба дараҷаҳои зерин: 1) хос ва ҷинс; 2) ҷамъ; 3) моддӣ; 4) мушаххас ва маҷҳул, 5) ҷондор ва беҷон ҷудо намудааст.

Муаллиф дар баробари овардани иқтибосҳо аз муҳаққиқони соҳа фикру андешаи худро низ атрофи масъалаи мазкур иброз доштааст.

Калидвожаҳо: муаллиф, амал, унвонҳо, тасниф, забоншинос, замина, маврид, мавзуъ, маъно, меъёр, мақола.

LEXICAL AND GRAMMATIC CATEGORIES OF NAMES NOUNS. DIFFERENT TYPOLOGIES

In his article, the author gave information about the classification of different lexical and grammatical levels of nouns and noted that nouns are not only the names of all specific objects, but also the names of living beings, as well as the actions they perform. When classifying nouns according to lexical and grammatical levels, linguists use different criteria. Based on the opinion of experts in this field, the author of the article divided nouns into the following levels: 1) proper and common nouns; 2) collective; 3) real; 4) concrete and abstract; 5) animate and inanimate. Along with citing researchers in this field, the author also expressed his opinion on this issue.

Key words: author, actions, titles, classification, linguist, background, case, subject, meanings, criteria, article.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипова Одинамо Пирназаровна номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Суроғ:** 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. **тел**.:(992)988635720

Сведения об авторе: Шарипова Одинамо Пирназаровна- кандидат педагогических наук, доцент кафедры современного руського языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С.Сафарова 16. **тел**.:(992)988635720

Information about the author. Sharipova Odinamo Pirnazarovna candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Modern Russian Language, Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, and S.Safarov St.-16. **Phone:** (992) 988635720

УДК – 30/81 (2 тоҷ)
ББК – 80-84 (2 тоҷ)
А - 21

МАВҚЕИ ИБОРАҲОИ РЕХТА ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР “ЁДДОШТҲО”-И САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Авгонова Н.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ибора аз ду ва ё зиёда калимаи мустақил бо роҳи алоқаи тобеъ ташкил меёбад. Ибораҳои рехта дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, ибораҳои рехтаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мисли калима танҳо ба воситаи ҷумла ба системаи воситаҳои номинативии забон дохил шуда, муносибати байни предмету ҳодиса ва аломату амалро мефаҳмонанд.

Ибораҳои рехтаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ баръакси калимаҳо мафҳуми ба қисмҳо ҷудошавандаро ифода менамоянд. «Ҷузъҳои ибораҳои ин повест ба шакли калима воқеъ мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо дорои аломатҳои грамматикии калима мебошад» [2, с.14]. Ин мустақилияти грамматикӣ имконият медиҳад, ки дар байни ҷузъҳои ибора дигар калимаҳои эзоҳдиҳанда дохил шаванд. Инчунин, мафҳуми муҷарради калимаҳо аз мафҳуми муҷарради ибораҳо хеле баланд аст. Ибораҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд. Ибораҳои озод ва ибораҳои рехта. Ибораҳои озоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ибораҳои синтаксисӣ ва ибораҳои рехта – ибораҳои фразеологӣ мебошанд.

Ибораҳои фразеологии «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аз ибораҳои озодаш бо хусусияти рехтагӣ ва ҷудонашавандагӣ фарқ мекунанд. Ҷузъҳои ибораҳои фразеологӣ мисли ибораҳои озод бо калимаҳои гуногун намеоянд, онҳо ба як ё ду қолиби муайян маҳдуд мемонанд. Ибораҳои фразеологии ин повест аз ҷиҳати ифодаи маънӣ ба калимаи алоҳида наздик буда, ба қисмҳо тақсим намешаванд. Онҳо аз ҷиҳати сохт ба ибораҳои озод зоҳиран монанд бошанд ҳам, аз бобати маъно ва ҷудонопазирии ҷузъҳо аз онҳо фарқи куллӣ доранд [10, с. 123]. Ибораҳои фразеологӣ дар ҷумла танҳо ба вазифаи як аъзои он меоянд, вале ҷузъҳои ибораҳои озод метавонанд вазифаҳои гуногунро ичро намоянд. Доираи истифодаи ибораи фразеологӣ маҳдуд мебошад. Ибораҳои синтаксисӣ ва фразеологӣ бо ҳам алоқаманд буда, ибораҳои фразеологӣ аз ҳисоби ибораҳои синтаксисӣ тадричан такмил меёбанд.

Ибораҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аз ҷиҳати сохт содда ва мураккаб мешаванд. Ибораҳои соддаи ин повест асосан аз ду калимаи мустақил ташкил меёбанд: мисол**, оши палав**. Ибораҳои мураккабаш бошанд аз се ва зиёда калимаҳои мустақил ташкил меёбанд. Масалан, ибораи номи **меъдаи ҳайвонот-intestine**, вале ибораи «Ман

медонистам, ки халтаи меъдаи ҳайвонотро, ки дар он ҷо хӯроки хӯрдашуда ҷамъ мешавад, «ишкамба» меноманд» [11,7] мураккаб мебошад. Ибораҳои мураккаби романи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аз се ва зиёда калимаҳои мустақил бо тарз ва усулҳои гуногун ташкилёбанда, ба тарзи зерин ба амал меоянд:

Калимаи асосии ибораро ду калимаи тобеъ эзоҳ медиҳанд, ки байни худ ҳеҷ гуна муносибати грамматикию маъноӣ надоранд: **рӯзе аз рӯзҳо – once upon a time, дер омадан – to be late, ба худ омадан – come to oneself, come to ones sense.** Калимаи тобеи ибораи содда эзоҳдиҳанда мегирад: **моҳиёни дарё –river fish.**

Ибораҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аз рӯи морфологии калимаи асосӣ тасниф мешаванд. Аз ин ҷиҳат, хелҳои ибора ба ҳиссаҳои мустақили нутқ мувофиқат мекунанд: ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ, феълӣ ва зарфӣ. Воситаҳои асосии алоқаи грамматикии ҷузъҳои ибора бандаки изофӣ, пешояндҳо, пасояндҳо, тартиби калима ва интонатсия аст. Дараҷаи вобастагии калимаҳо дар ибораҳои пешояндиву пасояндӣ як хел нест. Алоқаи баъзе аз онҳо хеле мустаҳкам буда, калимаҳои таркиби ибораро дар ҷумла аз ҳам ҷудо кардан мумкин нест ва баръакс, алоқаи гуруҳӣ ба дараҷае аст, ки ҳатто ҳангоми истифодаи он ибора, дар ҷумла истисно кардани калимаи тобеъ мумкин аст.

Ибораҳои феълии пешояндҳое низ ҳастанд, ки калимаи асосии онҳо ногузирии калимаи тобеъро тақозо намекунад. Навъи алоқа ва воситаҳои грамматикии ифодаи он дар ҳамаи хелҳои ибора як хел ва баробар нест. «Ҷузъҳои ибораҳо муносибатҳои умумии муайянкунандагӣ, пуркунандагӣ ва ҳолиро ифода мекунанд ва ҳар кадоми ин муносибатҳо дар навбати худ ба гурӯҳҳои зиёди маъноиву грамматикӣ тақсим мешаванд» [8, с. 46].

Қоидаи ибораасозӣ ба табиати морфологии ҳиссаҳои мустақили нутқ вобаста мебошад, ки ҳар кадоми онҳо категория ва шаклҳои хос доранд. Масалан, сифат аломату хосияти предметро мефаҳмонад ва ба исм бештар бо бандаки изофӣ тобеъ мешавад: гули сурх– **red flower, санги сиёҳ – black color, оби сафед – white water, ранги зард – yellow color**.

Ташкили ибора ва ба ҳамдигар алоқаманд шудани калимаҳо дар таркиби он на танҳо ба мансубияти калимаҳо ба ҳиссаҳои нутқ, балки ба маънои луғавии онҳо низ вобаста мебошад. Доираи истифодаи калимаҳои таркиби ибора низ ба маънои луғавии калима вобаста аст.

Дар ибораҳое, ки калимаи асосӣ аз феълҳои монда иборат буда, алоқаи байни ҷузъҳо андаке сусттар аст, барои ифодаи муносибатҳои синтаксисӣ ҳиссаи калимаи тобеъ ва воситаҳои грамматикӣ алоқа нисбатан барҷастатар мебошад. Масалан, танҳо ба феъли фуромадан чандин калимаҳо бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ тобеъ шуда, боиси ба амал омадани муносибатҳои гуногуни синтаксисӣ гардидаанд: **бо падар фуромадан, аз гул фуромадан, аз асп фуромадан, аз ағба фуромадан, аз тарс фуромадан, ногоҳ фуромадан, ларзида фуромадан** ва ғайра.

Ибораҳое ҳастанд, ки дар ташкили онҳо ва ифодаи муносибатҳои синтаксисиашон мақоми воситаҳои грамматикӣ бузург аст. Ин ҳолат бештар дар ибораҳои феълие мушоҳида мешавад, ки ҷузъи тобеи онҳо ба ҷузъи асосӣ бо ёрии пешояндҳои номӣ алоқаманд шудааст. Пешояндҳои аслӣ дар нишон додани тафриқа ва тобишҳои муносибатҳои гуногун ёрии калон мерасонанд.

Дар ташкили ибораҳои номӣ мақоми бандаки изофӣ басо калон аст. Ибораи изофӣ аз ибораҳои пешоянддор бо он фарқ мекунад, ки дар он воситаи грамматикии алоқа бо калимаи асосии ибора меояд. «Дар ибораҳои изофӣ калимаи тобеъкунанда ҳамеша дар аввали ибора меояд» [2, с. 45]. Дар ибораҳои дигари «Ёддоштҳо»-и Айнӣ акси ин ҳолат мушоҳида мешавад, зеро фразеология то солҳои наздик қисми таркибии лексикологияро ташкил медод.

Ҳоло ҳам баъзе тадқиқодчиён онро як қисми лексигология медонанд. Бо вуҷуди он, бояд иқрор шуд, ки ин соҳа ҳамчун боби махсуси забоншиносӣ аз доираи лексикология хориҷ шуда, ба илми мустаъқил табдил ёфтааст. «Аз ҷиҳати обуранги бадеӣ воҳидҳои фразеологӣ санъатҳои гуногуни бадеиро ба хотир меоранд.

Як силсила санъатҳои лафзӣ-ҳамоҳангии овозҳои ҷузъҳои таркибӣ маҳз дар воҳидҳои фразеологӣ боқӣ мемонад» [6, с.11]. Фразеология илмест, ки дар ҳудуди як силсила илмҳои на фақат филологӣ, лингвистию адбиётшинсӣ, балки илмҳои дигар таърих, этнография, психология ва амсоли инҳо ба вуҷуд омадааст. «Ҳамчун соҳаи мустақили илми забон фразеология низ ба якчанд навъ ҷудо мешавад» [6, с. 27].

Дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ фразеологияи таърихӣ шароити таърихии ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, манбаҳои пайдоиш, ҷараёни тағйироти таърихии онҳо ва масъалаҳои амсоли ин мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Фразеологияи ин повест таърихи дурру дароз дорад. Бисёр ибораву ифодаҳое, ки имрӯз мустаъмаланд, ҳазор сол пеш аз ин дар ҳамин шаклу маъно ба кор мерафтанд. Баробари ин як миқдор ибораҳои фразеологӣ аз ҷиҳати шакл ва маъно тағйир ёфтаанд, қисми дигари онҳо тамоман аз истеъмол баромадаанд. Шубҳае нест, ки таҳқиқи захираи фразеологии гузаштаи мо на фақат барои илми забоншиносии тоҷик, балки барои муайян кардани масъалаҳои ҷудогонаи таърихи халқ, урфу одат ва маданияти он аҳамият дорад.

Дар фразеологияи муқоисавӣ воҳидҳои фразеологӣ забонҳои ба ҳам хеш, ё забонҳои халқҳое, ки дар тули асрҳои зиёд дар ҳамсоягӣ зистаанд, муқоиса карда мешаванд. Бо вуҷуди он, ки захираҳои фразеологии ҳар забон дорои хусусятҳои фардӣ буда, бо обуранг ва рангубори миллии худ фактҳои такрорнашавандаи забонро ташкил медиҳад, бисёр вақт дар байни воҳидҳои фразеологии забонҳои гуногуну ҷиҳатҳои зиёди умумиро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар фразеологияи муқоисавӣ қонунияти ташаккули чунин воҳидҳои фразеологӣ, сабабҳои таърихӣ, ҷиҳатҳои этнографии ба вуҷуд омадани онҳо ва масъалаҳои ба ин монанд таҳқиқ мешаванд. Ниҳоят, навъи охирини фразеологияро фразеологияи тасвирӣ, ё худ синхронӣ (аз калимаҳои юнонии syn-ҳам chromos-замон) ташкил медиҳад.

Фразеологияи синхронӣ вазъияти захираи фразеологии забонро дар давраи алоҳидаи инкишофи он тасвир мекунад. Масалан, тасвири захираи фразеологияи забони имрӯзаи тоҷик ба зимаи фразеологияи синхронӣ дохил мешавад. Дуруст аз худ намудани системаи фразеологии забон, дарк намудани қонуниятҳои инкишофи он аз хатоҳое, ки гоҳо дар саҳифаҳои матбуот ва ё навиштаҳои муаллифони ҷавон ба назар мерасанд, пешгирӣ мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки воҳидҳои фразеологии феълӣ ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам забони англисӣ шумораи нисбатан бештари воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳанд. Воҳидҳои фразеологии феълӣ дорои сохтори мухталифи фразеологӣ ҳастанд. Аломати ба таври густурда интишор ёфтани воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забонҳои мавриди муқоиса тасодуфӣ нест, зеро сохтори таҳлилии (пеш аз ҳама дар сохтори феъл) ҳамчун воҳиди лексикӣ барои синтаксис хидмат мекунанд.

Ҷузъи таркибии воҳидҳои фразеологиии феълӣ ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам забони англисӣ исм ва феълро фаро мегирад. Ҷузъи феълӣ – ин ҷузъи асосии фразеологизм мебошад, ки нақши муҳимро дар ташкили сохторӣ-семантикии фразеологияҳои феълӣ мебозад. Хусусияти сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии феълӣ бевосита аз аломатҳои категориявӣ-грамматикии феъл вобаста мебошанд. Аломатҳои семантикӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии феълиро гузаранда ва монда будан, сиға, моҳияти грамматикии феъл ва ғайраҳо ташкил медиҳанд.

Асоси пайвастагиҳои фразелогиро маҳдудияти пайвастагии калимаҳое ташкил медиҳанд, ки мумкин аст ба таври озод мавриди истифода қарор гиранд. Бинобар ин, бештари воҳидҳои фразеологӣ моҳияти иловагии лексикӣ ва грамматикиро касб менамоянд. Ба таври мисол: **send sault with, to cook one's goose, add fuel to the fire.**

Ҳамчунин, асоси бештари воҳидҳои фразеологиии феълиро моҳияти метафории пайвастагиҳо ташкил медиҳад. Ин ҳолат дар забони англисӣ низ ба назар мерасад: **dance on a volcano – бо оташ бозӣ кардан, бо думи шер бозӣ кардан; go off with one's tail between one's legs – дум хода кардан, гурехтан; twiddle one's thumbs – оворагардӣ кардан**.

Ҳамин тавр, воҳидҳои фразеологиии феълӣ аз рӯи вижагиҳои семантикии худ ба гурӯҳҳои зерин чудо мешаванд:

1. Воҳидҳои фразеологиии феълие, ки амал, фаъолият ва ҳолати шахсро ифода мекунанд: **дасти касеро гирифтан – to meet somebody half way, бо касе вохӯрдан – to have somebody in tow, нигоҳубин/ парастории кардан – to take care of somebody.**

2. Воҳидҳои фразеологиии феълие, ки комёбӣ ва пешрафтро ифода мекунанд: **ба натиҷаи хуб ноил шудан** – **to carry all before one, сари касеро гаранг кардан –to turm smb.'s head.**

3. Воҳидҳои фразеологиии феълие, ки нокомиро ифода мекунанд: **шикаст хӯрдан – to burn one's finger, ғами сайди рамида хӯрдан - to cry over spilt milk.**

4. Воҳидҳои фразеологиии феълие, ки фиреб ва таҷаллубро ифода мекунанд: **ба сари касе кулоҳ гузоштан – to hand somebody a lemon, ба лаби об ташна бурда, ташна овардан – to turn somebody round one's little finger.**

5. Воҳидҳои фразеологиии феълие, ки таваккул ва хавфу хатарро ифода мекунанд:**таваккул кардан – to take one's life in one's hand, бо оташ/думи шер бозӣ кардан - to play with fire, сангу шиша дар як кӯлбар гузоштан – to put one's eggs in one basket.**

6. Воҳидҳои фразеологиии феълие, ки умури баҳриро ифода мекунанд: **ба самти об шино кардан – to trim one's sails to the wind, касеро дар нимароҳ партофтан – to leave somebody high and dry.**

7. Воҳидҳои фразеологиии феълие, ки умури низомиро ифода мекунанд: **фаромон додан/роҳбарӣ кардан – to rule the roast, саф кашидан/оростан – to fall into line, ғазаби худро фурӯ рехтан – to let off steam.**

Таҳлили муқоисавии ибораҳои рехтаи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Дар тарҷумаи ибораҳои рехтаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, ки аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ тарҷума шудаанд, набояд иштибоҳ намоем, зеро мо онҳоро калима ба калима тарҷума карда наметавонем. Маънои луғавии калимаҳои алоҳида, ки ба ибораҳо ворид шудаанд, ҳангоме ки мо онҳоро бо иштибоҳ тарҷума менамоем мазмун ва муҳтавои сухан вайрон гашта, фикри гӯянда хуб ва образнок дарк карда намешавад. Мо пеш аз оне, ки ибораҳоро тарҷума намоем, бояд аз забони модарии хеш хуб огоҳ бошем, нозукиҳои забони худро донем ва дар як қолиби муайян онро шарҳ дода тавонем.

Ибора ва ифодаҳои таркибан рехтаву устувор бо номҳои воҳидҳои фразеологӣ, фразеологизмҳо, таъбироти фразеологӣ, ибораҳои рехта ва амсоли инҳо машҳуранд. Аз байни онҳо истилоҳи воҳидҳои фразеологӣ нисбатан бештар ба кор бурда мешавад.

Ҳар як воҳиди фразеологӣ тақрибан аз ду ва зиёда калимаҳо ташаккул ёфтааст, вале сохти устувор ва семантикаи яклухт ва ба қисмҳо ҷудонашаванда дорад. Масалан, ибораи рехтаи « **it's good that he does not see everything / he passed away – хуб аст, ки ӯ ҳамаи ин корҳоро намебинад**, аз чанд калима иборат аст. Бо вуҷуди ин, як мафҳумро (шахси аз дунё чашм пӯшида, шахси реҳлаткардаро) ифода мекунад.

Рехтагию устувории ибораҳои фразеологӣ дар тағйирнаёбандагии сохту таркиб ва семантикаи онҳо ифода меёбад. Одатан, ҷузъҳои таркибии ибораи фразеологӣ ивазнашаванда мебошанд. Онҳоро дар аксари мавридҳо бо калимаҳои аз ҷиҳати маъно наздик иваз кардан мумкин нест.

Дар сурати чунин тағйирдиҳӣ нафақат семантикаи бутуни воҳиди фразеологӣ аз байн меравад, балки он таркибан ҳам чун ибораи фразеологӣ арзиш ва моҳияти худро гум мекунад.

Ҷиҳати дигари устувории воҳидҳои фразеологӣ дар ҳамин зоҳир мегардад, ки ҷузъҳои (калимаҳои) таркибии онҳо ҷои худро иваз карда наметавонанд, яъне ба инверсия дучор намешаванд.

Дар сурати ҷойивазкунии ҷузъҳо ибораҳои фразеологӣ аксар вақт тамоман вайрон шуда, ба ифодаҳои бемантиқи дар забон вуҷуд надошта табдил меёбанд. Баъзан дар натиҷаи ҷойивазкунии ҷузъҳояшон ибораҳои фразеологӣ ба ибораҳои оддии синтаксисӣ табдил меёбанд.

Аз ҷиҳати ифодаи семантика, воҳиди фразеологӣ ба як калима баробар мешавад, вале фразеологизмҳо баръакси калимаҳои оддӣ на фақат ашё, аломат, амал ва

ҳолати онҳо, балки тобишҳои гуногуни рӯҳиро низ дар бар мегиранд. Масалан, ибораҳои: «Дуо мекунам: илоҳи тӯйи фарзандонатонро бинед» [4, с. 19] «Тир аз камон бархато ҷаста ва мурғи матлаб аз дом раста буд» [14, с. 20]. Гуфтаҳои боло дарак медиҳанд, ки монанди инҳо баробари ифодаи мафҳумҳои алоҳида эҳсосоти гуногуни шахси гӯяндаро низ ифода карда метавонанд.

Қисми асосии ибораҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар ҳолати тарҷума аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ образнок ва пуробуранг мебошанд. Масалан, ибораи «то бад нагӯй, нек намеояд» [14, с. 98], яъне касеро сухани бад гуфтан, аз вай сухани нек дар ҷавоб шунидан аст ва ин вобаста ба психологияи ҷавобдиҳанда ҳаст. Масалан, ба ҳар кас сухани бад гуфтан ҷавоби некро шунидан номумкин аст. Ҳангоми таҳлили тарҷумаи англисии ин ибораи рехтаи «Ёддоштҳо» ба тарҷумаи калима ба калима аҳамият додан лозим нест, зеро агар тарҷумаи ин ибораи рехтаро таҳлил намоем ҳангоми тарҷумааш вобаста ба ҷойгиршавии калимаҳо чунин тарҷума карда мешавад **«агар ту ҳамашро нагуфта бошӣ, ту на хуб ва на бадро гуфтаи – if you did not tell everything, that means you did not tell neither good no bad»**. Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологӣ таркибан рехтаву устувор буда, мундариҷаи яклухти аксар пуробурангро ифода мекунанд. Ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъной ба ҳам марбут, ки семантикаи бутун ва аксар образнокро ифода мекунанд, ибораи фразеологӣ ё худ воҳиди фразеологӣ номида мешаванд. Воҳидҳои фразеологӣ аз ҷихати семантика ба гурӯҳҳо ҷудо шуда наметавонанд. Қисми аз ҳама муҳҷаз, рехтаву устувор ва пуробуранги воҳидҳои фразеологиро ибораҳои рехтаи фразеологӣ ё худ идиомаҳо ташкил медиҳанд.

Чи тавре, ки дар боло қайд намудем ибораҳои рехтаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ибораҳои озод ва фразеологӣ ба назар расида, тафовут байни онҳо дида мешавад, яъне ибораҳои рехтаи фразеологии повести мазкур аз ибораҳои озод бо хусусияти рехтагӣ ва ҷудонашавандагӣ фарқ, мекунанд. Ҷузъҳои ибораҳои фразеологӣ мисли ибораҳои озод бо калимаҳои гуногун намеоянд, онҳо ба як ё ду қолиби муайян маҳдуд мемонанд. Ибораҳои фразеологӣ аз ҷиҳати ифодаи маънӣ ба калимаи алоҳида наздик буда, ба қисмҳо тақсим намешаванд. Онҳо аз ҷиҳати сохт ба ибораҳои озод зоҳиран монанд бошанд ҳам, аз бобати маъно ва ҷудонопазирии ҷузъҳо аз онҳо фарқи куллӣ доранд. Ибораи рехта дар ҷумла танҳо ба вазифаи як аъзои он меоянд, вале чузъҳои ибораҳои озод метавонанд вазифаҳои гуногунро иҷро намоянд. Доираи истифодаи ибораҳои рехта маҳдуд мебошад. Ибораҳои синтаксисӣ ва фразеологӣ ба ҳам алоқаманд буда, ибораҳои фразеологӣ аз ҳисоби ибораҳои синтаксисӣ тадриҷан такмил меёбанд. Ба таври мисол:

Ҳанӯз ақли ӯ намегирад, — гуфт бародарам ва гиря карда сар дода илова намуд: — намефуроям! [17, с. 11] “My little brother ***doesn’t know what’s going on yet***!” Then, bursting into tears, “I’m not coming down!” [17, с. 19]

Қурбонниёз ном тағоиям, ки як ҷавони тануманд буд, дарҳол ***ба дарахт печида*** боло баромад, аввал акаамро ва баъд аз он Эргашро аз шохҳо ҷудо карда ба поён овезон кард ... [17, с. 9].

My uncle Qurbon-Niyoz, who was young and strong, ***climbed straight up the tree***, pried first my brother and then Ergash from the branches, and handed them down [17, с. 40].

Дар масъалаи ибора ва алоқаи ҷузъҳои он дар забоншиносон фикри ягона нест. Ба фикри муаллифи китоби дарсии забоншиносӣ Головин Б.Н., ибораҳо се навъ: ибораҳои пайваст (хондан ва фикр кардан, сабзу бунафш, суруд хондан, фарёд задан ва сӯҳбат кардан), ибораҳои тобеи ғайри предикативӣ (дӯстро пешвоз гирифтан, хондани маҷалла) ва ибораҳои тобеи предикативӣ (хондани паррандаҳо, рӯзи офтобӣ) мешаванд. Муаллифи дигари китоби дарсии забоншиносӣ Кочергина В.А. бошад, таъкид мекунад, ки ибораҳо ба воситаи алоқаи пайваст (падару модар, ҷангу сулҳ, қадбаланд, аммо лоғар) ҳам ташаккул меёбанд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ибора ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилеро меноманд, ки яке ба дигаре тобеъ буда, як мафҳуми мураккабро ифода мекунанд. Пас, барои ибора алоқаи пайваст ва алоқаи тобеи предикативӣ хос намебошад. Дар хусуси ибораҳои рехтаи фразеологӣ нуқтаи диагареро қайд кардан ба маврид аст, ки ибораҳои

рехтаи фразеологӣ воҳидҳои устувору тағйирнаёбандаи забон, қисми аз ҳама пуробуранги воҳидҳои фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ташкил медиҳанд.

Семантикаи ибораҳои рехтаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ бисёр вақт бо маънои калимаҳои онро ташкилдиҳанда мувофиқат намекунанд. Дар вақти тарҷума калимаҳои таркибии онҳо барнамеояд.

Хусусияти фарққунандаи ибораҳои рехта, ки онҳоро аз дигар намуди ибораҳо фарқ кардан зоҳир мегардад, ҷузъҳои таркибии онҳо пурра ба маънои маҷозӣ меоянд, ба маънои аслии худ омада наметавонанд. Мисол:

Мақсади ман аз ин гапҳо аз қарз ҳисоб додан, ё ин ки ***дили туро сиёҳ кардан набуд***, балки мақсади ман ин аст, ки агарчӣ гоҳе дар кори рӯзгор тангӣ кашӣ, аз бозор гӯшт нахарем, ё ин ки кам харем, хафа нашав. [17, с. 10]

My point in discussing these financial matters is not to add up our debts or ***to worry you***, but only to let you know that things are going to be tight. [17, с. 45]

Духтари хатиб аз ин кори ӯ зоҳиран дар хашм мешуд, ***пешонаи худро туриш, абрӯвонашро чин ва чашмонашро хашмгиннамо мекард***, лекин дар ҳамон вазъият дар зери лаб механдид ва «ту ҳоло нигоҳ карда ист, ин коратро ба модарам мегӯям, туро чунон зананд, ки падарат ҳаргиз туро ончунон назада бошад [16, с. 49].

The khatib's daughter was visibly embarrassed by Habiba's behavior. ***She would scowl and look daggers at her***, yet at the same time smother a smile and say, "Stop it now, or I'll tell my mother, and she'll beat you harder than your father has ever beaten you [16, с. 101].

Ҳамин тавр, воҳидҳои фразеологӣ боигарии ҳар забон буда, зебоӣ, фарҳанг, расму оин, тобишу обурангии миллиро инъикос менамоянд. Воҳидҳои фразеологӣ муносибатҳои эҳсосии инсонро ифода менамоянд, яъне дар баробари ифодаи фикр, ҳодисаҳои мусбат, манфӣ ва муносибатҳо дар ин замина тавзеҳ дода мешавад. Муқоисаи воҳидҳои фразеологии зерин дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гуфтаҳои болоро боз ҳам тавқият медиҳанд:

Ба дил задан

Оқибат танҳоӣ ва мусофирати дуру дароз ***ба дили бобоям задааст***.

At last the loneliness and the repeated lengthy traveling ***were too much*** for my grandfather.

Ман насиҳати Мавлавиро гӯш накарда ба саҳро омадам, саҳро *ба дилам зад* [16, с. 125].

I ignored Mavlono's advice and came to the country, and now *I'm sick and tired* of it [16, с. 131].

Ба даст даровардан

Ӯ аз охири тарафи ғарбии деҳаи Маҳалаи Боло ***заминеро ба даст дароварда***, барои худ ҳавлии рӯидаричаноке бино кардааст.

He bought a plot of land at the western extremity of Mahallayi Bolo and built himself a walled house.

Дар муддати каме соҳаҳои асосии ***дониши замони худро ба даст оварда***, дар миёни аҳли илм шӯҳрат пайдо мекунад.

Одамоне ҳам буданд, ки нони хоҷагиро «***бедарди миён» ба даст меовардand***.

Аз ким-кучо «Муш ва гурба»-и Убайди Зокониро ***ба даст оварда буд.***

Хароб шудан. Аммо баъд аз ду сол бобоям дидаст, ки ҳавлӣ ва рӯи даричае, ки дар Соктаре дошт, ***хароб шуда рафта истодааст*** ва замини дар онҷо доштааш ҳам аз кор баромада меравад.

After few years, however, my grandfather saw that the house and his land there ***were lying uncultivated***.

Гардан ёрӣ надодан

Ман ин хоҳиши акаамро ҳаҚнок мешуморидам, лекин ***гараданам ёрӣ намедод***, ки худро дар пеши ӯ гунаҳкор шуморам.

I knew that my brother was right to scold me, but ***I was proud to***being in the wrong

Дар сояи бекорӣ хобидан

Агар танбалон ва танпарварон медонистнд, ки кор чӣ гуна бадани касро сахт мекунад в дили касро ҳузур медиҳад, ҳеҷ гоҳ ***дар сояи бекорӣ намехобиданд***.

If the lazy and flabbypersons only knew how work toughens the body and eases the mind, they would never again *sleep in the shade of idleness.*

Зинда дар гӯр нишастан

Ман дар инҷо бо бачагон *зинда дар гӯр нишастаам* ҷавоб дод касе аз даруни хона.

"I'm in here, *buried alive*with my sons"came an answer from inside.

Қаймоки гапро гуфтан

Дар онҷо ***қаймоқи гап*** кордонӣ ва кордориҳои саркори нави рӯдковӣ буд.

There, *the chief topic*of conversation was the expertise and achievements of the new boss of the canal project.

Аз роҳ баровардан

Духтарам туро, кӣ *аз роҳ баровард*? - Маро ҳеҷ кас *аз роҳ набароварда аст,* ман бо ихтиёри худ ҳамин ҷавонро ба шавҳарӣ хостам. (с. 67)

Who has ***led you astray,*** mydaughter?-No-one has ***led me astray***. I want to marry this man of my own free will. [16, с. 49].

Дароз кашидан

Аммо ин хурсандии ман ***дароз накашид***. [17, с. 74].

But my happiness ***was not to last***. [17, с. 119].

Ғам хӯрдан

Лекин ман аз ин ***хеҷ гам нахӯрдам***. [17, с. 75].

But ***I wasn't in the least worried*** by this. [17, с. 121].

Сар хӯрдан

Бинобар ин ***«зиёфаташ сарашро хӯрад»*** гӯён аз паси дари меҳмонхонааш баргашта омадам (саҳ.91)

So, I thought to myself, *«let him eat his dinner himself»* and turned back at the door." [17, с. 112].

Ана ҳамин ҳосили аз ҳад афзун буд, ки сари Сайидмуродхоҷаро хӯрд. [17, с. 118].

Дарахт дар якҷо сабз мешавад

Фоидаи асосии бунак дар он аст, ки коркунон ба ин восита ба як корхона баста мешаванд, ***«дарахт дар як ҷо сабз мешавад»*** *гуфтаанд* ва рӯз ба рӯз ҳунар ва малакаашон зиёд мешавад.

The basic benefit is that it ties the workers to the one pottery- "*the tree flourishes in one spot",*as the poets say- and they gain daily in experience and skill.

Дарди дили касе бартараф шудан

Шояд ба он гуле, ки ман оварам, *дарди дили ӯ бартарф шавад ё сабук гардад* ва он орзуе, ки дар вақти ғазалхонии ӯ дар дили ман гузашта буд, ба вуҷуд ояд. [17, с .82].

I thought to myself that by bringing her the rose ***I would perhaps be easing her pain*** and fulfilling the wish I had conceived when she was reciting the love- poem [17, с.102].

Гӯшти хар, дандони саг

Даҳони инҳоро бо мӯҳри муфти мӯҳр кардан даркор аст ***«Гӯшти хар, дандони саг»***гуфтаанд [17, с. 95].

The mouth of such as these ***should be sealed shut*** with the mufti"s seal-in the word of the proverb: ***"donkeys meat is fit only for dogs"*** (p.147).

Дар зери обу арақ мондан

Ӯ гапҳои таъйинкарашударо нақл кард, ки тамоман дигар буданд ва ман аз хиҷолат ***дар зери обу арақ мондам*** [17, с. 95].

Theman repeated what he had told me, which bore no resemblance to what I had told to Father and *I sat sweating with shame* [17, с. 149].

Мӯру малах барин

Аз болои кӯҳ босмачиён ***мӯру малах барин***, ба мурдани худ нигоҳ накарда, фаромада меомаданд.

Дар ёбон одамон ба монанди ***мӯру малах буданд*** [17, с.149].

All over the plain people were working *like ants* [17, с.54].

Гардан додан

Ба интизоми ҳарбӣ ***гардан додан*** даркор аст. С. Айнӣ «Ғуломон»

Агар Махдум аз кифти мо ҳам гузаранд (аз таноб ҷаҳида — *М. Ф.),* ман дар ҳамон вақт ба ин кас ***гардан медиҳам***.

Шумо ки худатонро калон мегирифтед, ҳеҷ касро назаратон намегирифт ва аз рӯфта тоза кардани ҷои хоби худ ор мекардед, чи навъ шуд ки ба ин кори паст ***гардан додед***?-

"You," my brother said, "who think you're so high and mighty, who never owned anyone as your equal and were ashamed to make your own bed-what made you stoop tosuch aimenial job?" [16, с. 22].

Назар нагирифтан

Чанд вақт боз ҷудо хуҷаиншинос шуда рафтӣ- а, акнун моёнро ***назарат хам намегирад***.

Худатонро калон мегирифтед, ҳеҷ касро ***назаратон намегирифт***,

Ба гардани касе чизе бор кардан

Виҷдонам вазифаи тарбияи ин кӯдаконро аз ҳа**маи орзуҳои ман** болотар карда ***ба гардани ман бор карда буд*.**

Ман ин фикри худро ба акаам гуфта аз ӯ хоҳиш кардам, ки дар ин сайругашт ба ман ҳамроҳӣ намояд, ӯ ин таклифи маро қабул намуд, аммо аз падару модар рухсат гирифтанро ***ба гардани ман бор кард*** [3, с. 39].

I told my elder brother my intention and asked him to come with me; he agreed, but left the onus of getting parental permission ***on my shoulders*** [9, с. 50].

Адабиёт:

1. Бархударов Л.С. Язык и перевод. Л. С Бархударов. – М.: Высшая школа, 1975. – 350 стр.
2. Бархударов Л.С., Штейлинг Д.А. Грамматика английского языка. Л.С., Бархударов, Д.А Штейлинг. – М.: Русский язык, 1973. – 325 стр.
3. Бузургзода Л. ва Ниёзмуҳаммадов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ. – Сталинобод: Л. Бузургзода ва Б Ниёзмуҳаммадов. Наш. дав. Тоҷ., 1947. – 147 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Маориф, 1983, қ.1.-353 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Маориф, 1983, қ.1.-353 с.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Маориф, 1983, қ.1.-353 с.
8. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ.-Сталинобод: Наш. дав. Тоҷ., 1956. -231 с.
9. Каушанская В.Л, Ковнер Р.Л. и др. Грамматика английского языка. Пос. для студентов педагогических институтов и университетов. 7-е изд., В.Л, Каушанская Л. М Ковнер Р..: Высшая школа, 2005. – 319 стр.
10. Маҷидов Ҳ. Аломатҳои фарққунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ, дар китоби "Масъалаҳои забони тоҷикӣ", Ҳ Маҷидов . Душанбе, 1967.-78с.
11. Маҷидов Ҳ. Ибораҳои фразеологӣ, журн. Ҳ.Маҷидов "мактаби советӣ", 1978, №5. С.78-89.
12. Маҷидов Ҳ. Сабабҳои ба вуҷудоӣ роҳҳои ташаккул ва инкишофи минбаъдаи воҳидҳои фразеологии феъли забони ҳозираи тоҷик, дар кит: " Иранская филология", часть 1, Ҳ. Маҷидов Душанбе 1970.
13. Насрулло Ҳабиб. Грамматикаи забони англисӣ. Дастури таълимӣ барои барои донишҷӯён. Ҳабиб. Насрулло– Душанбе: Эр-граф, 2009. -123 с.
14. Насрулло Ҳабиб. Грамматикаи забони англисӣ. Дастури таълимӣ барои барои донишҷӯён. Ҳабиб Насрулло. – Душанбе: Эр-граф, 2009. -123 с.
15. Парвона Ҷамшед, Толиби Розӣ. Фарҳанги англисӣ тоҷикӣ бо роҳнамои вожагони тоҷик. Ҷамшед Парвона, -Душанбе: Эрграф, 2005. -800 с.
16. С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб», Айнӣ С. Душанбе «Адиб»-1990 - 260 с.
17. С. Айнӣ «Ёддоштҳо» (к. 1-2), Айнӣ С. Душанбе «Адиб»-1990 - 290 с.

18. Ҷамшедов Парвона ва дигарон. Очеркҳо оид ба типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣва англисӣ. Парвона Ҷамшедов -Душанбе: Ирфон, 1980. – 189 с.

МАВҚЕИ ИБОРАҲОИ РЕХТА ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР “ЁДДОШТҲО”-И САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур сухан мавриди ибораҳои рехта ва нақши онҳо дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ рафтааст.

Ибора аз ду ва ё зиёда калимаи мустақил бо роҳи алоқаи тобеъ ташкил меёбад. Ибораҳои рехта дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ҳамчун ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, ибораҳои рехтаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мисли калима танҳо ба воситаи ҷумла ба системаи воситаҳои номинативии забон дохил шуда, муносибати байни предмету ҳодиса ва аломату амалро мефаҳмонанд.

Ибораҳои рехтаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ баръакси калимаҳо мафҳуми ба қисмҳо ҷудошавандаро ифода менамоянд. «Ҷузъҳои ибораҳои ин повест ба шакли калима воқеъ мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо дорои аломатҳои грамматикии калима мебошад».

Ин мустақилияти грамматикӣ имконият медиҳад, ки дар байни ҷузъҳои ибора дигар калимаҳои эзоҳдиҳанда дохил шаванд. Инчунин, мафҳуми муҷарради калимаҳо аз мафҳуми муҷарради ибораҳо хеле баланд аст. Ибораҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд. Ибораҳои озод ва ибораҳои рехта. Ибораҳои озоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ибораҳои синтаксисӣ ва ибораҳои рехта – ибораҳои фразеологӣ мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки гуногунрангии унсурҳои идиоматикӣ (рангубор, образи мусбат ё манфӣ, муассирӣ, тобиши миллӣ) идиомаҳоро ба беҳтарин ва бурротарин воситаҳои ифодаи маънои фразеологӣ табдил додаанд.

Маънои дигари идиоматикӣ ин таҷассуми маънои сирф образноки онҳо аст. Як қисмати воҳидҳои идиоматикӣ дорои маънои сирф образнок буда, барои ифодаи ҳолатҳои мухталифи рӯҳии инсон ба кор бурда мешаванд. Онҳо инъикоскунандаи бевоситаи вазъияти мухталифи ҳолати рӯҳии инсон, ба монанди таҳдид, даҳалӣ, зориву тавалло, хулосабарориҳо, афсӯс, ваҳм, умеду орзу, нафрат, бадбинӣ, меҳрубонӣ ва хурсандӣ буда, дар таркиби воҳидҳои идиоматикӣ усулҳои хоси зоҳиршавӣ доранд. Чунин тобишу оҳангҳо дар таркиби воҳидҳои идиоматикӣ образнокии онҳоро дучанд намуда, онҳоро аз ҷиҳати сохт рехтаву устувор, аз бобати ифодаи маънои маҷозӣ муассиру пуробуранг мегардонанд.

Калидвожа: Ибораҳои озод, воҳидҳои идиоматикӣ, хулосабарориҳо, муҷарради калимаҳо, образи мусбат, ибораҳои рехта, алоқаи тобеъ, алоқаи пайваст, тобишу оҳангҳо, образнок, системаи воситаҳои номинативии забон.

МЕСТО ВЫРАЖЕНИЯ И ИХ РОЛЬ В «ВОСПОМИНАНИЯХ» САДРИДДИН АЙНА НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье обсуждаются фразы и их роль в «Воспоминаниях» Садриддина Айни на таджикском и английском языках.

Фраза состоит из двух или более независимых слов с придаточными предложениями. Широко используются идиомы, использованные в «Воспоминаниях» Садриддина Айни. Поэтому слова из «Записок» Садриддина Айни, как слово, которые входят в систему номинативных средств языка только через предложение, объясняют взаимосвязь между предметом и событием, а также знаком и действием.

Красноречивые фразы Садриддина Айни, в отличие от слов, относятся к разделимому понятию. «Части фразы в этом рассказе имеют форму слов, каждое из которых имеет грамматические особенности слова».

Эта грамматическая независимость позволяет включать другие пояснительные слова в состав частей речи. Кроме того, понятие сингулярности слов намного выше, чем понятие сингулярности. «Записки» Садриддина Айни делятся на две основные группы. Бесплатные фразы и лишние фразы. Свободные выражения в «Воспоминаниях»

Садриддина Айни являются синтаксическими выражениями, а идиомы - фразеологическими выражениями.

Следует отметить, что разнообразие идиоматических элементов (цвет, положительный или отрицательный образ, действенность, национальный тон) сделало идиомы лучшим и острейшим средством выражения фразеологического значения.

Еще одно идиоматическое значение - воплощение их чисто переносного значения. Некоторые идиоматические единицы имеют чисто переносное значение и используются для выражения различных психических состояний человека.

Они являются прямым отражением различных состояний психики человека, таких как угрозы, грубость, попрошайничество, выводы, сожаления, страхи, надежды, мечты, ненависть, ненависть, доброта и радость, и имеют свои способы проявления в идиоматических единицах. Такие тона и мелодии в составе идиоматических единиц удваивают их образность, делая их структурно устойчивыми и эффективными в выражении переносного значения.

Ключевые слова: свободные фразы, идиоматические единицы, аннотации, единичные слова, положительный образ, идиомы, придаточные предложения, связанные придаточные, тона, образное, система именительных средств языка.

THE PLACE OF EXPRESSIONS AND THEIR ROLE IN SADRIDDIN AINI'S “MEMORIES” IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article discusses the phrases and their role in Sadriddin Aini's "Memoirs" in Tajik and English.

A phrase is made up of two or more independent words by subordinate clauses. The idioms used in Sadriddin Aini's Memoirs are widely used. Therefore, the words of Sadriddin Aini's “Memoirs”, like a word, are included in the system of nominative means of language only in a sentence and explain the relationship between the object, event, sign and action.

Sadriddin Aini's eloquent phrases, in contrast to the words, refer to a separable concept. "The parts of the phrase in this story are in the form of words, each of which has the grammatical features of the word."

This grammatical independence allows other explanatory words to be included among the parts of speech. Also, the concept of singularity of words is much higher than the concept of singularity. Sadriddin Aini's "Notes" are divided into two main groups. Free phrases and shed phrases. The free expressions in Sadriddin Ayni's “Memoirs” are syntactic expressions and idioms are phraseological expressions.

It should be noted that the diversity of idiomatic elements (color, positive or negative image, effectiveness, national tone) has made idioms the best and sharpest means of expressing phraseological meaning.

Another idiomatic meaning is the embodiment of their purely figurative meaning. Some of the idiomatic units have a purely figurative meaning and are used to express different mental states of a person.

They are a direct reflection of various states of human psyche, such as threats, rudeness, begging, conclusions, regrets, fears, hopes, dreams, hatred, hatred, kindness and joy, and have their own methods of manifestation in idiomatic units. Such tones and melodies in the composition of idiomatic units double their imagery, making them structurally stable and effective in the expression of figurative meaning.

Keywords: Free phrases, idiomatic units, summaries, singular words, positive image, idioms, subordinate clauses, subordinate clauses, tones, figurative, system of nominative means of language.

Сведения об авторе: Авғонова Натича – ассистент кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:** 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. **Тел**: (992) 985-739012

Information about the author: Avgonova Natija - assistant of the chair of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. **Address:** 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.16.**Phone: Тел**: (992) 985-739012

УДК – 82-1/9 (2 тоҷ)
ББК – 84 (2 тоҷ)
А - 14

ЖАНРИ ҒАЗАЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ УРФИИ ШЕРОЗӢ

Муҳаммадҷони А.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Омӯзишу баррасии аҳволу зиндагӣ ва мероси гаронбаҳои бузургони илму адаби классикии форсу тоҷик аз масъалаҳои муҳимму арзишманди адабиётшиносӣ маҳсуб мешавад. Чунки фозилону донишмандони адвори гуногун дар афзун гардондани ганҷинаи тамаддуни башарӣ саҳми арзандаву босазое гузоштаанд, ки таҳқиқи аҳволу осори онон дар таъйини вазъи илмиву фарҳангии муайян кумак хоҳад кард.

Ба аҳли назар маълум аст, ки адабиёти пурғановати ниёгони мо муддатҳост, ки ташнагони каломи нобро шодоб мегардонад ва ҳазорон дӯсторони сухани шево аз он баҳра мебардоранду барои пешрафти илму фарҳанг дар ҷомеаи хеш аз он суд меҷӯянд. Ин адабиёти пурбор, ки инъикоскунандаи талошҳои ҳазорсолаи мардуми форсу тоҷик дар заминаҳои гуногуни ҳунару санъат, фалсафаву ирфон ва илму маориф аст, дар шаклҳои мухталифи назму наср чун рубоиву ғазал, қитъаву қасида, достону ҳикоят ва амсоли инҳо баён ёфтааст.

Дар асрҳои XVI-XVII сарфи назар аз нооромиҳои сиёсии қаламрави Осиёи Миёна, Эрон ва Ҳиндустон марказҳои гуногуни илмиву фарҳангӣ ва адабӣ фаъолият мекарданд, ки дар рушд ва такомули адаби ҷомеа нақши муҳим гузоштаанд. Аз ҷумла, дар Осиёи Миёна – Самарқанд, Бухоро, Балх, Бадахшон; дар сарзамини Эрон - Исфаҳону Машҳад, Шероз, Табрез; дар мулки Ҳинд – Деҳлӣ, Мултон, Лоҳур, Панҷоб, Кашмир, Сарҳинд таҷаммуи бузурги шоирон мавҷуд буданд. Ҳар кадоме аз ин доираҳои фарҳангиву адабӣ дар пешрафти шеъри форсӣ нақши сазовор барҷой гузошта, чеҳраҳои намоёни адабиро ба ҷаҳониён эҳдо намудааст. Чунончи дар Мовароуннаҳр Мушфиқӣ, Нисорӣ, Мутрибӣ, Шавкати Бухороӣ Самарқандхоҷаи Тирмизӣ, Мулҳами Бухороӣ, Фитрати Зардӯз, Сайидо ва дигарон; дар Эрон Соиби Табрезӣ, Мирзо Муҳаммадтоҳири Насрободӣ ва дигарон; дар Ҳиндустон Файзии Даканӣ, Урфии Шерозӣ, Калими Кошонӣ, Толиби Омулӣ.

Урфии Шрозӣ низ яке аз симоҳои барҷастаи дунёи адаби асри XVI ва ибтидои асри XVII, парвардаи доираи адабии Ҳиндустон аст. Урфии Шерозӣ умри бисёр кам дидааст. Ӯ соли 963 ҳ.қ дар Шерози Эрон таваллуд ёфта, соли 999 ҳ.қ. дар Ҳиндустон олами фониро падруд гуфт. Аммо бо ин ки Урфӣ дар Шероз таваллуд ёфта, муқаддамоти улумро аз рӯи илмҳои мусиқӣ, наққошӣ ва хаттотӣ (хати насх) дар Шероз фаро гирифтааст, нашъунамои шоирии ӯ марбут ба ҳиндустон аст. Забеҳуллоҳи Сафо ҳам дар такия бар кутуби тазкира ишорот бар маҷҳули даврони дар Эрон зистани Урфӣ менамояд: «Аз орои тазкиранависон метавон итминон пайдо кард, ки ӯ дар Шероз низ ба шоирӣ машғул буда, аммо намедонем, ки дар Шероз аз ҳимоёти амир ё дарбори хосе бархурдор будааст ё хайр» [10. с, 800]. Урфӣ дар аҳди шубоби ҳаёташ (тахминан дар 20-26-солагӣ) ба Ҳинд сафар карда, дар дарбори Акбар - аз бузургтарин шоҳони темурӣ роҳ меёбад. Дере нагузашта, Урфӣ дар дарбори темурии Ҳинд мақоми арҷмандеро соҳиб мегардад.

Урфӣ дар аксари анвои шеъри форсӣ қареҳаи бузурге дошт. Муаллифони кутуби тазкира ҳам дар ин хусус маълумот додаанд. Аз ҷумла, соҳиби тазкираи «Ҳафт иқлим» дар ин маврид қайд менамояд: «назмаш узубату салсабил (سلسبیل) ва насраш

хосияти Фирот (فرات) ва Нил (نيل) дорад ва ҷазолату саломату латофат бо матонат ангехта, назмаш андар ҳар иборот ҷаннате ороста, насраш андар ҳар ишорот оламе пероста» [7. с, 237].

Бояд бигӯем, ки дар эҷодиёти Урфӣ мақоми ғазал басо баланд аст. Дар истилоҳи адабӣ ғазал бар шеърҳое гуфта мешавад, ки дорои як вазн ва қофия бо матлаъи мусарраъ бошад. Андозаи маъмулии абиёти ғазал миёни панҷ то дувоздаҳ байт аст ва гоҳе ин меъёр ба понздаҳу шонздаҳ байт мерасад ва гоҳ аз он ҳам убур мекунад. Адабиётшинос Раҳим Мусулмонқулов оид ба вижагиҳои жанри ғазал чунин қайд намудааст: «Ғазал ҳамчун жанри бадеӣ давраи дуру дарозро аз сар гузаронидааст, як қатор анъанаҳои мундаричавӣ ва шаклиро соҳиб шудааст, чунончи: 1) мавзуъ, ки ишқ мебошад; 2) ғоя – садоқат дар дар муҳаббати поку беғаш ва илҳомбахш; 3) образ, ки маъмулан се навъ аст; а) муҳаббат, б) қаҳрамони лирикӣ, в) рақиб; 4) қофия, ки танҳо як шакл дорад: аа, ба, ва, га…; 5) ҳаҷм - одатан аз 7 то 12 байт мешавад; 6) тахаллус [3. с, 46].

Масъалаи пайдоиш, инкишоф ва сайри таърихии жанри ғазал борҳо мавриди таҳқиқу пажӯҳиши муҳаққиқони адаби форсу тоҷик қарор гирифтааст. Бинобар ин, дар ин матлаб сари ин масъала баҳс карданро лозим намедонем.

Аз ин гузориши мухтасар мурод ин аст, ки ғазали асри XVI-XVII бо мазмунофаринӣ ва нозукбаёнӣ ҳамоно давоми анъанаи ғазалсароёни асрҳои пешин аст. Дар ин давра дар қолаби ғазал шеъри фаровон суруда шудааст, ба гунае ки дар ин аср шоире нест, ки ғазал насуруда бошад. Шоирони бузурги ин давр агарчи дар ҳамаи қолабҳои шеъри форсӣ табъозмоӣ менамуданд, нуқтаи майлу таваҷҷуҳи онон бештар дар тарзи жанри ғазал мутамарказ мегашт. Дар ғазалсарои шоирон таваҷҷуҳи худро бештар маръӣ медоштанд. Тамимдорӣ дар ҳамин маврид баҷо қайд мекунад, ки «Шоирони машҳури қарни даҳуми ҳиҷрӣ ҳамчун Шарафи Қазвинӣ (968 ҳ.қ.), Ғизолии Машҳадӣ (980 ҳ.қ.) Ваҳшии Бофқӣ (991 ҳ.қ.), Урфии Шерозӣ (999 ҳ.қ.) ва Муҳташами Кошонӣ (994 ҳ.қ.) … дар навоварӣ мекӯшиданд…» [14. с, 377].

Дар байни ин ғазалсароён мақоми Урфии Шерозӣ хеле баланд аст. Ӯ шоирест, ки бо борикандешии мӯшикофона ва диқиқназариву зарофатхаёлӣ яке аз заминасозони сабки ҳиндист.

Саидмуҳаммад ибни Зайнулобиддин Балу мулаққаб ба Ҷамолуддин ва мутахаллис ба Урфии Шерозӣ аз маъруфтарин ва бузургтарин шоир ва ғазалсароёни охирҳои асри XVI ва ибтидои асри XVII (963-999 ҳ.қ.1555 – 56/ 1590-91 м.)-и доираи адабии Ҳиндустон мебошад, ки ба ҳангоми ҷавонӣ аз Шерози Эрон бо мақсади ба даст овардани зиндагии нек ва осудагии рӯзгор рӯ ба сӯйи Ҳинди Темурӣ ниҳод ва дар он ҷо шуҳрати азимеро сазовор гардид.

Маврид ба зикри хос аст, ки «Фарҳанг ва адаби порсӣ дар асрҳои XVI-XVII ба дараҷае дар шибҳи қораи Ҳинд инкишоф ва камол ёфт, ки ба ҳақиқат дар зодбум ё сарзамини аслии худ - Эрону Моваруннаҳр он рушду тараққиро пайдо накард, чунки дар ин асрҳо Ҳиндустон аз асоситарин маркази талиа ва таҷаддуди шеъри порсӣ ва интишори сабки наве дар шоирии порсӣ ва аз асоситарин нуқоти сермашғали таҷаммӯи шоирони порсигӯ ба шумор мерафт…» [11. с, 3]

Дар муддати ҳаёти начандон тӯлонӣ, Урфии Шерозӣ тавонистааст, ки осори мухталифе аз худ ба мерос гузорад. Кулиёти ашъори ӯ муштамил бар 14000 байт дар қолабҳои қасида, ғазал, рубоӣ, маснавӣ ва қитъа, ду маснавӣ бо номҳои «Маҷмаъ-ал-абкор» «مجمع الابكار», «Фарҳод ва Ширин», «Соқинома» дар қолаби маснавӣ ва рисолае ба наср дар бораи тасаввуф ба номи «Нафсия» мебошад. Он ҳама мероси пурғановат чун дурри маонӣ бо гузашти солҳо Урфиро ба мисли ситораи тобони осмони илму адаб дурахшонтару пурнуртар гардонида, ба дилҳо сурур, ба дидагон нур ва ба вуҷуди ҳар хонанда ғайрату ҷасорат бахшида, роҳи зиндагиву мубориза ва талошҳоро равшан месозад.

Урфии Шерозӣ дар соли 996 ҳ.қ. девони ашъорашро муштамил бар 26 қасидаву 280 ғазалу 800 шеър аз қитъаоту рӯбоӣ тартиб дода, ин рӯбоиро дар таърихи таҳияи он мегӯяд:

Ин турфа нукоти сеҳриву эъҷозӣ,
Чун гашт мукамммал ба рақампардозӣ.
Маҷмуаи тирози қудс таърихаш ёфт,
Аввал девони Урфии Шерозӣ [4. с, 88].

Дар ин рубоӣ бо корбарии ҳисоби абҷад дар мисраи чорум, ки моддаи таърихи таҳияи девон аст (996 ҳ.к), адади оҳод «آحاد» муъодил бо теъдоди қасоид 26, ашарот «عشرات» бо теъдоди ғазал 270 ва мот «مآت» мусовӣ бо 800 - теъдоди ашъори дигари ӯ яъне ҳам таърих ва ҳам теъдоди ашъор ба таври ҷудогона нишон дода шудааст.

Дар тазкираҳо ишора меравад, ки Урфӣ девони ашъорашро дар ҳоле тартиб додааст, ки пеш аз он 6000 байт аз шеърҳояшро гум карда буд. Дар робита ба ин масъала худи ӯ низ чунин гуфтааст:

Умр дар шеър ба сар кардаву дарбохтаам,
Умри дарбохтаро бори дигар бохтаам…,
Расад шаръи ҳунар чун нашавад маҳв, ки ман,
Шаш ҳазор оёти аҳкоми ҳунар бохтаам… [16. с, 367].

Аз ин ҷост, ки теъдоди осори Урфӣ дар тазкираву сарчашмаҳо нопурра ба назар мерасад. Дар ҷойи дигар, бо ин ки шоир аз бохтан, яъне гум кардани қисмате аз ашъори худ изҳори таассуф мекунад, аммо аз ин ки боз ганҷи дигареро аз аз шеър дар ихтиёр дорад, хушнудӣ мекунад:

Гуфта гар шуд зи кафам, шукр, ки ногуфта ба ҷост,
Аз дусад ганҷ яке мушти гуҳар бохтаам [ҳамон ҷо].

Вале дар куллиёти Урфии Шерозӣ ба назар мерасад, ки теъдоди қасоид аз 50, ғазалиёт аз 431, рубоиёту қитъаот, таркибот ва тарҷеот ва маснавиёти ӯ аз садҳо шеър иборат аст [16]. Эҳтимол аст, ки баъд аз танзим, мукаррараан ашъоре бар онҳо илова гардида бошад.

Ҷавоҳирӣ Вачдӣ дар муқаддимаи куллиёти Урфии Шерозӣ ба нақл аз тазкираи «Баҳористон» менависад, ки «Каломи мафқудшудаи Урфӣ ба даст омад ва дохили девон гардид» [16, с. 25]. Аммо Гулчини Маонӣ дар тазкираи «Корвони Ҳинд» менависад, ки девони Урфӣ ба кӯшиши Ҷавоҳирӣ Вачдӣ чопи интишороти Саноӣ шомили 8000 байт аст ва 6000 байт аз маҷмуи ашори Урфӣ кам дорад [1, с. 884]. Ҳамин аст, ки ихтилофе дар байни нусхаҳои мавҷудаи ашъори шоир ва он моддаи таърих, ки худи шоир дар рубоии боло таъкид дошта буд, ҷой дорад.

Муаллифони сарчашмаҳо, Урфиро бештар тавассути қасоидаш муаррифӣ кардаанд. Онон бар он назаранд, ки «шуҳрати Урфӣ рӯйи қасоиди ӯст, чун қудрати худро дар қасида ба ҳадди камол расонида» [16, с. 19]. Роҷеъ ба устодии Урфӣ дар қасидасароӣ Забеҳуллоҳи Сафо низ ишора ва қайд, ки Урфӣ бо ин сабабҳо дар қасида шуҳрат ба даст овардааст: «1) ба иллати тавоноӣ дар татаббуи шеваи устодони пешни аз худ; 2) ба сабаби тавоноӣ дар овардани сухани равон ва холӣ аз такаллуф ва дар ҳамон ҳол мунтахаб ва устувор, ҳамроҳ бо нозукхаёлиҳо ва мазмунёбиҳое, ки баъд аз ӯ мояи кори бисёре шоирон гардид; 3) барои гунҷонидани андешаҳои илмӣ ва нуктаҳое, ки метавон аз он истихроҷ намуд» [10, с. 806].

Дар ин баробар, нуктаи ҷолиби диққат ин аст, ки Урфӣ алорағми устодӣ дар қасидагӯйӣ худро шоири ғазалсаро медонад. Ӯ бар он андеша аст, ки қасида «назми ҳаваспешагон» аст ва ӯ худро аз «қабилаи ишқ» медонаду вазифаи шоириашро иборат аз сурудани ғазал донистааст:

Қасида назми ҳаваспешагон бувад, Урфӣ,
Ту аз қабилаи ишқӣ, вазифаат ғазал аст [17, с. 228].

Дар хусуси шуҳрату манзалати шахсияти адабии Урфӣ тазкиранависон ишораҳои зиёд намудаанд. Аз ҷумла, соҳиби тазкираи «Маасири Раҳимӣ» дар ин маврид қайд менамояд: «Шоири баландсухан ва комили сохибфан, мухтареи тарзи тозаест, ки алҳол дар миёнаи мардум муътабар аст ва мустаидону сухансанҷон ва нукташиносон писандида ва маъқул дониста, татаббуи ӯ намоянд. Чандон ибдои маонии ғариба ва мазомини аҷиба ва абёти орифонаи ошиқона, ки ӯ карда, ҳеҷ кас накарда ва ин тавр шуҳрате, ки ӯро ба ҳам расида, ҳеҷ як аз амсол ва акрони ӯро ба ҳам

нарасида ва нахоҳад расид, чи амсол ва акрон, ки устодон ва суханварони мозия мисли Ҳоқонӣ ва Анварӣ ва Саъдӣ ва Шайх Низомиро дар замони ҳаёт ин иштиҳор дар қасида ва ғазал ва маснавӣ набуд. Шуҳрати ӯ ба ҷое расида буд, ки девони ғазалиёт ва қасоиди ӯро сухансанҷон ва нуктадонон таъвизвор бар бозуи худ баста, шабу рӯз бо худ ҳамроҳ медоштанд ва тамомии ашъори обдораш дар сафоини хотири хоссу ом манқуш ва мастур» [6, с. 293].

Гулчини Маонӣ дар «Корвони Ҳинд» дар ҳамин маврид доир ба хуштолеӣ ва маҳбубияти Урфӣ чунин мегӯяд: «Урфӣ ва Ҳусайн Саноӣ, аз шеър ачаб толеъе доранд, ки ҳеҷ кӯча ва бозоре нест, ки китобфурӯшон девони ин ду касро дар сари роҳ гирифта наистанд ва ироқиён ва ҳиндустониён низ ба табаррук мехаранд...» [1, с. 877].

Абдуннабӣ Фахруззамонӣ дар тазкираи «Майхона» дар иртибот бар сабки шоирии Урфӣ шеъри ӯро аз назари истиорапардозӣ ва фанни тозагӯйӣ ва ороиши мазомин беназир медонад [9, с. 215]. Саид Нафисӣ низ дар китоби «Таърихи назм ва насри форсӣ» ӯро яке аз беҳтарин шоирони сабки ҳиндӣ шуморидаву ғазали ӯро аз соири ашъораш беҳтар донистааст [5, с. 617].

Ҳамин аст, ки шуҳрати Урфӣ ҳамчун шоир ва ғазалсарои бузург дар саросари Ҳиндустон, Эрон ва Империяи Усмонӣ (Туркия) паҳн мегардад.Чунончи муҳаққиқони муосир низ мукаррар дар ин хусус андешаронӣ кардаанд [2, с. 964-999].

Он гуна ки дар боло ишора шуд, миқдори ғазалҳо дар нусхаҳои чопии девонҳои Урфӣ ба таври мухталиф мебошанд. Намунаи ин ихтилофи ададиро метавон дар намунаи ғазалиёти ӯ мушоҳида кард. Масалан, дар «Девони Урфии Шерозӣ», чопи Конпур – Ҳинд (1880 мелодӣ / 1297 ҳиҷрӣ – қамарӣ,) - 575 ғазал [15, с. 2-115], «Урфии Шерозӣ. Девони ашъор. Шомили рисолаи «Нафсия», қасоид, тарҷеъбанд, таркиббанд, ғазалиёт, рубоиёт, соқинома, маснавиёт». Ба кӯшиши Ҷавоҳирии Ваҷдӣ. Чопи севум. Теҳрон: Саноӣ, (1369) – 431 ғазал [16, с.205-357], «Урфии Шерозӣ. Куллиёт» /Ба кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Валиюлҳақи Ансорӣ (муштамил бар қасидаҳо, таркиббандҳо, тарҷеъбандҳо, қитъаот, бар асоси нусхаҳои Абулқосими Сироҷои Исфаҳонӣ ва Муҳаммадсодиқи Нозими Табрезӣ). - Дар се муҷаллад. - Ҷ. 1. - Теҳрон, (1378)- 882 ғазал [17, с.228-848], мавҷуд мебошанд.

Мо ҳангоми таҳқиқи масъала ба нусхаи «Девони ашъори Урфии Шерозӣ», ки шомили рисоляи «Нафсия», қасоид, тарҷеъбанд, таркиббанд, ғазалиёт, рубоиёт, соқинома, маснавиёт мебошад ва ба кӯшиши Ҷавоҳирии Ваҷдӣ дар нашриёти «Санойи»-и Теҳрон бори сеюм соли 1369ҳ./1961-62 рӯйи чоп омадааст, такя намудем [16, с. 206 - 357].

Аз таркиби нусхаҳои гуногуни девони Урфии Шерозӣ маълум мегардад, ки дар эҷодиёти у ғазал ҷойгоҳи асосӣ дорад. 431 ғазалеро, ки дар девони таҳиякардаи Ҷавоҳирӣ ҷой дода шудаанд, мо аз нигоҳи теъдоди абиёт таҳлили оморӣ намудем, ки дар он ғазалҳои 4-байтӣ - 18 адад, 5-байтӣ - 72 адад, 6-байтӣ - 128, 7-байтӣ -107, ғазал, 8-байтӣ – 63, 9-байтӣ - 27, 10-байтӣ - 10, 11-байтӣ - 2, 12 байтӣ - 2, 13-байтӣ - 1 ва 14- байтӣ - 1 ададро ташкил медиҳанд. .

Таҳлил ва ташхиси омори ғазалиёти Урфиро мо дар асоси нусхаи девони номбурда бад-ин тарз мураттаб сохтем:

Теъдод и абёт	Теъдоди ғазал	Шумораи тартибии ғазалҳо
4	18	70, 90, 96, 111, 125, 127, 128, 130, 131, 141, 146, 193, 214, 252, 284, 299, 319, 397,
5	72	2, 4, 12, 15, 16, 25, 28, 30, 35, 42, 43, 45, 46, 52, 55, 61, 65, 76, 77, 83, 87, 97, 105, 106, 114, 117, 124, 145, 148,163, 168, 169, 170, 178, 180, 181, 183, 184, 191, 206, 232, 241, 242, 244, 250, 263, 276, 280, 282, 297, 298, 303, 308, 310, 315, 316, 322, 334, 343,344, 348, 352, 364, 366, 376, 406. 407, 409, 412, 419, 423, 424,
6	128	1, 5, 8, 9, 11, 13, 14, 17, 18, 19, 23, 31, 32, 33, 36, 40, 41, 47, 48, 53, 62, 64, 67, 72, 74.75, 78, 84, 85, 89, 98, 102, 107,108, 113, 115, 119, 120, 121, 133, 136, 137, 142, 154, 155, 157, 158, 160, 165, 173, 179,182,

		185, 188, 190, 194, 195, 198,209, 215, 217, 218, 219, 220, 223, 225, 230, 233, 243, 246, 248, 249, 251 бм, 253 бм, 256, 258, 262, 268 бм, 269, 272, 273. 274, 288, 289, 291, 292, 293, 294, 300, 302. 304, 305, 311,313. 314, 317, 320, 321, 323, 336, 337, 340, 342, 345, 347, 350, 359, 362, 363, 365, 367, 369, 370, 374, 375, 388, 390, 392, 398, 401, 408, 410, 413, 415, 418, 422, 426, 430
7	107	3,20, 21, 22, 27, 38, 49,50,51, 54, 58, 63, 68, 82, 86, 91, 93, 95, 99, 100, 104, 109, 112, 122, 123, 126, 132, 135, 139, 140,149, 150, 152, 156, 171, 174, 177, 189, 196, 197, 200, 202, 203, 207, 208, 210, 216, 221, 222, 224, 226, 228, 231, 235, 237,240, 247, 257, 259, 260. 264, 265, 267, 270. 271, 275, 277, 278, 281, 286. 287, 290, 295, 307, 324, 328, 329, 320, 333, 339, 346, 349, 351, 354, 356, 358, 368, 372, 373, 381, 383, 384, 385, 386, 387, 389, 395, 396, 404, 411, 416, 420, 421, 425 бм, 428, 429, 431,
8	63	7, 10, 24, 26, 29, 34, 37, 39, 57, 60, 65, 66, 69, 71, 79, 80, 92, 103, 116, 134, 138, 143, 144, 153, 159, 161, 162, 167, 172, 175, 176, 187, 192, 199, 204, 212, 213, 227, 229, 234, 236, 261, 279, 283, 285, 301, 306, 318, 236, 327, 335, 341, 357, 360, 378, 380, 393, 399, 400, 402, 403, 405, 414,
9	27	56, 59, 81, 94, 110, 118, 147, 166, 186, 201, 205,211, 238, 245, 255, 309, 325. 332, 338. 355, 361, 371, 377, 382, 391, 394, 417,
10	10	6, 44, 88, 129, 239, 254, 266. 312, 353, 427,
11	2	101, 379,
12	2	151, 296,
13	1	164
14	1	331

Аз рӯйи ин тартиб маълум мешавад, ки зиёда аз 90 %-и ғазалҳои Урфии Шерозӣ дар қолаби анъанавии ғазал ва меъёри муқарраргардидаи ин жанри бадеӣ омадааст. Миқдори ғазалҳои 10, 11, 12, 13, 14 - байтӣ чандон зиёд нестанд.

Ба қайд кард, ки қолаби шаклии ғазал аллакай то замони Урфӣ ҳанӯз асрҳои IX - X то асри XVI устувор гардида буд ва аксари ғазалҳои шоирони машҳури пешина Амир Хусрав, Ҳофизу Камол, Саъдиву Ҷомӣ дар ҳамин қолабҳои устуворгардидаи анъанавӣ эҷод гардидаанд. Бинобар ин Урфии Шерозӣ жанри ғазалро дар ҳамин қолабҳои анъанавӣ комилан давом додааст. Аз 431 ғазал ҳамагӣ 18 ғазали он дар шакли 4-байтӣ гуфта шуда, 413 ғазали дигар дар ҳаҷмӣ 5-байтӣ то 14-байтӣ гуфта шудаанд. Ҳудуди ҳаҷми ғазалҳои Урфӣ дар ҳудуди қолабест, ки адабиётшиносони муайян кардаанд.

Ғазалиёти Урфии Шерозӣ аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа басо ғанӣ аст. Шерзод Тоифӣ дар ҳамин маврид дуруст қайд кардааст: “бо баррасии ашъори Урфӣ, сатҳи фикр ва анвои андешаи ғолиб бар зеҳни ӯро ба истинод ба басомади анвои ҳавзаҳо ва шохисаҳои фикрии шеъраш ба чаҳор бахш, андешаҳои орифона, ошиқона, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ тақсим карда, ӯро шоире бо ҷанбаҳои фикрӣ мутанаввеъ дар назар гирифт” [13, с. 44]. Инро қайд кардан бамаврид аст, ки тамомии мавзуоти ғазалиёти Урфӣ дар гирди афкори ирфониву фалсафӣ мутамммарказ гардидаанд. Ба дигар маънӣ, шеъри Урфӣ бар фалсафа ва тафаккури ирфонӣ асос ёфтааст. Нодида гирифтани афкори фалсафиву ирфонии Урфӣ – ин сарфаҳм нарафтан ба умқи тахайюли шоиронаи ӯ ба ҳисоб хоҳад рафт. Ҳам мавзуи ишқу муҳаббат ҳам мавзуи шикваиву иҷтимоӣ ва дигар мавзуъҳо – ҳамагӣ аз дидгоҳи мутафаккирона ва фалсафиву ирфонии Урфӣ баррасӣ гардидаанд. Ҳарчанд ки роҷеъ ба кадом ҷараёну равияҳои ирфониву тасаввуфӣ гаравидани Урфӣ дар сарчашмаҳо маълумоте вуҷуд надорад, афкори вай дар тамомии ғазалиёташ дар чаҳорчӯби тафаккури ирфониву фалсафӣ матраҳ гардидаанд. Чунончи дар ғазали зерин ҳамин гуфта сабт мешаванд:

Мо ташналабу чашмаи ҳайвон нафаси мост,
Дарвеши ҷаҳонему ҳумо дар қафаси мост.

Он заҳрпарасте, ки бувад дар шакаристон,
Бегона зи хоидани шакккар магаси мост.
Он Каъба равонем, ки дар бодияи роз
Хомӯшии ҷовид фиғони ҷараси мост.
Аз лаззати умеди тамошои ту мурдан,
Дар боғи таманно самари пешраси мост.
Мурғони иҷобат ҳама бирёну кабобанд,
Дар боғи дуое, ки насимаш нафаси мост.
Урфӣ, каси мо ҳар ки бувад, ҳилафӯруш аст,
Дар бекасӣ овез, ки бегуфт каси мост [16, с. 215].

Чунончи дида мешавад, ки ғазали мазкури Урфӣ пурра мавзуи ирфониву фалсафӣ ба ҳисоб рафта, баёнкунандаи афкору андешаҳои ботинии ӯ мебошанд. Дар ғазал вожаҳову ибораҳое истифода шуда, ки онҳоро метавон ба ҳайси истилоҳоти ирфониву тасаввуфӣ эътироф кард. Аз ҷумлаи ин вожагону ибораҳо ташналаб, чашмаи ҳайвон, нафс, дарвеш, Каъба, бодия, роз, хамӯшии ҷовид, ҷарас, лаззати умед, дуо ба шумор мераванд, ки баҳри маънидод кардани мазомини ғазал аз мақоми меҳварӣ бархурдоранд.

Дар ғазалиёти Урфии Шерозӣ байтҳои зиёде мавҷуданд, ки маъруфияти зиёд пайдо кардаанд ва то бад-ин рӯзан забонзади хоссу ом гаштаанд. Ба дигар маънӣ, абёти алоҳидаи Урфӣ миёни мардум ҳукми амсоли сойирро касб карда, ба мақолу зарбулмасал табдил ёфтаанд.

Агар миёни шоирони сабки ҳиндӣ Соиби Табрезӣ дар мавриди шуҳрат пайдо кардан ва ба амсолу мақол табдил ёфтани байтҳои алоҳидааш аз ҳаминон мумтоз бошад, мақоми Урфии Шерозӣ ҳам дар ин бобат қобили таваҷҷуҳ аст, зеро аз девони эҷодиёти ӯ абёти зиёдеро метавон пайдо кард, ки ба ҳукми мақолҳои халқӣ аз замон ба замон сайр менамояд ва маъруфият ба даст меоваранд. Аз ҷумла ин байтҳоро метавонем ба ҳайси мисол овард, ки шуҳрати хоса доранд ва миёни хосу ом гӯшзад шудаанд:

Гар нахли вафо бар надиҳад, чашми таре ҳаст,
<u>То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст</u>...[16, с. 216].

Ё:

<u>Зи манҷаниқи фалак санги фитна меборад,</u>
Ман аблаҳона гурезам ба обгинаи ҳисор... [16, с. 67].

Ҷойи дигар:

Чашмам на баҳри хеш дами назъ тар шавад,
<u>Тарсам, ки ман бимираму ғам дар ба дар шавад...</u> [17. с, 570]

Ё:

<u>Чун захми тоза дӯхта, аз хун лаболабам,</u>
Эй вой, агар ба шиква шавад ошно лабам... [16. с, 338]

Урфии Шерозӣ аз қабили шоирони навгӯю тозатарз аст, ки дурахши ҳунар ва паҳноии андешааш боиси ҳайрат ва муҳаббат, истиқболу пайравӣ гардида, тӯли қарнҳост мардуми сухансанҷ ашъори ӯро дар оғӯши ихлос чун ганҷина нигаҳдорӣ менамоянд. Муҳимтарин дастоварди андешавии худодияш худогоҳиву худшиносии ӯст, ки тавонистааст онҳоро дар беҳтарин шакл матраҳ намояд. Ва ӯ тавассути афкори худшиносияш дар зеҳни афроди гуногунтабақа чи хоссу чи ғайрихос таъсири амиқ мегузорад. Аз ин нуқтаи назар афкору андеша ва назариёти нави ӯ барои ҷомеа аҳаммияти фаровоне доранд.

Дар тафаккури фалсафӣ ё фалсафаи ахлоқии Урфӣ мавзуъе, ки беш аз ҳар мавзуъ таваҷҷуҳи ҳар хонандаи закиро ба худ ҷалб менамояд ва дар сархатти тамомии мавзуоти ашъори шоир қарор дорад, ин иззати нафс мебошад. Мавзуи мазкур, аввалан, аз эҳсосоти худшиносӣ ё худогоҳии Урфӣ маншаъ гирифтааст. Яке аз муҳаррикон ё сабабҳои ба ин мавзуъ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардани Урфӣ муҳити адабии Ҳинд, ба хусус Деҳлӣ ба шумор мерафт, ки шоирону фозилон ва донишмандони зиёдро дар гирди худ ҷамъ оварда, ононро мудом ба сабқати шоирӣ ва баҳсҳои ҳунарӣ мекашид. Бинобар

ин, баҳри ба даст овардани бахт ва комёр гардидан, аҳли адаб мудом кӯшишу талош мекарданд ва албатта, тавассути нишон додани ҳунару маҳорати хеш дар ҳифзи арзишҳои фардӣ, ба хусус, иззати нафс мекушиданд. Урфии Шерозӣ, ки ҳанӯз ба ҳангоми вуруд ба доираи адабии Ҳинд ҷавон буд, дар бархурд ба чунин муҳити пурмашғала сайъ ба ҳифзи худ ва мақому мартабаи шоирияш мекунад. Дар бархурд бо муҳтавои эҷодиёти Урфӣ, мазомини зиёдеро метавон дарёфт кард, ки шоир тавассути онҳо ҳикмат ва истиқлоли фикрии хешро баён доштааст. Аз ҷумла дар байтҳои зерин ҳамин кӯшиши Урфӣ ба таври равшан маълум мегардад:

Гар марди ҳиматӣ, зи муруват нишон махоҳ,
Сад ҷо шаҳид шав, дият аз душманон махоҳ...
Шарён зи пӯст баркашу дар коми теғ неҳ,
Лабро гулӯ бигиру зи қотил амон махоҳ... [16, с. 137].

Ва ё дар абёти зерин:

То хуни дил тавон хӯрд, эй ташнаи каромат,
Наздики лаб маёвар оби зулоли мардум...
Ҳангоми узрхоҳӣ товон захрнӯшист,
Гар ҷоми Ҷам надорӣ, машкан сафоли мардум...[16, с. 335].

Дар фалсафаи ахлоқии Урфӣ ҷуз аз иззати нафс ва худхоҳӣ мавзӯи эҳсоси эҳтиром нисбат ба адён ва мазҳабҳои дигар низ мақоми назаррас дорад. Дар шиносоӣ бо афкори ахлоқии шоир намунаҳои зиёдро метавон пайдо кард, ки инъикоскунандаи диди бомуҳаббат нисбат ба динҳову мазҳабҳо мебошанд. Аз ҷумла дар байти зерин ҳамин мавзуъ чашмрас аст:

Чунон бо неку бад Урфӣ ба сар бар, к-аз паси мурдан,
Мусулмонат ба замзам шуяду ҳинду бисӯзонад. [16, с. 256]
چنان با نیک و بد عرفی بسر بر کز پس مردن
مسلمانت بزمزم شویدو هندو بسوزاند

Ҳамчунин афкори муҳаббатомез, бе шак, аз назаргоҳи таҳлилгароёнаи Урфӣ маншаъ гирифтаанд ва нишондиҳандаи диди мусоватхоҳонаи шоир нисбат ба адён ва мазҳабҳои дигар мебошад.

Дар анҷоми мақола метавон зикр кард, ки Урфӣ дар таърихи адаби форсии асрҳои XVI- XVII Ҳинд аз маъруфтарин ғазалсароён маҳсуб гардида, тавассути ин жанри шеърӣ дар бунёд ва ривоҷу равнақи минбаъдаи сабки ҳиндӣ саҳми қобили таваҷҷуҳеро бар ҷой гузоштааст. Агарчи Урфӣ дар ғайри асрҳои мазкур аз нигоҳи шаклу сохтор дигаргунии ҷиддие ворид насохтааст, аммо дар иртибот ба мавзуъ ва мундариҷа, тарзи корбурди санъатҳои бадеӣ, омезиш додани мавзуоти ғиноии ғазал бо мазомини фалсафиву ирфонӣ ва ахлоқиву иҷтимоӣ нақши муассире дар таҳаввули ғазали форсӣ гузоштааст. Ин эҳтимолияти Урфӣ баъдан маншаи илҳому пайравии шоирони сабки ҳиндӣ, ба хосса, Калим, Соиб ва дигар суханварони ҳавзаи адабии сарзамини мазкур гардид.

Адабиёт:

1. Гулчини Маонӣ, Аҳмад. Корвони Ҳинд /Гулчини Маонӣ, Аҳмад.- Ҷ. 2. -877 с.
2. Ғуломӣ, Мустафо. Аз оғози қарни даҳум то миёнаи қарни дувоздаҳуми аҳди Сафавӣ (907-1148) [манбаи электронӣ]. URL: https://adab57.blogsky.com/1391/09/04/post-6 (санаи истифодабарӣ: 18.10.2020)
3. Мусулмонқулов Р. Дарахти дӯстӣ биншон /Р. Мусулмонқулов.- Душанбе: Адиб.- 1987.-240 с.
4. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър – ул – аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон /Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Саидмуҳаммад Фахр Доии Гелонӣ.-Теҳрон: Суруш.-1378.-515 с.
5. Нафисӣ, Саид. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва дар забони форсӣ /Саид Нафисӣ.- Фурӯғӣ.-1366.-669 с.
6. Наҳовандӣ, Абдулбоқӣ. Маосири Раҳимӣ /Абдулбоқии Наҳовандӣ. Муқаддимаи Арзии Шерозӣ.- Калкута.-1931.-1298 с

7. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим /Амин Аҳмади Розӣ. Ба тасҳеҳи Ҷод Фозил.- Теҳрон.-1360.-520 с.

8. Розӣ, Тамидорӣ. Ирфон ва адаб дар асри Сафавӣ /Тамидории Розӣ. Чопхонаи Фатоҳӣ.-1372.-Ҷ. 1.-522 с.

9. Фахруззамони Қазвинӣ, Абдуннабӣ. Майхона /Фахралзамонии Қазвинии Абдуннабӣ.-Теҳрон.- 1005.- 411с.

10. Сафо, Забеҳулло, Таърихи адабиёт дар Эрон /Забеҳуллоҳи Сафо. (7 муҷаллад).- Ҷ. 4.- Теҳрон: Фирдавс.-1369.- 458 с.

11. Саидҷафаров О. Калими Кошонӣ ва ашъори ғиноиии ӯ /О. Саидҷаъфаров.- Душанбе.-2012.-184 с.

12. Саидҷаъфаров О. Симои Урфии Шерозӣ – ғазалсарои бузурги дарбори Темуриёни Ҳинд дар сарчашмаҳо /О. Саидҷаъфаров //Паёми Донишгоҳи миллӣ. Бахши илмҳои филологӣ.-2014.-№4/2. С.151-158.

13. Тоифӣ, Шерзод. Дар омаде бар сабк ва андеша дар ғазалиёти Урфии Шерозӣ / Шерзоди Тоифӣ //Дониш - фаслномаи илмӣ пажӯҳишии Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон. Исломобод.-1390, №106.- С. 33-56.

14. Тамимдорӣ, Аҳмад. Ирфон ва адаб дар асри Сафавӣ /Тамимдории, Аҳмад. Дар се ҷилд.- Ҷ 1.- Чопхонаи Фаттоҳӣ.-1372.- 522 с.

15. Шерозӣ, Урфӣ. Девони ашор /Урфии Шерозӣ. Чопи Конпур.- Ҳинд.- 1297.- 179 с.

16. Шерозӣ, Урфӣ. Девони ашъор /Урфии Шерозӣ. Шомили рисолаи «Нафсия», қасоид, тарҷеъбанд, таркиббанд, ғазалиёт, рубоиёт, соқинома, маснавиёт. Ба кӯшиши Ҷавоҳирии Вачдӣ.-Чопи севум.- Теҳрон: Саноӣ.-1369.- 503 с.

17. Шерозӣ, Урфӣ. Куллиёт /Урфии Шерозӣ. Ба кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Валиюлҳақи Ансорӣ (муштамил бар қасидаҳо, таркиббандҳо, тарҷеъбандҳо, қитъаот, бар асоси нусхаҳои Абулқосими Сироҷои Исфаҳонӣ ва Муҳаммадсодиқи Нозими Табрезӣ). - Дар се муҷаллад. – Ҷ. 1. – Теҳрон.- 1378.- 1014с.

ЖАНРИ ҒАЗАЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ УРФИИ ШЕРОЗӢ

Дар мақола эҷодиёти яке аз мустаидтарин намояндагони сабки ҳиндӣ Ҷамолуддин Урфии Шерозӣ, ки дар даврони ҳаёт фахри дарбори Темуриёни Ҳинд ба шумор мерафт ва сафинаи ашъораш дар қалби ҳаводорони шеъру сухан дар гардиш буд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Урфии Шерозӣ (1555-56/1590-91) аз маъруфтарин ва бузургтарин шоирони охирҳои асри XVI ва ибтидои асри XVII доираи адабии Ҳиндустон аст. Бо он ки Урфӣ дар Шероз таваллуд шуда ва муқаддамоти улумро аз рӯйи илмҳои мусиқӣ, нақкошӣ ва хаттотӣ (хатти насх) дар Шероз гирифтааст, шуҳрати шоирии ӯ аслан ба Ҳинд мансуб аст. Ӯ дар айни ҷавонӣ бо мақсади ба даст овардани накӯзистӣ ва зиндагии шоиста аз ватани худ Шерози Эрон рӯ ба сӯйи Ҳинд менихад. Дар доираи адабии Ҳиндустон Урфӣ шуҳрати бас азимеро сазовор мегардад, то он ҷо ки надими хоссаи шоҳзоди Ҳинд мегардад ва миёни шоирони баландмақоми сарзамини мазкур ҷойгоҳи азимеро соҳиб мегардад.

Дар эҷодиёти Урфӣ анвои гуногуни шеърӣ ба корзор мерасад. Аммо дар шиносоӣ бо муҳтавои эҷодиёти шоир ва дар такя ба маълумоти кутуби тазкира, маълум мегардад, ки миёни ҷомеи жанрҳои шеърӣ дар эҷодиёти Урфӣ мақоми арзишманд насиби ду жанр – қасида ва ғазал аст.

Мавзуи таҳқиқотӣ дар мақола атрофи ғазалиёти Урфӣ сурат гирифтааст, ки аз ин ҳайс онро метавон мавзуе нав талаққӣ кард, чун дар адабиётшиносии даврони истиқлоли тоҷик оид ба ғазалиёти Урфӣ то ба ҳол пажӯҳиши махсус ва алоҳида сурат нагирифтааст.

Муаллиф пеш аз ҳама кӯшидааст, ки ғазалҳои Урфиро аз нигоҳи оморӣ мавриди таҳлил қарор дода, мақоми онҳоро дар қиёс бо дигар анвои шеърии девони шоир муайян намояд. Муаллиф назари соҳибони кутуби тазкира ва муҳаққиони муосирро рочеъ ба ҳунари аслии Урфӣ оварда, зикр намудааст, ки агарчи аксари муаллифони сарчашмаҳо ва осори таҳқиқӣ ҳунари баланди шоирро бештар дар

маҳдудаи қасоиди вай нишон кардаанд, худи Урфӣ хештанро пеш аз ҳама шоири ғазалсаро мехонад ва даъво дорад, ки ғазал махсуси ҳунари ӯст. Дар ин маврид муаллифи мақола аз худи шоир амсилаи шоҳид оварда, назари худро роҷеъ ба ин мавзуъ мудаллал менамояд, ки шоистаи истеҳсон аст.

Он чӣ муаллиф дар иртбот бар мақоми жанри ғазал дар эҷодиёти шоир муҳокимаронӣ намудааст, қобили таваҷҷуҳ буда, аз тааммуқи вай дар жарфнои шеъри Урфӣ далолат менамояд.

Вожаҳои калидӣ: Урфии Шерозӣ, жанри ғазал, девони ашъор, сабки ҳиндӣ, мазомини ирфониву фалсафӣ, иззати нафс.

ЖАНР ГАЗЕЛИ В ТВОРЧЕСТВЕ УРФИ ШЕРОЗИ

В статье рассматривается творчество одного из самых влиятельных представителей индийского стиля Джамолуддина Урфи Шерози, который при жизни был гордостью индийских тимуридов, а его поэзия была в сердцах любителей поэзии и красноречия. Урфи Шерози (1555-56/1590-91) — один из самых известных и величайших поэтов конца XVI — начала XVII веков в индийской литературе. Хотя Урфи родился в Ширазе и получил первичное образование музыки, живописи и каллиграфии в Ширазе, его поэтическая слава восходит к Индии. В молодости, чтобы заработать на достойную жизнь, из родного Шираза поедет в Индию.

В литературных кругах Индии Урфи приобрел большую известность до такой степени, что стал особым спикером принца Индии и одним из самых влиятельных поэтов страны.

В творчестве Урфи есть разные типы поэзии. Однако при ознакомлении с содержанием творчества поэта и на основании сведений хрестоматий к жанрам поэзии становится ясно, что в творчестве Урфи особое место занимает два жанра - касыда и газель.

Тема исследования статьи связана с газелями Урфи, что можно считать новой темой, так как специальных исследований газелей Урфи в литературе периода независимости Таджикистана не проводилось.

Прежде всего, автор попытался проанализировать газели Урфи со статистической точки зрения и определить их статус в сравнении с другими жанрами творчества поэта. Автор приводит мнение авторов хрестоматий и современных ученых о самобытном творчестве Урфи, отмечая, что, хотя большинство авторов источников и исследований показывают высокое мастерство поэта в масштабах его касыды, сам Урфи считает, что особенностью его творчества является газель.

В этой связи, выражая свое мнение, автор статьи приводит примеры из творчества самого поэта и предъявляет достойную критику на эту тему.

То, что рассуждает автор в связи со статусом жанра газелей в творчестве поэта, примечательно и свидетельствует о глубине его исследований в недрах поэзии Урфи.

Ключевые слова: Урфи Шерози, жанр газели, сборник стихов, индийский стиль, мистико-философские принципы, чувство собственного достоинства.

GENRE OF GAZELLE IN CREATION OF URFI SHEROZI

The work of one of the most talented representatives of the Indian style, Jamoluddin Urfi Sherozi, who was the pride of the Indian Timurids of his time, and his poetry was in the hearts of poetry lovers and eloquence is dealed in this article. Urfi Sherozi (1555-56/1590-91) is one of the most famous and greatest poets of the late 16th and early 17th centuries in Indian literature. Urfi was born in Shiraz and received his basic scientific knowladge in music, painting and calligraphy in his hometown, but his poetic fame he earned in India. In order to earn for the best life while his youth Urfi moved from Iran to India.

In the literary circles of India, Urfi gained great fame to the extent that he became a special speaker of Indian Prince and one of the most influential country poets.

There are different types of poetry in Urfi's creation. But while familiarization with the content of the poet's creation and on the basis of the information from the anthologies, it

becomes clear that two genres - qasida and gazelle - occupies a special place among the genres of poetry.

Such as no special studies of Urfi's gazelles were carried out since the literature of the independence period of Tajikistan, the research topic can be considered as a new and actual topic.

First of all, the author tried to analyze Urfi's gazelles from a statistical point of view and determined their status in comparison with other genres of the poet's creation. The author cites the opinion of the authors of anthologies and modern scholars about the original work of Urfi, noting that, although most of the authors of sources and studies show the high skill of the poet on the scale of his qasidas, but Urfi believes that the gazelle is a feature of his work.

In this regard, expressing his opinion, the author of the article gives examples from the work of the poet and presents worthy criticism on this topic.

The theme that author argues in connection with the status of the gazelle genre in the poet's creation is notable and testifies to his deep research in the depths of Urfi's poetry.

Key words: Urfii Sherozi, genre of gazelle, devon of poems, indian style, mystical and philosophical meanings, feeling of dignity.

Маълумот дар бораи муаллиф: Муҳаммадҷони А., муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ, ДДК ба номи А.Рӯдакӣ. Суроғa: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров-16.Телефон: (+992) 988123234, e-mail: mabduvokhidov@mail.ru

Информация об авторе: Мухаммаджони А., старший преподаватель общеуниверситетской кафедры таджикского языка, КГУ им. А. Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова-16. Телефон: (+992) 988123234, e-mail: mabduvokhidov@mail.ru

Information about the author: Muhammadjoni A., senior teacher of the interfaculty chair of tajik language, Kulob State University named after A. Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov st.-16. Phon: (+992) 988123234, e-mail: mabduvokhidov@mail.ru

УДК – 8125 (2 тоҷ)
ББК – 81 (2 тоҷ)
И - 11

НАЗАРИЯИ ТАҲАВВУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ГИЁҲӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Сабоҳати И.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Истилоҳшиносӣ калимаҳои мутааллиқ ба соҳаҳои гуногунро ба таври умумӣ ва фардӣ меомӯзад. Истилоҳ ҳамеша далолат бар мафҳум мекунад, яъне тавассути ифодаи мафҳум хусусиятҳои умдаи истилоҳот муайян мегарданд. Ба қавли П.Г. Нуров: “Калимае, ки тавассути он номи мафҳум фаҳмида мешавад, истилоҳ ном дорад. Бунёди мафҳум, асосан, бо фаъолияти тахассусии одамон вобаста ба соҳаи илм, техника, маълумот, истеҳсолот ва мисли инҳо алақамандӣ дорад” [9, с. 11].

Маҷмуаи вожаву истилоҳоте, ки миллатҳои гуногуни ҷаҳон дар тӯли таърихи мавҷудияти худ сохта ва ба кор бурдаанд, ойинаест, ки дар он шеваи зиндагии суннатӣ ва фарҳангу тамаддуни онҳо мунъакис гардидааст. Баррасии таърихи ташаккули истилоҳот бисёр лаҳзаҳои печидаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто дараҷаи тараққиёти ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои мухталифи шаклгирии миллатҳо равшан месозад. Ин луғоту истилоҳот, чунонки медонем дар ҳеҷ забон муддати дароз собит намемонад. Ҳар андешаи нави маънавӣ ва ҳар падидаи тозаи моддӣ, ки дар ҷомеа пайдо мешавад, тағйирот ва дигаргуние дар низоми вожаҳо ва истилоҳоти ҷории забони он ҷомеа падид меоварад.

Ин андешаву афкори нави иҷтимоиву сиёсӣ ва ашёи тозаи моддӣ, ки мусалламан дар қолаби луғоту истилоҳот баён мешаванд, агар парвардаи зеҳн ва сохтаи андешаи миллат бошад, равшан аст, ки асбоби эътибору иқтидори миллат ва ғановати забони он мегарданд.

Аз оғози пайдоиши худ забони форсии дарӣ ба ғайр аз назму наср дар заминаҳои илму фан, фалсафаву адаб, мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фаъолиятҳои идориву ҳуқуқӣ ба кор рафтааст. Гувоҳи ин даъво китобҳо ва таълифоти фаровонест, ки дар ҳар яки ин риштаҳо навишта шуда, то имрӯз ба ҷо мондаанд. Суханварону суханшиносон дар тӯли садаҳо барои баёни чунин маъно ва мафҳумҳои гуногун садҳо вожаву таркибот сохтаанд, ки ҳар кадоми онҳо дар забон ҷойгоҳи худро доштаанд ва мо метавонем бо онҳо, ҳатто имрӯз ҳам як миқдор мафҳумҳои тозаи иҷтимоиву сиёсӣ ва илмиву фаннии мавриди ниёзи худро ифода кунем.

Дар рӯзгори мо вазъ ба куллӣ тағйир ёфтааст. Доманаи муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва кашфиётҳои илмии башарият ба андозае густариш пайдо кардааст, ки дар ҳар соҳа ҳазорон луғату истилоҳоти тоза сохта ва ба кор бурда мешавад.

Истилоҳ воситаи муҳимтарини муоширати илмӣ буда, беасосӣ ва нодурустии истилоҳ метавонад боиси нофаҳмиҳо дар байни олимон, дар ҷараёни ҳамкорӣ ва иртиботи илмӣ гардад.

Дар солҳои 30-юми асри XX як фанни нави илмӣ - амалӣ аз забоншиносӣ ҷудо гардида, ба ташаккул кардан оғоз намуд, ки ин истилоҳшиносӣ буд.

Ба ақидаи В.М. Лейчик «Истилоҳшиносӣ ин фанни муосири илмӣ буда, объекти таҳқиқи он истилоҳот ва тамоми системаҳои истилоҳот ба шумор меравад» [6, с. 30-31]. Олимони барҷастае чун В.В. Виноградов, Д.С. Лотте, А.А. Реформатский, О.С. Ахманова дар рушди ин самт саҳми бузург гузоштаанд.

Таваҷҷуҳи фаъол ба истилоҳот дар даҳсолаҳои охир боиси даҳҳо таҳқиқот дар ин самт гардидааст. Бо вуҷуди ин, ҳар як муаллиф ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти худро ба таври худ мефаҳмад.

Мутаассифона, то имрӯз ҳатто дар байни дигар фанҳои илмӣ дар бораи истилоҳ ва бунёди назарияи истилоҳот фаҳмиши ягона вуҷуд надорад.

Мувофиқи гуфтаҳои А. В. Суперанская, имрӯз дар ҷаҳон тақрибан 6000 забон мавҷуд аст, аммо истилоҳоти ба таври васеъ ташаккулёфтаи илмиро танҳо дар 60 забон муайян кардан мумкин аст. Истилоҳоти илмӣ тақрибан 300 соҳаи касбӣ-фанниро фаро мегирад, ки дар ҳар як забони алоҳидаи он соҳаҳо аз ҷиҳати истилоҳот коркардшуда на он қадар бисёранд. Фаъолияти истилоҳотии ҳар як соҳа аз маҳсулнокии соҳа вобаста мебошад, ки дар онҳо мафҳумҳо ва номҳои нав пайдо мешаванд [11, с. 24].

Ҳар он чизе, ки бо мафҳуми истилоҳ робита дорад, забоншиносиро бо соҳаҳои гуногуни донишҳои илмӣ ва самтҳои амалияи истеҳсолӣ ва касбӣ мепайвандад. Қабати луғатҳои истилоҳотӣ хеле зуд рушд ва такмил меёбад. Аҳамияти қабати лексикии истилоҳот ва ҳиссаи он дар луғати умумии забон доимо меафзояд.

Аксаран, истилоҳоти системаҳои истилоҳотии инфиродӣ на аз ҷиҳати лингвистӣ, балки аз ҷиҳати сифати берунаи забон муттаҳид шуда, на барои маҷмуи оддии калимаҳо, балки системаи калимаҳо ё ибораҳое, ки ба таври муайян байни худ муташаккиланд, дар бар мегиранд [1, с. 48].

Тағйиротҳое, ки дар системаи муайяни истилоҳотӣ рух медиҳанд, дар мазмуни мафҳумҳо инъикос мегарданд ва дар навбати худ нишон медиҳад, ки ин ё он падида то чӣ андоза омӯхта шудааст.

Дар ҷараёни таҳлил маълумоте ба даст оварда шуд, ки аввалин ақидаҳои назариявӣ оид ба истилоҳот дар забоншиносӣ охири асри XIX ва аввали асри XX пайдо шудаанд. Дар ин раванд олимон ақидаҳои гуногуни табиати истилоҳоти илмиро пешкаш кардаанд.

Дар омӯзиши проблемаҳои забони илми истилоҳот дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ саҳми барҷастаи олимон Д.С. Лотте, В.В.Виноградов, О.Винокур, Н.П. Кузькин, Т.Л. Канделаки, Б.Н. Головин, А.М. Тернигорев, Н. Баскаков, А. Герд,

В.С. Кулебакин, И.А. Климовицкий, Алексеева Л.М. Котелова Н.З. Лесохин А.Ф. ва дигарон назаррас аст.

Барои таҳлили хусусияти асосии истилоҳот дар забоншиносӣ мавзуи бисёр асарҳои забоншиносони рус ва олимони тоҷик ба монанди Д.С. Лотте, Т.О. Винокур, В.В. Виноградов, А.А. Реформатский, А.В. Суперанская, Б.Н. Головин, В.А. Татаринов, В.М. Лейчик, С.В. Гринев, С.Назарзода, Д.Саймуддинов, Б. Камолиддинов, М. Қосимова, С.Назарзода, Т. Шокиров, М. Султонов, П.Г. Нуров ва ғайра бахшида шудаанд.

Омӯзиши истилоҳоти забонҳои мухталиф дар ҷанбаи муқоисавӣ-типологӣ метавонад қисман ба ҳалли мушкилоти зикргардида мусоидат намуда, барои муассиртар ва созандатар намудани иртиботи илмии миллатҳои гуногун роҳ кушояд.

Омӯзиши хусусияти истилоҳоти гиёҳии забонҳои хориҷӣ барои дарки мушкилоте, ки дар асарҳои илмии олимони хориҷӣ дарҷ гардидаанд ва инчунин ғояҳое, ки онҳо пешниҳод намудаанд, роҳ боз менамояд.

Давраи ташаккули илми истилоҳшиносӣ барои аксари кишварҳои Аврупо дар давраи Эҳёи Аврупоӣ оғоз ёфт. То ин давра, забони илми Аврупо лотинӣ буд ва истилоҳоти соҳаҳои мухталиф ба таври ғайримуташаккил рушд мекарданд.

Баъдан, дар замони муосир, илм ба омӯзиши истилоҳот шуруъ карда, аксари соҳаҳо ба забонҳои миллӣ гузаштанд, ки ин боиси пайдоиши мушкилоти нав дар соҳаи истилоҳшиносӣ гардид. Аввалин кӯшишҳо барои ба эътидол овардани истилоҳшиносӣ низ пайдо шуданд.

Пайдоиши истилоҳоти нав олимони соҳаи грамматика ва мутахассисони касбиро водор сохт, ки луғатҳои махсус таҳия кунанд.

Марҳилаи навбатӣ дар роҳи ташаккули назарияи умумии истилоҳшиносӣ дар асри XIX оғоз ёфт. Ин давра бо эҷоди як қатор забонҳои сунъӣ (эсперанто, идо, волапюк ва ғайра) муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, таърихи истилоҳшиносиро ҳамчун як илми комилан мустақил аз корҳои таҳқиқотии Д.С. Лотте (1898-1950) оғоз кардан қобили қабул аст. Ин олими барҷаста тамоми корҳои таҳқиқотӣ, мушкилот ва ихтилофҳоро дар асарҳои худ, ки бо он мактаби истилоҳӣ оғоз ёфтааст, иброзе дошт. Асарҳои Д.С. Лотте ду равиши фаҳмиши истилоҳшиносиро дар бар мегирифт: тавсиявӣ-меъёрӣ, ки дар он Д.С. Лотте системаҳои мавҷудаи истилоҳшиносиро барои тасодуфӣ, зуҳуроти бисёрмаъноӣ ва омонимият, тавсиф додани якчанд консепсияҳои мушаххас аз ҷониби як истилоҳ ва ғайра зери танқид гирифтааст.

Дуввумин, илмӣ-тавсифӣ, ки мавсуф мавридҳои вариантнокӣ ва тағйирёбандагӣ, синонимия, омонимияи истилоҳотро муфассал шарҳ додааст. Инчунин, олими мазкур ба кори илмӣ мафҳуми "унсури истилоҳотӣ"- воҳиди ҳадди аққали системаи истилоҳотӣ ворид карда, принсипҳои асосии корҳои лексикографиро ҳангоми таҳияи луғатҳои истилоҳоти дузабона интихоб намуд [9, с. 23].

Навовариҳои забоншиносии ин олимро таҷдиди назар кардан ғайриимкон аст, чунки онҳо дар назарияи истилоҳот нақши муҳим бозидаанд.

Б.Н. Головин ба истилоҳ чунин сифат медиҳад, «истилоҳ - калимае, ки дорои маъноии касбӣ буда, тавассути мафҳуми касбӣ ифода ва ташаккул меёбад» [7, с. 264].

Дар даврони мо, истилоҳот воситаи муҳими ба даст овардани маълумот ва механизми самарабахши пешрафти илмию техникӣ мебошад. Аз ин рӯ, луғати истилоҳот аз замони пайдоиши илм мавзуи таҳқиқот дар илмҳои гуногун ба шумор мерафт. Аммо рушди босуръати илм ва технологияи асри XX, ҷудо кардани таҳқиқоти истилоҳотро ба соҳаи махсуси дониш тақозо мекард.

Имрӯз назарияи умумии истилоҳшиносӣ бо коркарди назарияи раванди ташаккул, фаъолият ва танзими истилоҳшиносӣ ва бо системаи истилоҳшиносӣ сару кор дорад. Ҳалли масъалаҳои забоншиносии истилоҳот, аз кашфи механизмҳои дохилии бунёди воҳидҳои истилоҳотӣ, таҳлил ва тарҷумаи асарҳои илмию техникӣ иборат мебошад. Ин ҷо нақши муҳими забоншиносӣ, дар тағйир додани симои илмии ҷаҳон, дида мешавад.

Истилоҳот дар рушди илму техника нақши махсус доранд: мафҳумро бо калима ифода намуда, онҳоро таҷассум мекунад ва барои мустаҳкам намудани дониши мо, ҷамъ намудани маълумот оид ба ҷаҳони моро иҳотакарда ва дарки ҳақиқат, ҳамчунин воситаи мубодилаи дониш ва маълумот, хизмат менамояд [9, с. 72].

Самаранокии истилоҳот танҳо дар матни муайян дида мешавад. Дар асл, калима берун аз сухани илмӣ метавонад истилоҳ набошад, ӯ хосияти истилоҳотияшро ҳангоми нутқи мувофиқ, яъне илмӣ ба даст меоварад. Маҳз дар матни илмӣ маънои махсуси истилоҳ кушода мешавад, ки он тавсифро талаб мекунад.

Проблемаҳои актуалӣ дар соҳаи истилоҳшиносӣ, пайдоиш ва рушди ҳам истилоҳоти инфиродӣ ва ҳам системаҳои истилоҳотӣ, таносуби миллӣ ва байналмилалӣ дар истилоҳот, роҳҳои идеализатсияи истилоҳот, мавҷудияти силсилаи синоним, усулҳои ташаккули истилоҳот, хусусияти номгузории истилоҳотӣ, манбаъҳои полисемия ва омонимия ва ғайраҳо ба шумор мераванд.

Ба ақидаи В.П. Даниленко истилоҳ таърифи зиёд дорад [6, с. 5]. Тезиси «истилоҳ-танҳо калима" дар адабиёти истилоҳоти муосир аз ҷониби бисёр олимон рад карда шудааст ва таърифи он чунин қабул карда шудааст: "истилоҳ- ин калима ва ибора аст" Аз ин таъриф, хулоса бароварда мешавад, ки таркиби асосии истилоҳ аз калима ва ибора иборат мебошад [2, с. 22].

Тавсифи намудҳои сохтории калимаҳо ва ибораҳои истилоҳоти кӯҳӣ ба хусусияти зерини хоси худ асос ёфтааст: 1) Истилоҳ воҳиди забон (калима ва ибора), ки дар соҳаи махсус истифода бурда мешавад;

2) истилоҳ номи ашё ё мафҳуми махсус мебошад; 3) истилоҳ-номест, ки мафҳум ба он мувофиқат мекунад, мазмуни консепсияро дақиқ ва равшан инъикос мекунад, хусусияти фарққунандаи онро нишон медиҳад [2, с. 76].

Дар сатҳи назариявӣ, ҳама гуна хусусияти систематинокии фонемаҳо, ки ба онҳо таърифи муайян дода шудааст, метавонанд истилоҳ бошанд. Ба шарте, ки ин пайдарҳамиро ҳамаи иштирокчиёни робитаи илмӣ қабул кунанд, яъне барои он ки калима ҳамчун истилоҳ қабул карда шавад, онро тамоми ҷомеаи илмӣ бояд қабул намояд. Аломати байналхалқӣ доштани истилоҳ таърихи ташаккули истилоҳотро дар забонҳои гуногун нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки дар маънои муосири форсӣ-тоҷикӣ, дар таърифи истилоҳ муносибати якхела риоя карда мешавад ва нисбати онҳо талаботе ҳаст, ки онҳоро аз вожаҳои ғайриистилоҳ фарқ мекунонад:

Истилоҳ дорои хусусияти фарққунанда ва маънои мушаххас аст, ҳол он ки калимаҳои умумӣ метавонанд маънои бисёре дошта бошанд; алоқаи мустаҳкам бо мафҳум асоси семантикии мавҷудияти истилоҳ ба шумор меравад, аммо калимаи умумӣ дорои чунин хусусият нест. Истилоҳ дорои функсияи махсус буда, дар мавриди муайян истифода мешавад, алалхусус дар матни илмӣ, агар аз ин доира берун истифода бурда шавад, истилоҳ моҳияти функсионалии худро гум мекунад ва ба калимаи умумӣ табдил меёбад.

Дар истилоҳшиносии классикии тоҷикӣ-форсӣ ва муосири тоҷик олимон ба истилоҳоти арабӣ рӯ меоранд ва ин ба самти асосии ғанисозии истилоҳот дар марҳилаи кунунии рушди он табдил меёбад.

Забони арабӣ бо як қатор омилҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва ҷуғрофӣ ба рушди забони тоҷикӣ-форсӣ таъсири сахт расонидааст.

Бояд қайд кард, ки таҳкурсии истилоҳоти муосири тоҷик дар асри XX бо таъсири бевоситаи истилоҳоти русӣ ба вуҷуд омадааст. Тамоюли аврупоӣ дар истилоҳоти муосири тоҷик низ яке аз самтҳои асосӣ донистамешавад:

flax - иқтоъ
poppy - кукнор
aloe - алоэ
orchid - саҳлаб
a cone-ҷалғуза
arrowwood, snowball, guelder-калина
hips-насрин, настаран
lime (tree) / linden-зерфун
valerian - валериана
bracken-фарн
heather-халанҷ
shrub-бутта

crocus-заъфарон
daffodil-наргиси зардчатоб
dandelion-қоқу
snowdrop-бойчечак
crocus - заъфарон
cyclamen - бунафшаи чаманӣ
daffodil - наргис
iris - савсан
jasmine - ёсуман
lavender - лаванда(растании бутташакли ҳамешасабз,ки гулҳои кабуди хушбӯй дорад)
lily - савсан ,занбақ
lupine - тирмис
marigold - аббосӣ
nasturtium - настаран
pineapple-ананас
oak-булут
pine-санавбар
maple-заранг
beech - дарахти калони шамшодмонаг
lily-савсан
banana-банан
kiwi-киви
alley-хиёбон,гулгашт
camomile-бобуна
poppy-кукнор
dandelion-қоқу
lilac-ёс
fern-фарн
aloe-уд, сабр, алоэ
lime tree-зерфун
bird cherry-махлаб
jasmine-ёсуман
mimosa-нозгул
clovel-юнучқа
potter plants-гулҳои хонагӣ
birch tree-тус
lily - савсан
pop - кукнор
orchid - саҳлаб
violet - бунафша
iris - савсан
daffodil - наргис
hyacinth - сунбул
nasturtium - настаран
hydrangea - рофа
ва ғ.

Дар забоншиносии тоҷик асосан объекти таҳлил ва таҳқиқот истилоҳоти иҷтимоию сиёсӣ, заминаҳо, омилҳо ва сабабҳои иқтибосшавии истилоҳот аз забонҳои бегона, иқтибосшавии байналмилалӣ ва истифодаи онҳо ба шумор мерафтанд. Хусусияти лексикӣ ва грамматикии адабиёти илмию техникии тоҷик, камбудиҳои забонӣ ва истилоҳоти илмҳои дақиқ, табиӣ ва техникӣ то ҳол дар забони тоҷикӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, гарчанде ки онҳо аломати хешутаборӣ доранд, аммо дар марҳалаи кунунии рушдашон ба чунин ҳолати тараққӣ расидаанд, ки аломатҳои фарқкунандаи байни ин забонҳо назар ба хусусияти шабоҳат доштанашон бартарӣ доранд. Таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии ин забонҳо дар марҳилаи кунунии рушд аз нуқтаи назари ошкор кардани қонунҳои системавикунонии зуҳуроти хусусияти забонҳои омӯхташаванда, барои ҳар ду забон ҷолиб хоҳад буд [3, с. 54].

Аз ин рӯ, муайян кардани муносибатҳои системавӣ оид ба истилоҳот, муаммои муҳимтарини таҳқиқоти муосири муқоисавӣ ва типологии забонҳои бисёрҷабҳа боқӣ мемонад.

Дар баробари тағйирёбии босуръати таркиби лексикии забонҳо, барқароршавии босуръат вобаста ба омилҳои забонӣ ва экстралингвистӣ, луғати ҳама гуна забон пайдарҳамии муайянро тасдиқ мекунад, ки ин ифодаи худро дар муносибатҳои бешубҳа мураккаб ва гуногунии воҳидҳои лексикии луғавӣ меёбад.

Таҳлил ва тафсири муносибатҳои системавӣ дар луғати ҳар як забон, муайян кардани ташаккулёбии мушаххасоти сохторӣ-семантикӣ ва тағйирот дар системаи ташаккул ва рушди сохтори онҳо, инчунин муносибатҳои функционалӣ-семантикӣ ва грамматикии онҳоро дар гурӯҳи муайяни семантикӣ дар бар мегирад.

Масъалаҳои муқоисавӣ-актуалӣ дар истилоҳот, аз ҷумла, ташаккулёбӣ, пайдоиш ва рушди ҳам истилоҳоти инфиродӣ ва ҳам системаҳои истилоҳотӣ, таносуби миллӣ ва байналмилалӣ дар системаи истилоҳот, идеологиясозии истилоҳот, мавҷудияти силсилаи синонимии воҳидҳои лексикӣ, роҳҳо ва воситаҳои ташаккули истилоҳот ба шумор мераванд.

Бо вуҷуди ин, баъзе забоншиносон дар омӯзиши истилоҳот бештари диққаташонро ба он хусусияти истилоҳ равона карда, онро аз воҳидҳои умумии забони

адабӣ фарқ мекунонад. Ҳамин тавр, В.П. Даниленко истилоҳро ҳамчун як объекти мустақил таҳлил мекунад, зеро он «дорои як қатор хусусияти фарққунандаи функсионалӣ, сохторӣ-генетикӣ, лексикӣ-семантикӣ, морфологӣ, калимасозӣ, меъёрӣ-мантиқӣ буда, ҳамчун намудҳои мустақили функсионалии забони умумӣ таҳлилкарда мешавад» [5, с. 15].

Дар баробари ин, нақши фаъоли системаи истилоҳот дар раванди рушди минбаъдаи илмӣ ва забонӣ, ки дар ҳолатҳои зарурии муттаҳидсозӣ ва стандартисозии истилоҳот аз рӯйи соҳаҳо, пурқувват кардани фаъолияти тарҷумонӣ, инчунин оптимизатсияи таълими тарҷума ва тайёр кардани адабиёт ва ҳуҷҷатҳои илмиву забоншиносӣ зоҳир мешаванд, назаррас аст.

Истилоҳотро аз нуқтаи назари забоншиносӣ омӯхта, мо муқаррароти зерини методологиро ба даст меорем: 1) истилоҳ-як зерсистемаи кушоди забон; 2) истилоҳ дорои қонунҳои дохилӣ, ки бо забон ва ҷомеа зич алоқаманд аст; 3) истилоҳот - ин маҷмуи истилоҳ, ки дар ин ё он шохаи ҷамъият истифода бурда мешавад 4) истилоҳ - инъикоси зуҳурот ва мафҳумҳои илму техника, ки воқеан дар забон арзи ҳастӣ дорад; 5) истилоҳ -зуҳуроти таърихан рушдёбандаи забоншиносӣ мебошад, ки бо таърихи рушди илм ва техника алоқаманд аст; 6) истилоҳ як падидаи иҷтимоии ҳар як забон мебошад; 7) истилоҳ-зерсистема дар системаи ягонаи забон аст.

Мавзуи назариявии умумии истилоҳот аз омӯзиши ташаккул ва истифодабарии калимаҳои махсус, ки бо ёрии он дониш ва таҷрибае, ки инсоният ба даст овардааст, ҷамъоварӣ, таъйин ва интиқол карда мешавад; такмил ва рушди системаи истилоҳоти мавҷуда; роҳҳои муносиб ва оқилонаи эҷоди истилоҳот ва ҷустуҷӯи системаҳои нав; ҷустуҷӯи хусусияти ҳаматарафаи истилоҳоти соҳаҳои мухталифи илм ва донишро дар бар мегирад.

Истилоҳшиносӣ, дар навбати худ, як бахши мустақили ҳар як забони миллӣ ва адабиро ташкил дода, бо фаъолияти касбии истифодабарандагони ин забон зич алоқаманд аст. Истилоҳоти ҳар як соҳаи дониш ва илм, техника ва технология, истеҳсолот ва саноат системаҳои мушаххаси худро ташкил медиҳанд, ки дар аввал робитаҳои консептуалии донишҳои касбиро бо соҳаи дахлдор бо мақсади ифодаи ин робита бо воситаҳои забонӣ муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, забон як унсури сохторӣ ва маърифатии донишҳои илмӣ мебошад. Ҳар қадаре ки илм бо истилоҳот ва мафҳумҳои илмӣ мусаллаҳ бошад, ҳамон қадар забон метавонад мафҳумҳои гуногунро ифода кунад. Илм ба забони истилоҳот ворид мегардад ва забон низ дар навбати худ бо истилоҳоти илмияш ба илм ворид мегардад [2, с.12]. Унсурҳои дигари забон бо мафҳумҳои илмӣ ва истилоҳоти илмӣ муқоиса карда намешаванд. Тавре ки А.А. Реформатский қайд карда буд, истилоҳ, аз нуқтаи назари воқеияти иҷтимоӣ муташаккил инъикос ёфтааст, он ҳақиқатро ифода мекунад, бинобар ин истилоҳ характери иҷтимоӣ-ҳатмӣ дорад [8, с. 46-54].

Истилоҳ воситаи ҳам забон ва ҳам илм буда, тавассути он назарияҳои илмӣ, қонунҳо ва принсипҳо ташаккул меёбанд. Қайд кардан муҳим аст, ки истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар маҷмуи истилоҳоти илмӣ як ҷузъи муҳими илм ва технология мебошанд.

Истилоҳ узви як низоми муайяни истилоҳӣ мебошад, ки ба соҳаи муайяни илм, технология, истеҳсолот марбут аст ва мазмуни консептуалиаш бо мавқеи он дар система муайян карда мешаванд. Ҳар як истилоҳ дорои таърифи худ (таърифи дақиқи илмӣ), дар қатори дигар истилоҳоти соҳа мебошад. Истилоҳ, дар муқоиса бо калимаҳои "рӯзмарра", дар доираи системаи истилоҳотии худ одатан якмаъногӣ мебошанд; як калима метавонад дар истилоҳоти соҳаҳои гуногуни дониш истифода бурда шавад, аммо ин полисемия нест, балки омонимия мебошад.

Адабиёт:

1. Абдуллаев Н.Ш. Русско-таджикский словарь астрономических терминов / Н.Ш. Абдуллаев //– Душанбе: Дониш, 1977. -138 с.

2. Авербух К.Я. Общая теория термина. / К.Я.Авербух //–М.: Изд.во МГОУ, 2006. - 252 с.
3. Валиева М.Н. Таҳлили лексикию сохтории истилоҳоти кӯҳӣ-металлургӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, Душанбе. Хуҷанд.-2022, 181с.
4. Головин Б.Д. Лингвистическое учение о терминах /Б.Д. Головин//–М.: Высшая школа,1987. –103 с.
5. Даниленко В.П. Терминология современного языка науки// Терминоведение и терминография в индоевропейских языках /В.П. Даниленко// – Владивосток, 1987. – С. 61-66.
6. Даниленко В.П. Терминология современного языка науки// Терминоведение и терминография в индоевропейских языках /В.П. Даниленко// – Владивосток, 1987. – С. 61-66.
7. Лейчик В.М. Предмет, методы и структура терминоведения: автореф. дис. ... док. филол. наук /В.М. Лейчик// – М.: Либроком, 1989. – 47 с.
8. Лотте Д.С. Основы построения научно-технической терминологии // Вопросы теории и методики /Д.С. Лотте // –М.: Изд-во АН СССР, 1961. –154 с.
9. Нуров П.Г. Таджикская научно-техническая терминология. Становление и развитие, теоретические основы, прикладные аспекты / П.Г. Нуров //–Душанбе: Дониш, 2009. - 180 с.
10. Реформатский М.А. Введения языкознание / М.А. Реформатский//– М.: Просвещения, 1955. - 400 с.
11. Суперанская А.В. и др. Общая терминология: Вопросы теории /А.В. Суперанская [и др.]//– М.: Наука, 1989. – С. 3-24.

НАЗАРИЯИ ТАҲАВВУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ГИЁҲӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Истилоҳшиносӣ калимаҳои мутааллиқ ба соҳаҳои гуногунро ба таври умумӣ ва фардӣ меомӯзад. Истилоҳ ҳамеша далолат бар мафҳум мекунад, яъне тавассути ифодаи мафҳум хусусиятҳои умдаи истилоҳот муайян мегарданд. Калимае, ки тавассути он номи мафҳум фаҳмида мешавад, истилоҳ ном дорад. Бунёди мафҳум, асосан, бо фаъолияти тахассусии одамон вобаста ба соҳаи илм, техника, маълумот, истеҳсолот ва мисли инҳо алақамандӣ дорад.

Муаллиф менависад, ки маҷмуаи вожаву истилоҳоте, ки миллатҳои гуногуни ҷаҳон дар тӯли таърихи мавҷудияти худ сохта ва ба кор бурдаанд, ойинаест, ки дар он шеваи зиндагии суннатӣ ва фарҳангу тамаддуни онҳо мунъакис гардидааст. Баррасии таърихи ташаккули истилоҳот бисёр лаҳзаҳои печидаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто дараҷаи тараққиёти ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои мухталифи шаклгирии миллатҳо равшан месозад. Ин луғоту истилоҳот, чунонки медонем дар ҳеҷ забон муддати дароз собит намемонад. Ҳар андешаи нави маънавӣ ва ҳар падидаи тозаи моддӣ, ки дар ҷомеа пайдо мешавад, тағйирот ва дигаргуние дар низоми вожаҳо ва истилоҳоти ҷории забони он ҷомеа падид меоварад.

Муаллиф барои пурра ва суфта гардидани маводи таҳлилию таҳқиқии худ аз чандин сарчашмаҳои муътамад, махсусан фарҳангу луғатҳои муътамади англисию тоҷикӣ ва сомонаҳои интернетӣ низ истифода намудааст.

Калидвожаҳо: истилоҳот, калимасозӣ, наботот, ташаккул, таҳаввул, маъно, мафҳум.

ТЕОРИЯ ЭВОЛЮЦИИ РАСТИТЕЛЬНЫХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Терминология – это изучение слов, принадлежащих к разным областям, в целом и по отдельности. Термин всегда относится к понятию, т. е. основные признаки термина определяются выражением понятия. Термином мы можем называть слово, через которое понимается название понятия. Понятие в основном связано с профессиональной деятельностью людей в сфере науки, техники, образования,

промышленности и так далее. Автор пишет, что набор слов и терминов, которые создали и использовали разные народы мира на протяжении всей истории своего существования, является зеркалом, отражающим их традиционный быт, культуру и цивилизацию. Изучение истории формирования терминов раскрывает многие сложные моменты политической и общественной жизни и даже уровень развития той или иной области на разных этапах формирования наций. Как известно, эти словари и термины долго не сохраняются ни в одном языке. Каждая новая духовная идея и каждое новое материальное явление, возникающее в обществе, влечет за собой изменения в системе слов и терминологии этого языка. Автор использовал ряд надежных источников, особенно надежные англо-таджикские словари и веб-страницы, чтобы дополнить и уточнить свои аналитические и исследовательские материалы.

Ключевые слова: терминология, словообразование, растения, трава, образование, эволюция, значение, понятие.

THE THEORY OF EVOLUTION OF PLANT TERMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Terminology is the study of words belonging to different areas, as a whole and separately. The term always refers to the concept, i.e. the main features of the term are determined by the expression of the concept. We can call a term a word through which the name of a concept is understood. The concept is mainly associated with the professional activities of people in the field of science, technology, education, industry, and so on. The author writes that the set of words and terms that have been created and used by different peoples of the world throughout the history of their existence is a mirror reflecting their traditional way of life, culture and civilization. The study of the history of the formation of terms reveals many difficult moments of political and social life and even the level of development of a particular area at different stages of the formation of nations. As is known, these dictionaries and terms are not preserved for a long time in any language. Each new spiritual idea and each new material phenomenon that arises in society entails changes in the system of words and terminology of this language. The author used a number of reliable sources, especially reliable English-Tajik dictionaries and web pages, to supplement and refine his analytical and research materials.

Key words: terminology, word formation, plants, grass, formation, evolution, meaning and concept, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сабоҳати Ислом – докторанти (PhD)-и кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Суроғa:** 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. **тел**.:(992)981046414

Сведения об авторе: Сабохати Ислом- докторант (PhD) кафедры методики обучения английских языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. **тел**.:(992)981046414

Information about the author. Sabohati Islom doctoral student (PhD) of the department of мethods of teaching foreign languages, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, and S.Safarov St.-16. Phone: (992) 981046414

УДК – 80 (2 тоҷ)
ББК – 84 (2 тоҷ)
Р - 38

ИНҲИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР АСАРҲОИ «АСРОР» ВА «ФАРЗАНДИ ҲУКУМАТ»-И ҒАФФОР МИРЗО (ТАҲҚИҚИ МАТНШИНОСӢ)

Раҳмонова Г.С.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мусаллам аст, ки таърихи адабиёти тоҷик бо намояндагони барҷастаи худ на танҳо дар байни хонандагони тоҷик маълуму машҳур аст, балки фаротар аз он мебошад. Дар тӯли қарнҳо шоирону нависандагон бо таълифи асарҳои гаронарзиш хазинаи адабиёти моро ғанӣ гардонида, дар таҳкими худшиносии милии ҷавонон нақши бориз гузоштаанд. Сарчашмаи эҷоди онҳо, пеш аз ҳама, таҷрибаи ҳаёт дониста шуда, ба воситаи тасвири бадеӣ таъсирбахш гардонида шудаанд.

Яке аз шоирони муваффақи адабиёти давраи нави тоҷик устод Ғаффор Мирзо (1929-2006) маҳсуб ёфта, барои шавқмандони сухани воло мероси арзишманд боқӣ гузоштааст.

Ғаффор Мирзо дар шеъри давраи нави тоҷик бо андешаву тахайюлоти хеш, бо тарзи шеърофарӣ ҷойгоҳи махсус дошта, бар он кӯшидааст, ки андешоти бадеии худро дар асоси ҳақиқати воқеӣ манзури хонанда гардонад. Масъулиятмандии шоирро дар баёни зер мушоҳида менамоем: «Вақте ки шоир ба мағз андар мавғзи мавзӯъ ворид нашуда, аз он маълумот ва огоҳии комил ҳосил накарда, онро рӯякӣ тасвир мекунад, шеъри ӯ умумӣ баромада ба шеърҳои дигарон монанд мешавад, зеро зоҳири ашё (предмет) ё воқеаро ҳар кас дида метавонад, аммо дидани моҳият, асос – мағзи он ба ҳар кас муяссар намегардад ва вазифаи шоир ҳам маҳз ошкор кардани моҳият ва ҷавҳари ашёву мавзӯи тасвир ва рӯйдоди олам аст» [7, с. 91].

Ба ин тартиб, метавон гуфт, ки Ғаффор Мирзо аз шумули адибоне аст, ки дар такмил ва таҳрири матнҳои асарҳояш кӯшиши зиёд кардааст. Яке аз асари калонҳаҷми шоир романи манзуми «Фарзанди ҳукумат» унвон гирифтааст. Мо дар таҳқиқи ин асар аз лиҳози матншиносӣ менигарем.

Боиси қайд аст, ки соҳаи матншиносӣ ва ё нақди матн дар баробари дигар қисматҳои адабиётшиносӣ дар баррасии хусусияти гуногуни асари бадеӣ мақеи муайянро касб кардааст. Паҳлуи фарқкунанда дар он маҳсуб меёбад, ки ҳангоми баррасии асари бадеӣ аз лиҳози матншиносӣ ҳам ҷараёни эҷод ва ҳам таърихи матни асар (аз мусаввада сар карда то матни давраи баъди ҳаёти нависанда) таҳқиқ карда мешаванд. Дар ин самт баррасии романи «Фарзанди ҳукумат» ба муҳаққиқон маводи фаровон дода метавонад.

Таърихи эҷоди ин асар марҳалаҳои гуногунро фаро мегирад. Роман дар нахуст унвони достони «Асрор»-ро гирифтааст, ки дар давоми солҳои 1953-1957 навишта шуда, аввал дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (шумораҳои 9,10,11,12-и соли 1956 ва 1,2,3 и соли 1957) ба табъ расида, баъдан аз тарафи Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба шакли китоби алоҳида чоп мешавад. Бори савум достон дар маҷмуаи «Аз гаҳвора то майдон» (1981) рӯйи чоп меояд.

Устод Ғаффор Мирзо дар болои достони «Асрор» боз давоми панҷ соли дигар кор карда, асарро ҳам аз ҷиҳати сохтор ва ҳам аз ҷиҳати мундариҷаю шакл таҳриру такмил намуда, дар намуди романи манзум бо номи «Фарзанди ҳукумат» пешниҳоди хонанда гардонид: «Мавзуи Асрор»-ро, - қайд кардааст Ғ. Мирзо, - ман яке аз мавзуъҳои асосии эҷодиёти худ мешуморам. Гаштаю баргашта ҳам ба воситаи назм, ҳам ба воситаи наср ба ин мавзуъ муроҷиат карданам маро ба андешае водор кард, ки сабабгори асосии қаламдаст гардидани ман ҳам ҳамин мавзуст… Қариб ҳамаи воқеаҳо

дар он («Асрор» - Р.Г.) нақл карда мешаванд, вале асос, сарчашмаи иҷтимоии онҳо кушода дода намешавад. Ин аст, ки боз панҷ соли ҳаёти худро ба инъикоси нави мавзуи «Асрор» сарф карда, романи манзуми «Фарзанди Ҳукумат»-ро навиштам» [10, с. 3].

Асар рӯзгори фоҷеаноки оилаи Асрор, дар оғуши давлати Шӯравӣ ба воя расидану рӯ ба рӯ шудан ба душвориҳои зиндагӣ, муҳимтар аз ҳама, дар парваришхона тарбият ёфтани Асрорро бозгӯ менамояд.

Роҷеъ ба романи «Фарзанди ҳукумат» як қатор адабиётшиносон тадқиқот бурдаанд, аммо таърихи бавуҷудоии он ба таври густурда равшан нагардидааст. Ба андешаи раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим: «Роман («Фарзанди ҳукумат» - Р.Г.) бозгӯи масъалаву мушкилаҳои зиёди равонӣ, аз ҷумла нақшу мавқеи зан дар ҷомеа, аҳаммияти донишу омӯзиш дар ҳаёти ҳар шахс, ки боиси рушди ҷамъият мешавад, муносибати гуногуни донишҷӯён ба касбу дониш, симои маънавии зиёӣ ва намояндаҳои ҳокимият, оид ба қонунияту иҷрои қонунҳост, ки дар роҳи бунёди ҷомеаи нав, давлати озоду ободи Тоҷикистон буданд ва бо заҳматҳои пайваста, дурусткориҳову нодурусткориҳои ногузири аҷдод ҳаллу бартараф гардиданд ё шаклу намуд дигар кардаву ҳанӯз чун садди пешрафти ҷомеа мавҷуданд» [6].

Воқеан, баррасии романи «Фарзанди ҳукумат» айни мудаост, зеро воқеаҳои он дархурди ҷомеаи имрӯз низ мебошад. Ғаффор Мирзо сарнавишти қаҳрамонони асарро тавассути санъати нафиса – адабиёти бадеӣ хеле возеҳу равшан бозгӯ намудааст.

Дар ҳақиқат, адабиёт ҳамчун як навъи санъат ҳақиқати воқеиро ба воситаи образҳо инъикос мекунад. Аз ин рӯ, мавқеи ҷамъиятии он дар нишон додану кушодани равандҳо ва гиреҳҳои ҳаёт, дар тараққиёти дохилии онҳо бағоят калон аст. Аз як тараф, адабиёти бадеӣ ҳақиқати зиндагиро на ҳамвор, балки дар задухӯрд, дар пешравиҳо ба сӯйи оянда нишон диҳад, аз тарафи дигар, онро на мубҳам, беобуранг, балки чи тавре ки В.Г. Белинский қайд карда буд, «шоир ба тасвири зинда ва равшани ҳаёт мусаллаҳ шуда, ба фантазияи хонанада таъсир карда, ҳақиқатро тасвир менамояд» [2, с.311].

Нависанда ҳаётро тасвир карда истода, дар баробари ин муносибати худро ҳам нисбат ба он нишон медиҳад. Ӯ ҳаёти ҷамъиятиро маҳз ба воситаи образҳои бадеӣ тасвир менамояд. Образ бошад, тарзе офарида мешавад, ки ҳолати рӯҳӣ, ҷаҳонбинӣ, муносибати он нисбат ба муҳит ва амсоли инҳо кушоду равшан ифода ёбад.

Устод Ғаффор Мирзо ҳангоми таҳрири асар на танҳо ба масъалаи образнокии асар, балки дигар паҳлуҳои он – сужет, бандубаст, забону услуб таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Тасмим ин аст, ки дар ин мақола образи яке аз персонажҳои асар – Бобо (ин ном танҳо дар матни романи «Фарзанди ҳукумат» мустақилият дорад), ки агар аз як тараф оғозбахши асар бошад, аз тарафи дигар, ба ҳолати руҳии қаҳрамони марказии роман Асрор таъсири мусбат расонидааст, мавриди баррасӣ қарор гирад.

Ҳангоми омӯзиш ва муқоисаи матни достони «Асрор» бо романи «Фарзанди ҳукумат» муайян гардид, ки Ғаффор Мирзо тасвири воқеаҳоро таҳрири ҷиддӣ кардааст. Оғози асар дар достон ин аст:

Ҷавоне ба Сталинобод омад,
Парешонхотиру ношод омад.
Худаш Асрор Розиқ ном дорад,
Нав андар понздаҳ по мегузорад [8, с. 51].

Нависанда дар матни роман дар баробари тавсиф ва васеъ намудани манзараи воқеаҳо, баъзе мафҳумҳоро ихтисор намудааст. Баръакси порчаи боло дар дар роман макони омадан ва ному насаби қаҳрамон зикр намешавад:

Ҷавони навраси сабзинарӯе,
Ба сар гӯё на мӯ, - жӯлидаҷангал,
Алолам бо хиёбон нобалад буд,
Ки пеши ҳар бино мегашт маътал [10, с.4]

Тавре мушоҳида мешавад, макони омадани Асрор ва ному насаби ӯ дар таҳрири баъдӣ ихтисор гардидааст. Манзараи омадани Асрор ба маркази кишвар, махсусан ба таваллудхона (дар матни достон Сталинобод ва дар роман Душанбе унвон дода

шудааст) тавсиф ёфта, дар баёни синну соли ин ҷавон низ ихтилоф ба назар мерасад. Чуноне дар мисоли якум дида шуд, синни Асрор понздаҳ гуфта мешавад. Аммо дар матни роман – «Ҷавон дар шонздаҳ буд ё ки ҳабдаҳ…» баён кардааст нависанда.

Дида мешавад, ки иродаи эҷодии Ғаффор Мирзо дар баррасии масъалаҳо тағйир меёбад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки матни роман ифодакунандаи иродаи эҷодии нависандааст. Зеро ба таъкиди матншинос Кучарзода А. «иродаи эҷодии нависанда дар тағйироте, ки тавассути майлҳои ғоявӣ, ҷаҳонбинӣ, нуқтаи назар ва услуби адабиву эстетикии нависанда ба амал омадааст, тазоҳур мекунад» [5, с.46].

Ҳамин тариқ, Асрор дар шаҳр ба ҷустуҷӯи таваллудхона афтода, дар аснои даромадан ба бинои он ба муйсафеде вомехӯрад. Ғаффор Мирзо дар матни достон ба тасвири образи муйсафед кам таваҷҷуҳ карда, бо ифодаи исми ҷинс (бобо) зикр карда мешавад:

Назар нокарда, гӯё ки надида,
Гузашту даст зад бар дастаи дар,
Ки он бобои дарбон як ҷаҳида
Фиғону валвала бардошт ба сар [8, с.51] .

Матни роман:

Ҷавон аз дастаи дар дошт бигзашт,
Ки пир аз ҷо саросема ба по хест:
- Писар, исто. Гумон кардӣ, ки хобам?
Гумонат, ҳуши Бобоят баҷо нест? [10, с.4].

Дар роман Ғаффор Мирзо ба Бобо мавқеи устувор дода, фикрронӣ ва адешоти ӯро нисбат ба писараки ятим такмил додааст. Муйсафед, ки нигаҳбонии таваллудхонаро бар уҳда дошт, аз диди нависанда, пире дар хоби ҷавонӣ тасвир шудааст. Яъне Бобо «ба риши тобааш» пуф карда ба хоби ноз аст ва айни ҷавониест, ки «фасли беғамӣ»-ро мемонад.

Дар ин асно, Асрор, ки нав ба шонздаҳ қадам гузоштааст, бо фикру хаёлоти печида чунон ғамгин менамуд, ки гӯё ғам ва андӯҳи пире дар вуҷудаш маскан гирифтааст. Фикру хаёлот ӯро чунон ғарқ карда буд, ки ҳангоми ворид ба таваллудхона ба Бобо таваҷҷуҳ намекунад.

Дар матни достон Бобо дар даромадгоҳи таваллудхона Асрорро боз дошта, бо чашмони хоболуд ӯро дуғу пуписа мекунад. Аммо мебинад, ки ӯ парвое надорад ва бо шеваи дигар ба меҳмоннавозӣ даромада, ҳолати «пеш аз пода чанг наандохтан»-ро рафъ карда, талаби рӯбинакро мекунад. Аммо дар матни роман мо, ба манзараи каме дигархелтар вомехӯрем. Бобо шевои баёни худро оҳанги тамаъҷӯёна дода, таъкид мекунад, ки:

- А-ҳа. Лекин нагар гап махфӣ монад,
Шаҳодат медиҳам, ки хоб будам.
Писар, пирист як дарди ҳарина,
Ки ҳайронам ба рафтори вуҷудам…
Чаро, исто, ки дасти туст холӣ?
Чаро дар даст савғоте надорӣ?
Нахоҳӣ дид ниниро, бародар,
Агар то рафта рӯбинак наорӣ [10, с.5].

Мазмуни банди дуюм дар матни достон низ ҳаст, аммо ба дигар шакл гуфта шуда, дар як байт маънидод гардидааст. Ба назар мерасад, ки дар достони «Асрор» нависанда ҳанӯз аз оғози асар таваҷҷуҳи хонандаро ба образи асосӣ – Асрор ҷалб месозад, зеро фаъолнокии Бобо кам ба назар мерасад. Дар аксари бандҳо исми Асрор зикр мешавад:

- Барои дидани дидори додар
Ку рӯбинак чӣ овардӣ, бародар?
Вале Асрор бегап, хоҳу нохоҳ

Ба дарбон дод телеграммаеро [8, с.52].

Баръакси ин, дар матни романи «Фарзанди ҳукумат» аз ӯ ба унвони «ҷавон» ёд карда мешавад. Ҳамчунин, Ғаффор Мирзо қабл аз он ки масъалаи мактуби Асрорро ба хонанда кушода намояд, ҳолати изтиробомези Боборо тасвир кардааст. Дар чунин вазъияте, ки Бобо аз Асрор талаби рӯбинакро дошт, аммо ҷавон хомӯш буд. Боббо худ меандешад, ки «қитиқ дорад-надорад ин муғамбир?», чунки хате аз чеҳраи ӯ намечунбад. Дар назари Бобо чеҳараи ғамолуди ӯ гӯиё аз сурб ва ё қир сохта шудааст. Бар хилофи андешоти аксуламали Асрор ғайриинтизорӣ мегардад:

Ҷавон дар посухи ин фикр гӯё
Ба дасти пир коғазро супорид
«Фалонӣ дар фалон таърих ҷон дод». –
Ҳичо карда бихонду риш хорид [10, с.5].

Тавре қайд шуд, дар матни достон тасвири Бобо дар баробари Асрор барҷаста ба назар намерасад. Баъд аз он ки мактубро мебинад, дарҳол мазмуни он ба хонанда равшан карда мешавад ва хеле мушаххас бо баёни имзову унвони таваллудхона:

«Фалонӣ дар фалон соат қазо кард.
Ҷасад дар интизори соҳиби худ.
Зиёд истода агар – се рӯз» имзо:
«Таваллудхона».
Эҳ-е, ҳафт маҳ шуд [8, с.52].

Инчунин, Бобо суханҳояшро бе парда ба ҷавон гуфта, ҳолати руҳии ӯро ба назар намегирад. Ӯ таъкид мекунад, ки дар ин қадар вақт кӣ медонад қабри ӯ дар куҷо аст ва шояд ба зери хору хас нобуд шуда ҳам бошад. Ва ё ҳангоми боридани жолаву боронҳои баҳорӣ фуру рафтаву ба маҳоки кӯҳнае табдил ёфта бошад.

Аммо дар таҳрири матни роман мо Боборо як шахси воқеан ҳам рӯзгордидаи руҳшинос мебинем. Ӯ баъд аз гирифтани мактуб ба такрор онро мехонад. Ба ӯ менамояд, ки шояд таърихи навиштани мактубро ғалат хондааст. Худро даме дигар хел ҳис карда, ҳушаш аз сараш мепарад ва мехоҳад саҳви ҳуҷҷатро муйян намояд:

Вале саҳве набуд. Ӯ дошт дар даст
Телеграмма, ки он буд чорсола.
Баногаҳ пир пай бурд аз одис
Ва бархрст аз вуҷуди пир нола [10, с.5].

Муйсафед бо худ меандешад, ки фалонӣ дар фалон таърих вафот кардааст, дар он ҳангом касе ӯро соҳиб набуд. Баъд аз гузашти ин қадар вақт ба суроғ омадани Асрор ӯро дар тааҷҷуб меандозад.

Дар муқоиса бо матни достон дар байти якум порчаи боло номувофиқатии фикр низ ба назар мерасад. Нависанда ҳам дар нашри соли 1975 ва ҳам соли 1981 замони омадани Асрорро ба таваллудхона баъд аз ҳафт моҳи сипаришваии мактуб зикр мекунад, лекин дар роман онро мактуби чорсола хондааст.

Устод Ғаффор Мирзо таъкид доштааст, ки «Бо вуҷуди он ки вай (достони «Асрор»- Р.Г.) дар вақташ ба хонанда ва танқид маъқул афтода буд,лекин бо мурури вақт, бо мурури таҷриба андӯхтани худ аз нуқтаи назари нависандаи баркамол сол то сол бештар ва бештар ба андешае одат кардам, ки дотсони «Асрор» ҳамчун асари фасли ҷавонӣ аз тасвири амиқи масъалаҳои иҷтимоӣ бебаҳра аст» [10, с.3].

Ҳамин гуна «аз тасвири амиқи масъалаҳои иҷтимоӣ бебаҳра» буданро мо, аллакай аз оғози достон мушоҳида мекунем. Агар дар матнҳои то соли 1985 нашргардида, Бобо дарҳол кӯшиши нишон додани духтараки фавтидаро кунад, пас дар матни роман ӯ ба саросемагӣ роҳ надода, роҳҳои дигар ҷустуҷӯ карда, аз мақоли «дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез» кор мегирад:

«Чӣ гӯям? Дар чунин маврид ҳақи гап
Тавонад кушт ҳамчун ханҷари тез,
Дурӯғи маслҳатомез бояд
Ба ҷои ростии фитнаангез» [10, с.6].

Тадбирандешии муйсафедро нависанде хеле возеҳу равшан нишон додааст, ки чунин тасвир дар матни достон дида намешаванд. Ӯ пеш аз он ки роҷеъ ба қабри хоҳарбузурги Асрор чизе гӯяд, дарҳол ба назди сардухтури таваллудхона рафта, мактубро ба ӯ дода, воқеаро тавсиф мекунад. Инчунин Бобо дурӯғи маслиҳатомези худро, ки дар хотирааш чарх мезад, ба сардухтур баён мекунад. Чораандешии муйсафед ба маъқул афтода, Боборо дар анҷоми ин кор масъул мемонад. Баъд аз бозгашт Бобо дар роҳ дурӯғи худро ба такрор қироат карда, онро дуруст мекунад.

Ба хидматгоҳи худ баргашт Бобо,
Дурӯғашро раҳорах вазн карда:
- Писар, хокаш муайян, - гуфт Бобо,
Ба дасташ коғази ӯро супурда [10, с.6].

Дар муқоиса ба нашри достони «Асрор» дар романи «Фарзанди ҳукумат» фаъолнокии Бобо то рафт зиёд гардида, новобаста ба он ки ӯ гоҳо мемулоҳиза ба сухан мебарояд, мавқеи ичтимоии ӯро нависанда ба ҳайси як пири хиради таҷрибадор тасвир карда, ба ин восита тасвири психологии асарро таҳвият бахшидааст. Бобо Асрорро ҳамчун «ғарибак» нидо карда, мепурсад, ки дар ин чор сол куҷо мегаштӣ, чаро барвақт ба суроғаш наомадӣ, ҳатто ин фоҷеаро қисмати сахт унвон медиҳад. Вале дарҳол ба ҳуш омада, узркунон чунин саволҳои бемантиқро аз сабаби солхурдагӣ медонад. Бадин минвол суханро дигар карда, мегӯяд:

Худи ман гӯру чубаш карда будам,
Биё фардо, нишонат медиҳам, - гуфт.
Сари ӯро навозиш кард Бобо,
Ғубореро, ту гӯй, бо ҳамин рӯфт [10, с.6].

Дар матни достон идомаи воқеаро нависанда дарҳол аз тасвири манзараи шаҳр (ҳарчанд ном зикр нашудааст) оғоз карда, намои шаҳро, ки аз баландӣ хушнамо буд, аз забони муйсафед баён намудааст. Муйсафед ба Асрори рӯҳафтода аз зебоию тараққиёти шаҳр қисса карда, тавсифҳои «қасрҳои сафкашида», «боғҳои қадрасида», «фонтанҳои ҳавоӣ» ба эҳсоси баланд иброз медорад. Ҳарчанд ки барои Асрор манзарапардозии муйсафед аҳамият надошт, ӯ суханҳояшро идома медиҳад. Чунон тасвир мекунад, ки гӯиё дар тамоми рӯз агар дар шаҳр гаштугузор кунӣ, ба пойафзолат ғуборе намешинад, ҳатто дар ҳар девор сурататро дида метавонӣ ва аз сердарахтии зиёд офтоб наметавонад саратро бинад. Аз чунин суханпардозии муйсафед маълум мегардад, ки ӯ ҳолати руҳии Асрор умуман ба назар нагирифтааст.

Устод Ғаффор Мирзо ҳангоми таҳрири асар аз ин камбудии матн сарфи назар накарда, ба он тағйирот даровардааст. Зеро, тавре маълум аст, мақсади дилхоҳ асари бадеӣ, ки дар асоси ҳақиқати воқеӣ баён мешавад, агар аз як тараф ручуъ ба таърихи гузашта бошад, аз тарафи дигар, сабақ гирифтан барои хонанда мебошад. Асрор, ки дар ҳолати ошуфтахотир қарор дорад, муйсафед ҳама суханҳояшро бепарда гуфта, таскинбахши қалби Асрор намегардад. Зеро дарҳол ӯро гирифта сӯи қабристон раҳсипор шудан, аз баландии теппа тавсифи манзараҳои шаҳр ҳеҷ барои Асрор аҳамият надорад. Баръакс, ин ҷо сухане лозим, ки умеди ӯро ба зиндагӣ дигар кунад, каме ҳам бошад, ба заҳми ӯ марҳам гардад.

Хушбахтона, дар матни роман ин ҷиҳати масъала ба эътибор гирифта, моҳияти асосии кушода мешавад. Нависанда нахуст ҳолати рафтани Бобо ва Асрорро ба болои теппа басо равшан маънидод кардааст. Мо дигар он муйсафедеро, ки ба ҳолати писхологии Асрор таваҷҷуҳе надошт, намебинем. Ғаффор Мирзо Боборо бо унвони «пири накукор» ва Асрорро ҳамчун «ҷавони камгапи ошуфтахотир» ёд мекунад.

Инчунин, барои возеҳ гардидани маконҳои тасвиршаванда исмҳои Тоҷикистон, Варзоб, Кӯлоб, Душанбе ва Тамошотеппа илова гардида, баъзе хусусиятҳои маконҳои зикршуда нишон дода мешавад:

Ба сӯи шаҳр рӯ гардонд Бобо,
Зи тоқи зинаи первози мурғон,
- Чӣ шаҳри дилфиреби нозанин аст,
Писарҷон, пойтахти Тоҷикистон [10, с.6].

Тавре мушоҳида мешавад, ки оҳанги муроҷиати Бобо нарм гардида, Асрорро навозишкунон «писарҷон» садо мекунад. Чунин муомилаи Боборо дар дар чанд банди дигари роман низ мушоҳида мекунем:

Биё биншин, тамошо кун, писарҷон,
Тамошотеппае набвад аз ин беҳ,
Тамошотеппаи Кӯлоб нею
Тамошотеппаи шаҳри Душанбе [10, с.7].

Устод Ғаффор Мирзо маҳорати Боборо дар сухангӯӣ таҳвият дода, суханҳои ӯ тарзе вонамуд мешаванд, ки ин ҳама пешравию зебоиҳои шаҳр ва имконияти мавҷуда маҳз барои ҷавонене чун Асрор муҳайё карда шудааст. Муйсафед чунон ба шавқ омада, мудом ба Асрор муроҷиат карда, ӯро талқин мекунад, ки шаҳрро хуб тамошо кун, шинос шав, зеро ин сарчашмаи ояндаи ту мебошад. Ба он ҳадде бо меҳр нигоҳ кун, ки толеи ояндадори ту гардад. Бобо чун пири хирад, раҳнамое, ки хонанда дар матни достони «Асрор» интизораш буданд, дар ин ҷо вонамуд мешавад. Ӯ бо боварӣ ба Асрор исрор меварзад, ки мутмаинам, барои сарнавишти ту дар ин шаҳри зебо дафтари дигар кушодаанд, ҳаққи бахти туро, ки сарнавишт бароят омода кардааст, бешак дар ин ҷо бароят гузоштаанд.

Ба ин тартиб, аз болои теппа Бобо ба Асрор аз шеҳри дилорои Душанбе тавсиф карда, намои умумии онро чун китобе донистааст, ки ҳарфҳо тавассути тасвир оро ёфтааст. Ва ҳар ҳарфи он дар худ сад рамзу маъниро нуҳуфтааст, ки таҷассумгари умеду орзуҳои зиёд мебошад. Муйсафед дар хулосаи тавсифу тасвирҳои худ, ба Асрор таъкид мекунад:

Аломат кун, ба ин ҷ обоз ой,
Аломатҳои худро ҷустуҷӯ кун.
Ба шаҳри қисмати ояндаи худ,
Ба мисли ошиқу маъшуқ хӯ кун [10, с.7].

Нависанда баъди руҷӯи тасвиру тавсифҳои шаҳр, бармегардад ба масъалаи асосӣ – дарёфти қабри хоҳари Асрор. Мо, ҳам дар матни достон ва ҳам дар матни роман таваҷҷуҳмандии нависандаро ҷиҳати беаҳамиятӣ намудан ба қабристонҳо мебинем. Агар дар достон намои зоҳирии қабристон аз забони худи нависанда гуфта шавад, пас дар матни роман он аз ҷониби персонажи асар – Бобо гуфта шуда, суханҳо такмил ёфтааст:

Вале рав аз думи бобову Асрор,
Бирав, аҳволи қабристонш бингар.
Ду-се чӯби кафида бар ду-се қабр,
Ва як туғи фақат як шохааш тар [8, с.53].

Ба сӯи пушта рӯ гардонд: - Бингар,
Тафовут аз куҷоҳо то куҷоҳост.
Ба хоки рафтагон беэҳтиромӣ,
Ҳамон бемории деринаи мост [10, с.7].

Тавре мушоҳида мешавад, матлаб дар ҳар ду порча якест – бозгӯи беэҳтиромии шахсон ба қабристонхо мебошад. Аммо хусусиятҳои ин беэҳтиромӣ дар матни роман малеҳона ва пардапӯшона гуфта шудааст. Нависанда онро одат ва бемории мо тоҷикҳо донистааст.

Ғаффор Мирзо зимни таҳрир камбудиҳои дар матни аввал бударо бартараф карда, мутобиқатии фикро дар асар таъмин намудааст. Ҳамин аст, ки нависанда аз баъзе танқидҳои матни достон даст кашида, якбора ба даъват мегузарад. Ин ҷо нависанда менигорад, ки барои як шаҳри калон, ки одамони зиёд умр ба сар мебаранд, бояд мушкил набошад барои маҳкам кардани гирду атрофи мазор ва ё овардани ҷӯи обе. Танҳо дар ин кор одамият мебояд:

Чӣ даркор аст? Андак одамият,
Ҳазор афсӯс, баъзе зиндаҳоянд.
Ба он розӣ, ки баъди марг сагҳо,
Шаҳолон мурдаҳошонро бихоянд [10, с.8].

Ҳамин тариқ, баъд аз тавсифи манзараи умумии қабристон, Бобо қабри ҳамшираи Асрорро ба ӯ нишон медиҳад. Дар матни достон ҳамоно Бобо ба оҳангҳои маъёсонаи худ нисбат ба марги хоҳари Асрор давом медиҳад. Аммо дар таҳрири баъдӣ

мо ба чунин фикрҳо вонамехӯрем, балки Бобо дар миёни қабрҳо ҷустуҷӯкунон қабри духтарро кофта, қабреро ба Асрор нишон медиҳад.

Баъди «пайдо кардан»-и қабр Бобо аз нзади Асрор бо баҳонаи зиёрати қабри дӯсташ (дар нашрҳои пештар ин ҳолат нест) дур мешавад. Асрори бо сад аламу дард сари қабр нишаста:

- Мана, - охир ба қабре пир имо кард,
Сари қабри апаш биншаст Асрор,
Ба пайҳо рехт хоку сила карду
Хасу хораш биканду кард ҳамвор [8, с.55).
Фақат ду қатра оби дида? Не, не,
Ду сангро, ки бо он буд гулӯгир.
Ту гӯй, об карду рехт берун
Дурӯғи маслиҳатомези он пир [10, с.8]

Нишаст Асрори маҳзун ба сари хок,
Хамӯшу ҷамъу ҷиддӣ ҳамчу хоро.
Фақат ду қатра об аз дидаи ӯ,
Намуд аҳволи ӯро ошкор.

.

Дар матни достон ҳолати ботинии Асрорро нависанда бо як банд ифода карда, нидои ӯ хусусияти маҳдудро касб кардааст. Зеро Асрор қавл медиҳад, ки дар фасли баҳор болои қабри хоҳараш ниҳоле шинонида, мудом аз атри гулҳои он бӯи хоҳарашро ба димоғ мегирад.

Хонанда анҷоми қиссаи мазкурро дар матни достон бо дилмондагӣ, паршикастагӣ ва ноумедии Асрор мебинанд. Лекин ҳисси ҷавонмардию фурутании ӯ аз тарафи нависанда такмил ёфта, ғурури ӯро бедор кардааст. Дигар ӯ Асроре нест, ки гаштаю баргашта ба саҳрои нимсӯхтаи пурхор бо навмедии зиёд менигарад. Балки:

«Ки умрамро саросар мекунам сарф,
Ба размі хайр бар зидди шарирон
Ва ҷон додан агар ояд зарурам,
Чу сарбози фидоӣ медиҳам ҷон!» [10, с.9].

Ҳамин тариқ, устод Ғаффор Мирзо дар таҳрири асар ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъ таваҷҷуҳ намудааст. Моҳияти масъала агар дар матни достони «Асрор» дар 51 байт дарҷ гардида бошад, пас дар матни романи «Фарзанди ҳукумат» фарогири 81 байт мебошад. Зимни таҳрир ҳам ба ҷиҳати сохторӣ, ҳам мазмунӣ ва ҳам ҷиҳатҳои шаклии асар тағйирот даровардааст, ки баррасии ҳар қисмати он таҳқиқоти густурдаеро тақозо менамояд. Бардошт аз овардаҳои боло ин аст, ки нависанда дар тасвири қаҳрамонони асар, пеш ҳама, руҳи замонро нишон додааст. Албатта, дар ин ҷо ҷаҳонбинии нависанда мавқеи калон дорад. Дар матни достон нависанда воқеҳои мавҷударо зиёдтар дар асоси ҳақиқати воқеӣ акс карда, дар таҳрири баъдӣ онҳоро бо унсурҳои бадеӣ тавассути тахайюли боюу рангини худ на воситаи маъюсу ноумед гаштани хонанда, балки қувват гирифтани эҳсоси баланди ҷавонмардию олиҳиматӣ тасвир кардааст. Инчунин ба воситаи такмили образи Бобо санъати баланди тасвиргариҳои психологии худро нишон дода, ба ин восита ба хонанда ҳушдор додааст. Истифодаи таъбири «дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез» дар нутқи муйсафеди солхӯрда мавқеи ӯро дар назди хонанда афзун гардонидааст. Зеро асари бадеӣ оинаеро мемонад, ки зиндагии гузаштон барои имрӯзиён нишон дода мешаванд. Дар ин росто, такмилу таҳрири асар имкон медиҳад, ки адиб диди бадеиву эстетикии хешро тақвият бахшида, охирин иродаи эҷодии хешро нишон дода тавонад.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Мунтахаби асарҳои илмӣ. ҷ.1. – Душанбе, 2008. – 256 с.
2. Белинский В.Г. Пол. соб. соч. Том 10, изд. АН СССР. – М., 1956. - С. 311.
3. Ғаффоров Р. Дар бораи забони достони «Асрор» // Газетаи муаллимон. – 9-уми феврали 1957.
4. Кӯчаров А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1994. – 143 с.
5. Кӯчаров А. Мтаншиносӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). Душанбе: «ТоРус», 2017. – 323 с.

6. Қосим Н. Романи пурасрори шоир // http://navisandagan.tj/tj/ index.php/ marizaho/ 829-romani-purasrori-shoir. Санаи нигориш 18.10.2021.
7. Мирзо Ғ. Баъзе мулоҳизаҳо дар масъалаи назм // Адабиёти советии тоҷик (Маҷмуаи мақолаҳо). – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1954. – С. 363-410.
8. Мирзо Ғ. Асрор. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – С.51-155.
9. Мирзо Ғ. Аз гаҳвора то майдон (шеърҳо ва достонҳо). – Душанбе, Маориф, 1981. – 222с.
10. Мирзо Ғ. Фарзанди ҳукумат. – Душанбе, Маориф, 1985. – 240с.
11. Насриддин, А. Матншиносии осори адабӣ. Чопи дувум. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 392 с.
12. Отахонова Х. Масъалаҳои матншиносии адабиёти муосири тоҷик. Душанбе: Дониш, -1999, 196 с.

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР АСАРҲОИ «АСРОР» ВА «ФАРЗАНДИ ҲУКУМАТ»-И ҒАФФОР МИРЗО (ТАҲҚИҚИ МАТНШИНОСӢ)

Мақола ба таҳқиқи яке аз соҳаи муҳимми адабиётшиносӣ – матншиносӣ ихтисос шуда, муаллиф таҳлил ва баррсии масъаларо дар асоси ду асари бунёдии устод Ғаффор Мирзо – «Асрор» ва «Фрзанди ҳукумат» ба миён гузоштааст.

Аз мутолиаи мақола возеҳ мегардад, ки романи манзуми «Фарзанди ҳукумат» идома ва ё такмилёфтаи достони «Асрор» мебошад. Дар асарҳои зикршуда образҳои зиёд мушоҳида мешавад ва муҳаққиқ мақолаи пешниҳодшударо дар асоси образи як образ таҳлилу баррасӣ намудааст ва дар ин асно фаъолнокии Асрорро дар матни роман нишон додааст. Баён месозад, ки нависанда дар матни роман дар баробари тавсиф ва васеъ намудани манзараи воқеаҳо, баъзе мафҳумҳоро ихтисор намудааст.

Ба масъалаҳои иҷтимоӣ марбуд донистани номи мақола дар он дониста мешавад, ки дар таҳлили қиссаи пешниҳода зиёдтар дар романи «Фарзанди ҳукумат» нависанда ба ҳолати руҳии қаҳрамонон таваҷҷуҳ кардааст. Ба таъкиди муаллиф дар муқоиса ба нашри достони «Асрор» дар романи «Фарзанди ҳукумат» фаъолнокии пирамард то рафт зиёд гардида, новобаста ба он ки ӯ гоҳо мемулоҳиза ба сухан мебарояд, мавқеи иҷтимоии ӯро нависанда ба ҳайси як пири хиради таҷрибадор тасвир карда, ба ин восита тасвири психологии асарро таҳвият бахшидааст.

Умуман, дар мақола масъалаҳои иҷтимоӣ, ки дар асоси ҳақиқати воқеӣ тасвир шудааст, аз лиҳози матншиносӣ таҳлилу баррасӣ шуда, ба доираи васеи хонандагон, аз ҷумла мутахассисони соҳаи филология пешниҳод мегардад.

Калидвожаҳо: Ғаффор Мирзо, «Асрор», «Фарзанди ҳукумат», иҷтимоӣ, таҳқиқ, матншиносӣ, тағйирот, роман, таҳрир, матн.

ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ПРОБЛЕМЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ «АСРОР» И «СЫН ПРАВИТЕЛЬСТВА» ГАФФОРА МИРЗО (ТЕКСТОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ)

Статья посвящена исследованию одной из важных областей литературоведения - текстологии и автор анализирует и рассматривает вопрос на основе двух фундаментальных произведений Гаффор Мирзо - «Асрор» и «Сын правительства».

Из прочтения статьи становится понятно, что роман «Сын правительства» является продолжением или усовершенствованием повести «Асрор». В упомянутых произведениях можно наблюдать множество образов, и исследователь проанализировал и рассмотрел предложенную статью на основе изображения одного образа, и таким образом показал активность Асрора в тексте романа. Он утверждает, что писатель сократил некоторые понятия в тексте романа, описав и расширив место действия.

Известно, что название статьи связано с социальной проблематикой в том, что при анализе предложенного сюжета в романе «Сын правительства» автор уделил больше внимания душевному состоянию героев. По мнению автора, по сравнению с публикацией повести «Асрор» в романе «Сын правительства» активность старика еще

более возросла, несмотря на то, что он иногда говорит задумчиво, писатель описывает свое социальное положение как опытный мудрый старец инструмент усиливал психологический образ произведения.

В целом в статье социальные вопросы, описываемые на основе реальных истин, анализируются и обсуждаются с точки зрения текстологии и представлены широкому кругу читателей, в том числе специалистам в области филологии.

Ключевые слова: Гаффор Мирзо, «Асрор», «Сын правительства», социальное, исследование, текстология, изменение, роман, редакция, текст.

REFLECTION OF THE SOCIAL PROBLEM IN THE WORKS "ASROR" AND "THE SON OF THE GOVERNMENT" BY GHAFFOR MIRZO (TEXT STUDY)

The article is devoted to the study of one of the important areas of literary criticism - textual criticism, and the author analyzes and considers the issue on the basis of two fundamental works by Ghaffor Mirzo - "Asror" and " The son of the government".

From reading the article it becomes clear that the novel "Son of the government" is a continuation or improvement of the story "Asror". Many images can be observed in the mentioned works, and the researcher analyzed and reviewed the proposed article based on the image of one image, and thus showed the activity of Asror in the text of the novel. He argues that the writer reduced some of the concepts in the text of the novel, describing and expanding the setting.

It is known that the title of the article is associated with social issues in that when analyzing the proposed plot in the novel "Son of the government", the author paid more attention to the state of mind of the characters. According to the author, compared with the publication of the story "Asror" in the novel " The son of the government", the activity of the old man increased even more, despite the fact that he sometimes speaks thoughtfully, the writer describes his social position as an experienced wise old man, a tool that strengthened the psychological image of the work.

In general, in the article, social issues described on the basis of real truths are analyzed and discussed from the point of view of textual criticism and presented to a wide range of readers, including specialists in the field of philology.

Key words: Ghaffor Mirzo, "Asror", " The son of the government", social, research, textual criticism, change, novel, edition, text.

Сведения об авторе: Рахмонова Гулдона Сохибназаровна – докторант (PhD) кафедра таджикской литературы Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. **Адрес:** 735340, Республики Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16.
Тел: +992 918906365

Information about the author: Rakhmonova Guldona Sohibnazarovna - doctoral student (PhD), Department of tajik literature, Kulyab state university named after A. Rudaki. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16.**Tel:** +992 918906365

УДК: 811.21/.22.-81′373.21.1.
ББК: 8.1. (Ш)
Ш-811

К ИСТОРИИ ФОРМИРОВАНИЯ ШУГНАНСКИХ АНТРОПОНИМОВ

Гуламадшоев Ш.Ш.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Исследование личных имен в историческом процессе функционирования и становления предполагает предъявление особых требований как методологического, так и теоретического характера к процедуре и методике анализа антропонимов в

широком междисциплинарном аспекте. К настоящему времени в антропонимике еще недостаточно системно и комплексно охватываются основные вопросы теоретического осмысления методов анализа антропонимии прежде всего в ее соотношении с процедурой и механизмом применения приемов анализа для выявления комплексной характеристики антропонимической системы отдельного языка. Современная антропонимика, реализуя системные связи содержательного и структурного аспекта как с самим порождающим его носителем имени, так и с структурно формирующей его языковой системой проявляет признаки системного соотношения со внешними и внутренними аспектами функционирования. В этой связи в качестве основного содержания изучения вопросов исторического развития, становления и функционирования антропонимии шугнанского языка определяются следующие два взаимосвязанных аспекта анализа антропонимии:

а) собственно языковое содержание анализа;

б) направление, охватывающее исследование междисциплинарного характера формирования, существования и функционирования личных имен шугнанцев, как объекта, локализующее в пограничье других дисциплин.

Проведение исследования системы личных имен различных языков и народов предоставляет достаточно интересный материал для характеристики специфических особенностей антропонимии каждого из народов и национальностей мира.

Антропонимические исследования установили, что личными именами люди пользовались еще с периода каменного века. Гносеологической основой появления личного имени считают необходимость индивидуализации отдельного человека из среды подобных ему лиц.

При этом следует обратить внимание на экстралингвистическую сущность имен, в системе факторов, которых социальные преобладают над всеми, так как обладают непосредственные взаимоотношения с экономическими, политическими и историческими условиями общества.

Каждое из названных условий или аспектов имянаречения значимо в целом для системы шугнанской антропонимии и проявляет специфические особенности и собственные возможности при выборре имени для ребенка. Исторические условия имянаречение предполагаются прежде всего традициями, сложившимися в прошлом шугнанского народа, культурой выбора имени Х1Х-ХХ веков, она сохраняется в тех обычаях, которые были свойственны данному народу в этот период.

Личное имя в языковом аспекте характеризуется, прежде всего. со стороны языковой принадлежности, вступая как конкретный знак определенного национального языка, имеющий характерными структурными формами данного языка. Поэтому, как отмечает один из известных исследователей антропоним систем иранских языков З.Е. Исаева, «...приступая к изучению антропонимии любого народа, необходимо помнить, что предмет исследования представляет собой многоярусное сооружение из различных языковых страт причудливого переплетения» [7, с. 87].

Как отметиль Карамшоев Д. «Система личных имен шугнанского языка выделяется составляющими единицами использующихся в ней номинативных единиц, следовательно, нет необходимости в историко-генетическом исследовании личных имен и в установлении праязыкового антропонимического состояния, так как личные имена обладают другими закономерностями становления и формирования, в кругу которых адаптивная функция языка и его активная реакция на социальные, культурные, политические, этнические и другие социолингвистические факторы занимает ведущую роль» [8, с. 44-45].

Современные шугнанские *антропонимы*-результат многовекового народного творчества и своеобразное продолжение как обще иранской и собственно шугнанской антропонимии. Однако история становления шугнанской антропонимии как процесс в документально зафиксированных источниках освещена скудно. Поэтому при попытке осветить историю становления шугнанской антропонимии мы можем основываться только на тех материалах, которые зафиксированы в современном именнике шугнанцев.

В этом отношении некоторые недостаточно развернутые материалы о личных именах начала XX в. предоставляют записки русских путешественников, а также исследователя шугнанского языка И.И. Зарубина, этнографические исследования памирских языков М.С. Андреева и др. [5, с. 81].

Исходя из этого *при исследовании проблемы исторического формирования шугнанской антропонимии* историческую периодизацию шугнанской антропонимии мы вынуждены ограничивать двумя периодами:

I. Период до двадцатого века.

II. Период с начала двадцатого века по настоящее время.

Как уже отмечали, первый период отличается скудностью представленного материала. Если исходить из анализа представленного материала, этот период характеризуется несколькими разнонаправленными процессами развития шугнанской антропонимии, в соответствии с которыми следовало бы выделить: 1) древнеиранский и /или древнешугнанский подпериод; 2) подпериод средневековья – до начала двадцатого века.

Древнеиранский и/или древнешугнанский подпериод охватывает период от древнейших времен до выделения общешугнано-рушанско-язгулямской общности и характеризуется наличием общеиранской в своей основе антропонимии, который в настоящее время в шугнанском языке выделяется как исторически наиболее ранние элементы шугнанской антропонимии: ***Rustam, Surob, Maniʒā, Kaykowus, Farux*** и др. Шугнанские имена этого подпериода сохраняют много общего с личными именами других иранских народов, так как они образованы из исходных по происхождению общих морфем и формантов, которые в дальнейшем легли в основу каждого из иранских языков с незначительными изменениями. В то же время следует отметить, что подобные имена в дальнейшем теряют своей апеллятивной связи с основавших их словами. Антропонимическими источниками данного периода служат древнеиранские и среднеиранские памятники, в которых встречаются такие имена, как ***Ba(h)rōm, Manúje(h)r, Firdaws, Rustam, Xusraw, Kaykowus, Nušerwōn*** и др [9, с. 15].

Подпериод средневековья - это период общешугнано-рушанской общности, а затем и шугнанской языковой идентичности. Этот подпериод шугнанской антропонимии, безусловно, имел ***много*** общего с предыдущим под периодом. Можно предположить, в этот период еще усиленно сохранялись традиции общешугнано-рушанской и собственно шугнанской антропонимической традиции, особенно на начальном этапе данного периода.

В то же время в традиции ***на*** речения новорожденного и в антропонимиконе шугнанцев было много общего с другими памирскими народами, т.е. была полная параллель между антропонимическими системами этих близкородств енных народов, а также в мотивах имя наречения.

Этот подпериод - время усиления и все большего возрастания влияния таджикского языка на памирские, в том числе и на шугнанский. Значимым в этом периоде также следует считать принятие ислама и проникновения арабоязычных по своему происхождению и религиозных, исламских имен.

Второй период охватывает несколько временных срезов, отличающихся различными процессами формирования шугнанской антропонимии, подразделяемые нами на три подпериода: 1) подпериод начала XX века (1900-1920 годы); 2) 20-вые-80-ые годы XX века; 3) 90-ые годы XX в. - по настоящее время.

Первый подпериод начала XX века (1900-1920 годы) присоединение к Российской империи, проникновение светских веяний, создание школ русского образца, трудовая миграция в другие области Средней Азии и России, что не могло не повлиять на развитие антропонимической системы шугнанского языка.

Второй подпериод 20-ые-80-ые годы XX века можно назвать советским периодом и личные имена, возникшие под влиянием господства советской идеологии.

Важнейшие события этого под периода связаны с победой Великой Октябрьской социалистической революции, коллективизацией сельского хозяйства и

других преобразований на Памире, как и во всей республике, утвердились новые общественные и экономические отношения, сформировалась новая идеология. Все эти изменения оказывают влияние на личные имена, как и на лексику в целом.

Советский период как историческое событие сыграло огромную роль в становлении и развитии науки, культуры, мировоззрения шугнанского народа. Определенное влияние этого периода чувствуется и в шугнанской антропонимии. Значительное количество новаций проникло в шугнанскую антропонимию именно в этот период.

Советский период характеризуется наличием большого достоверного фактического материала шугнанской антропонимии.

В историко-хронологическом плане шугнанские личные имена, возникшие в советский период, неоднородны и отражая повлиявшие на его состав содержание различного свойства значимых исторических событий данного периода, делятся на группы. Прежде всего это те события, которые связаны с началом становления Советской власти, коллективизацией, Великой отечественной войной, послевоенным периодом, завоеванием космоса и др.

Основными признаками антропонимов данного периода являются тематическое разнообразие и широта, усиливается светская тематика в содержании имен.

Карамшоев Д. об этом отметиль что в этом связи следюший указатьние в том что такие направление формирования имен, как стремление к отражению значимых событий в антропонимии *(**Ozod, Ozodā, Ozodbēk, Zafar*** и др.*)*, развитие имен – посвящений, достаточно распространен обычай нарекать детей именами известных людей времени (***Ofīz, Ĵomī, Miršakar, Iskandar, Sadī, Xusraw, Nosir, Yrī, Gagarin*** (посвящение первому космонавту Юрию Гагарину), ***Mɛls, Mamlakat, Mališ***) и др [9, с. 87].

Наиболее значимый факт в системе личных имен шугнанского языка данного периода следует считать распространение русского влияния, что непосредственно связано с переходом от традиционного шугнанского общего для всего региона наименованияна фамилии по русскому образцу в начале периода, а в середине периода - переход от двухсловного к трехсловному официальному именованию, также по принятому у русских образцу.

Это влияние проявляется также в проникновении заимствованных из русского языка некоторого количества имен в состав шугнанской антропонимии.

Однако, на наш взгляд, важнейшим результатом контакта шугнанского языка с русским в системе антропонимии следует считать роль русского языка в активизации отражения тех глубинных процессов, которые происходили в социальных отношениях общества, особенно под влиянием господствующей коммунистической идеологии. Антропонимы представляют собой неразрывный элемент культуры и как составная часть лексики активно отражали изменения в общественной жизни повседневной жизни народа носителя языка.

Третий под период охватывает временные срезы 90-ые годы XXв.- по настоящее время и характеризуется существенными изменениями в общественной жизни, касающиеся коренных преобразований в результате получения независимости, рост национального самосознания в обществе. К культурно гуманистическим проявлениям этого периода следует отнести такие факты, как разработка алфавита шугнанского и других памирских языков,

Следует отметить, что каждому периоду и этапу присущи определенные признаки. Однако между ними нет четко очерченных границ, так как традиции одного периода и этапа, хотя в ограниченных пределах, продолжают действовать в последующее время.

Литература:

1. Андреев М.С. Наречение имени // Таджики долины Хуф / М.С. Андреев. - Сталинобод: Дониш, 1953. - 256 с.

2. Антропонимика // Редакторы: В. А. Никонов, А. В. Суперанская, Академия Наук СССР. М.: Наука, 1970. - 360 с.

3. Бахтибеков Т.К. Семантико-грамматические особенности шугнанской антропонимии // Иранское языкознание / Т.К. Бахтибеков. - М.: Наука, 1985. - С. 86-88.
4. Зарубин И.И. Рождение шугнанского ребенка и его первые шаги / И.И. Зарубин // В.В. Бартольду туркестанские друзья, ученики и почитатели. Ташкент.: Узбекистан, 1927. - С. 361-373.
5. Зарубин И.И. К списку памирских языков / И.И. Зарубин // Докл, РАН. Пгр, 1924. - С. 79-81.
6. Зарубин И.И. Список народностей Туркестанского края / И.И. Зарубин. - JL, 1925. - С. 1-11.
7. Исаева 3.Е. К вычислению культурно-генетических страт в антропонимии (на материале осетинского именника) // Ономастика: Типология. Стратиграфия / 3.Е. Исаева. - М.: Наука, 1988. - 168 с.
8. Карамшоев Д. Особенности памирских личных имен. Памироведение, вып-2 /Д. Карамшоев. - Душанбе.: Дониш, 1985. - 356 с.
9. Карамшоев Д. Выражение категории рода имени с помощью перегласовки в языках шугнанской группы // Памироведение (вопросы филологии) / Д. Карамшоев. - Душанбе.: Дониш, 1975. - С. 24-25.
10. Карамшоев Д. Памирские имен // Ономастика, типология, стратиграфия / Д. Карамшоев. - М.: Наука, -1988. - С. 18-25.
11. Курилович Е. Положение имени собственного в языке // Очерки по лингвистике / Е. Курилович. - М.: Наука, 1962. - С. 12-13.
12. Магазаник Э.Б. Имена собственные в художественной литературе / Э.Б. Магазаник. - М.: - 1968, №3, - С. 23-24.
13. Маҳмадҷонов О.О. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик / О.О Маҳмадҷон. - Душанбе.: Деваштич, 2004. - 84 с.
14. Офаридаев Н. Асрори олами номҳо // Садои Шарк. - 1985. - №1. -С. 2-8.
15. Ҷамшедов Парвона Ориёиҳо (ривояту ҳақиқат) / П. Ҷамшедов. - Душанбе.: Дониш, 2006. - 140 с.
16. Юсуфбекова 3. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX начало XX в) / 3. Юсуфбекова. - Душанбе, 2001. С. 53-54.

АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ АНТРОПОНИМҲОИ ЗАБОНИ ШУҒНОНӢ

Мақолаи илмӣ оид ба таҳлили таърих ва ташаккули антропонимҳои забони шуғнонӣ равона гардидааст. Муаллиф дар ин мақола, хусусияти антропонимҳои забони шуғнониро таҳлили илмӣ намуда, дар рафъи он марҳилаҳои дигари семантикаи антропонимҳои забони шуғнониро ошкор ва баррасӣ намудааст.

Дар мавриди баррасии таркиби сарчашмаи антропонимҳои забони шуғнонӣ ба чунин хулосабарорӣ омадан зарур аст, ки ташаккули антропоними забони шуғнонӣ на танҳо ба рушди номҳои хос, балки ба дигар забонҳо низ тааллуқи фарҳангиро ба вуҷуд овардааст. Дар асоси ин, дар таркиби антропоними забони шуғнонӣ аз рӯи пайдоиш ва манбаи пурарзиш ба чанд қабат ҷудо кардан зарур аст, ки дар мақола дарҷ ёфтаанд.

Сарчашмаи пурарзиши антропонимҳои забони шуғнонӣ дар он ҳаст, ки онҳо аз ибтидо мавҷудияти хоси ин забон буда ва дар дигар забонҳо низ истифода шудаанд. Дар номҳои аслӣ, номҳои умумиэронизабонӣ низ ҳастанд, ки осори мардуми эронитаборро ифода мекунанд. Воқеан, номҳои забони шуғнонӣ дар заминаи инкишофи муосири забони шуғнонӣ ба таври этимологӣ пайдо шудаанд.

Воқеаҳои таърихию-хронологии забони шуғнонӣ бо таъриху фарҳангии миллати худ сахт алоқаманд ҳаст, ки ин боиси аҳамияти робитаҳо барои ташаккули антропоними забони шуғнонӣ аҳамияти калидиро дорад, дар ин раванд антропоними забони шуғнонӣ барои рушди минбаъда ба забони тоҷикӣ сахт вобастагӣ дорад.

Калидвожаҳо: номҳои шахс, забони шуғнонӣ, номҳои шуғнонӣ, раванд, амал, методологӣ, антропонимия, таърих, система, назариявӣ, тавсиф, таҳлили сохторӣ, таҳқиқот.

К ИСТОРИИ ФОРМИРОВАНИЯ ШУГНАНСКИХ АНТРОПОНИМОВ

Научная статья анализировать к истории формировнаия шугнанских антропонимов. В данной статье автор проводит научный анализ природы антропонимов шугнанского языка, в процессе которого выявляются и другие этапы семантики антропонимов в шугнанском языке.

Исследуя состав шугнанских антропонимов, можно заключить, что антропонимическая система шугнанского языка сформировалась не только за счет собственных имен, но и путем заимствования из других языков. Исходя из этого, в составе антропонимии шугнанского языка следует выделить несколько пластов по происхождению и источнику пополнения.

Источниками пополнения шугнанских антропонимов являются собственные исконные и заимствование. К исконным относятся имена общеиранского происхождения, представляющие сбой наследие всех иранских народов. Собственно, шугнанские имена, этимологизируемые на основе современного шугнанского языка.

Историко-хронологические события шугнана тесно связаны с взаимосвязями с историей таджикского народа, с его культурой, что обусловило значимость для становления шугнанской антропонимии контакты с таджикского языка, наибольшее количество антропонимов в шугнанском языке представлено из таджикского языка.

Ключевые слова: личных имен, шугнанский язык, шугнанские имена, процесс, функционирования, методологического, антропонимия, история, система, теоретического, характеристика, структурный анализ, исследования.

TO THE HISTORY OF FORMATION OF SHUGNAN ANTHROPONYMS

The scientific article to analyzing to the history of the formation of Shugnan anthroponyms. In this article, the author conducts a scientific analysis of the nature of anthroponyms in shugnan language, during which other stages of the semantics of anthroponyms in the shugnan language are revealed.

Examining the composition of Shugnan anthroponyms, it can be concluded that the anthroponymic system of the shugnan language was formed not only due to proper names, but also by borrowing from other languages. Based on this case in the composition of the anthroponymy of the Shugnan language, several layers should be distinguished according to the origin and source of replenishment.

The sources of replenishment of the Shugnan anthroponyms are their own primordial and borrowing. The original names include names of common iranian origin, representing the legacy of all iranian peoples. Actually, Shugnan names, etymologized on the basis of the modern Shugnan language.

The historical and chronological events of Shugnan are closely connected with the relationship with the history of Tajik people, with its culture, which led to the importance of contacts from Tajik language for the formation of the Shugnan anthroponymy, the largest number of anthroponyms in the Shugnan language are from Tajik language.

Keywords: personal names, Shugnan language, Shugnan's names, process, functioning, methodological, anthroponymy, history, system, theoretical, characteristic, structural analysis, research.

Маълумот оид ба муаллиф: Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич,- номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. Тел: (+992) 988-38-21-88. E-mail: zuvor1986@list.ru

Сведения об авторе: Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич,- кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков, Кулябского государственного университета имена А. Рудаки. Адрес: г. Куляб, ул. С. Сафаров 16. Тел: (+992) 988-38-21-88. E-mail: zuvor1986@list.ru

The information about the author: Gulamadshoev Shokirsho Sherzodshoevich,- candidate of philologycal science, -senior lecturer of the chair of methodology of teaching

foreign languages Kulob state university named after Abuabdulloh Rudaki. Address: Kulob city, S. Safarov 16 street. phone: (+992) 988-38-21-88. E-mail: zuvor1986@list.ru

УДК: 811.21/.22.-81′373.21.2.
ББК: 8.2. (Ш)
Ш-811

ХУСУСИЯТИ АНТРОПОНИМҲОИ ЭТНОГРАФӢ ВА ЭТНОЛИНГВИСТӢ ДАР ЗАБОНИ ШУҒНОНӢ

Гуламадшоев Ш.Ш.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Яке аз масъалаҳои муҳими илми забоншиносӣ, ин баррасӣ ва таҳқиқот намудани ономастика аз лиҳози этнография ва этнолингвистӣ мебошад, ки ин масъала дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX нақши калидиро бозидааст. Дар натиҷаи инкишофи марҳилаҳои омӯзиши ономастика дар илми забоншиносӣ ба забоншиносон имконоти нав фароҳам овард, ки муҳаққиқон метавонанд ба масъалаҳои этнолингвистӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, муаммоҳо ва гиреҳҳои таҳқиқнашудаи онро бозкушоянд. Омӯзиш ва таҳқиқу таҳлили осори гузаштагони мо нишон медиҳад, ки санъати номгузорӣ, яъне антропонимия дар илми забоншиносӣ мақоми махсусро ишғол менамояд. Ономастика ба масъалаҳои ном ва номгузорӣ, таърихи тавлид, хосиятҳои ифодакунандаи номҳо ба маънидоди илмии онҳо машғул буда, ба қисмҳои таркиби антропонимия (юн.antropos-одам, onoma-ном), этонимия (etnos-халқ, onoma-ном), топонимия (topos-маҳал, onoma-ном), гидронимия (hidro-об, onoma-ном) ва амсоли инҳо ҷудо кардан мумкин аст. Ономастикаи забонҳои «Бадахшонӣ» дар баробари забони тоҷикӣ сарчашмаи муҳимест оид ба таърихи тамаддуни халқҳои ориёӣ. Баъзе масъалаҳои антропонимияи кӯҳистони Бадахшон дар осори мардумшиносии забоншиносони муосир баррасӣ шудаанд.

Дар таҳқиқу таҳлили антропонимҳо ё исмҳои хоси забони шуғнонӣ олимони машҳури ҷаҳонӣ ва ватанӣ ба монанди В.И. Абаев, С. Абдуллоев, Ҷ. Алимӣ, М.М. Аламшоев, Г.В. Бахвалова, Т.К. Бахтибеков, А.Г. Гафуров, Д. Карамшоев, О.О. Маҳмадҷонов, С.М. Насруддинов, В.А. Никонов, Н. Офаридаев, А.В. Суперанская, Ш. Хайдаров ва дигарон нақши бузург гузоштаанд.

Антропонимия гурӯҳи онимҳо буда, номи дилхоҳе, ки ба инсон ва ё гурӯҳи одамон мансуб буда, ин истилоҳ аз забони юнонии antropos-одам, onima-ном таркиб ёфтааст. Антропонимика мисли соҳаҳои дигари ономастика усулу роҳҳои гуногуни таҳқиқ дошта, бо илмҳои адабиётшиносӣ, услубшиносӣ, этнография, таърих, география, сотсиология ва психология алоқаманд аст.

Антропонимшинос Д. Карамшоев қайд менамояд, ки «Таҳлили сохт ва қолаби сохтори грамматикӣ масъалаи асосии антропонимия буда, барои аниқ намудани этимологияи қабатҳои семантикии номҳои шахсӣ ба этнографияи он такя намуда, дар ин маврид имконият фароҳам ба вуҷуд меояд» [9, с. 56]. Муайян намудани сохти таркибии грамматикии номҳои шахсӣ дар забони шуғнонӣ барои аниқ маълум кардани муносибати таърихан ба ин ё он забондоштаи антропонимҳо барои ба вуҷуд овардани роҳу усулҳои нави таҳқиқоти номҳои шахсон дар алоҳидагӣ дар номсозии этнографӣ низ дар забони шуғнонӣ маводи муфид медиҳад.

Калимасозӣ воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забон аз нигоҳи этнография мебошад. Ба ин роҳ таркиби луғавӣ бо калимаҳои нав пурра мешавад. Бисёр калимаҳои наве, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ ба вуҷуд омадаанд ва бо сохти грамматикӣ ва қонунҳои дохилии забони шуғнонӣ пурра мувофиқат мекунанд, ки тарзи калимасозӣ ҳам тадриҷан инкишоф ва

такомул меёбанд. Ҳар як навъи калимасозӣ дар марҳилаи худ барои бою пурра шудани таркибӣ луғавии забони шуғнонӣ роли калон мебозад.

Номҳо маҳсул тафаккури давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъият буда, сарвати маънавӣ, ганчинаи боэътимоди таъриху маданият ва як ҳиссаи фонди луғавии забони халқ ҳисоб меёбад ва дар шарҳу маънидод, таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои гуногуни этомология, калимасозӣ, фонетика, грамматика, этнолингвистика, шевашиносии таърихиву ҳозира ва дигар қисматҳои забоншиносӣ кӯмаки калон мерасонад. Илова бар ин, номҳо тарзи зисту зиндагии мардумро дар замонҳои гуногун, баъзе дигаргуниҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании онҳоро ҳам акс менамояд. Бесабаб нест, ки дар ҳар давру замон барои соҳибони ном донистани олами номҳо, алалхусус таърихи пайдоиш, инкишоф, усулҳои таъбир, дараҷаи истеъмолу ҳудуди интишор, омилҳои номмонӣ ва омилҳои интихоби он, номҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, асрори лақаб, тахаллус, номҳои мустаор ва ғайра будааст. Ҳамин гуна хусусиятҳои антропонимҳо водор кардааст, ки таҳқиқот намудани як қатор илмҳо (мисли забоншиносӣ, география, этнография ва ғайра) ба омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои ҷудогонаи антропонимия камар баста ва дар як муддати кӯтоҳ барои пешрафти ономастика ҳиссаи арзанда гузоштаанд.

Мо низ ба ин ҷанбаи бою ғании хусусияти этнографияи антропонимия назар афканда, барои баъзе муаммоҳои антропонимия дар забони шуғнонӣ равшанӣ меандозем.

Дар мавриди баррасии таркиби фонди луғавии антропонимҳои забони шуғнонӣ ба чунин натиҷагирӣ омадан мумкин аст, ки системаи этнографии антропонимҳои забони шуғнонӣ на танҳо ба шарофати номхои хос, балки аз дигар забонҳо низ сарчашма гирифтааст. Дар асоси мавҷудияти ин сарчашма дар таркиби антропонимҳои забони шуғнонӣ аз рӯи пайдоиш ба манбаи луғавии антропоними забони шуғнонӣ як ҷанбаи арзишманди илмиро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX боқӣ гузоштааст.

Антропонимҳои забони шуғнониро аз рӯи пайдоишашон ба антропонимҳои маҳаллӣ, макон ва этнография ҷудо кардан мумкин аст. Дар таҳқиқоти таърихи инсоният далелҳои муҳими илмӣ маҳфуз нигоҳ дошта шудаанд, ки ба асри санг тааллуқ доранд. Муҳаққиқони таърихии инсоният низ дар натиҷаи омӯзиши муқоисавӣ ва типологӣ маълумотҳои замони гузаштаи инсониятро гирд овардаанд, ки далелҳои зиндагӣ ва табақаи башарият дар бисёр халқҳои Австралия, Зеландияи Нав ва Африка то ҳанӯз бо номҳои лақабҳои асри санг вуҷуд дошта, муҳаққиқон ба чунин хулоса меоянд, ки аз ҷиҳати дараҷаи тараққиёти ҷамъиятии худ ҳанӯз дар давраи аввали тараққиёти ҷамъият антропонимия нуфуз доштааст.

Автохтонҳои Австралия, ки дар марҳилаи рушди номшиносӣ қарор дошта, дар давраи санг номгузориро ҳамчун иди махсус қабул карда, ин як маросими мураккаб барои онҳо дар ҳамон давра дониста мешавад.

Муҳаққиқон ҳангоми омӯзиши ин расму оинҳо тахмин месозанд, ки гузоштани ном метавонист ҳатто пештар, аз 50-20 ҳазор соли пеш аз мелод нуфузи маънавӣ нуҳуфтааст, ки дар давраи санги қадим ба вуҷуд омада бошад. Дар баробари ин чунин фикр баён мешавад, ки аниқтар муайян кардани намуди номи шахс имконнопазир аст. Дар баробари ин, инчунин тахмин менамояд, ки номҳои аввал бо исмҳои шахсии муосир ягон умумият надошта, аз ҷиҳати мазмун ба тахаллусҳо ба қадри кофӣ наздик омада, вобаста ба шароит тағйир ёфта, хусусияти муваққатӣ доштаанд.

Вақти дақиқи пайдоиши номи шахс ғайриимкон аст, гарчанде ки тахмин карда мешавад, ки он метавонад дар баробари суханронии баён фикри таҳқиқотӣ пайдо кунанд.

Донишмандон бар он назаранд, ки омӯзиши номҳои тоисломӣ ва пеш аз он бархе аз мардумон метавонанд дар ташаккули андешаи муайяне дар ин масъала саҳм гузорад ва метавонад барои муҳаққиқон дар таърихи антропонимияи забони шуғнонӣ сарчашмаи ғанӣ бошад.

Муқоиса бо номшиносии Фирдавсӣ «Шоҳнома» дар рисолаҳои Майнушов ва Сомон, ки махсус ба омӯзиши шеъри ин достони оламшумул бахшида шудаанд ва

мақолаи Ш.Ҳайдаров ва рисолаи илмии О.Қосимов, дар луғати «Фарҳангии «Шоҳнома»-и Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ ва дигар муҳаққиқони эронӣ ва дигар сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки дар антропонимияи забони шуғнонӣ номҳое, ки аз сарчашмаи этнографияи бостонии эронӣ сарчашма мегиранд, то кунун маҳфуз мебошанд.

Ҳамчун номҳои хоси қаҳрамонҳои мусбат, махсусан, дар достонҳои қаҳрамононаи Фирдавсӣ «Шоҳнома» онҳо дар байни халқҳои бадахшонизабон васеъ ифода ёфтаанд. Номҳои қадимии зерин васеъ истифода мешаванд. Масалан: ***Kubot, Kaykubōt, Kowus, Kaykowus, Fariddun, Isfandiyōr. Šopur. Rustam, Ristam, Su(h)rob*** ва ғ. Дар асоси баъзе номҳои номбаршуда, номҳои шахсӣ як навъи мураккаб сохта шудаанд: ***Šo(h)qubōd, Šo(h)qubōt, Rustambēk, Su(h)robšō Faraiddůunšŏ***.

Ardašīr ё Ardašēr «хабари хуш» (номҳои подшоҳони хонадони Сосониён) мансуб буда, дар забони шуғнонӣ низ васеъ паҳн гардидааст.

Bahrom - ***"зафар" ё "равондани рӯҳи бад Ври тру***",

Doro(b) - "- «соҳиби некӯ»,

Ĵamšēd- (Йима khsheita эронии қадим) Йимаи дурахшон" ||, маънои маҷозӣ "бузург, доно";

Īraĵ, Eraĵ, "ориёӣ",

Kaykōwus "оғои Kawus",

Kaykubōd -"ҳокими Kubād",

Maniʒā, Manuchēr "аз қабилаи Manu",

Narimōn - "ҷасур"

Parviz-"ғолиб",

Perūz- "ғолиб, хушбахт"

Siyōwuš - "саворaи сиёҳ",

Takhminā– «антропонимӣ, олиҷаноб»,

Faromūz аз ***Farōmarz***- «кишвари азим, давлати бузург»,

Farangīs - "дӯстдоштаи умумӣ, зебоӣ",

Faridun - тахминан «бузург, тавоно», эҳтимол аз реша

Far "нур, антропонимия" + ***dun*** "ҷаҳон, замин, коинот"),

Farod - "фаҳмо, оқил"

Xuršēd - "офтоби дурахшон",

Xusraw - "ҷалол", афш.; "сухани хуб"

Бисёре аз ин номҳо то ҳол дар гузоштани номҳои фарзандон дар забони шуғнонӣ васеъ истифода мешаванд.

Дар таърихи инкишоф ва ташаккули антропонимҳои бисёр халқҳо аз рӯи усули ташаккули таърихӣ баъзе хусусиятҳои этнографӣ дорад, ки он пеш аз ҳама дар мазмуни маънӣ, инъикоскунандаи хусусиятҳои этнолингвистӣ, гурӯҳҳои номҳои шахсии забони шуғнонӣ зуҳур меёбад.

Вобаста ба ин, бояд таъкид кард, ки дар чунин номнависии муосир дар заминаи антропонимияи бостон, дар низоми номгузорӣ номҳо басо сермаҳсул буда, маъноях дар асоси исмҳое, ки табақабандии иҷтимоии ҷомеаро ифода мекунанд, асос ёфтаанд: ***Dorō, Kaykowus, Kaykubōd*** ва ғ.

Исмҳои шахсӣ нуқтаи назари идеологии як забони модариро ифода мекунад, ки дар интихоби исмҳои одамон ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Бо инъикоси парастиши табиати обу бод, оташ, моҳ, офтоб ва ғайра, ки махсусан дар байни халқҳои шарқ маъруфанд ва осори онҳо то ҳол дар ёди мардум боқӣ мондааст, номҳои шахсӣ аз асоси ин номҳо дар забони шуғнонӣ сарчашма гирифтааст.

Ин аст, ки вожаи ***mō***, «мо, моҳ» ҷузъи таркибии бисёре аз номҳои шахсии забони шуғнонӣ аст, масалан, ***Moparē***- “пораи моҳ”, ***Moparī***- "пери моҳвора, зебоӣ", ***Morȳ***- "моҳрӯ" ва ғайра. Зеро дар забони шуғнонӣ ба антропонимияи сеҳрнокии мо ва моҳ эътиқод доштанд. Дар антропонимияи забони шуғнонӣ Mō ва дар забони тоҷикӣ "Моҳ"-и тоҷикӣ ҷузъи антропонимҳои зан тааллуқ дорад.

Xuršēd - номи Офтоб аз замонҳои қадим дар байни бисёре аз мардуми шуғнонӣ як шева барои номгузории кӯдакон шудааст. Дар ин бора матни Авесто (***Xwarē xšetā > Xwarē*** ‘офтоб’ + ***xšetā*** ‘дурахшон’) гувоҳӣ медиҳад. Ба ин нуқта муҳаққиқи маъруфи номшиносӣ тоҷик А. Гафуров ишора мекунад [8, с. 56]. Xuršēd ҳамчун номи шахс хеле маъмул аст, аз ҷумла дар антропонимияи забони шуғнонӣ ва бо номи ***Xuršēdā*** дар исми зан вохӯрд.

Бояд гуфт, ки ҷузъи ***xšetā*** дар дигар исмҳои шахсии забони шуғнонӣ ба сифати форманти антропонимсоз ба назар мерасад: ***Ĵamšēd, Xuršedā, Šamšēd, Šam, Šamsidin, Šamigul, Šamafrўz.*** Махсулнокии ин ҷузъро дар ташаккули исмхои шахсӣ ҷиҳати диахронӣ низ Ш. Ҳайдаров нишон медиҳад [17, с. 57].

Таърихан ба хусусияти антропонимияи ***Mitrā*** назар намоем он аз решаи ин калима аз забони эронӣ ва забонҳои ҳиндуаврупоӣ пайдо шуда, ба маънои офтоб ҷузъи ***Mēr*** дар бар мегирад, ки дар номҳои аслии забони шуғнонӣ барҷаста мебошад. ***Merubōn, Merī, Merinōz, Merinissō, Merinigōr, Merbōnu, Merimō, Merafrўz, Merangēz, Meridin, Merob***.

Дар бораи номи ***Mitrā*** Ш. Ҳайдаров ва А.Г. Гафуров қайд мекунанд, ки он ба номи худи забонҳои эронӣ ва ҳиндуаврупоӣ мутааллиқ аст. Маҳфузи сермаъноии ин исм бо хусусияти антропонимияи пирӯзӣ, нур, дӯстиву ишқ, нигаҳбонӣ ва садоқат маҳсуб мешуд. Дар маҷмуъ, он хуршедро таҷассум мекард, ки дар байни халқҳои ҳиндуаврупоӣ дар ибтидои мавҷудияти худ парвариш карда мешуд, ки то кунун эрониҳо ва ҳинду ориёиҳо то ҳол дар ҷомеа номи ***Mitrā***-ро эҳтиром мекунанд. Ин оине аст, ки бо ӯ алоқаманд буд, баъдтар дар тамоми ҷаҳони қадим паҳн шуда, халқҳои зиёдеро фаро гирифт, паҳншавии он то андозае бо империяи Рим алоқаманд буд. Дар худи Рим ***Mitrā*** тадричан Юпитерро ба як сӯи баланд дар таҷассуми номи илоҳи «Худо» низ асос ёфтааст.

Тавре Ш. Ҳайдаров қайд мекунад, дар феҳристи исмҳои мардон вожаи «***mehr***» хеле кам вомехӯрад, ба номҳои шахсии мард танҳо ***Merōn, Meronĵōn, Merubōn*** ва ***Merobā*** тааллуқ доранд [16, с. 57-58]. Аммо аз рӯи таҳқиқоти ба дасти мо расида, ин ном дар забони шуғнонӣ маҳбубияти худро дошта, бо суффиксҳо ва префиксҳо хеле васеъ истифода мешавад. Масалан: ***Merob, Merobšō, Meridin, Merdil, Merubōn*** ва ғ.

Дар антропонимҳои номбаршуда, пеш аз ҳама, номҳои умумии забони шуғнонӣ оварда шудаанд, ки мероси тамоми халқҳо мансуб ба антропонимия ҳастанд, ки дар замони мо васеъ истифода мешаванд.

Ба номҳои хоси забони шуғнӣ, ки дар заминаи забонҳои бадахшонии ҳозира этимологӣ шудаанд, аз ҷумлаи ***Rušt, Ǧalčabēk ва Biʒarwδēĵ,*** ки Додхудо Карамшоев ва Тӯйчӣ Бахтибеков зикр кардаанд, дохил мешаванд, ки муддати тӯлонӣ истифода нашудаанд.

Дар натиҷаи мушаххасоти этнография ва этнолингвистии антропонимияи забони шуғнонӣ, мо тавонистем як силсила номҳои хоси забони шуғнониро муайян кунем, ки аз рӯи аслии худ ба номҳои маҳал тааллуқ доранд: ***Baris; Barsidēĵ, Barzūd; Barsemēĵ; Bartangēĵ; Basidēĵ; Bobiš; Bobik, Badaxšōn, Badaxšўn, Banafšā, Bunafšā, Beĵodā, Basidēĵ, Bartangēĵ, Durmančā, Darmoraxtēĵ, Dadmoraxtāk, Čarϑemāk, Čarϑemēĵ, Xaraǧēĵ, Xoẍdaraĵē, Xubik, Xūbўn, Xūbўnšō, Xufēĵ, Xўfeĵ, Xuγnўnī, Ǧundēĵ, Ẍiʒēĵ, Ẍuĵandēĵ, Δirzidēĵ, Xufēĵ, Ẍiyōneĵ, Wamdeĵ.***

Антропонимҳои зикршуда, асосан фосилаҳои суффиксиалии микротопонимҳо мебошанд, вале дар ҳолатҳои кам, номҳои маҳал бидуни ягон тағйирот метавонанд ҳамчун номи шахсии мардона баромад кунанд: ***Darmoraxt, Wanĵ, Waxўn, Pomer, Badaxšўn, Ǧorўn, Barzūd, Barsem*** ва ғ.

Маводҳои мо инчунин номҳои гидроним дар забони шуғнонӣ васеъ маъмул ҳастанд, ба амсоли ***Elbōn, Yelbўn, Yelbōn***.

Elbōn занона ва ***Yelbўn ва Yelbōn*** мардона аз ***el/yel*** он сохта шудаанд.

Elbōn занона ва мардона ***Yelbů̊n ва Yelbōn*** аз el/yel "саҳро" ва формантҳои -bů̊n, -bōn (ба тоҷикӣ -бон бо маънои "посбон, нигаҳбон") сохта шуда, ба маънои аслии "муҳофиз/муҳофизи саҳро" аст.

Gulbů̊n (*шуғн.* ***gul*** «гул» + *шуғн.* ***buз*** –суффикси исмӣ буда, мутааллиқ ба ҷинсӣ мард аз ***puз*** «писар» гирифта шудааст), ***Ganĵēĵ*** (*шуғн.* ***ganĵ*** «ганҷ», *шуғн.* ***ganĵ*** «ширӣ, маҳсулоти ширӣ»), ***Puзīk*** *(шуғн.* ***puз*** «писар» ***+īk*** – суффикси пайвасткунандаи дилнишинӣ "муҳаббатомез"), ***Ĵuščāk*** *(шуғн.* ***ĵušč*** «ҷав» ***+āk***- суффикси пайвасткунандаи дилнишинӣ), ***Zardāk*** *(шуғн.* ***zardāk*** «сабзӣ»), ***Žirāk*** *(шуғн.* ***žīr*** «санг»), ***Ruštāk*** *(шуғн.* ***rušt*** «сурх»), ***Pizāk, Pizīk*** *(шуғн.* ***pizur*** «камтар, ноболиғ»), ***Savзēn*** *(шуғн.* ***savз*** «сабз»), ***Xušāk, Xušēn*** *(шуғн.* ***xuš*** «хушбахтӣ»), ***Munāk*** *(шуғн.* ***mun*** «себ»).

Луғати аслии забонҳои бадахшонӣ низ як қисми муайяни номҳои шахсии занро ташкил медиҳад. Масалан: ***Gulbiз*** (шуғн. ***gul*** гул, ш.- ***biз*** суффикси хурд буда, мутааллиқ ба ҷинси зан), ***Yāxbiз*** (шуғн. ***yāx*** хоҳар), ***Zariз*** (шуғн. ***zariз*** «кабк», ***Čaẍīk*** (шуғн. ***čaẍ*** «парранда»), ***Munīk***, (шуғн. ***mun*** «себак»), ***Čaẍmā, Čaẍmagul*** (шуғн. ***čaẍmā*** «чашма»).

Мо низ моил ҳастем, ки номҳои мушаххаси шахсонеро, ки дар заминаи вожаҳои забонҳои тоҷикӣ, арабӣ ва ё аз дигар забонҳо ба забони шуғнонӣ интиқол ёфтаанд, метавон дар ҳамин минтаҷа вохӯрд, монанди ***Ofaridā, Soĵidā, Vanuš, Bodilā, Wasilā, Alimā, Validōd, Waraqā, Wafobēk), Šogūn, Šogūnī, Ẍogūn, Šogūnbēk Mardinā, Mardēn, Mardinabēk, Mardů̊n, Mardů̊nšō***, ***Marodēk, Qaladōr, Guldarbōğ, Korwōn, Korwů̊n, Pewistā.***

Тавре маълум аст, аз ҳисоби вожаҳои забонҳои дигар ғанӣ гардонидани захираи луғавии забон – натиҷаи умумии ҳамкории халқу миллатҳои гуногун дар заминаи муносибатҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ падид омадаанд.

Этнографияи адабиётро ҳамчун унсури забон ё забоншиносиро дар назар дошт, ки этнолингвистикаи он дар натиҷаи робитаҳои забонӣ ё ҷараёнҳои интиқоли унсурҳои забонӣ, аз як забон ба забони дигар гузаронида шудаанд, фаро гирифта, маҳз яке аз хусусиятҳои фонди луғавии антропонимияи забони шуғнонӣ дар ҳамин шакл дида мешавад.

Ба ғайр аз фонди луғавии аслии забони шуғнонӣ он бо исмҳои шахсӣ этнолингвистӣ ва этнографӣ хеле бой ва рангин мебошад.

Зери вожаи исмҳои шахсӣ дар ин таҳқиқоти мақолаи мо воҳиди забони хориҷӣ-воҳиди луғавӣ, морфема, аз ҷумлаи шаклҳои аффиксоидиро, ки аз забонҳои дигар ба забони шуғнонӣ гузаштаанд, баррасӣ кардем.

Омӯзиши қонунҳои системавию сохтории ташаккули антропонимияро А.В. Суперанская ба яке аз хислатҳои асосии исмҳои шахсӣ ишора мекунад: «Исмҳои хос нисбат ба исмҳои маъмул аз як забон ба забони дигар гузаштан осонтар ва бештар аст. Қисми зиёди номҳои хоси ҳар як забон номҳо мебошанд, ки бо ин ё он тарз мутобиқ карда шудаанд» [14, с. 4].

Масъалаи бартарияти номҳои шахсии воридшуда дар системаи антропонимияи забонҳои гуногун В. Никонов таъкид намуда, қайд мекунад, ки «...категорияи калимаҳоро метавон номбар кард, ки дар забонҳои муосир бо номҳои шахсӣ, ки аз забони дигар ворид гардида, дар забоншиносии дигар тафовути худро доранд ва ба этнографияи ҳамон забон интиқол дод». [12, с. 6-12]. Чунин равандҳо дар низоми номҳои шахсии забони шуғнонӣ низ мушоҳида мешавад, ки таркиби он бо ҷалби номҳои шахсӣ аз забонҳои муошират таҳия шудаанд.

Муносибатҳои мутақобила таъсиротро дар раванди робитаҳои зиндаи забонӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар таърихи ҳамаи халқҳо табиист. Ба вуҷуд омадани вожа ё унсурҳои лексикӣ марҳилаи ибтидоии воридшудаи номҳои таҳҷоии этнографӣ дар забони шуғнонӣ мебошад. Хусусияти этнографии антропонимҳои забони шуғнонӣ аз забонҳои дигар ба он фарқ менамояд, ки он ба шакли вобастагардидаи этнолингвистикаи худ сахт алоқаманд буда, шакли тасвирии номҳо бо мафҳуми забонҳои дигар низ вобаста мебошад. Дар доираи ин мафҳум аз ҷониби антропонимшиноси тоҷик А. Ғафуров дар таҳлили тафриқа ва каму беш асоснок

намудани исмҳои хоси шаркӣ, лақабҳо ва унвонҳо дар забонҳои арабӣ, тоҷикӣ ва туркӣ дар монографияи худ «Ном ва таърих» муфассал дарҷ намудааст [7, с. 220].

Воқеиятҳои таърихию-хронологии забони шуғнонӣ ба таърихи забони модарӣ ва фарҳанги номшиносӣ зич алоқаманд ҳаст, ки ин барои ташаккули антропонимияи забони шуғнонӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Ҳамаи ин далелҳо ба ташаккули антропонимия таъсири назаррас расонида, то андозае боиси тағйироти куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла антропонимия гардида, дар ин самт ташаккули таркиби антропонимияи забони шуғнонӣ дар таъсири назарраси ҳодисаҳо сурат гирифтааст.

Адабиёт:

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка / В.И. Абаев. - Т.1. - М.; -Л.: Наука, 1958. - 655 с.

2. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка / В.И. Абаев. - Т.2. - М.: Наука, 1973. - 448 с.

3. Абдуллоев С. Ономастика «Фарснаме» Ибна ал-Балхи / С. Абдуллоев / АКД. -Душанбе. - 2009. - 22 с.

4. Аламшоев М.М. Лексико-семантическое образование этнографических слов шугнанского языка (на материале шахдаринского говора) / М.М. Аламшоев // Языки и этнография «Крыши мира». СП (б), 2005. - С.7-11.

5. Бахвалова Г.В. Семантические и функциональные особенности некалендарных имён // Проблемы русской ономастики / Г.В. Бахвалова. -Волгоград, 1985. - С. 52-54.

6. Бахтибеков Т.К. Семантико-грамматические особенности шугнанской антропонимии // Иранское языкознание / Т.К. Бахтибеков. - М.: Наука, 1985. - С. 86-88.

7. Гафуров А.Г. Имя и история: Об именах арабов, персов, таджиков и тюрков: Словарь / А.Г. Гафуров. - М.: Наука, 1987. - 220 с.

8. Гафуров А.Г. Рассказы об именах / А.Г. Гафуров. - Душанбе.: Ирфон, 1968. - 140 с.

9. Карамшоев Д. Словарь памирский личных имен. Том 5 / Д. Карамшоев. - Душанбе.: Дониш, 2015. - 361 с.

10. Маҳмадҷонов О.О. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик / О.О Маҳмадҷонов. - Душанбе.: Деваштич, 2004. - 84 с.

11. Насруддинов, С.М. Сопоставительный анализ антропонимов таджикского и английского языков / С.М. Насруддинов. - Душанбе.: Ирфон, 2014. -180 с.

12. Никонов В.А. Русская адаптация иноязычных личных имен // Антропонимика / В.А. Никонов. - М.: Наука, 1970. - С. 75-83.

13. Офаридаев Н. Асрори олами номҳо /Н. Офаридаев // Садои Шарк. - 1985. - №1. -С. 2-8.

14. Суперанская А.В. Структура имени собственного /А.В. Суперанская// - М.: Наука, 1969. - 207 с.

15. Суперанская А.В. Общая теория имени собственного / А.В. Суперанская// - М.: Наука, 1973. - 165 с.

16. Хайдаров Ш. Антропонимия таджиков Северо-Западной части Ферганской долины / Ш. Хайдаров. - Душанбе.: Дониш, 1991. - С. 112-113.

17. Ҳайдаров Ш. Нақши забонҳои бостонӣ/ Ш.Ҳайдаров // Садои Шарқ. - 1982. - ИЗ. - С. 57.

ХУСУСИЯТИ АНТРОПОНИМҲОИ ЭТНОГРАФӢ ВА ЭТНОЛИНГВИСТӢ ДАР ЗАБОНИ ШУҒНОНӢ

Натиҷаи таҳқиқот дар мақолаи мазкур ба он равона гардид, ки дар он хусусиятҳои антропонимияи этнографӣ ва этнолингвистӣ дар забони шуғнонӣ натиҷагирӣ гардидааст. Натиҷаи ниҳоии таҳқиқот дар илми забоншиносӣ буда, дар самти муайян намудани хусусияти этнографӣ антропонимҳои забони шуғнонӣ мушаххас гардидааст, қайд кардан бамаврид ҳаст, ки антропонимияи забони шуғнонӣ як ҷанбаи илми забоншиносӣ буда, дар ташаккули рушди чанбаҳои этнографӣ ва

этнолингвистии сохтори семантикии номҳои шахсӣ аз лиҳози вазифаҳои грамматикию-функционалӣ низ муайян гардидаанд.

Гузаронидани таҳқиқоти этнографии номҳои шахсӣ барои тавсифи хусусиятхои хоси антропонимияи забони шуғнонӣ як маводи боэътимод дар илми забоншиносӣ мебошад.

Натиҷаи антропонимҳои муосири забони шуғнонӣ муайян кардаанд, ки эҷодиёти чандинасраи мардум буда, ҳамчунин падидаи он аз забоншиносии умумии эронӣ низ сарчашма гирифтааст, ки қисме зиёда аз ин антропонимҳо падидаи забони шуғнонӣ мебошанд. Аммо дар таърихи ташаккул антропонимияи забони шуғнонӣ пайдо шуда, ҳамчун дар риштаи ҳуҷчатӣ мақоми камро дар раванди махзанҳо инъикос ёфтааст, ки минбаъд антропонимияи забони шуғнонӣ ба таҳқиқоти бештар ниёз дорад.

Калидвожаҳо: хусусият, этнография, этнолингвистика, забони шуғнонӣ, таърихӣ, номҳои шахс, суффикс, луғавӣ, система, сохтор, ташаккул, вожа, забони тоҷикӣ, антропонимия, забони эронӣ.

ХАРАКТЕРИСТИКА ЭТНОГРАФИЧЕСКИХ И ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИХ АНТРОПОНИМОВ В ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКЕ

Результат исследования в данной статье был сосредоточен на этнографических и этнолингвистических особенностях в шугнанского языка. Обобщая результаты проведенного исследования лингвистических особенностей антропонимической системы шугнанского языка, следует отметить, что шугнанская антропонимия системно строго этнографических и этнолингвистических организована, что проявляется в четком структурном и семантическом объединении личных имен, представляя собой сложную семантическую, грамматическую и функциональную структуру.

Проведение исследования этнографических личных имен предоставляет достоверный материал для характеристики специфических особенностей антропонимии шугнанского языка.

Современные шугнанские ***антропонимы***-результат многовекового народного творчества и своеобразное продолжение как общеиранской и ***собст***венно шугнанской антропонимии. Однако история становления шугнанской антропонимии как процесс в документально зафиксированных источниках освещена скудно.

Ключевые слова: характеристика, этнография, этнолингвистика, шугнанский язык, исторические, личные имена, суффикс, лексика, система, структура, образование, слово, таджикский язык, антропонимия, иранский язык.

CHARACTERISTICS OF THE ETHNOGRAPHIC AND ETHNOLINGUISTIC OF ANTHROPONYMES IN SHUGNAN LANGUAGE

The result of the researching in this article was focused on the ethnographic and ethnolinguistic features of the Shugnan language. The final result of the researching is focused on the science of linguistics, and it is specified in the direction of determining the systematic nature of the anthroponyms of the grammatical and functional in Shugnan language.

The conducting of the researching ethnographic of personal names to describe the specific anthroponymic features in Shugnan language is a reliable material in linguistic science.

The result of the modern anthroponyms of Shugnan language has determined, that this is the result of centuries of people's creativity, also its phenomenon originated from general Iranian linguistics, and most of these anthroponyms are a phenomenon of Shugnan language. and it is a kind of continuation for the documentation of the anthroponymics in Shugnan language.

Keywords: characteristic, ethnography, ethnolinguistics, Shugnan language, historical, personal names, suffix, vocabulary, system, structure, formation, word, Tajik language, anthroponymy, Iranian language.

Маълумот оид ба муаллиф: Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич,- номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроғa: ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. Тел: (+992) 988-38-21-88. E-mail: zuvor1986@list.ru

Сведения об авторе: Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич,- кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков, Кулябского государственного университета имена А. Рудаки. Адрес: г. Куляб, ул. С. Сафаров 16. Тел: (+992) 988-38-21-88. E-mail: zuvor1986@list.ru

The information about the author: Gulamadshoev Shokirsho Sherzodshoevich,- candidate of philologycal science, -senior lecturer of the chair of methodology of teaching foreign languages Kulob state university named after Abuabdulloh Rudaki. Address: Kulob city, S. Safarov 16 street. phone: (+992) 988-38-21-88. E-mail: zuvor1986@list.ru

УДК: 81′22.003
ББК: 83.4 З.
З - 18

ТАҲАССУМИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМӢ – АХЛОҚӢ ДАР РОМАНИ «ИШҚИ САРХӮР»-И КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

Зулфиев Г.Н.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аҳли илму адаб ва хонандаи хушзавқи тоҷик кайҳо боз аз таровати чакидаҳои хомаи Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, устоди сермаҳсул Кароматуллоҳи Мирзо лаззати манавӣ мебардоранд. Аз қадамҳои нахустин ба олами бекарони адабиёт устод Кароматуллоҳи Мирзо сари мавзуоти иҷтимоиву ахлоқӣ – яъне тасвири ҷаҳони маънавии инсонҳо андешаронӣ менамояд. Аз ин ҷост, ки ҳар як офаридаи адабии ӯ хонандаи зиёд ва мунаққидонеро чун Аълохон Афсаҳзод [1, с.12], Худоӣ Шариф [11, с.6], Атахон Сайфуллоев [7, с.4], Асадулло Сайфуллоев [8, с.7], Абдуҷаббор Раҳмонзода [6, с.2] ва ғайраро ба худ ҷалб намудааст.

Ҷавҳари адабиёти пурғановати халқи тоҷикро аз замони пайдоиш то имрӯз чӣ дар назм ва чӣ дар наср тасвири ҳаёти воқеии инсоният ва ҳодисаву воқеаҳои ба сари ӯ омада ташкил медиҳад [3, с.8]. Ин масъала ба ҳамагон маълум аст.

Таълифоти нависанда Кароматуллоҳи Мирзо низ аз ибтидои фаъолияти эҷодӣ то кунун фарогири ҳамин ғоя мебошад, вале тарзи тасвир, баёни фикр, гузориши масъала, сохтмони сюжет ва инъикоси реалистонаи ҷараёни воқеот дар навиштаҳояш ба нависанда имкон додааст, ки дар миёни аҳли илму адаби кишвар ҳаводор ва муҳаққиқ дошта бошад. «Агар асарҳои аввалини Кароматуллоҳи Мирзо бо осори охирини ӯ дар муқоиса санҷида шавад, хоҳед дид, ки вай аз як аср то асари дигар аз ҷиҳати такомули маҳорати нависандагӣ ҳунари хешро сайқал додаст…» [2, с.22]. Чунин такомул ва мӯъҷазии баёну шевоии калом дар романи тозаэҷоди адиб – «Ишқи Сархӯр» рӯйи кор омадааст, ки нашриёти миллии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон «Садои Шарқ» дар шумораи №2, соли 2020 онро аз чоп баровард.

Роман чун дигар таълифоти нависанда аз тасвири воқеъбинонаи ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи имрӯзаи мо ҳикоят мекунад. «Ишқи Сархӯр» - чунин ном гирифтааст романи нависанда. Хонандаи огоҳ ба чунин тарзи номгузории асарҳо аз ҷониби Кароматуллоҳи Мирзо шинос аст, чаро ки номҳои рамзии «Дарди ишқ», «Дар орзуи падар», «Модари бачакӯш» барин ифодаҳо дар эҷодиёти нависанда кайҳо боз таваҷҷуҳи мухлисони каломи волояшро ҷалб кардааст. Ин навбат ҳам, зери ибораи «Ишқи Сархӯр» нависанда моҷарои зиндагии одамони касбу кори гуногунро дар давру замони мухталиф ба риштаи тасвири бадеӣ гирифтааст.

Роман аз лиҳози фарогирии мазмун ва мундариҷа романи сирф миллӣ-иҷтимоист. Амалу ҳаракоти қаҳрамонон ва персонажҳои асосиву лаҳзавӣ бардошт аз ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошанд.

Хати сюжети асарро аз як тараф сарнавишти ҷавонони булҳавасу худписанд ва маккору ноогоҳ ва аз тарафи дигар рӯзгори як ҷавони заҳматписанду меҳнаткаш, ки бо араҳи ҷабин ва обилаи кафи даст рӯзу рӯзгор мегузаронад, ташкил медиҳад. Тамоми ҳодисоту воҳеоти сюжети роман аз инҷо сарчашма мегирад, ки ба никоҳи Лутфия бо холабачааш – Фахрӣ Қарори Ҳукумат дар бораи никоҳи хешутаборӣ ва модари Лутфия – Меҳринисо бо чунин хаёлот «Фарзандон бачагӣ мекунанд, соз намегиранд, калонсолон ҷанҷол, дилсиёҳӣ» [5, с.8] зид баромадаанд. Баъди чунин хулосаҳо Лутфия дар сар ҳавову ҳаваси Фахрӣ ҷои он ки аз рӯйи ақли солим ва ҳамчун як фарди огоҳ фикру хулосабарорӣ кунад, Фахриро маҷбур месозад, ки савганди садоқату вафодорӣ хӯрда, бо ҳам даст ба худкушӣ зананд. Бехабар аз он, ки дар дили Фахрӣ ба ҷуз Лутфия боз духтари «талбидаю харидаи вазир» –Мӯниса низ маъво дорад. Ба ин лавҳа рӯ меорем «Баъде, ки Лутфия Фахриро то паси дарвоза гуселонад, Мӯниса ӯро соҳиб, онҳо боз бо ҳам» [5, с.9].

Образи Фахрӣ намунаи хулқу атвори ҷавононе мебошад, ки дар аҳду вафои хеш ноустувор ва ба ҷуз маишату хушгузаронӣ барои онҳо чизи муқаддасе вуҷуд надорад. Бо вуҷуди он, ки Лутфия духтари холааш буд, дар як маҳалла зиндагӣ мекарданд ва Лутфия аз миёни тамоми ҷавонони ноҳия танҳо ба Фахрӣ дил баста буд ва ӯро дӯст медошт, вафо накард. Аз тасвири нависанда Фахрӣ ҷавони хушсурату ба сару либосаш аҳамият медодагӣ, вале дар тиннат нопоку ваъдахилоф, сари ҳар қадам ба духтарон ваъдаи вафо дода, қасами садоқат мехӯрд ва дар аввалин фурсат аз онҳо рӯй гардонда, ба дунболи дигаре меравад. Ин хислати Фахрӣ як нав шабоҳат ба хислати Нозимӣ аз романи «Дар орзуи падар» дорад. Нозимӣ низ ҷавони хушқаду қомат ва «Хушрӯ будааст, бамаънӣ» [4, с.13], вале бар акси чеҳраи «хушрӯ» тиннати зишту рафтори ғайриахлоқӣ доштааст, ки ин ҷиҳати масъала ҳардуи образҳоро ба ҳам сахт тавъам намудааст.

Мақсади зиндагиаш маълум нест, барояш ҳаёт ва муқаддасоти он – ишқу муҳаббат, эҳтирому вафодорӣ арзише надорад. Дар лаҳзаҳои аввал ба духтарон гӯё аз дилу ҷон ошиқ аст, ваъдаҳои болохонадор медиҳад, аҳду паймон мебандад, савганд ёд мекунад, вале дар давоми сайри хати сюжет мебинем, ки ба ҳеҷ кадом як ваъдаҳои додааш на ин ки вафо намекунад, балки онҳоро дар сахтарин ва душвортарин лаҳзаҳои зиндагӣ бе азоби виҷдон раҳо мекунад. Албатта, ин образ типи ҷавононеро ифода мекунад, ки мутаассифона, имрӯз дар ҷомеаи мо арзи вуҷуд доранд. Бадтарин хислати дигари Фахрӣ он аст, ки ба эҳсосоти ҷавондухтарон бозӣ мекунад, онҳоро бероҳа карда, дар нимароҳи зиндагӣ раҳо мекунад ва ҳатто эҳсоси пушаймони ҳам накарда, тақдири ояндаи онҳо барояш бетафовут аст. Ин ҳама номардию ноодамӣ дар хислати Фахрӣ аз куҷо маншаъ гирифтааст?

Ба ҳамагон маълум аст, ки макони парвариш ва ташаккули шахсият оила ва муҳити он мебошад. Аз рафти мутолиаи роман маълум мегардад, ки хонаводае, ки Фахрӣ дар он ба дунё омадаву тарбия гирифтааст, муҳити он чандон солим набудааст. Дар ҳоле ки рӯфтани кӯча кори занон аст, падари Фахрӣ кӯчарӯбӣ мекардааст ва модараш бошад, нигоҳубини кӯдакони оилаҳои сарватмандро пешаи рӯзгузаронӣ карда, ба тарбияи дурусти фарзанди хеш кам аҳамият медодаанд. Дар ин ҳолат андешае ба вуҷуд меояд, ки шояд муҳити носолими оила ва вазъи қашшоқонаи зиндагии падару модар ба Фахрӣ «дарси ибрат» шуда, ӯро бар он водор сохтааст, ки арӯсшавандаҳоро аз оилаҳои сарватманд интихоб намояд, то дар оянда аз сармояи хешовандони арӯс рӯзу рӯзгор гузаронад.

Паҳлӯи дигар ин масъала аз он иборат аст, ки Фахрӣ дар баробари хислатҳои бадаш истеъдоди суханварӣ дошт, ки зуд ба дили духтарон роҳ меёфт. Ҳангоми озмуни «Зебосанами сол» дар ноҳия, ки Лутфия ғолиби он мегардад, аз миёни ҷавонони зиёд ӯ Фахриро интихоб мекунад. Ҷавоне бо тамасхур – «хуш кардаат ҳамин», гуфта ба ҳоли ӯ механдад, Лутфия дар ҷавоб мегӯяд: «Шумо бад як чизро намедонед. Худо ба вай забон додааст. забон» [5, с.75]. Ана маҳз ба туфайли ҳамин «истеъдоди худодод» ӯ дили духтаронро ба даст меовард ва ба бахту саодати онҳо зомин мегардид. Зишттарин намунаи рафтори Фахрӣ дар он ифшо мегардад, ки барои куштани Лутфия бо Мӯниса

нақша кашида, даст ба гуноҳи азим – одамкушӣ мезанад. Чунин ранг гирифтани қисмати ҷавонони ошиқ дар роман маънои носолимии фикри ҷавонони ҳамзамонро дорад. Аз байн рафтани эҳтироми калонсолон дар миёни ҷавонон, ба суханони падару модар гӯш наандохтани онҳо ва дар роҳи расидан ба ишқи худ нодида гирифтани ҳама суннату арзишҳои гузаштагон ҷавонони худписандро ба чунин рӯзҳои нохуш оварда мерасонад.

Дуруст аст, ки дар шароити имрӯза ҷавонон бояд ҷуфти худро мустақилона интихоб намоянд, лекин дар ин ҷо ҳам бояд дар доираи қонун ва албатта розигии волидайн, зеро ки то ҳол нашудааст, ки падару модар дар пайи бадбахтии фарзандон бошанд. Маҳз ҳамин ҷиҳати харобии маънавиёти иддае аз ҷавонони имрӯза дар амалу рафтори Фахрӣ, Лутфия ва Мӯниса тасвир ёфта, ҷомеаро водор месозад, ки сари ин масалаҳои то ба ҳол ҳалношудаи ахлоқӣ андеша намуда, бетараф набошем. Ҳамчунин, аз мазмуни асар бармало мегардад, ки Фахрӣ ба ҳар духтаре, ки изҳори муҳаббат менамояд, оқибати кори он ба нестӣ ва расвоӣ меанҷомад. Лутфия худро аз ҷарӣ мепартояд, Мӯниса худро дар об ғарқ мекунад, ба Соробегим бошад, баъди овоза шудани ишқи ӯ ба Фахрӣ дигар касе хостгор намешавад. Пас, гуфтан ҷоиз аст, ки ишқи Фахрӣ ишқи несткунандаи духтарон, ишқи сарсарӣ ва ишқи сархӯр буд. Ба таври дигар гӯем, Фахрӣ аз рӯйи номи гузоштаи волидонаш бояд фахри оила, фахри ҳамсару фарзандон ва фахри давру замон мешуд, аммо баракс шарми волидон ва оварандаи иснод ба шаъни эшон шуд.

Аз рӯйи ҳодисаву воқеаҳои роман тамоми кирдорҳои ношоями инсонӣ ба образи Фахрӣ рабт дорад, вале дар ҳама амалҳои разилонааш танҳо худи ӯ гунаҳкор нест. Агар Лутфия ба Қарори Ҳукумат дар бораи никоҳи хешутаборӣ ва норозигии модар ба никоҳи онҳо зид намебаромад ва ё Мӯниса бо вуҷуди он ки медонист Фахрӣ бо Лутфия аҳду паймон доранд, бо ӯ ҳамдаст шуда, қасди куштани Лутфияро намекард, ба танҳоӣ аз дасти Фахрӣ чизе намеомад, ё шояд ҷуръат ҳам ба ин корҳо намекард. Аммо дида мешавад, ки ҳам Лутфия ва ҳам Мӯниса дар амалисозии кирдорҳои ношоистаи Фахрӣ мададрасонанад. Ҳамчунин, ҳам Лутфия ва ҳам Мӯниса медонистанд, ки Фахрӣ бо ҳардӯяшон аҳду паймони ошиқӣ кардааст, бо вуҷуди, ин духтарон бар хилофи оини ишқу муҳаббати пок боз бо ӯ буданд ва ҳатто барои чунин инсони паст аз ҷони худ ҳам гузар карданд. Ин маънои онро дорад, ки мутаассифона имрӯз дар миёни қисме аз бонувон – духтарони мо ишқу муҳаббати самимӣ ба маънои томаш аз миён рафта, ҷои онро ҳавову ҳаваси гузаранда гирифтааст. Ба ин мисолҳо таваҷҷуҳ мекунем: «Лутфия аз назди ҷавонон бо кибру ғурур, бо сари баланд гузашта, пеши Фахрӣ рафт, дасташро ба гардани ӯ андохт, шарм надошта ӯро бӯсид ва гуфт «Фахрӣ ман аз они худат» [5, с.75]. Мисоли дигар манзарае, ки дар гӯристон дар пеши чашми Лутфия рӯх дод: «-Биё ҷонакам, биё – Мӯниса оғуш кушода ба пешвози Фахрӣ қадам монд. Ҳар ду оғӯш ба оғӯш, бӯсобӯс, хандоханд» [5, с.74]. Чунин ранг гирифтани муносибатҳои маҳрамонаи ошиқу маъшуқ дар маърази ом намунаи мутлақи беҳаёгӣ ва беиффатӣ ба ҳисоб меравад, ки мутаассифона, имрӯз мо дар ҳаёти воқеӣ мушоҳида мекунем. Тасвири чунин манзараҳо дар роман хушдори нависанда аз косташавии ахлоқи ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Бадбахтии ба сари Лутфияву Мӯниса омада, сабабҳои гуногун доранд - аввалан интихоби нодурусти ҳамсафари оянда, Лутфия духтари яккаву ягонаи падару модар аз оилаи нисбатан доро, илова бар ин, ба Фахрӣ духтари хола мешавад. Мӯниса бошад, духтари одами калоншаванда – вазир аз ҷиҳати иҷтимоӣ тамоман ба оилаи Фахриино номувофиқ. Ин номувофиқиро падари Фахрӣ медонад ва ба ӯ таъкид мекунад: «… мо кучову духтари вазир кучо, ҳар кас ба вор-вори худаш, ҳар кас поша чени курпаи худаш дароз мекунад» [5, с.96]. Дигар сабаб он аст, ки ҳам волидони Лутфия ва ҳам Мӯниса тамоман ба ҳарфи дили духтарони ҷавон гӯш намекунанд ва ҳамчун падару модар ҷиҳати роҳи ҳалли он кӯшиш ҳам намекунанд, дар ин роҳи бепоён ва барои ҷавонони бетаҷриба норавшан онҳоро ба ҳоли худ, аниқтараш ба панҷаи тақдир ҳавола мекунанд, ки оқибати корашонро аз хати сужети роман мебинем, ки ба чӣ меанҷомад.

Намунаи барҷастаи инсони заҳматкашу меҳнатдӯст, ранҷкашидаву қавиирода, ростқавлу фидокор ва ҷасуру далер дар образи Исфандиёр – Сархӯр аз ҷониби нависанда Кароматуллоҳи Мирзо дар асар моҳирона таҷассум гардидааст, ки ақидаи адабиётшинос Асадулло Саъдуллевро дар хусуси малака ва маҳорати офарандагии адибони адабиёти муосир комил месозад: «Бо вуҷуди мадду ҷазрҳои рӯзгору тӯфонҳои бемисли ташкилотию инқилобҳои маънавӣ дар адабиёти мо ҳастанд адибоне, ки бо эҷодҳои хеш ба дили муосирини хурду бузургашон хирворе аз муҳаббату накӯкорӣ, ишқи зиндагӣ ва таҳаммулу бурдборӣ ҳадя мекунанд» [10, с.2]. Дар ҳақиқат Сархӯр бо хулқу атвори намунавиву ишқи зиёди ба зиндагӣ доштааш бар хилофи рафтори Фахрӣ тамоми хислатҳои шоистаро, ки барои як ҷавонмарди ҳақиқӣ лозим аст, дорост.

Аз рӯзе, ки Исфандиёр ба дунё меояд, хонадонашон мотамкада мешавад – аввал падар ва баъди чанд рӯз Фотимаю Зуҳро хоҳарони қадрасаш вафот мекунанд, аз ин рӯ, ӯро Исфандиёр не, балки Сархӯр меноманд, чаро ки ба қавли сокинони маҳалла тифли бепою қадам будааст. «Кӯдаке шуда ӯ, ки баъди таваллудаш ин қадар бесару сомонӣ, саргардонӣ, мотам. Ӯ бепою қадам, сархӯр, ҳатто як-ду зан ӯро ба даст гирифтан нахостанд, ҳазар карданд, гӯё вай бехосият будааст» [5, с.20]. Бо гузашти айём Сархӯр писаре мешавад, ки модари зору танҳояшро лаҳзае танҳо намонда, мӯнису ғамхораш мешавад ва барои дарёфти қӯти лоямути худ ва модараш новобаста аз синну солаш тамоми корҳои душвору тоқатфарсои мардумро иҷро намуда, ба ивазаш музд гирифта, назди касе муҳтоҷ намешавад. «Аз рӯзи ногузаро чӣ заҳматҳое намекашид. Ҳамсояҳо чи коре мефармуданд, ба по не, ба сар медавид. Мошин – мошин коҳу алафи аз саҳро овардаи онҳоро аз кӯча ба коҳдону болохонаҳояшон мекашонд, ҳезум мешикаст, шоху шаппаҳои дарахтонашонро дарза мебаст, хоку хокистар мепартофт, ҳавлӣ мерӯфт. Ҳамааш аз баҳри як лаб нон, ё як пайса – ним пайсае, ки аз дар медаровард, ба модар медод» [5, с.21]. Аз ин бар меояд, ки на ҳама фарзияҳои мардумӣ асоси воқеӣ доранд, яъне хилофи «сархӯр» гуфтани ҳамсояҳо Исфандиёр на ин ки «сархӯр» балки наҷотдиҳанда мешавад. Пеш аз ҳама, наҷотдиҳандаи модари яккаву танҳояш - Санам, ки ба ғайр аз писари ятимаш дигар касе надошт. «Вай чашм кушодаву модари ғамзадаро дида. Ғами ӯро мехӯрд. Давраи мактабхониаш расидаю барои таъмини зиндагонии модар медавид» [5, с.21].

Исфандиёр – Сархӯр тимсоли инсонҳои заҳматкашу ранҷбар, ғамхору ҳалим ва дар навбати худ аз ҳаққу ҳуқуқи худ ҳимоякунанда мебошад. Аз мутолиаи асар баръало эҳсос мешавад, ки нависанда инсонҳои ба роҳи рост равандаву аз тариқи меҳнати ҳалол рӯзгузаронро ташвиқ мекунад. Ин албата бесабаб нест. Имрӯз кӯчаю бозор ва раставу роҳравҳо пур аз ҷавонони бекораву бероҳа, ки ба қавли худашон аз набуди ҷои кор овора шудаанд ва барои рӯзгузаронӣ даст ба корҳои ношояму ношоиста мезанад. Илова бар ин, бо роҳи дуздиву қаллобӣ ва амсоли инҳо «зиндагӣ» мекунанд. Зуҳури образи Сархӯр давоест ба дарди он ҳама ҷавонони бекораву бероҳа.

Моҳияти зиндагии Сархӯр танҳо аз беҳбуд бахшидан ба рӯзгори хеш иборат набуда, балки самти асосии ҳастии ӯро қумаку ғамхорӣ ба дармондагону эҳтиёҷмандон ташкил медиҳад, ки бо майлу хоҳиши том иҷро мекунад. Ҳангоме ки гову гӯсолаи бобои Назар дар қуллаи кӯҳ мемонад, танҳо Сархӯр ҷуръати ба баландии кӯҳ баромаданро карда, гову гусоларо бо заҳмати зиёд ба поён мефарорад: «Ангуштонаш дар таги санг мемонаданд. Аз онҳо хун мешорид, аз дард месӯхт, наафтам гуфта баъзан сангҳоро дандонгаз карда, ҷунбида-ҷунбидаву хазида ба гову гӯсола наздик мерафт» [5, с.26]. Бо чунин азобу машақат Сархӯр гову гусолаи бобои Назарро аз қуллаи касногузари кӯҳ фароварда, бар ивази хизматаш гусоларо талаб карда, баъди муқобилиятҳои зиёди бобо Сархӯр соҳиби гусола мешавад. Ҷои дигар ҳамсинфи Сархӯр - Нигора дар хона, дар ҳалқи оташ мемонад, падару модар ва ҳамсояҳо умедашонро аз зинда мондани ӯ мекананд, дар ин ҳолат Сархӯр аз куҷое пайдо мешавад: «Наход Нигора ҳамсинфам дар даруни алов мондааст?» Об пурсид, сатил – сатил обро ба сараш рехт, ҷомаашро ҳам тар кард, онро ба сараш кашида ақиб гашт. «Эй бача, ту чӣ кор карда истодаӣ? Месӯзӣ, мемурӣ», пеши роҳашро гирифтанӣ шуданд, аммо вай ба ҳеҷ кас гӯш надода ба хона, ба даруни алов зада даромад… Баъди

лаҳзае дидем, ки Нигора дар бағал, сар то пои худаш алов, мисли як аловдаста тарафи кӯли об равон шуд». [5, с.27-28]. Дар ин қаҳрамонии нишондодаи Сархӯр хилофи бобои Назар модари Нигора ӯро «поку пиҳил» ба Сархӯр бахшид. Сархӯр бошад, ба ақидаи Асадулло Саъдуллев: «Инсондӯстӣ неъмати волост ва мо одат кардаем, ки аз худ гузашта ба дигарон бирасем» [9, с.13] оини ҷавонмардиро пеша карда, ин пешниҳодро қабул намедорад. Чунин амалкарди Сархӯр нишонаи тарбияи баланди маънавӣ ва хислати некӯи инсондӯстонаи ӯро нишон медиҳад, ки хонандаро водор бар он месозад, ки инсони комил бояд барои амали хайр, махсусан наҷоти ҷони одамӣ талабе надошта бошад, зеро амалҳои неки кардаи мо рӯзе дастгирамон мешаванд. Ҳамин тавр, дигар амали накӯ ва ҷоннисории Сархӯр ин аз вартаи марг раҳонидани Лутфия мебошад, ки бо заҳмати зиёд ва бо чунин азоб: «Кафҳои даст, панҷаҳояш обила заданду хуншор, дарду сӯзишашон беҳисоб. Бандҳоро гирех андохта – гирех андохта ваҷаб ба ваҷаб худ ва духтарро боло мекашид» [5, с.36] аз ҳолати нобудӣ раҳоӣ бахшид.

Аз тасвирҳои нависанда нисбат ба образи Исфандиёр - Сархӯр хонандаи огоҳ ба хубӣ дарк мекунад, ки Сархур дар зиндагӣ ба ғайр аз парвариши тухми накӯӣ дар мазраи қалби хеш дигар доне накоштааст ва сабаби ҳама муваффақияту бахти баландаш маҳз андешаи некӯ, боварӣ ба ояндаи дурахшони ӯ мебошад. Ин хушбинӣ ва боварӣ ба худ ва ҷасорати шикастнопазираш аст, ки ӯро ҳамеша дар ҳар амалу рафтораш муваффаку маҳбуб мегардонад. Накӯандешиву накӯкориҳояш мерос аз модари маъсуму беозораш буда, ки эшон дар зиндагӣ ба ҷуз дарду алам, азобу машаққат чизе надида ва бо вуҷуди танҳоиву бекасӣ бо меҳнати ҳалол фарзандашро ба воя расонидааст.

Образи Исфандиёр - Сархӯр сирф образи мусбат аст, тамоми амалкарди ин қаҳрамон аз оғоз то анҷоми роман некиву покист. Исфандиёр ном гузоштани қаҳрамони марказии роман шабеҳи образи Исфандиёри рӯҳинтан аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба назар мерасад. Агар Исфандиёри офаридаи Ҳаким Фирдавсӣ дар майдони ҳарбу зарб обу тоб ёфта баданаш, ба рӯҳ мубаддал гашта бошад, пас Исфандиёри офаридаи устод Кароматуллоҳи Мирзо аз кору заҳмати зиёд ҷиҳати гузаронидани рӯзгори ҳалолу покиза қавиву мустаҳкам гаштааст.

Аз ибтидо то интиҳо романи «Ишқи Сархӯр» фарогири рӯзгори ҳаррӯзаи мо мебошад. Масъалаҳои дарду ранҷи ятимон дар образи Санам, бемеҳриву бемуҳаббатии падароне, ки пас аз марги ҳамсар оиладор мешаванд ва ба тақдири минбаъдаи фарзандони ятимашон аҳамият намедиҳанд - дар образи падари Санам, кирдорҳои ношоиставу рафтори гӯшношуниди иддае аз модарандарон - дар образи Гулрез, мавҷуд будани ҳиссиёти маҳалгароӣ дар муносибати сокинони деҳаи Сафедоб - бо бобои Ӯзбакхоҷа воқеъбинонаву равшан таҷассум ёфтааст. Вале, ин маънои онро надорад, ки роман сар то по аз ифшои камбудиву нуқсони давру замон иборат аст. Дар баробари ба риштаи тасвири бадеӣ кашидани камбудиҳои замон, ҳамчунин, анъанаҳои неки гузаштагон – гиромӣ доштани насли бузургсол, нексиришту кӯмакрасон ва хайрхоҳ будани халқи тоҷик ба якдигар, ростқавлу вафодор будан ба аҳду паймон, арҷ гузоштан ба ҳунару ҳунармандон, ба инсони заҳматкашу заҳматписанд ва амсоли инҳо самти дигари сюжети романро ташкил медиҳад.

Сюжети роман гуногунсамт мебошад. Аз як тараф моҷарои ишқи сар-сарии Фахрӣ бо Лутфия, аз тарафи дигар ҳаёти серташвишу ибратбахши Исфандиёр – Сархӯр, дигар рӯзгори талху тоқатфарсои Санам мебошад, ки тамоми ҳодисоту воқеоти роман ба ҳамин се самти хати сужет алоқаманд мегардад. Агар ба ин се самти ҳаракати ҳодисаву рӯйдодҳои хати сюжет бодиққат назар афканем, як навъ хулосае ҳосил мешавад, ки бисёр таъсирбахш ва ибратомӯз аст. Масалан, мо аз мутолиаи асар огоҳ мешавем, ки Фахрӣ, Лутфия ва Мӯниса, ки ҳар се ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар роҳи расидан ба ишқи худ ноком мешаванд ва худро ба нестӣ мебаранд, дар оилаҳое буданд, ки болои сарашон падару модар чун кӯҳ устувор буд ва дар ҳама ҳолат онҳоро дастгирӣ ва аз эшон ҳимоят мекарданд, ҳамчунин онҳо дар синни ҷавонӣ қарор доштанд ва метавонистанд ҳама чизро аз нав шуруъ намоянд, аммо беиродагиву бемаърифатиро пеша карда, худро ба коми маргу гумномӣ афканданд. Самти дигари сюжети романро,

ки ҳаёти ибратбахши Сархӯр ва рӯзгори талхи Санам унвон кардем, мутафовит аз самти дар боло гуфташуда мебошад, яъне бараъкси рӯзгори Фахриву Лутфия ва Мӯниса дар паҳлуи Санам ва Сархӯр ба ҷуз якдигар касе набуд, вале онҳо бо азму иродаи қавӣ, руҳи шикастнопазир ба ҳаёт идома доданд ва дар ниҳоят ба қуллаи мақсуд расиданд. Ин аст ҷавҳари маънии романи «Ишқи Сархӯр»-и нависанда Кароматуллоҳи Мирзо.

Ҳамин тариқ, романи «Ишқи Сархӯр» чун миръоти ҳақиқатнамои рӯзгори иҷтимоии халқи тоҷик дар замони имрӯза вазифаи ахлоқӣ-тарбиявии худро дорост, ки аз мутолиаи он хонандаи нуктафаҳм ҷаҳони маънӣ ва таҷрибаву ибрати рӯзгорро бардошт менамояд. Дар замони муосир, ки ахлоқи ҷомеа, махсусан, ҷавонон коста шудааст, эҷоди романи мазкур саривақтиву муфид буда, хонандаро ба роҳи росту дуруст ҳидоят намуда, дар замири он тухми меҳру садоқат ба инсонияту ҳислатҳои ҳамидаи инсониро парвариш медиҳад. Дар воқеъ, мавзуи меҳварии романи «Ишқи Сархӯр»-и Кароматуллоҳи Мирзо аз замони пайдоиши адабиёти бадеии халқҳои тоҷику форс вуҷуд дошт ва то ба ҳол аҳамияти худро гум накардааст ва дар ояндаҳои дур низ гум нахоҳад кард, чаро ки тарбияи ахлоқиву маънавии инсон ин мавзуест, ки бо пайдоиши одаму олам ба миён омадааст ва то он даме, ки ҳаёт дар рӯйи Замин идома меёбад ин мавзуъ арзишманд боқӣ хоҳад монд.

Адабиёт:

1. Афсаҳзод, А. Бозорби сиришти инсон / А. Афзаҳзод // Адабиёт ва санъат. – 1992. - №277, 2. – С.12.
2. Афсаҳзод. А. Чеҳраи эҷодии нависанда / А.Афсаҳзод // Садои Шарқ. – 1994. - №3-4. – С.5-22.
3. Зулфиев, Г.Н. Идейно-нравственые и художественные особенносты романа Кароматулло Мирзоева “В грёзах об отцце” Г.Н. Зулфиев // - Душанбе: Самт, 2020. – 127 с.
4. Мирзо, К. Дар орзуи падар / К. Мирзо // - Душанбе: Адиб, 2009. – 600 с.
5. Мирзо, К. Ишқи сархӯр / К. Мирзо // Садои Шарқ. – 2020. - №2. – С.6-102.
6. Раҳмонов, А. Такмили тасвирсозӣ дар шинохти маънавии инсон /А. Раҳмонов // Ҷумҳурият. – 2000. - №92. – С.2.
7. Сайфуллоев, А. Ҳусну маънии романи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ /А.Сайфуллоев // Адабиёт ва санъат. – 2010. - №4. – С.4.
8. Саъдуллоев, А. Меҳри падарӣ кашид домон / А. Саъдуллоев // Тоҷикстони советӣ. – 1989. - №141. – С. 7.
9. Саъдуллоев, А. Рӯ ба рӯ бо мардум / А. Саъдуллоев // Садои Шарқ. – 1991. - №2 – С.8-18.
10. Саъдуллоев, А. Ҳарфи хуш – тумори ақл / А. Саъдуллоев // Ҷумҳурият. – 1992. - №26,6. – С.2.
11. Шариф, Х. Маънавияту харобии маънавӣ / Х.Шариф // Адабиёт ва санъат. – 1991. - №40. – С.6.

ТАҶАССУМИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ – АХЛОҚӢ ДАР РОМАНИ «ИШҚИ САРХӮР»-И КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба мазмун ва мундариҷаи романи тозаэҷоди Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи адабии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Кароматуллоҳи Мирзо – “Ишқи сархӯр” сухан меравад. Ҳамчунин, оид ба услуб, тарз ва равиши ҳаводису воқеоти роман таҳлили адабиётшиносӣ сурат гирифта, оид ба характер, хислат ва ҳаракоти қаҳрамонони марказӣ ва персонажҳои асосиву лаҳзавӣ тадқиқи бадӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дар асоси матни асосии роман бо такя ба асару мақолаҳои адабиётшиносони шинохтаи ватанӣ ба монанди Аълохон Афсаҳзод, Худоӣ Шариф, Асадулло Саъдуллоев, Атахон Сайфуллоев ва дигарон фикру андешаҳои худро асоснок намудааст.

Калидвожаҳо: адабиёт, бадеӣ, роман, сюжет, мазмун, мавзуъ, образ, персонаж, характер, хислат, тасвир, симо.

РЕАЛИЗАЦИЯ СОЦИАЛЬНО-МОРАЛЬНОЙ ПРОБЛЕМЫ В РОМАНЕ "ИШКИ САРХУР" КАРОМАТУЛЛА МИРЗЫ

В данной статье говорится о содержании вновь созданного романа Народного писателя Таджикистана, лауреата литературной премии имени Абуабдуллахи Рудаки Кароматулла Мирзы - «Ишки Сархур». Также был проведен литературный анализ стиля, манеры и подхода к атмосфере и реальности романа, а также проведено исследование характеров, характеров и поступков центральных персонажей и главных героев. Опираясь на основной текст романа, опираясь на произведения и статьи известных отечественных литературоведов, таких как Алахан Афсахзод, Худой Шариф, Асадулло Садуллоев, Атахан Сайфуллоев и др., автор обосновал свои мысли и мнения.

Ключевые слова: литература, художественная литература, роман, сюжет, содержание, тема, образ, персонаж, персонаж, персонаж, образ, образ.

IMPLEMENTATION OF SOCIAL-MORAL ISSUES IN THE NOVEL "ISHKI SARKHUR" BY KAROMATULLAHI MIRZO

This article talks about the content of the newly created novel of the People's Writer of Tajikistan, winner of the literary award named after Abuabdullahi Rudaki Karomatullahi Mirzo - "Ishqi Sarkhur". Also, a literary analysis was conducted on the style, manner and approach of the novel's atmosphere and reality, and a research was conducted on the character, character and actions of the central characters and the main characters.

Based on the main text of the novel, based on the works and articles of well-known domestic literary critics such as Alakhan Afsahzod, Khudoi Sharif, Asadullo Sadulloev, Atakhan Saifulloev and others, the author substantiated his thoughts and opinions.

Keywords: literature, fiction, novel, plot, content, theme, image, character, character, character, image, image.

Маълумот дар бораи муаллиф: Зулфиев Гадомад Нурмадович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти точики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 735360, Ҷ.Т., ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров – 16. Тел.: 985167569, Поч. электронӣ: zulfiev.88@mail.ru

Дар мақолаи мазкур мавзуи одат кунонидани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ичрои корҳои мустақилона дар дарсҳои забони модарӣ матраҳ гардида, муаллиф дар такя ба сарчашмаҳои илмӣ ва методӣ қайд менамояд, ки: «Яке аз вазифаҳои муҳими муаллими синфҳои ибтидоӣ ин аст, ки аз рӯзҳои аввали хониш бачаҳоро ба кори мустақил одат кунонад».

Инчунин таъкид меравад, солҳои тӯлонист, ки ба мақсаду вазифаи муҳимтарини таълиму тарбия - бедорӣ ва рушди зеҳну тафаккури таҳлилии кӯдакон, ки дар илми педагогика заминаи устувори фаъолияти мустақилона ҷӯёӣ ва эҷодӣ шинохта шудааст, хеле кам ва сатҳӣ аҳамият дода мешавад. Ҳол он ки маҳз ҳамин заминаи устувори фикрӣ чи дар ояндаи донишомӯзӣ ва чи дар ояндаи ҳаёт шахсияти насли созандаро муайян хоҳад кард.

Мутаассифона, баъзе муаллимон дар дарс қоида ва мазмуни матнро нақл карда, аз хонандагон талаб мекунанд, ки онро кӯр-курона такрор кунанд. Онҳо дар раванди дарс ба кори эҷодии талабагон ва фаъол кардани онҳо эътибори зарурӣ намедиҳанд. Аз ин лиҳоз, аксарияти шогирдон қобилияти мустақилона ва эҷодкорона кор карданро надоранд. Дарсе, ки дар он кори мустақилона ба таври бояду шояд ташкил нашудааст, ба талабагон дониши амиқу чуқур дода наметавонад.

Аҳамияти кори мустақилона ва одат кунонидани талабагон аз он вобаста аст, ки талаба як умр паси парта намешинад ва муаллим ба ӯ масъалҳои гуногуни ҳалталаби ҳаётиро ҳалу фасл намекунад.

Калидвожаҳо: бедории фикрӣ, рушди зеҳн, тафаккури таҳлилӣ, мустақилият, масъала, нутқи мураттаб, ҷустуҷӯ, мақсад, вазифа, фаъолгардонӣ, қобилият.

ПРИУЧАТЬ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ К САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЕ ПО ОБУЧЕНИЮ РОДНОМУ ЯЗЫКУ

В данной статье обсуждается тема приобщения учащихся начальных классов к самостоятельной работе на уроках родного языка, и автор, ссылаясь на научно-методические источники, отмечает: «Одна из важных задач учителя начальных классов, с первых дней учебы, состоит в обучении детей привыканию к самостоятельной работе».

Также отмечается, что на протяжении многих лет очень мало внимания уделяется важнейшим целям и задачам воспитания - пробуждению и развитию аналитического мышления детей, которое в педагогической науке признается прочной основой для самостоятельного исследования и творчества. Однако именно этот прочный интеллектуальный фундамент будет определять личность творческого поколения как в будущей жизни.

К сожалению, некоторые учителя объясняют правила и содержание текста на уроках и требуют, чтобы ученики повторяли его вслепую. Они не уделяют должного внимания творческой работе учащихся и их активизации на уроке. Поэтому большинство учащихся не способны работать самостоятельно и творчески. Урок, на котором самостоятельная работа не организована должным образом, не дает учащимся глубоких знаний.

Важность самостоятельной работы и привыкания учащихся зависит от того, что ученик всю жизнь не сидит за партой, а учитель не решает различные жизненные задачи.

Ключевые слова: умственное пробуждение, интеллектуальное развитие, аналитическое мышление, самостоятельность, проблема, систематическая речь, поиск, цель, задача, активизация, способность.

TO ACCUSTOM PRIMARY SCHOOL CHILDREN TO INDEPENDENT WORK ON TEACHING THEIR NATIVE LANGUAGE

This article discusses the topic of introducing primary school children to independent work in the lessons of their native language, and the author, referring to scientific and methodological sources, notes: “One of the important tasks of a primary school teacher, from the first days of study, is to teach children to get used to independent work."

It is also noted that for many years very little attention has been paid to the most important goals and objectives of education - the awakening and development of children's analytical thinking, which in pedagogical science is recognized as a solid basis for independent research and creativity. However, it is this strong intellectual foundation that will determine the personality of the creative generation as in the future life.

Unfortunately, some teachers explain the rules and content of the text in class and require students to repeat it blindly. They do not pay due attention to the creative work of students and their activation in the classroom. Therefore, most students are not able to work independently and creatively. A lesson in which independent work is not properly organized does not give students deep knowledge.

The importance of independent work and getting used to by students depends on the fact that the student does not sit at a desk all his life, and the teacher does not solve various life tasks.

Keywords: mental awakening, intellectual development, analytical thinking, independence, problem, systematic speech, search, goal, task, activation, ability**.**

Маълумот дар бораи муаллифон: Бозоров Х.-номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳамроева Қурбонбӣ, саромӯзгори Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроғa: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16. тел: 985-56-41-21

Сведения об авторах: Бозоров Х.- кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры дошкольного обучения Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки., **Хамроева Курбонби**, старший преподаватель педагогического колледжа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова-16. тел: 985-56-41-21

Information about the authors: Bozorov Kh. - candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department preschool education, Kulyab State University named after A. Rudaki. **Khamroeva Kurbonbi**, Senior Lecturer at the Pedagogical College of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov st.-16. Phone: 985-56-41-21

УДК – 68 (2 тоҷ)
ББК – 73-74 (2 тоҷ)
Ф - 22

ТАҲАВВУЛОТИ СОХТОРИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ ИХТИСОСҲОИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Файзализода Б.Ф., Сафарова С.Ҳ.

МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Асосгузори сулҳу Ваҳдати Миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26 декабри соли 2019) дар алоқамандӣ бо таҳаввулоти сохтории дунёи муосир дар самти таълим ва тарбияи насли бомаърифат, худогоҳ, ояндасоз ва таъсири

илмҳои табиатшиносӣ ва табиию риёзӣ дар тавсеаи ҷаҳонбинии илмӣ чунин таъкид намудаанд: «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шаклу моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд». Дар робита ба ин, ба хотири боз ҳам бештар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шуд.

Ҳоло дар соҳаи таълими забонҳои хориҷӣ технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК), яъне курсҳои таълимии чандрасонаӣ, журналҳои электронии навъи Hello-on-line, Интернет маводҳо, вебинарҳо ва ғайра мавриди истифода қарор меёбанд [6, с. 44]. Дар тӯли понздаҳ соли охир дар олам ТИК фаъолона истифода мешавад, зеро технологияҳои компютерӣ омӯзгорро дар нақши ҳамсуҳбати зинда пурра месозанд. Махсусияти барномаҳои компютерӣ имкон медиҳад, ки миқдори калони машқҳо, мисли ташкилии маводи таълимӣ ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо шаванд, корбурд гарданд. Машқҳои иловагӣ аксаран такрори машқҳо, асосӣ буда, бо баъзе иловаҳо ба таълимгиранда дар ҳолати пайдошавии мушкилот ба дурусттар машқкунӣ имкон медиҳад. Ҳамин тариқ, дар ин раванд принсипи инфиродисозии таълим татбиқи худро меёбад, зеро ки машқҳои иловагӣ бо низоми назорат барои ҳар як донишҷӯ вобаста ба намуди кор интихоб карда мешавад. Гузаронидани тестҳои компютерӣ инфиродисозии таҳсилоти касбии забонҳои хориҷиро таъмин менамояд, маҳсулнокии фаъолияти таълимии донишҷӯёнро баланд мебардорад, фаъолияти маърифатии онҳоро ташаккул медиҳад, сарфагии ҷараёни таълимро таъмин ва донишҷӯёнро аз ғалатсозӣ озод мекунад. Ба андешаи мо, барномаҳои комплексии тестикунонӣ дар сатҳи методӣ муфид ва натиҷанок буда метавонанд, чунки тамоми сатҳҳои забониро фаро мегиранд, яъне ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникатсионӣ (чун яке аз қисмҳои салоҳияти касбии иттилоотӣ) мусоидат менамоянд. Дар таълим намуди махсуси рағбат ба дониш, ки онро рағбати маърифатӣ меноманд, нақши асосиро мебозад. Соҳаи фаъолияти маърифатӣ дар ҷараёни онҳои азхудкунии мазмуни фанҳо таълимӣ, тарзҳои зарурӣ ё маҳорату малакаҳо, ки бо ёрии онҳо мутахассиси оянда мустақилона маълумот мегирад, рӯй медиҳад. Ба ақидаи мо, тестҳое, ки дар барномаҳои компютерӣ гузошта шудаанд, воситаи хуби суръатдиҳӣ ба таҳсилоти касбии ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ ва назорат аз болои сатҳи ташаккулёбандагии донишҳо, малакаҳо ва рушди маҳоратҳо мебошанд. Интернет бо имкониятҳои калони иттилоотӣ ва муассири дидактикии худ дар фаъолияти мустақилонаи маърифатии донишҷӯён, дар фаъолияти таълимӣ дар ҷараёни курсҳои фосилавӣ, иштирок дар кори сомонаҳои гуногуни забонӣ бо ҳамшарикон аз МТОК-ҳои дигари Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ дар раванди таълиму тарбияи ҳам аудиториявӣ ва ҳам ғайриаудиториявӣ, аз ҷумла дар низоми таҳсилоти иловагӣ кумаки калон расонида метавонанд. Нисбати таълими забони хориҷӣ дар сатҳи касбӣ гуфтан мумкин аст, ки Интернет ба истифода аз матнҳои аутентӣ, гӯшкунӣ ва муоширакунӣ бо донандагони забон имконияти беандоза медиҳад расми 1.

Расми 1. – Амсилаи истифодабарии Интернет дар ҷараёни таълим



Воридшавӣ ба фазои виртуалӣ воситаи самараноки рушди салоҳияти иҷтимоӣ-маданӣ мебошад. Мубрамияти масъалаи рушди салоҳияти иҷтимоӣ-маданӣ мутахассисони оянда яқин аст. Бешубҳа, воситаи аз ҳама самараноки рушди салоҳияти иҷтимоӣ-маданӣ будубош дар мамлакатҳое, ки забонашро меомӯзем, воридшавӣ ба худи фазои маданият, анъанаҳо ва меъёрҳои иҷтимоии ин мамлакат ҳисоб меёбад. Аммо бо дарназардошти он, ки ин на ҳамаи донишҷӯёну омӯзгорон дар мамлакати мо чунин имконият доранд, ҷустуҷӯи роҳҳои дигари муҳити ғайризабонӣ зарур аст. Бебаҳс он аст, ки намуди зерини муроҷиати онҳо ба ТИК ташаккул ёфта метавонад [3, с. 116]. Намудҳои зерини ТИК-ро, ки ба истифодаи компютерҳо нигаронида шудаанд, ба чунин қисматҳо ҷудо мекунанд: почтаи электронӣ; телеконференсияҳо; системаҳои мубодилаи фаврии ахборот; форумҳо; вебинарҳо. Аз нуқтаи назари ташкили ҷараёни коммуникатсионӣ технологияҳоро ба 2 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: воситаҳои худмухтор (offline) ва муколамавӣ (online). Аз рӯи навъи бартаридоштаи иттилоот технологияҳоро ба матн нигаронидашуда ва чандрасонаӣ тақсим кардан мумкин аст. Татбиқи техникии аввалӣ захираҳои камтарини барномавӣ ва иттилоотиро талаб менамояд, бинобар ин, аксар технологияҳо ба истифодаи нутқи хаттӣ такя мекунанд. Технологияҳои чандрасонаии иттилооти овозӣ ва биноиро бо фароҳам овардани шароити воқеии раванди коммуникатсионӣ интиқол медиҳанд. Телеконференсияҳо – шакли ташкили чорабиниҳои навъи мубоҳисавӣ (конференсияҳо; семинарҳо; мизҳои мудаввар; симпозиумҳо; вебинарҳо) мебошад, ки дар он иштирокчиён дар масофаи аз ҳам хеле дур қарор доранд. Аз ҷиҳати техникӣ телеконференсия *«маҷмӯи интегралии хизматрасониҳои шабакаи ҳисоббарор аст, ки бо мақсади коммуникатсияи истифодабарандагон дар асоси интиқолу коркарди иттилооти нутқӣ, матнӣ ва биноӣ корбурд мегардад»* [7, с. 233]. Телеконференсияҳо ҳам ба матн нигаронидашуда ва ҳам чандрасонаӣ буда метавонанд. Системаҳои мубодилаи фаврии ахборот намуди технологияҳои коммуникатсионии компютерӣ мебошад, ки суҳбати табииро такрор мекунад. Ҳамагӣ 2 тарзи ташкили чунин системаҳоро ҷудо мекунанд: муколамавӣ (ICQ) ва серзабонӣ (чат IRC вебинарҳо). Форум технологияи ба коммуникатсия аз рӯи вақт мавҷудшуда, ки маҷмӯи гуфторҳои ба мавзӯи муайян бахшидашударо дар бар мегирад [8, с. 231]. Форум аз порчаҳои ахборот ташаккул ёфта, воситаҳои ташкили алоқаҳои худро коркард менамоянд, бинобар ин, баъдтар ба мубодилаи иттилоот нигаронида шудааст. «Дар форумҳо барқасдона мавзӯи муошират дастгирӣ мегардад: мубодилаи

таҷриба, ёрӣ дар ҳалли масъалаҳо, муҳокимаи маводҳо. Маҳз ин намуди иртибот ба рушди як қатор илмҳои компютерӣ мусоидат намуд» [4, с. 160].

Вазифаҳои муайяни Интернет имкон медиҳад, ки амалҳои асосии тавассути ТИК ташкилкунандаро барои кор дар соҳаи таҳсилоти касбии ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ ҷудо кунем:

1. Амалиёти истифодабарӣ аз Интернет ҳамчун «нақлиёт»;
2. Амалиёти истифодабарӣ аз Интернет ҳамчун воситаи муошират касбӣ ва ҳаррӯза;
3. Амалиёти истифодабарӣ аз Интернет ҳамчун воситаи таълим. Ин амалиётҳои умумӣ ба як қатор амалҳои ҷузъӣ, ки ду зергурӯҳро дар бар мегиранд, тақсим мешаванд [1, с. 35].

Ба зергурӯҳи якум мо амалҳоеро мансуб медонем, ки бо истифодаи намудҳои гуногунҳои фаъолияти нутқӣ ва иттилооти байнифарҳангӣ дар раванди коммуникатсия алоқаманданд. Онҳоро шартан амалиёти забонӣ меноманд: а) амалиёти ба таври хаттӣ интиқол додани иттилоот мувофиқи мақсаду вазифаҳои муошират, симои коммуникатсионии мухотаб; б) амалиёти фаҳмидани иттилоот зимни қироат мувофиқи мақсадҳои он (пурра, аниқ, шиносоӣ бо мазмуни матн).

Ба зергурӯҳи дуюм мо амалиёти зерини касбиро дохил мекунем: а) амалиёти корбари аз сомонаҳо, лоиҳаҳо дар реҷаҳои гуногун; б) амалиёти ба фазои Интернет ворид сохтани ҷустуҷӯи иттилооти маводҳои касбӣ ва маводҳо барои муошират; в) амалиёти ташкил кардани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии худ [2, с. 100].

Дар ҳолати истифодаи методикаи лоиҳавӣ муроҷиат ба Интернет таҷрибаи васеъро дар хониши муоинавӣ, ҷустуҷӯӣ ва омӯзишии матнҳои аутентӣ, инчунин таҷрибаро дар банизомдарорӣ ва шарҳи босаводонаи фактҳои маданият таъмин менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки истифодаи ТИК дар соҳаи таҳсилоти касбии забонҳои хориҷӣ кори якҷояи иштирокчиёни зиёди раванди педагогӣ буда, дастгирии муташаккилонаи техникии маъмурони системавӣ, дохилкунии босаводонаи ТИК-ро ба ҷараёни муошират зинда бо омӯзгор талаб мекунад.

Дар олами муосир маълумот дар ҳаёти ҳар як инсон нақши муҳим мебозад, зеро ки он на танҳо дар ҳаёти ҳаррӯза ёрӣ мерасонад, балки ба рушди шахсият ва фаъолияти минбаъдаи касбии ӯ имкон медиҳад [10, с. 290]. Чи тавре маълум аст, барои шахси соҳибкасб маҳорату малакаҳои амалӣ асоси он ба ҳисоб меравад. Аммо, агар мутахассис масъаларо аз ҷиҳати назариявӣ нафаҳмад, пас дар таҷриба ба хатоги роҳ медиҳад. Бинобарин аҳамияти маълумот дар он хеле калон аст. Баъзеҳо мегӯянд, ки гирифтани маълумот дар синни наврасӣ кофист. Аммо чи тавре ки ҳаёт нишон медиҳад, тамоми умр бояд дониш андӯхт [5, с. 161].

Илму технология дар маҷмӯъ аз ҷумла аз маълумот рушд меёбад. Он чизеро, ки мо замоне омӯхта будем, ҳоло шояд нодаркор шавад, зеро ки баъзе технологияҳо ва методҳои таълим ба қадре тағйир ёфтаанд, ки аз пешина фарқ мекунанд. Бинобар ин, дар назди аксари омӯзгорони муассисаҳои гуногуни таълимӣ саволе гузошта мешавад: *дарси ҳозира чӣ гуна бояд бошад, то ин ки донишҷӯён маводи пешниҳодкардаи омӯзгорро хубтар азхуд намоянд* [2, с. 99].

Шароити имрӯзаи рушди ҷомеа омодасозии мутахассиси сифатан навро талаб мекунад, зеро ки имрӯз ба ҷомеа на танҳо корманди босавод, балки мутахассисе лозим аст, ки ӯ қобилияти маълумотгирӣ, худинкишофдиҳӣ дошта, бо муносибати эҷодӣ ба кори худ қодир асту сатҳи муайяни тафаккури танқидиро дошта, шахси ҳаматарафа рушдёфта бошад. Хатмкардаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар давоми ҳаёти худ бояд илм омӯзад ва аз ҳама асосӣ, ба донишмандӯзӣ ҳавасу кӯшиш дошта бошад. Бо такя ба гуфтаҳои боло омӯзгори ҳозираро зарур аст, ки мунтазам методикаи таълими фанни худро нав кунад, бо донишҷӯён ҳамкорӣ намояд, дар онҳо муносибати эҷодӣ ба фанни худро бедор кунад ва барои ин аз шаклу методҳои гуногуни ғайрианъанавии таълим, инчунин аз технологияҳои инноватсионии таълим истифода барад [4, с. 160].

Инноватсия (англ. *Innovation* – навгонӣ) – ҷорӣ кардани шаклҳо, тарзҳо ва маҳоратҳои нав дар соҳаи таълим, таҳсилот ва илм мебошад. Фаъолияти

инноватсионии педагогӣ ҳоло яке аз қисмҳои асосии фаъолияти дилхоҳ муассисаи таълимӣ мебошад ва чун қоида барои фароҳам овардани рақобатнокӣ дилхоҳ муассисаи таълимӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ, самти рушди касбии омӯзгор, ҷустуҷӯи эҷодии ӯро муайян мекунад ва ба рушди шахсияти донишҷӯён мусоидат менамояд.

Мақсади технологияҳои инноватсионӣ дар таҳсилот аз омодасозии хатмкунанда ба ҳаёти дар олами мунтазам тағйирёбанда иборат мебошад. Вазифаи фаъолияти инноватсионӣ дар таҳсилоти касбӣ низ дар он аст, ки шахсияти таълимгиранда дар қиёс бо низоми мавҷудаи таҳсилот бояд тағйир ёбад. Ин бошад танҳо бо шарофати ҷорисозии барномаҳои нави дидактикӣ ва тарбиявӣ дар фаъолияти касбӣ имконпазир мегардад. Чунин барномаҳо дар таълимгирандагон ҳавасмандӣ ба амалҳои худ, коркарди мустақилона ва истифодабарии мустақилона аз иттилооти гирифташаванда, ташаккули тафаккури ҳаматарафаи эҷодиро бо истифода аз дастовардҳои муосири илму техника бояд рушд диҳад [5, с. 126].

Технологияҳои таълими инноватсионӣ, технологияҳои интерактивии таълим, технологияҳои компютерӣ ва технологияи таълими лоиҳавиро бояд дар бар гиранд. Технологияҳои таълими интерактивӣ ин тарзҳои азхудкунии донишҳо, ташаккули маҳорату малакаҳо дар раванди муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва ҳамкориҳо байни омӯзгор ва донишҷӯён дар ҷараёни таълим мебошад. Ҳоло шаклҳои зерини технологияҳои таълими интерактивӣ мавҷуданд:

– лексияи проблемавӣ, бозии дидактикӣ, семинар-мубоҳиса, мубоҳисаи таълимӣ, «ангезиши зеҳн»;

– тавре маълум аст, таълими ҳозираи касбиро беистифода аз технологияҳои компютерӣ, ки ба васеъкунии соҳаи корбурди техникаи компютерӣ дар раванди таълим, инчунин корбурди фаъоли технологияҳои чандрасонаӣ имкон медиҳанд, тасаввур кардан имконпазир аст.

Агар машғулиятро ба шакли мубоҳиса ва семинар гузаронем, пас технологияи таълими комплективӣ, ки дар натиҷаи истифодабарии он вазъияти проблемавии дар назди донишҷӯён гузошташуда ҳалли худро меёбад, корбурд мегардад. Яке аз шаклҳои машғулиятҳои интерактивӣ машғулиятҳои бинарӣ мебошад [1, с. 35]. Мақсади машғулиятҳои бинарӣ – дар таълимгирандагон ташаккул додани маҳорати фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ ва фаъолкардани фаъолияти эҷодӣ ва маърифатии онҳост. Алоқаи назария бо амалия, муттаҳидсозии мавзӯи донишҳои такягоҳии якчанд фанни тахассусӣ, ки хоссагиҳои технологӣ доранд, вижагиҳои машғулиятҳои бинарӣ ҳисоб меёбанд. Машғулиятҳои бинарӣ дар вазъияти фаъолнокии баланди донишҷӯён мегузаранд ва маводҳои беш аз як фанро фаро мегиранд. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ технологияи санҷиши донишҳои назариявӣ ва амалии ҳосилкардаи донишҷӯёнро тағйир медиҳанд. Чӣ тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, тестиронии компютерӣ яке аз методикаҳои муосири арзёбии сатҳи омодагии донишҷӯён мебошад [9, с. 144]. Тарафи мусбии назорати тестии компютерии донишҳо имконияти дар ҷараёни тестиронӣ фаро гирифтани ҳаҷми калони мавод ва ҳосил кардани тасаввуроти воқеӣ дар бораи донишҳои донишҷӯ ҳисоб меёбад.

Яке аз объектҳои технологияҳои инноватсионӣ дар таълим фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Зери фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҷараёни кори якҷояи донишҷӯёну омӯзгорон мегардад. Он аз чунин давраҳои барои таҳқиқот хос, мисли гузориши проблема, интихоби методикаи таҳқиқот, азхудкунии амалӣ аз тарафи донишҷӯён, ҷамъоварии мавод, таҳлил, ҷамъбаст ва хулосаҳои он доир ба мавзӯъ иборат аст [8, с. 233]. Истифодаи муаррифиҳои компютерӣ дар гузаронидани машғулиятҳо низ яке аз шаклҳои технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Чунин машғулиятҳо идрок, хотир, диққат ва тафаккури донишҷӯёнро фаъол мегардонанд.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки корбурди технологияҳои иттилоотӣ ҷараёни таълимро самараноктару маҳсулноктар мегардонад. Агар технологияҳои иттилоотӣ якҷоя бо технологияҳои таълим моҳирона истифода карда шаванд, пас сатҳи

зарурии сифати таълим ба вучуд меояд [7, с. 232]. Дар хотима қайд мекунем, ки аз технологияҳои инноватсионӣ дар таҳсилоти касбӣ истифода бурда, мо салоҳиятҳои умумии касбиро, ки ба шароити омодасозии сифатҳои хатмкунандагони баландихтисос дар бозори меҳнат мусоидат менамоянд, бештар такмил медиҳем.

Адабиёт:

1. Комилов, Ф. С. О роли информационных технологий в сфере здравоохранения [Текст] / Ф.С. Комилов, Б.Ф. Раджабов // Вестник Таджикского национального университет. – 2013. – № 1/3 (110). – С.33-38. – ISSN 2074-1847.
2. Комилов, Ф. С. Роль компьютерного тестирования в оценке качества подготовки студентов медицинского вуза Таджикистана [Текст] / Ф.С. Комилов, Б.Ф. Раджабов // Вестник Северо-Осетинского государственного университета имени Коста Левановича Хетагурова. – 2017. – № 4. – С. 97-101. – ISSN 1994-7720.
3. Мирзоев, Ҷ. Х. Асосҳои педагогии ташхис ва арзёбии натиҷаҳои салоҳиятнокии таълими технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / Ҷ.Х. Мирзоев, Б.Ф. Файзализода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2020. – № 2 (35). – С. 108-117. – ISSN 2222-9809.
4. Мирзоев, Ҷ. Х. Таҳлили натиҷаҳои муносибати салоҳиятнок ба таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ [Текст] / Ҷ.Х. Мирзоев, Б.Ф. Файзализода // VI Международной научно-практической конференций «Наука и образование в современном мире: Вызовы XXI века», г. Нур-Султан (Астана) 22 апреля 2020г. – Нур-Султан (Астана), 2020. – С. 159-161.
5. Поздеева, Э. Б. Инновационные процессы как средство обновления и модернизации профессионального образования [Текст] / Б.Э. Поздеева // Материалы III международной научно-практической конференции на тему «Инновации и современные технологии в системе образования». Прага, 2013. – С. 125-128.
6. Сафарова, С. Ҳ. Муносибати навоварона дар раванди такмили принсипҳо ва усули таълим дар мактаби миёна [Матн] / С.Ҳ. Сафарова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-240 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар рушди саноати кишвар». – Бӯстон, 2022. – С. 232-233.
7. Файзализода, Б. Ф. Внеаудиторная самостоятельная работа студента при помощи системы дистанционного обучения в педагогических вузах [Текст] / Б.Ф. Файзализода // Вестник Академии образования Таджикистана. – 2020. – № 1 (34). – С. 44-50. – ISSN 2222-9809.
8. Файзализода, Б. Ф. Диалектикаи робитаи муттасил бо дигар принсипҳои таълими омӯхтан ва омӯзондани донишҷӯёни МТОК [Матн] / Б.Ф. Файзализода, С.Ҳ. Сафарова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши Абурайҳони Берунӣ дар рушди илмҳои риёзиву табиӣ ва техникӣ» бахшида ба пешвози 1050-солагии нобиғаи маъруфи форс-тоҷик ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». – Бохтар, 2022. – С. 230-233.
9. Ходжаева, М. Дж. Роль компьютерных технологий в формировании иноязычной коммуникативной компетенции студентов неязыковых специальностей [Текст] М.Дж. Ходжаева, Ш.А. Ишматова // Ученые записки Худжандского государственного университета имени Бободжона Гафурова. – 2020. – №1(62). – С. 141-145. – ISSN 2077-4990.
10. Хоҷаева, М. Ҷ. Такмили салоҳиятнокии донишҷӯёни равияи гуманитарӣ бо истифода аз технологияҳои информатсионӣ дар низоми кредитии таҳсил [Матн] М.Ҷ. Ховаева, З.Р. Воидова // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – 2021. – №2. – С. 287-292. – ISSN 2077-4990.

ТАҲАВВУЛОТИ СОХТОРИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ ИХТИСОСҲОИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Муаллифон дар мақолаи худ воридшавӣ ба фазои виртуалиро воситаи самараноки рушди салоҳияти иҷтимоӣ-маданӣ меномад: ӯ аз имкониятҳои технологияҳои инноватсионӣ дар таҳсилоти касбиро истифода бурда, ба салоҳиятҳои умумии ба шароити омодасозии сифатҳои хатмкунандагони баландихтисос дар бозори меҳнат лозимбударо мусоидат менамоянд. Инчунин бояд қайд кард, ки истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, санҷиши донишҳои назариявӣ ва амалии ҳосилкардаи донишҷӯёнро тағйир медиҳанд. Чӣ тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, тестиронии компютерӣ яке аз методҳои муосири арзёбии сатҳи омодагии донишҷӯён ба ҳисоб рафта, ҳосил кардани тасаввуроти воқеӣ дар бораи донишҳои воқеии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: аутент, маҳорат, методика, дидактика, педагогика, донишҷӯ, худинкишофдиҳӣ, эҷодӣ, омӯзгор, барнома, компютер, иттилоот, техника, чандрасона, диалект.

СТРУКТУРНОЕ РАЗВИТИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОМ ОБРАЗОВАНИИ НА ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКАХ

В своей статье авторы называют выход в виртуальное пространство эффективным инструментом развития социокультурной компетентности: он использует возможности инновационных технологий в профессиональном образовании и способствует формированию общих компетенций, необходимых для подготовки квалифицированных выпускников на рынке труда. Также следует отметить, что использование инновационных технологий обучения позволит изменить проверку теоретических и практических знаний, получаемых студентами. Опыт показал, что компьютерное тестирование является одним из самых современных методов оценки уровня подготовленности студентов, позволяющим получить реальную картину реальных знаний студентов высших учебных заведений.

Ключевые слова: аутентичный, умение, методика, дидактика, педагогика, ученик, саморазвитие, творчество, учитель, программа, компьютер, информация, технология, мультимедиа, диалект.

STRUCTURAL DEVELOPMENT OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN PROFESSIONAL EDUCATION IN FOREIGN LANGUAGES

In the article, the authors call access to the virtual space an effective tool for the development of socio-cultural competence: it uses the possibilities of innovative technologies in vocational education and contributes to the formation of general competencies necessary for the preparation of qualified graduates in the labor market. It should also be noted that the use of innovative teaching technologies will change the verification of theoretical and practical knowledge received by students. Experience has shown that computer testing is one of the most modern methods for assessing the level of students' preparedness, which allows you to get a real picture of the real knowledge of students of higher educational institutions.

Key words: authentic, skill, methodology, didactics, pedagogy, student, self-development, creativity, teacher, program, computer, information, technology, multimedia, dialect.

Информация об авторах: Файзализода Бахрулло Файзали - д.п.н. профессор кафедры информационных технологий и методики обучения информатике государственного учреждения образования «Бохтарский государственный университет имени Насири Хусрава». Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. **Тел**.: (+992) 988-22-00-33; **E-mail:** faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Сафарова Саёхат Хотамовна - соискатель кафедры информационных технологий и методики обучения информатике государственного учреждения

образования «Бахтарский государственный университет им. Насири Хусрава». Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни 67. E-mail: hotamzodasayohat@gmail.com

information about the authors: Faizalizoda Bahrullo Faizali - doctor of pedagogical sciences, professor of the department of information technology and methods of teaching informatics of the state educational institution «Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav». Republic of Tajikistan, Bokhtar city, 67 Ainy Street. **Tel:** (+992) 988-22-00-33; **E-mail:** faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Safarova Sayohat Hotamovna – competitor of the department of information technology and methods of teaching informatics of the state educational institution «Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav». Republic of Tajikistan, Bokhtar city, 67 Ainy Street. **E-mail:** hotamzodasayohat@gmail.com

УДК – 514+37 (2 тоҷ)
ББК – 12-151 (2 тоҷ)
С - 90

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ФАРОГИРИИ БАКАЛАВРҲО БА ТАҲСИЛОТ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ

Сулаймонов У.И.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Фарогирии бакалаврҳо ба таҳсилот раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст, ки дар онҳо ҳосил намудани маҷмӯи дониш, маҳорат, малака, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавие, ки таълимгирандагон дар давоми таҳсил дар муассисаи таълимӣ соҳиб мегарданд [5, с. 2-3].

Таҳсилоти фосилавӣ зинаи нави рушди таҳсили ғоибона ва ҳам рӯзонаи таҳсил буда, дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ васеъ ба роҳ монда шудааст. Фарқияти ин аз намуди ғоибонаи таҳсил дар он аст, ки қисми муҳими маводи таълимӣ на соҳибихтиёрона, балки пайваста бо муносибат бо омӯзгор дар реҷаи on-line (видеоконфронс, чат, вебинар, видеодарсҳо, скайп тамос бо телефон ва дар реҷаи off-line ба воситаи почтаи электронӣ ғайра) азхуд мешавад [6, с. 5-14].

1. Мақсади таъсис ва истифодабарии низоми таҳсилоти фосилавӣ

Одатан таъсиси низоми таҳсилоти фосилавӣ дар баробари омилҳои объективӣ омилҳои субъективӣ, низ таъсир мерасонанд. Мақсади таъсиси низоми таҳсилоти фосилавиро ба таври мухтасар ба чунин қисмҳо чудо кардан мумкин аст (расми 1).

Қисми 1. “Фардисозии таҳсилот” имкон медиҳад, ки сифати таълим дар низоми таҳсилоти фосилавӣ бехтар гардида, дар он хусусиятҳои фардии муҳассилин пурра ба инобат гирифта шаванд.

Қисми 2. “Фаъолсозии ҷараёни таълим” нишон медиҳад, ки ҷараёни таҳсилот аз рӯйи ҷадвали фардӣ амалӣ карда мешавад. Ин ҷадвал ҳатман тағйирёбанда буда, дар мувофиқа бо ҷалби бакалаврҳо ва ҷараёни қабулсозии иттилоот аз ҷониби онҳо ба танзим дароварда мешавад.

Қисми 3. “Имконияти истифодабарии захираҳои кадрӣ” дар низоми таҳсилоти фосилавӣ барои тавсеаи меҳнати омӯзгорӣ шароит муҳайё намуда, барои баландбардории тахассуси омӯзгорон ёрии амалӣ мерасонад. Ҳалли ин масъала ба корҳои омӯзгорӣ мадад мерасонад.

Қисми 4. “Баландбардории самарабахшии таълим” бо истифодабарии принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои техникӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ, тавассути Интернет амалӣ карда мешавад, ки он нисбат ба усулҳои анъанавӣ афзалият дорад.

Қисми 5. “Тавсеаи бозори хизматрасониҳои омӯзишӣ” бо он шарҳ дода мешавад, ки ҷорӣ намудан ва истифодабарии мақсадноки низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ боиси бевосита васеъшавии бозори хизматрасонии омӯзиши мегардад.

Қисми 6. “Муҳофизат ва паҳн намудани таҷрибаҳои педагогӣ, донишҳо ва беҳтар сохтани методикаи таълим” имкониятҳои истифодабарии мизоҷони иттилоот ва бойгониҳои электрониро афзун месозад.

Қисми 7. “Таҳвият бахшидани ҷараёни таълим аз ҳисоби истифодабарии компонентҳои нави таълимӣ” истифодабарии ҳамаҷонибаи серверҳои таълимии электронии e-mail ё http – ро таъмин мекунад.

Қисми 8. “Сафарбаркунии иловагии захираҳои маъмурӣ” дар низоми таҳсилоти фосилавӣ таҳвият бахшидани таъсирасониҳои маъмуриро талаб менамояд.

Ҳамаи қисмҳои мақсади таъсис додани низоми таҳсилоти фосилавӣ дар якҷоягӣ амсилаи мукаммалсозии механизми фаъолияти таълимӣ-тадқиқотии бакалаврҳоро дар низоми таҳсилоти фосилавӣ ташкил менамояд [1;2;10]. (расми 1).

Расми 1. Амсилаи мукаммалсозии механизми фаъолияти таълимӣ-татқиқотии бакалаврҳо дар низоми таҳсилоти фосилавӣ

2. Масъалаҳое, ки мураттибони низоми таҳсилоти фосилавӣ ба уҳда доранд.

Ин масъалаҳо, ки инфрасохтор, лавозимот ва маблағгузории низоми таҳсилоти фосилавиро ташкил медиҳанд ба 5 қисм ҷудо мешаванд. Онҳоро дар маҷмуъ ба шакли амсила пешниҳод намуда, баъдан шарҳи онҳоро баён мекунем.

Масъалаҳои асосие, ки ҳангоми таъсиси низоми таҳсилоти фосилавӣ ҳал карда мешаванд ҳамчун амсилаи ҷобаҷогузории раванди таълими низоми тасилоти фосилавӣ дар (расми 2) нишон дода шудааст [8 с. 28-30].

Қисми 1. **“**Мувофиқати намудҳои анъанавии таълим”, ки дар муассисаҳои таълимӣ қабул шудаанд. Дар он ҳал намудани масъалаи ташкили ҷараёни таълим ва фаъолияти омӯзгорон то андозае ба инобат гирифта мешавад. Низоми таҳсилоти фосилавиро набояд ҳамчун системаи новобастаи алоҳида ҳисобем, чунки он яке аз намудҳои ёрирасони таҳсилоти анъанавӣ мебошад, ки ҷараёни таълимро идора намуда, барои ба низом даровардани сарбориҳои омӯзгорон ёрӣ мерасонад. Дар мавриди истифодабарии низоми таҳсилоти фосилавӣ компонентҳои бевоситаи ҷараёни таълим ба мисли деканат ва қисмати таълим ва системаи тестӣ дуюмдараҷа ҳисобида мешаванд. Агар мо низоми таҳсилоти фосилавиро ҳамчун системаи алоҳидаи алтернативӣ ба усули анъанавии таълим арзёбӣ намоем, бояд дар он деканати электронӣ, ба ҳам алоқамандии курсҳои мавҷуда, маълумотномаҳои оморӣ барои

ҷараёни таълимро таъмин кунем, ки онҳо ивазкунандаи функсияи деканат дар усули муқаррарӣ мебошанд.

Қисми 2. “Ташкили таъмини маводҳои таълимии муҳассилин” ба таври дуруст, фавран ва самарабахш дастрас намудани адабиёти таълимӣ, маводҳои зарурӣ, тестҳо дар шароити дур будан аз омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ яке аз функсияҳои асосии низоми таҳсилоти фосилавӣ мебошад. Дар кадом сатҳ иҷроиши ин масъала аз технологияи дастрас намудани иттилоот ва барандагон мувофиқи он вобаста аст.

Қисми 3. “Сертификатсияи донишҳо” сертефикатсияи донишҳо дар низоми анъанавии таълим дар намуди санҷишҳо ва имтиҳонот гузаронида мешаванд. Он дар низоми таҳсилоти фосилавӣ танҳо дар шакли ягонаи амалӣ-тестҳои фаъол гузаронида мешавад, ки натиҷаҳои онҳо ба таври автоматӣ коркард мегарданд. Дигар навъҳои санҷишҳо ва сертификатсияи донишҳо ба мисли супоришҳои инфиродӣ, корҳои лабораторӣ, корҳои мустақилона, корҳои курсӣ, санҷиши виртуалӣ, рейтингҳо, рисолаҳои хатм ва имтиҳонҳо, ки дар реҷаи on-line (видеоконфронс, чат, вебинар, видеодарсҳо, скайп, тамос бо телефон ва дар реҷаи off-line ба воситаи почтаи электронӣ ва ғайра) иҷро мешаванд, дар шакли баръакс аз бакалавр ба омӯзгорон.

Қисми 4. “Ташкили алоқаҳои баръаксии муҳассилин дар раванди таълим” агар дар қисми пешин масъала якҷимата ба санҷиши донишҳои бакалаврҳо дар ягон ҳолати таълим нигаронида шуда бошад, дар ин қисм он ба ёрии бакалаврҳо аз тарафи омӯзгорон бахшида мешавад. Моҳияти ин ёрӣ таҳрири фаврии ҷараёни таълим ва фардикунонии он мебошад. Дар ин бахш омили муҳим муносибати доимӣ ва фаврии ба баҳсҳои табиӣ ва зарурӣ алоқаманд вобаста мебошад. Ҳамзамон, дар он ёрии муаллим дар фаҳмиши маводи таълимӣ, ки муҳассилин ба шарҳҳои иловагӣ эҳтиёҷ дорад, афзалият додан лозим аст.

Қисми 5. “Гузаронидани ҷараёни таълим ва идоракунии он” дар ин бахш сухан дар бораи маъмурият дар идоракунии низоми таҳсилоти фосилавӣ дар маҷмуъ ва дар алоҳидагӣ бо компонентҳои он бо иштироки субъектҳои ҷараёни таълим-муҳассилин, омӯзгорон ва маъмурият меравад. Ҳар яке аз онҳо дар низоми таҳсилоти фосилавӣ талаботҳои хоси худро доранд. Муҳассилинро ба талаботҳои нав ва тавсифҳои маводҳои пешниҳодгардида шиносонида, амиқӣ ва суръати омӯзиши онҳоро ба басомад ва тавсифи таъсири байниҳамдигарӣ бо омӯзгорон омезиш додан лозим аст.

Омӯзгор метавонад дар мавридҳои лозимӣ сохтори маводи таълимиро тағйир дода, талаботҳои навро пешниҳод намояд. Маъмурият бошад, дар навбати худ оморҳои дақиқро аз рӯйи барномаҳои таълимӣ, ки ба давомот ва сифати таҳсили бакалаврҳо алоқаманданд, пешниҳод намояд.



Расми 2. Амсилаи ҷобаҷогузории раванди таълим дар низоми тасилоти фосилавӣ

3. Принсипҳои методологии созиши низоми таҳсилоти фосилавӣ

Методологияи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар асоси принсипҳои иттилоотсозии таҳсилот ва ба таври васеъ истифодабарии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ асос ёфта аст. Принсипҳои додашударо дида мебароем [3; 4].

Қисми 1. “Принсипи фаъолсозӣ” – инкишофи методҳои нави таълим гипертехнология, татбиқи зеҳнияти сунъӣ, мултимедиа, системаҳои телекоммуникатсиониро дар низоми таҳсилоти фосилавӣ тақозо менамояд.

Қисми 2. “Мутобиқпазирии раванди таълим” – сифат ва самарабахшии раванди таълим аз назари анъанавӣ аксаран аз он вобастааст, ки омӯзгор то кадом андоза маводи таълимиро ба шароити мушаххаси ин раванд мувофиқ менамояд. Имкониятҳои навро барои инкишофи принсипи “Мутобиқпазирии раванди таълим” системаҳои муосири телекоммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ истифодашаванда пешниҳод мекунад.

Қисми 3. “Принсипи чандирият” – ин принсип дар ҳама марҳилаҳои созиши низоми таҳсилоти фосилавӣ: ҳангоми коркарди барномаҳои курс, форматсозии мушаххаси раванди таълим бо назардошти усулҳо ва воситаҳои таълимӣ дар фаъолияти марказҳои таҳсилоти фосилавӣ истифода бурда мешавад. Ин принсип ҳамзамон, фаъолияти омӯзгорон (онҳо дар дилхоҳ мавқеъ дар шароитҳои гуногун ба кори худ машғул буда метавонанд) ва муносибати онҳоро ба муҳассилин (онҳо метавонанд сину соли гуногун дошта, дар дилхоҳ ҷой маскун бошанд) тавсиф мекунад.

Қисми 4. “Принсипи модулӣ” – ҳангоми ташаккули барномаи таълимӣ курсҳо модулҳои аз коплексҳои мувофиқ иборат интихоб карда мешаванд, ки онҳо дар маҷмуъ талаботҳои муҳассилинро ба донишҳои азхудшаванда ва талаботҳоро ба таркиби барномаҳои раванди таълим таъмин менамоянд.

Қисми 5. “Самарабахшии иқтисодӣ” – афзоиши қабули донишҷӯён дар низоми таҳсилоти фосилавӣ васеъсозии фонди аудиторӣ, коргарони иловагиро талаб намекунад. Дар низоми базаҳои техникии мавҷуда метавон теъдоди номаҳдуди муҳассилинро ба таҳсил ҷалб намуд. Технологияи низоми таҳсилоти фосилавӣ, ки барои марҳилаи нахустин пешбинӣ шудааст, метавонад муддатҳои зиёд бо харҷи камтарин барои муҳассилини бешумор истифода шавад. Ин принсип ба таври мухтасар дар (расми 3) нишон дода шудааст.

Расми 3. Сохти методологии принсипҳои таҳсилоти фосилавӣ

4. Таъминоти амсилаи таълимӣ-иттилоотӣ ҳангоми истифодабарии низоми таҳсилоти фосилавӣ

Шакли фосилавии таҳсилот зарурияти сохтани амсилаи таълимро пеш меорад. Дар низоми анъанавии таълим амсилаи фаннӣ муайянкунанда маҳсуб мешавад, ки он бо нақшаи таълимии ҳатмӣ ва ҷадвали машғулиятҳо вобаста аст. Муҳофизони иттилоот дар ин низом китобҳои дарсӣ, воситаҳои ёрирасони таълимӣ, дастурҳои методӣ, маводҳои дидактикӣ аудио ва видеосабтҳо, барномаҳои компютерӣ буда, муаллим шореҳи онҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин амсила хусусиятҳои фардии бакалавр сарфи назар шуда, ба донишандӯзии онҳо талаботҳои якхела гузошта мешавад. Шартан ин амсилаи фаннӣ дар (расми 4) нишон дода шудааст.

Расми 4. Амсилаи таълимӣ-иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ

Дар амсилаи таълимӣ – иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ маҷмуи вазъиятҳои ибтидоӣ мавҷуданд, ки онҳо тестиронии пешакии бакалаврҳоро муайян мекунанд. Нақши омӯзгор дар ин амсила аз баҳогузорӣ ба вазъиятҳои ибтидоӣ, сохтани масирҳои фардӣ ва маълумотдиҳии вазъиятҳои ниҳоӣ иборат аст. Назорати мунтазам ба омӯзгор имкон медиҳад, ки масири ҳар як муҳассилинро ба таври ҳаракатнок таҳрир намояд. Дар ин маврид вазъияти ниҳоии муҳассилин метавонад аз ваъияти ибтидоӣ ба кулли фарқ дошта бошад. Ба манбаъҳои иттилоотии амсилаи фаннӣ бонк ва базаҳои маълумотҳо, базаҳои донишҳо, базаҳои роҳнамоӣ-иттилоотӣ, системаҳои ҷустуҷӯӣ – мумайзӣ илова шуда, ба таври табиӣ роли барномаҳои компютерии характери таълимӣ дошта афзоиш меёбад.

Аҳамияти асосиро дар ин амсила технологияи иттилоотӣ – комуникатсионӣ ташкил медиҳад, ки онҳо дастрасии муҳассилинро ба захираҳои ҷаҳонии илмӣ-таълимӣ таъмин менамоянд. Азбаски, дар амсилаи иттилоотӣ муҳасилин ба таҳмилкунандаи донишҳо ва компютер ба воситаи дидактикии асосӣ табдил меёбад, масъалаи ҳалли мушкилоти раванди физиологии таҳсилоти фосилавӣ ба миён меояд ва ин дар амсилаи иттилоотӣ дар (расми 5) тасвир ёфта аст.



Расми 5. Амсилаи ҳалли мушкилоти раванди физиологии таҳсилоти фосилавӣ

Оид ба имкониятҳои дидактикӣ ва шароитҳои истифодабарии захираҳо ва хизматрасониҳои иттилоотӣ-таълимӣ, воситаҳои мултимедии низоми таҳсилоти фосилавӣ дар асарҳои олими рус Полат Е.С. [7] маълумоти мукаммал оварда шудааст. Ҳамчун намуна аз он барои таҳқиқотҳои хеш баъзе нишондодҳоро ҷо дода, аз онҳо амалан истифода мекунем. Масъалагузории муаллиф оид ба истифодабарии Интернет дар ҳалли масъалаҳои ба низоми таҳсилоти фосилавӣ алоқаманд маҳдуд буда, доираи проблемаҳои ба мавзуъ вобаста нисбатан кам мебошад. Аммо аксар тасаввуротҳо, баёнотҳо ҳангоми гузариш ба доираи васеи масъалаҳои актуалӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ моҳияти хешро аз даст намедиҳанд. Аз ҷумла, муаллифи ин китоб қайд мекунад: “Таҷрибаҳои ватанӣ ва хориҷӣ оид ба истифодабарии мултимедиа бар он ақидаанд, ки онро натанҳо ҳамчун манбаи иттилоот, балки ҳамчун воситаи идоракунии таълим қабул намудан лозим аст. Коркарди лоиҳаҳо, рӯнамоҳо бо истифодабарии воситаҳои мултимедӣ ва ҷойгир намудани онҳо дар шабакаҳои Интернети имкон медиҳад, ки муҳассилин дониш ва малакаҳоро соҳиб гашта, нисбат ба низоми анъанавӣ фаротар раванд”. Усули педагогии додашуда нисбат ба соҳаҳои маҳдуди пешниҳодгардида нақши зиёдтар дорад. Онро одатан дар ҳама соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ истифода бурдан мумкин аст. Ба ақидаи ман ин маъноро чунин ифода намудан ба мақсад мувофиқ мебошад: технологияҳои иттилоотиро на ҳамчун манбаи иттилоот, балки ҳамчун таҷҳизоти идоракунии таълим истифода намудан лозим аст. Татбиқи васеи технологияҳои педагогӣ зарурияти воқеи мебошад, аммо ин нуқта дар адабиёти ватанӣ хело кам таъкид шудааст. Дар навбати худ муаллиф қайд мекунад, ки “Воситаҳои фаъоли мултимедӣ имкониятҳои муосири ташкил ва

банақшадарории кори омӯзгорро таъмин месозанд. Нақшаи машғулиятҳоро дар намуди гиперматн, ки дар он навъҳои гуногуни кор пешбинӣ шудааст, тартиб додан мумкин аст. Яке аз намудҳои гиперматн: гиперматни муосири сайёр мебошад. Онро натанҳо ҳамчун василаи интиқол, балки ҳамчун навъи гуногуншакли ҷамъоварии иттилоот, ташкил намудани тестҳо истифода бурдан мумкин аст".

Дар "фарҳанги забони тоҷикӣ", шарҳи калимаи арабии "фосила", "фосилавӣ", "фосиладор" ба чунин маъни истифода шудааст: вақт ва масофаи ду чиз, масофаи миёни ду чиз, ҳар чи ки бо фосила аст, фосиладор, масофадор, дорои фосила, ду ё чанд чиз, ки аз ҳам фосила доранд [9, с. 441].

Адабиёт:

1. Aston M. Education and the Internet: Some Experiences From a UK Perspectives/"Education via the Internet", "Internet Usage in Education", Proceedings-UNESCO. Minsk, 2000.
2. Агапонов С.В. и др. Средства дистанционного обучения. Методика, технология, инструментарий/Под ред. З.О. Джалиашвили. СПб., 2003.
3. Канаев В.И. Дистанционное обучение: Технологические аспекты. М., 2004.
4. Карпенко М.П. Об итогах проведения эксперимента в области образования в СГИ // Дистанционное образование: открытые виртуальные среды: Материалы VII Международной конференции по дистанционному образованию (Россия, Москва, 17-18 июня 1999г.) / Под ред. В.П. Тихомирова, В.И. Солдаткина, Д.Э.Колосова М., 1999.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф аз 22 июли соли 2013, №1004;
6. Мирбобоев Р., Одинаев Б., Авгонов А., Самадов С., Шоев М., Исвалиев С. Таҳсилоти фосилавӣ – Душанбе, - с. 2015 – 24 саҳ.
7. Полат Е.С., Бухаркина М.Ю., Моисеева М.В. Теория и практика дистанционного обучения: Учеб. Пособие для студентов высшего учебного заведения. М., 2004;
8. Трайнев В.А., Гуркин В.Ф., Трайнев О.В. Дистанционное обучение и его развитие М., 2007. 297 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилди 2. М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Масъумӣ, Москва 1969, 947 саҳ. 6, с. 441
10. Щенников С.Л. Открытое дистанционноеобразование. М., 2002.

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ФАРОГИРИИ БАКАЛАВРҲО БА ТАҲСИЛОТ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ

Мақолаи мазкур доираи фаъолияти асосҳои методологии фарогирии бакалаврҳо ба таҳсилот дар низоми таҳсилоти фосилавиро дар бар мегирад. Таҳияи мақола бо мақсади беҳтар гардидани дониш, маҳорат, малака, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавии бакалаврҳо (таълимгирандагон) дар низоми таҳсилоти фосилавӣ пешбинӣ гардидааст. Амсилаҳои мукаммалсозии механизми фаъолияти таълимӣ-татқиқотии бакалаврҳо, ҷобаҷогузории раванди таълим, сохти методологии принсипҳои таҳсилоти фосилавӣ, таълимӣ-иттилоотӣ, ҳалли мушкилоти раванди физиологӣ ба ақидаи мо яке аз фаъолиятҳои муҳиме мебошанд, ки ба такмил ва дигаргуншавӣ ниёз доранд. Доир ба амсилаҳои зикрёфта дар мақола маълумоти пурра оварда шудааст. Хулоса, дар мақола ҳамаи қисмҳо, амсилаҳо ва мақсадҳо баҳри мукаммалсозии механизми фаъолияти таълимӣ-тадқиқотии бакалаврҳо ҷой дода шудаанд.

Калидвожаҳо: асосҳои методологӣ, принсипҳо, бакалаврҳо, фардисозии таҳсилот, ғоибона, маводи таълимӣ, ҷараёни таълим, технологияҳои иттилоотӣ, таҳсилоти фосилавӣ, Интернет, амсила, реҷаи on-line, реҷаи off-line, фаъолсозӣ, таҷрибаҳои педагогӣ.

МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРИЕМА БАКАЛАВРОВ В ОБРАЗОВАНИЕ В СИСТЕМЕ ДИСТАНЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ

Статья посвящена деятельности методологических основ включения бакалавров в образование системы дистанционного образования. Подготовка статьи направлена на совершенствование знаний, навыков, умений, представлений, мировоззрения и духовных ценностей бакалавров (студентов) в системе дистанционного образования. Примеры совершенствования механизма учебно-исследовательской деятельности бакалавров, реализации учебного процесса, методического построения принципов дистанционного обучения, учебно-информационного, решения проблем физиологического процесса являются, на наш взгляд, одним из важных направлений деятельности. которые нуждаются в улучшении и изменении. В статье представлена полная информация об упомянутых моделях. Одним словом, статья содержит все части, примеры и цели совершенствования механизма учебно-исследовательской деятельности бакалавров.

Ключевые слова: методические основы, принципы, бакалавры, персонализация обучения, абсентеизм, учебные материалы, учебный процесс, информационные технологии, дистанционное обучение, Интернет, пример, режим on-line, режим off-line, активизация, педагогические опыты.

METHODOLOGICAL BASES OF ENROLLING BACHELORS IN EDUCATION IN THE SYSTEM OF DISTANCE EDUCATION

The same article is cover to the scope of the activity of the methodological bases of inclusion of bachelors in education of the distance education system. The preparation of the article is intended to improving the knowledge, skills, abilities, ideas, outlook and spiritual values of bachelors (learners) in the distance education system. Examples of improving the mechanism of educational-research activity of bachelors, implementation of the educational process, methodological construction of the principles of distance education, educational-informational, solving the problems of the physiological process are, in our opinion, one of the important activities that need improvement and change. The article provides complete information about the mentioned models. In short, the article contains all the parts, examples and goals of improving the mechanism of educational and research activity of bachelors.

Keywords: methodological bases, principles, bachelors, personalization of education, absenteeism, educational materials, educational process, information technologies, distance education, Internet, example, on-line mode, off-line mode, activation, pedagogical experiences.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сулаймонов Убайдулло Исматуллоевич, муаллими калони кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроғa, 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Телефон: (+992) 985-86-68-67. E-mail: ubaydullo-1992@mail.ru

Информация об авторе: Сулаймонов Убайдулло Исматуллоевич - старший преподаватель кафедры компьютерных наук Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес, 735360, Республика Таджикистан г. Куляб, ул. С. Сафарова 16. Телефон: (+992) 985-86-68-67. Электронная почта: ubaydullo-1992@mail.ru

information about the author: Sulaimonov Ubaidullo Ismatulloevich - Senior Lecturer of Department of Computer Science, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address, 735360, Republic of Tajikistan sh. Kulob, S. st. Safarova 16. Phone: (+992) 985-86-68-67. E-mail: ubaydullo-1992@mail.ru

УДК – 796 (2 тоҷ)
ББК – 75 (2 тоҷ)
Ш - 79

ОИД БА МАФҲУМИ «ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ» ВА АРЗИШҲОИ ОН

Шоимардонов Х.Н.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар байни масъалаҳои гуногуни глобалие, ки дар ҷаҳони муосир ҳаллу фасли худро талаб мекунад, масъалаи ҳифз ва нигаҳдории инсон ҳамчун навъи биологӣ ва маҳлуқи иҷтимоӣ аҳамияти махсусро касб мекунад. Ва сухан на танҳо дар бораи он ки вазъияти нохуби экологӣ, ки ба иллати хоҷагидории нодурусти инсон, зиёд шудани хушунат, ки дар сатҳи байналмилалӣ ба ҷанг табдил ёфта истодаанд ва афзоиш ёфтани ҷиноёт дар сатҳи давлатҳои алоҳида метавонанд ба фоҷиаҳои глобалии экологӣ ё техногенӣ дабдил ёбанд, меравад, балки имкон дорад, инсониятро аз рӯйи кураи Замин несту нобуд кунад, ё ин ки муносибати бепарвоёнаи инсон нисбат ба саломатии худ дер ё зуд боиси марги инсоният ҳамчун навъи биологӣ мешавад.

Ин масъалаи глобалӣ ба ном буҳрони антропологӣ, ба таври дигар гӯем дегуманизатсияи (инсонҷудоӣ) инсон, бегонашавии ӯ аз ҳаёт, аз меҳнат, аз фарҳанг, аз худи худ, «дар худ хатари хароб кардани он асоси биогенетикиеро ҳомил мебошад, ки заминаи ҳастии инфиродии инсон ва ташаккули он ҳамчун шахсият, асосе, ки дар ҷараёни иҷтимоисозӣ барномаҳои гуногуни рафтори иҷтимоӣ, тамоюлҳои арзишӣ, фарҳанг нигоҳдорӣ шуда тавлид мегардад, муттаҳид мекунад, ташкил медиҳад» [1, с.32].

Бо чунин фаҳмиш моҳияти буҳрони антропологӣ, масъалаи нигаҳдории ҷисму бадан ва инкишофи ахлоқии инсон дида шуда меистад. Дар бораи моҳияти ахлоқи шахсият дар рушди ҷисму бадан, дар бораи алоқаи мутақобилаи ҷисму бадан бо маънавиёти инсон Р. Шустерман ба таври муайян ибрози ақида намудааст. Ҳамон тавре ки ин донишманд қайд мекунад кодекси ахлоқ дар айни ҳол як чизи муҷарраду мавҳум аст, ҳанӯз ба он тавассути дамидан ҳаёт дода намешавад. Ҳар гуна чизи ба таври бояду шояд амалӣ намудаи хислати ахлоқӣ на танҳо ба фаъолияти ҷисму бадан, балки (шомили сухан), аз ҳолати муносиб ва ифодаи рӯй, ки ба эҳсоси мавриди ниёз ишора мекунад, вобаста мебошад. Симо ва махсус рӯйи инсон мисли оина аст ва ҳар гуна феъли инфиолоте, ки дар ботини инсон рух бидиҳад, дар рӯйи ӯ инъикос меёбад. Аз ин рӯ, ӯро оинаи бадан меҳисобанд. «Он чизе, ки бо рӯи сард ва хашин пешниҳод гардад, наметавонад амали воқеии хайрхоҳона бошад» [2, с.56].

Худи гузоштани масъалаи истиқрор ва ташаккули маънавиёту ахлоқи инсон тавассути ҷисму баданаш аз тарафи донишмандон ҷолиб ва мароқангез мебошад: ҳам барои фалсафа ва ҳам барои педагогика, чунки сухан дар бораи алоқаи мутақобилаи ҳаракатҳои ҷисму бадани инсон ва маънавиёти ӯ меравад: «Меъёрҳои иҷтимоие, ки барои бадани мо шудаанд ва арзишҳои этикие, ки метавонанд нерӯи худро бидуни гуфтан дар бораи онҳо ва ё қонун эълон шуданашон, онҳо худ ба худ риоя мешаванд ва бар дӯши мо бо одатҳои баданамон бор карда шудаанд, шомили одати эҳсос кардан, ки реша дар бадан доранд, маҳфуз мемонанд» [10, с.56].

Дар матни чунин фаҳмиш аз тарафи В. С. Степин ва Р. Шустерман аҳамияти ҷисму бадан дар рушди маънавиёту ахлоқ вазифаи педагогии тарбияи саломатии хонандагон ва тамоюли онҳо ба тарзи ҳаёти солими ахлоқӣ тавассути дар хонандагон ташаккул ёфтани одатҳои баданӣ, ки реша дар ахлоқ доранд, намоён мегардад.

Ҳаллу фасли ин вазифа аз тарафи омӯзгор дорои имконоти ворид намудани кӯдак ба ҷаҳони фарҳанг ва арзишҳо, ҳифзу ҷисму бадан, рушд додани маънавиёти он иборат мебошад.

Масъалаи ҳифзи инсон ҳамчун сохтори биосотсиалӣ ин муҳимтарин масъалаи иҷтимоию педагогие мебошад, ки дар пасманзари мазмунии он арзиши ҳаёти инсонӣ қарор дорад; аммо ҷанбаи ахлоқии он бошад, ба ҳайси муайянкунанда ба қайд гирифта мешавад. Ин масъала барои педагогика манфиати назариявӣ ва амалӣ дорад ва муваззаф аст, масъалаи равияи хонандагонро бобати таҳким ва ҳифзи саломатӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин арзишҳои ҳастии инсон, тарбияи маънавиёти ҷавонон ҳаллу фасл намояд.

Яке аз тарзҳои имконпазири ҳаллу фасли ин вазифаҳо шиносонидани хонандагону ҷавонон ба арзишҳои умумибашарӣ ва дар маҷмӯъ, бахусус ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ мебошад. Чи тавре ки Р. Шустерман қайд мекунад: «дар ин ҷо нақши махсус ба омӯзгор, ба шахсе, ки хела хуб дарк мекунад, ки инсонгарии ҳақиқӣ на аз генетика маншаъ мегирад, балки тавассути тарбия ба даст меояд, дар ин ҷо, бадан, рӯҳ ва фарҳанг бояд ба якдигар зич алоқаманд бошанд» [10, с.53]. Ҳаллу фасли вазифаи шиносонидани хонандагон ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ташаккули омодагии омӯзгори оянда ҷиҳати шиносонидани хонандагон ба арзишҳои тарбияи ҷисмониро дар назар дорад.

Мафҳуми «арзиш» дар улуми инсонӣ имкон медиҳад, маъноҳои позитивии (мусбат) падидҳои гуногун барои ҳаёт ва фаъолияти инсон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеа дар кулл кушода шавад. Дар хориҷ аз ниёзҳои инсонҳо ва шаклҳои ҳаёту фаъолияти онҳо арзишҳо вуҷуд надоранд. Худи арзиш аз як сӯ бо сифатҳои объект амчун барандаи арзишҳо ва аз сӯйи дигар бошад, бо талаботи субъект муайян карда мешавад. Дар арзиш вижагиҳои субъект ва муносибатҳои субъектӣ восита мешавад, ки дар онҳо дар якҷоягӣ ду унсур инъикос карда шудааст: падидае (субъект) дорои сифатҳое, ки қодир ба қаноатманкунии талаботи субъект аст ва худи субъекте, ки ниёз ба ин падида доранд.

Барои муайян кардани арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ, зарур аст, ки ба мафҳуми «тарбияи ҷисмонӣ» муроҷиат кунем.

Ин мафҳум ба таври ҳамаҷониба дар татқиқоти И. М. Биховская, Н. Н. Визитей, М. Я. Виленский, С. А. Жумурова, А. С. Запесотский, Л. И. Лубишева, Е. П. Левченко, Л. П. Матвеева, Г. С. Туманян ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар назари аввал ҳеҷ зарурате бобати боз, яъне муҷаддан кушодани он чизе, ки аллакай дар адабиёти илмӣ асоснок карда шудааст, нест. Сарфи назар аз ин, мо зарур меҳисобем, ки ба падидаи тарбияи ҷисмонӣ муроҷиат карда, онҳоро дар матни иқтидори арзиши ин падида дар карда сарфаҳм биравем.

Дарку сарфаҳм рафтан ва падидаи тарбияи ҷисмонӣ дар матни иқтидории арзиши он нуқтаи гардишие барои ҷустуҷӯи захираҳо дар ташаккули омодагии омӯзгори оянда ҷиҳати шиносонидани хонандагон ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ мебошад.

Чи хеле ки Л. И. Лубишев менависад: «Марҳилаи сифатан нави дарку сарфаҳм рафтани моҳияти тарбияи ҷисмонӣ ба соҳаи маънавиёти инсон, ҳамчун воситаи муосири тарбияи интеллектуалӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ алоқаманд мебошад. Ва агар ниёзи махсус ба исбот кардани таъсири бузурги машқҳои ҷисмонӣ ба моҳияти биологии инсон: ба саломатӣ, рушди ҷисмонӣ, сохтори морфофункционалӣ ӯ набошад, пас таъсири ӯ ба рушди маънавиёт шарҳу тавзеҳи махсус ва исбот карданро талаб мекунад. Далели муҳим ба фоидаи муҳиммияти тарбияи ҷисмонӣ барои рушду тараққии ҳамаҷонибаи инсон метавонад, дарк ва сарфаҳм рафтани иқтидори арзишии ин падида бошад» [4, с.10].

Муроҷиати мо ба иқтидори арзишии тарбияи ҷисмонӣ ба он алоқаманд мебошад, ки инсонгароии аслӣ тавассути тарбия ба даст оварда мешавад, ки дар он рӯҳу тан ва фарҳанг бояд, ба шакли хеле зич ба ҳам муттаҳиду алоқаманд бошанд. Вақте мо иқтидори арзиши тарбияи ҷисмониро муайян мекунем, мо имконияти он барои ташаккул ва истиқрори маънавиёту ахлоқи инсонро муайян мекунем.

Ҳаллу фасли вазифаи дарку сарфаҳм рафтани падидаи тарбияи ҷисмонӣ бо он сабук карда мешавад, ки аз тарафи Е. П. Левченко таҳлили ҳамаҷонибаи илмии мафҳуми «тарбияи ҷисмонӣ» анҷом дода шудааст.

Дар натиҷаи дарки назаривии нуқтаи назарҳои гуногун нисбат ба мазмуни мафҳуми «тарбияи ҷисмонӣ» Е. П. Левченко ба хулосае меояд, ки ин мафҳум бо маъниҳои зерин мавриди истифода қарор мегирад: 1) тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун машғулиятҳои системавии машқҳои ҷисмонӣ; 2) тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун як навъи фарҳанг; 3) тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун бархе аз фарҳанги шахсият 4) тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун фанни таълимӣ [5, с.118].

Ҳамон тавре ки таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, боз як маънои мафҳуми «тарбияи ҷисмонӣ» аз назари ин донишманд дур мондааст. Ин тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун бахше аз фарҳанг мебошад. Бо чунин маъно фаҳмидани мафҳуми «тарбияи ҷисмонӣ» - ро мо дар С. А. Жмурова дидем, ӯ ғояи донишмандонро дар бораи фарҳанг дар карда, асоснок кард, ки тарбияи ҷисмонӣ на танҳо хислати сатҳи ягонаи фарҳанг, балки сатҳи умумӣ ва махсус мебошад: «Тарбияи ҷисмонӣ» соҳаи махсусе аз фарҳанг мебошад, ки дар доираи он инсон арзишҳои онро шайъӣ ва ғайришайъӣ мегардонад. Ин ҷанбаи самарноки он дар такомули ҷисмонии инсонҳо мавриди истифода қарор мегирад» [5, с.135].

Мо, чунин мепиндорем, ки муайян кардани иқтидори арзишии тарбияи ҷисмонӣ дар матни мафҳуми тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун бахше аз фарҳанг имконпазир аст ва муайян кардани арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ типологияи арзишҳоро дар маҷмӯъ ва махсусан арзишҳои тарбияи ҷисмониро дар назар доранд.

Адабиёт:

1. Акмаева Е.А. Содержание понятия «готовность будущего учителя к педагогическому взаимодействию с родителями» / Е.А. Акмаева // Образованием современном мире: проблемы и перспективы: сборник научных статей. – Оренбург: ИПК ГОУ ОГУ, 2008. – С. 3-13.
2. Амосов Н.А. Раздумья о здоровье / Е.А. Акмаева – М.: Физкультура и спорт, 1987. – 64 с.
3. Андреев В.И. Педагогика: учебный курс для творческого саморазвития / В.И. Андреев. – Казань: Центр инновационных технологий, 2000. – 608 с.
4. Андреев В.И. Педагогическая этика: спецкурс для нравственного саморазвития / В.И. Андреев. – Казань: Центр инновационных технологий, 2002. – 272 с.
5. Анисимов С.Ф. Духовные ценности: производство и потребление / С.Ф. Анисимов. – М.: Мысль, 1988. – 253 с.
6. Бездухов В.П. Теоретические проблемы становления гуманистического стиля педагогической деятельности будущего учителя / В.П. Бездухов. – Самара: СГПИ, 1992. – 104 с.
7. Бережнова Е.В. Педагогическое исследование: социально- гуманитарный аспект /Бережнова Е.В.// Педагогика. – 2005.- №6.- С. 23-30.
8. Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте / Л.И. Божович. – М.: Просвещение, 1968. – 464 с.
9. Иванюшкин А.Я. «Здоровье» и «болезнь» в системе ценностных ори - ентаций человека / А.Я. Иванюшкин // Вестник АМН СССР. – 1982. - Т. 45. - №4. – С. 49-48.
10. Шустерман Р. Мыслить через тело: гуманитарное образование / Р. Шустерман // Вопросы философии. - 2006. - №6. - С. 52-67.

ОИД БА МАФҲУМИ «ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ» ВА АРЗИШҲОИ ОН

Мақола ба таҳқиқи мафҳуми «тарбияи ҷисмонӣ» бахшида шуда, дар раванди пажӯҳиш арзишҳои мушаххасан баррасӣ карда шудааст. Тавре маълум аст, тарбияи ҷисмонӣ ба маънои васеъ ифода карда мешавад, аз ҷумла тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун як навъи фарҳанг, тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун бархе аз фарҳанги шахсият, тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун фанни таълимӣ. Таҳқиқи муаллиф дар асоси сарчашмаҳо сурат гирифта, равшан

карда шудааст, ки масъалаи мазкур барои соҳаи педагогика манфиати назариявӣ ва амалӣ дорад ва муваззаф аст, масъалаи равияи хонандагонро бобати таҳким ва ҳифзи саломатӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин арзишҳои ҳастии инсон, тарбияи маънавиёти ҷавонон ҳаллу фасл намояд. Инчунин мафҳуми «тарбияи ҷисмонӣ» ва «арзиш» бо мисолҳои ҷолиб арзёбӣ гардидааст.

Умуман, баррасии масоили ба соҳаи тарбияи ҷисмонӣ аҳамиятнок буда, мақола ба мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва оммаи хонандагон пешниҳод мешавад.

Калидвожаҳо: мафҳум, тарбияи ҷисмонӣ, арзиш, фаҳмиш, ташаккул, педагогика, тарбия, падида, эстетикӣ, таҳлил, фарҳанг.

О ПОНЯТИИ «ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ» И ЕЕ ЦЕННОСТЯХ

Статья посвящена изучению понятия «физического воспитания» и в процессе исследования обсуждаются конкретные значения. Как известно, физическое воспитание выражается в широком смысле, включая физического воспитания как вид культуры, физическое воспитание как часть культуры личности, физическое воспитание как учебный предмет. Авторское исследование было проведено на основе источников, и было выяснено, что данный вопрос имеет теоретическую и практическую пользу для области педагогики, и необходимо решить проблему отношения студентов к укреплению и охране здоровья как одной из важнейших задач. важнейшие ценности человеческого бытия, воспитание духовности молодежи. Также на интересных примерах оценены понятия «физическое воспитание» и «ценность».

В целом рассмотрение вопросов, связанных со сферой физического воспитания, является важным, и статья представлена специалистам в области физического воспитания и широкой читательской общественности.

Ключевые слова: понятие, физическое воспитание, ценность, понимание, формирование, педагогика, воспитание, явление, эстетическое, анализ, культура.

ABOUT THE CONCEPT OF "PHYSICAL EDUCATION" AND ITS VALUE

The article is devoted to the study of the concept of "physical education" and specific meanings are discussed in the research process. As you know, physical education is expressed in a broad sense, including physical education as a type of culture, physical education as part of the culture of the individual, physical education as a educational subject. The author's study was conducted on the basis of sources, and it was found that this issue has theoretical and practical benefits for the field of pedagogy, and it is necessary to solve the problem of the attitude of students to the promotion and protection of health as one of the most important tasks. the most important values of human being, the education of the spirituality of youth. The concepts of "physical education" and "value" are also evaluated using interesting examples.

In general, consideration of issues related to the field of physical education is important, and the article is presented to specialists in the field of physical education and the general public.

Key words: concept, physical education, value, understanding, formation, pedagogy, education, phenomenon, aesthetic, analysis, culture.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шоимардонов Хайрулло – муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроғa**: 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. **Тел**: (+992) 988646266.

Сведения об авторе: Шоимардонов Хайрулло - старший преподаватель кафедры физического воспитания и методики его преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735340, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова 16. Тел.: (+992) 988646266.

Information about the author: Shoimardonov Khairullo is a senior lecturer at the Department of physical education and methods of teaching it, Kulyab State University named

after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735340, Republic of Tajikistan, the city of Kulyab, st. S. Safarova 16. Tel.: (+992) 988646266.

УДК – 130.2 (2 тоҷ)
ББК – 71/79 (2 тоҷ)
Қ - 88

МАВҚЕИ МУҲИТИ БИСЁРФАРҲАНГИИ ТАҲСИЛОТӢ ДАР ҒАНИГАРДОНИИ ТАҶРИБАИ МАЪНАВИИ ДОНИШҶӮЁН

Қурбонов М. С.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Барои рушди маънавӣ-ахлоқӣ давраи худмуайянкунии шахсият муҳим буда, бо таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ марбут мебошад. Имрӯз ҷавонон бо таъсири бештар ба донишҳои маънавӣ, таваҷҷуҳ ба азхудкунии арзишҳои маънавӣ, яъне бо омодагӣ ба андӯхтани таҷрибаи инсонӣ ва дарки воқеаҳои дар олам дар намуди донишҳо, арзишҳо, маъниҳо ва вуҷуд доштани некӣ дар олами атрофи мо тафовут доранд.

Ислоҳоти маорифи Тоҷикистон, ки бо тағйирот дар соҳаҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ марбут мебошад, талаботи навро ба сифатҳои шахсияти таълимгирандагон, аз ҷумла донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муносибатҳои нав ба ташаккули онҳо муайян мекунад. Ба ҷомеаи муосир шахсияти худмубрамсозандаи аз ҷиҳати маънавӣ ғанӣ зарур аст, ки ба азхудкунӣ ва интиқоли ормонҳои дорои пояи миллӣ ва маънавӣ қобил бошад.

Масъалаи ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён ҳамчун амри аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим дар ҳуҷҷатҳои асосии оид ба соҳаи маориф, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Дар ин ҳуҷҷатҳо таъкид шудааст, ки ба ҷомеа ташаккули шахсиятҳое зарур аст, ки дар худ муҳаббат ба ватан, ҳувияти умумимиллӣ ва этникӣ, эҳтиром ба фарҳанг, анъанаҳои дигар халқияту миллатҳоро, ки дар паҳлуи онҳо зиндагӣ мекунанд, омезиш диҳанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба сифати вазифаҳои афзалиятнок ҷорикунии сохтори муосири таҳсилот, ки ташаккули сармояи инсониро таъмин менамояд, вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир ташаккули ҳувияти миллӣ дар насли наврас, пешгирӣ аз экстремизми этникӣ ва динию сиёсӣ дар муҳити ҷавонон қайд карда шудааст.

Синну соли навҷавонӣ барои ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ, ки ба давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ рост меояд, хос мебошад. Пайдошавии қобилият ба худмуайянкунӣ ва худрушддиҳӣ зимни мавҷуд набудани озодии ботинӣ дар муҳити иҷтимоӣ, саъю талоши шахсият, рушдёбии тафаккур ва хударзёбӣ, дарки чунин хислатҳо, ба мисли нотакрорӣ, самтгирӣ ба тарҳрезии бошууронаи тай намудани роҳи ҳаёт ва зоҳиркунии самтҳои ҳаётии омодагии донишҷӯёни донишгоҳ ба ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқӣ ва имконияти татбиқи раванди мазкур дар муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотӣ мушкил мебошад.

Дар ин робита масъалаи ҷустуҷӯи воситаҳо, методҳо ва шаклҳои дастгирии педагогии раванди ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён мубрам мегардад, ки ин имкон медиҳанд, то таъсироти манфии омилҳои муҳит ба ҳадди ақал расонида шаванд.

Бо вуҷуди коркарди ҷанбаҳои назариявии масъалаҳои ташаккулёбии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқӣ, сохтори он, пурракунии мазмуни унсурҳои ба фаъолият нигаронидашуда, дар илми педагогика ҳанӯз масъалаҳои бахшида ба таҳлили маҷмӯӣ

ва ҳамаҷонибаи шароити педагогии ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён, таҳқиқи имкониятҳо ва захираҳои муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотӣ нокифоя омӯхта шудаанд.

Дар таҳқиқотҳои психологӣ то ибтидои асри XX таҷрибаро ҳамчун маҷмӯи ҳамаи падидаҳои психикие муаррифӣ мекарданд, ки ба инсон хос буданд. Истилоҳи «таҷриба» дар психология дар доираи васеи маъниҳо истифода шуда, ҳамчун ҳар гуна ҳодисае, ки қаблан сурат гирифтааст, ё дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти инсон сурат мегирад, маънидод карда мешавад. Донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои аз ҷониби инсон дар раванди ҳаёти ӯ касбшуда, ки дар ҳофизаи он нигоҳ дошта мешаванд, шарҳу тавзеҳ дода мешавад. А.Н. Леонтев вазифаи пешбиникунандаи таҷрибаро ҷудо мекунад: «Саҳмҳои таҷрибаи гузашта дар марҳилаи муайяни рушди инсон ба вазифаи худи шахсият мубаддал мешаванд ва бинобар ин, на бавосита, балки бевосита ба рафтори он таъсир мерасонад» [1, с. 168].

Дар таърифи моҳияти мафҳуми «таҷриба» дар психология ду мавқеъ ташаккул ёфтааст. Мутобиқи мавқеи аввал, таҷриба ба таври ҷудонашаванда бо шуури муқаррарӣ ва амалии инсон алоқа пайдо мекунад, яъне таҷриба ин маҷмӯи берунае мебошанд, ки аз тариқи амалҳои гуногун барои донистани воқеият дигаргун карда шудаанд (Л.С. Виготский, Б.Ф. Ломов, С.Л. Рубинштейн) [3, с. 153]. Ҷонибдорони мавқеи дуюм пешниҳод мекунанд, ки таҷриба ҳамчун фаҳмиш ва дарки фаъолият баррасӣ карда шавад. Р. Бернс, Ж. Пиаже, К. Роҷерс аз чаҳорчӯби сифр маърифати баррасӣ баромаданро ба мақсад мувофиқ мешуморанд. Ба ақидаи онҳо, таҷриба – ин на раванди дигаргуншавии сохтори мутааллиқ ба соҳаи донишҳо, на фаъолият ҳамчун дигаргунии бошууронаи ашё, балки кори рӯҳ мебошад, ки дар он дарки дигаргуниҳо ва баромадан ба сатҳи нави ҳастӣ талаб карда мешавад. Дар маънои анъанавӣ таҷриба аз мавқеи психология ҳамчун раванди ғанигардонии майдони воқеияти ҳаётии инсон, нигоҳдории ягонагӣ, тамомият ва таҳрики воридшавӣ ба худ, донистани моҳияти «Ман»-и худ таъриф мешавад. Бояд зикр намуд, ки мавқеъи таҷриба дар рушди маънавӣ ва рушди неруи шахсияти инсон нақши муҳим ва муайянкунанда мебозад. Ҳамзамон ғанигардонии таҷриба ба худтатбиққунӣ, худрушддиҳӣ, худмуайянкунӣ, худтакмилдиҳӣ ба рушди ибтидои шахсият мусоидат мекунад, ки дар ниҳояти кор ба такомули умумии шахсият имкон фароҳам меорад.

Ташаккули таҷрибаи маънавии шахсият хусусиятҳо ва арзишҳое меҳварӣ мебошанд, ки аз ҷониби шахсият дар натиҷаи фаъолияти ҳаётии он касб мешаванд.

Фаъолият ҳамчун усули ба таври махсуси муносибати инсонӣ ба олам (К. Маркс) аз раванде иборат аст, ки дар ҷараёни он инсон эҷодкорона табиатро дигаргун сохта, худро ба субъекти фаъол ва падидаҳои табиати аз ҷониби ӯ азхудшавандаро ба объекти фаъолияти худ табдил медиҳад [6, с. 204]. Фаъолият ба таври анъанавӣ бо шуур алоқаманд буда, дар шарҳи муосир ба фаъолияти самаранок ва аз ҷиҳати маънавӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Фаъолияти аз ҷиҳати маънавӣ муҳим ба азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, арзишҳои фарҳанги маънавӣ дар ҷараёни рушди фардӣ ва дастаҷамъонаи одамон нигаронида шудааст. Он робитаро бо татбиқ ва ҷорикунии ташаккулҳои коркардшудаи маънавиро дар ашёҳо ва падидаҳои моддию маънавии фарҳанг, инчунин дар шуури одамон ва низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ менамояд. Моддишавии натиҷаҳои маънавию назариявӣ ва фаъолияти аз ҷиҳати ахлоқӣ муҳим тавассути рушди таҷрибаи маънавӣ сурат мегирад. Фаъолияти маънавӣ – ин фаъолияте мебошад, ки «маърифат ва дигаргун кардани олам ва худи инсон» мебошад ва рафтори ахлоқӣ – ин рафторе мебошад, ки мутобиқи меъёрҳо, қоидаҳо ва тасаввуроти мушаххаси ҷомеа ташаккул меёбад. Омодагӣ ба воридшавӣ ба фаъолияти маънавӣ дар синну соли навҷавонӣ ташаккул меёбад.

Маълум аст, ки навҷавонӣ – ин давраи ташаккулёбии инсон ҳамчун шахсият мебошад, вақте ки хосиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, қобилият ба ҳамдардӣ, ба ҳамкории фаъол бо одамони атроф, ба дилсӯзӣ, азхудкунии нақшҳо, меъёрҳо, қоидаҳои муайяншудаи рафтор дар ҷомеа касб карда мешаванд. Тағйироти дар боло зикршудаи

сифатии шахсият дар бораи андӯхт, азхудкунӣ ва афзудани маъноҳо ва маъниҳои аз ҷиҳати шахсиятӣ муҳимми таҷрибаи маънавӣ дар раванди фаъолияти ҳаётӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Психологҳои рус (Л.И. Божович, Л.С. Виготский, И.С. Кон, А.Н. Леонтев, А.В. Мудрик) давраи аз 15 то 20 – соларо ба навҷавонӣ нисбат дода, онро ба барвақтӣ ва дер тақсим мекунад [2, с. 118]. Синну соли барвақтии навҷавонӣ – ин марҳилаи дуюми ҳаёти инсон буда, калонсолшавӣ ё синну соли гузариш ном гирифта, мазмуни он гузариш аз кӯдакӣ ба синну соли калон мебошад. Навҷавонии дерро давраи ҳаёти марди ҷавон меҳисобанд, ки бо мустақилият дар ҳалли вазифаҳои сохтани ҳаёти шахсӣ, дурнамои барои инсони калонсол хос (ҳалли вазифаҳои касбӣ, зоҳиркунии мавқеъи ҷамъиятӣ, амалисозии кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳим ва ғайра) тавсиф меёбад. Дар асоси гуфтаҳои боло, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён ба синну соли навҷавонӣ мансубанд, зеро давраи таълим ба 18 – 22 солагӣ мувофиқат мекунанд.

Дар назарияи Л.С. Виготский синну соли ҷавонӣ, бо зоҳиршавии чизи нав дар рушд алоқаманд аст. Дар ин давра ташаккулҳои нав хусусиятҳои равандҳо, ҳолатҳо, хосиятҳои психикии шахсият зоҳир мешаванд, ки гузариши онро ба зинаи баландтари ташкил ва фаъолият тавсиф медиҳанд [3, с. 303]. Ташаккули муҳимтарини нави ин давра рушди худташаккулдиҳӣ, яъне худшиносӣ мебошад, ки моҳияташ аз нигариш ба муносибат ба худ иборат мебошад. Боз як ташаккули нав, ба ақидаи Л.И. Божович, худмуайянкунӣ мебошад, ки бо дарки худ ба сифати узви ҷомеа тавсиф ёфта, дар мавқеи нави аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳим мушаххас мешавад [6, с. 193]. Худмуайянкунӣ на танҳо бо дарки худ, имкониятҳо ва ҷидду ҷаҳдҳои худ, балки бо фаҳмиши мақоми худ дар ҷомеа ва таъйиноти худ дар ҳаёт тавсиф меёбад. Ж. Пиаже собит сохтааст, ки дар синну соли навҷавонӣ шахсият ба таври ниҳоӣ ташаккул ёфта, барномаи зиндагӣ тарҳрезӣ мешавад, ки бо он навҷавон ба ҷомеаи калонсолон бо хоҳиши дигаргун сохтани он ворид мешавад. Монеаҳоро аз ҷониби ҷомеа таҷриба карда, аз он вобастагӣ боқӣ монда, иҷтимоишавии тадричӣ сурат мегирад [8, с. 200].

Дар айни замон дар ҷавонон баъзан ҳолати афсурдагӣ, безобитагии бесабаб, сатҳи баландшудаи изтиробнокӣ ва даҒалӣ мушоҳида карда мешавад, ки дар бораи солимии нокифояи маънавӣ дар муҳити ҷавонон гувоҳӣ медиҳад. Тамоюлоти мусбат эҳсосоти қавии «Ман»-и худ дар олами атроф, ки ба ҳисси худэҳтиромкунӣ ва шаъну шарафи худ интиқол меёбад, баландшавии хударзёбӣ ва эҳсосоти таълимгирандагон; қобилияти дарки заифӣ, камбудиҳои худ, муқоиса кардани худ бо дигарон, маҳорати арзёбӣ кардани таҷрибаи гузашта ва ҳозираи худ, омодагӣ ба худтаҳлилкунӣ, таҳлили таҷриба мебошанд.

Адабиёт:

1. Бернс, Р. Развитие «Я-конпепция» и ее воспитание / Под общ. Ред. В.Я. Пилнновского.-М.: Прогресс, 1986.-420 с. Леонтьев, А.Н. Потребности, мотивы и эмоции / А.НЛеонтьев. - М., 1984.-С. 162-173.

2. Божович, Л.И. Избранные психологические труды. Проблемаформирования личности/Л.И.Божович; под ред. Д.И.Фельдштейна.М.:Междунар. пед. академия, 1995. - 212 с.Леонтьев, Д.А. Методика изучения ценностных ориентаций / Д.А.Леонтьев. - М.: СМЫСЛ, 1992. - 117 с.

3. Выготский, Л.С. Психология / Л.С. Выготский. - М.: ЭКС МО - Пресс, 2000. - 994 с.

10. Кон, И.С. Психология ранней юности / И.С. Кон. - М.: Наука, 2005. - 255 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7– 8, мод. 8.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Санаи қабул: 28.08.2007 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с..2017, №6. Мод.7.

6. Маркс, К., Энгельс, Ф. Немецкая идеология / Маркс К., Энгельс Ф.Собрание сочинений, изд. 2. М.: Политиздат, 1955. 689 с.

7. Мудрик, А.Б. Воспитание как соштальный феномен / А.Б. Мудрик Сибирский педагогический журнал. - 2006. - №2. - С. 126-128

8. Пиаже, Ж. Речь и мышление ребенка / Ж.Пиаже - М., 1994. - 263 с.

9.Раҳмонов Э.Ш. Соли тамаддуни ориёӣ. Монография / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Деваштич – 2006. – 400 с.

10.Рахмонов, Э.Ш. Таджики в зеркале истории [Текст] / Э. Рахмонов. – Лондон, 2000. – Кн.1. – 240 с.

11.Раҳимов Б., Нуров А. Педагогикаи этникии халқи тоҷик. Монография / Б. Раҳимов, А. Нуров Душанбе: Ирфон. – 2008. – 296 с.

12.Роджерс, К. Взгляд на психотерапию. Становление человека: Пер. с англ. / К.Р. Роджерс. -М.: Издательская группа «Прогресс», 1994 - 341 с.

13. Рубинштейн, СЛ. Человек и мир / Л.С. Рубинштейн.- М.: Наука, 1991.-191 с.

МАВҚЕИ МУҲИТИ БИСЁРФАРҲАНГИИ ТАҲСИЛОТӢ ДАР ҒАНИГАРДОНИИ ТАҶРИБАИ МАЪНАВИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои озмоишӣ мавқеи муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотӣ дар ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор дода шудааст.

Қайд карда мешавад, ки мафҳуми таҷриба ҳамчун амали рафтору кирдори мусбӣ аз ҷониби шахсият дар ҳамаи марҳилаҳои фаъолияти ҳаётии он ва ҷустуҷӯи роҳҳое, ки ба мазмуни он таъсир мерасонад, фаҳмида мешавад. Бисёрҷанбагии мафҳуми таҷриба имкон медиҳад, ки самтҳои корбасти он дар илм ва амалияи педагогӣ муайян карда шавад. Аксар вақт таҷриба ҳамчун натиҷае баррасӣ мешавад, ки дар раванди амали мутақобила бо олам ба даст меояд ва натиҷаи он муносибати бошуурона ба мавзуи амали мутақобила мебошад.

Дар мақола таҷриба ҳамчун раванди ғанигардонии майдони фаъолияти воқеияти ҳаётии инсон, нигоҳдории ягонагӣ, тамомият ва таҳрики воридшавии ӯ ба ҳаёти воқеӣ маънидод карда шудааст.

Ҳамзамон таъкид карда мешавад, ки давраи донишҷӯӣ ин давраи ғанигардии фаъол ва бошууронаи таҷрибаи маънавӣ мебошад. Ба таври мустақилона дар муошират ҳаррӯза дар ҷомеа донишҷӯён таҷрибаи маънавии худро тавассути арзёбии мавқеъҳои маънавии худ, хударзёбии рафтори худ, мушоҳидаҳо аз болои рафтору кирдори атрофиён, ҷустуҷӯи қарорҳоро дар вазъиятҳои интихоби маънавӣ касб мекунанд.

Калидвожаҳо: таҷрибаи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён, муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотӣ, нерӯи педагогӣ, фазои бисёрфарҳанга, олами маънавии шахсият, муҳити таҳсилотӣ.

МЕСТО ОБРАЗОВАНИЯ МНОГОКУЛЬТУРНОЙ СРЕДЫ В ДОСТИЖЕНИЯ ДУХОВНОГО ОПЫТА СТУДЕНТОВ.

В статье опираясь на научные источники проводились экпериментальные работы по месту образования многокультурной среды в достижения духовного опыта студентов.

Отмечается, что понятие “опыт” понимается как положительный поступок со стороны человека на всех этапах его жизнедеятельности и поиск путей, вляющих на его содержание. Многогранность понятия “опыт” позволяет определить направление его применения в педагогической науке и практике.

Чаще всего опыт рассматривается как мрезультат, полученный в процессе взаимодействия с миром, итогом которого является осознанное отнощение к предмету взаимодействия. опыт трактуется как процесс обогощения реальной жизнедеятельности человека, процесс единения, цельность и условия её вхождения к реальной жизнедеятельности.

Также отмечается, что студенческие годы – это период активного и осознанного обогащения духовного опыта. Самостоятельно в повседневном обощении в социуме обучающиеся приобретают свой духовный опыт посредством оценки их с духовных позиций, самооценки собственного поведения, наблюдения за поступками окружающих, поиска решений в ситуациях духовного выбора.

Ключевые слова: культурно – нравственный опыт студентов, многокультурная обучающая среда, педагогическая сила, многокуьтурная сфера, духовный мир личности, образовательная среда.

THE PLACE OF MULTICULTURAL LEARNING INVIRONMENT FOR GAINING SPRITUAL EXPERIENCES OF STUDENTS.

The article, based on scientific sources, carried out experimental works in the place of multicultural learning environment for gaining spiritual experiences of students.

It is noted that the concept of experience is understood as a positive action on the part of person at all stages of his life and the search for ways that affect its content. The versatility of the concept of experience allows us to determine the directions of its application in pedagogical science and practice.

Most often, experience is considered as a result obtained in the process of interacting with the world, the result of which is a conscious attitude to the subject of interaction. Experience is interpreted as a process of enrichment of the real life activity of a person, the process of unity, integrity and conditions for its entry into the real life activity.

It is also noted that the student years are a period of active and conscious enrichment of spiritual experience. Independently in everyday communication in society, students acquire their spiritual experience by evaluating their spiritual positions, self – evaluating their own behavior, observing the actions of others, and searching for solutions in situations of spiritual choice.

Keywords: cultural and moral experience of students, multicultural learning environment, pedagogical strength, multicultural sphere, spiritual world of the individual, educational environment.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов М.С. – муаллими калони кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроғa: 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. тел.: 918-76-65-90

Сведение об авторе: Курбонов М.С. – старший преподаватель кафедры психологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, Адрес: 735340, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова 16. тел.: 918-76-65-90

Information about the author: Qurbonov M.S. – Lecturer in the Department of Psychology at Kulyab State University named after Abuabdullokh Rudaki. Address: 735340, Republic of Tajikistan, the city of Kulyab, st. S. Safarova 16. mob.: 918-76-65-90

УДК – 514 (2 тоҷ)
ББК – 517.3 (2 тоҷ)
Д - 11

РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ОИД БА МАВЗУИ «МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ҲАҶМИ КОНУС» ДАР КУРСИ ГЕОМЕТРИЯИ МАКТАБӢ

Сироҷиддини Д.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии корҳои мустақилонаи хонандагон дар раванди таълим ба мо имкон дод, ки дар бораи ташкили дурусти кори мустақилона бо бисёр маводҳои назариявӣ аз наздик шинос шавем.

Масъалаи мазмун ва ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон дар адабиёти педагогӣ-психологӣ ва таҳқиқоти методӣ ниҳоят кам тадқиқ гардидааст. Масалан, доир ба ташкили кори мустақилона дар таълими фанни геометрия қариб ягон адабиёт ба назар намерасад. Аз ин рӯ, ин масъала масъалаи мубрами замон маҳсуб меёбад.

Дар хонандагон ташаккул додани маҳорати мустақилона аз бар намудани донишҳои нав ва истифодабарии онҳо дар амал яке аз мушкилоти методикаи кунунии таълими геометрия ва математика ба ҳисоб меравад.

Масъалаи мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи умумӣ буда, дар тадриси фанни геометрия тарафҳои гуногуни ин масъала мавриди татбиқ қарор ёфтааст [6, с. 17-18].

Моҳияти ин масъала аз он иборат аст, ки вай ба пешрафту инкишофи хонандагони алоҳида ва ё гурӯҳи муайян садди роҳ намешавад. Баръакс, имконияти фаровон медиҳад, ки ҳар як хонанда ва ё гурӯҳи муайяни хонандагон мувофиқи дониш, имконият ва қобилияташон таҳсил намоянд. Ба қуллаҳои дониш на аз тариқи маҷбурӣ, тарсу ҳарос, балки бо майлу хоҳиши худ бирасанд.

Асоси ташкили кори мустақилона аз худи хонандагон вобаста мебошад. Агар мо то ҳаёти талаба, хусусиятҳои рӯҳиву ҷисмонӣ, шароити зиндагӣ ва муҳити онро наомӯзем, пешрафти онҳоро дар таълим дуруст ба роҳ монда наметавонем [8]. Ин орзуи деринаи олимони равоншинос, педагогика ва методистон мебошад. Чи олимони Шарқ ва чи Ғарб дар татқиқотҳои худ таъкид намудаанд, ки аввал бояд хонандаро омӯхт, донист ва баъд мувофиқи имконияташ шароити таълимро муҳайё намуд.

Ба ҳамин маънӣ Абӯалӣ ибни Сино ба масъалаҳои омӯзиш машғул шуда, таъкид намудааст, ки “илмомӯзӣ мувофиқи қобилияту истеъдоди кӯдак ба роҳ монда шавад” [8].

Гузориши муосири мақсади таълим талаб мекунад, ки методҳои таълимӣ мукаммал гардонида шуда, дар мавриди истифодаи амалии онҳо дар мактаб бояд барои ҳамаҷониба инкишоф ёфтани қобилияти эҷодии таълимӣ ва касбии хонанда мусоидат намояд, талаботро ба худомӯзӣ, худмукаммалсозӣ ба вуҷуд орад ва барои минбаъд ташаккулёбии онҳо ёрӣ расонад.

Ин таҳқиқот барои донишҳои физикӣ низ ҷой доранд. Вале ба хонандагон омӯзиши барномавии курси физика дар мактаби миёна бо мушкилиҳои зиёд ба даст меояд. Ин бошад, ба сабаби характери абстрактӣ доштани худи ин фан вобаста аст. Таълими геометриия ҳамчун фанни абстрактӣ аз дигар донишҳое, ки дар мактаби миёна таълим дода мешаванд, бо он фарқ мекунад, ки предмети омӯзиши он ашёҳоенд, ки дар олами моро иҳотакунанда амиқ мавҷуданд; онҳо шаклҳои фазоӣ ва муносибатҳои миқдории ин ашёҳоро ташкил медиҳанд [5, с. 6-11].

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи хонандагон яке аз мавзуъҳои барномаи таълимии геометрияи синфи 11–ро, мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Мавзуи “**Методикаи омӯзиши ҳаҷми конус**” яке аз мавзӯҳои муҳими омӯзишӣ буда, ташкили кори мустақилона дар асоси он барои дарки пурраи мафҳум мусоидат менамояд.

Барои беҳтар шинос шудан бо мафҳуми ҳаҷми конус ба муаллим лозим аст, ки теоремаро дар ҳолатҳои гуногун баён намояд, то ин ки ҳангоми иҷро намудани машқҳо хонандагон ҳаҷми конусро аз фигураҳои гуногун ҷудо карда тавонанд.

Теорема. Ҳаҷми конус ба сеяки ҳосили зарби масоҳати асос ва баландӣ баробар аст.

Исбот. Фарз мекунем, ки конус дар натиҷаи дар гирди катети OA чарх задани секунҷаи росткунҷаи OAB ($< A = 90^0$, расми 28) ҳосил шудааст. Дар ҳамвории OAB системаи OA – ро мегирем. Муодилаи OB чунин намуд мегирад: $y = kx$, ки дар онҷо $k = \tan\varphi = \frac{|AB|}{|OA|} = \frac{R}{H}$. Секунҷаи OAB намуди хусусии трапетсияи каҷхатта мебошад (он бо

тири абсиссаҳо, графики функсияи $y = \frac{R}{H}x$ ва $x = H$ маҳдуд гардидааст). Бинобар ин ҳаҷми конусро бо ёрии формулаи $V = \int_a^b S(x)dx$ додашудааст ёфтан мумкин аст [7, с. 123-125].

$$V = \pi \int_0^H \left(\frac{R}{H}x\right)^2 dx = \frac{1}{3}\pi R^2 H.$$

Инак, ҳаҷми конус бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$V = \frac{1}{3}\pi R^2 H. [1, с. 105 - 108]$$



Расми 1. - Чарх задани секунҷаи росткунҷа

Роҳи ҳалли якчанд масъала:

1. Баландии конус ба 10см ва радиуси давраи асосаш 3см мебошад. Ҳаҷми конусро ёбед.



Расми 2. - Конус

Д.ш.аст. Ҳал: Барои ҳалли ин масъала аввал мо бояд ба H=SO=10см; хонандагон дар бораи радиуси давра аз қисми планиметрия

R=OA=см; хотирасон кунем.

V=?

V=$\frac{1}{3}S_{асос} \cdot H = \frac{1}{3}\pi R^2 \cdot H = \frac{1}{3}\pi 3^2 \cdot 10 = 30\pi см^3$;

Боз хонандагон метавонанд, ки оиди ин масъала аз кардон, компютер ва сим дар хона макети онро сохта, радиус, баландии онро мувофиқи шарти масъала гузошта ҳаҷми онро ҳисоб кунанд.

Ҷавоб: $30\pi см^3$.

2. Баландии конус 12см, ташкилдиҳандааш 20см аст. Ҳаҷми ин конусро ёбед.



Расми 3. - Конус

Д.ш.аст. Ҳал:

H=SO=12см;
AS=BS=20см;
V=?;
Аз секунҷаи росткунҷаи AOS истифода
бурда, радиуси асосро меёбем:
R=OA=$\sqrt{AS^2 - OS^2} = \sqrt{20^2 - 12^2} = \sqrt{256}$=16см;
V=$\frac{1}{3}S_{асос} \cdot H = \frac{1}{3}\pi R^2 \cdot H = \frac{1}{3}\pi 16^2 \cdot 12см^3 = 1024\pi см^3$;

Ҷавоб: $1024\pi см^3$.

Масъалаҳо барои кори мустақилона

1. Буриши тирии конус секунҷаи росткунҷаи баробарпаҳлуест, ки масоҳаташ $9м^2$ мебошад. Ҳаҷми конусро ёбед.

Ҷавоб: $9\pi м^3$

2. Баландии конус 9см, ташкилдиҳандааш 15см аст. Ҳаҷми ин конусро ёбед.

Ҷавоб:$432\pi см^3$

3. Баландии тудаи конусшакли ғалла 2,4м ва дарозии давраи асосаш 20м дарозии ташкилдиҳандаи дучандааш 8м аст. Агар массаи $1м^3$ ғалла ба 750кг баробар бошад, он гоҳ ҳамагӣ чанд тонна ғалла ҳаст?

Ҷавоб:19т.

4. Сангрезаҳоро тавре рехтаанд, ки он шакли конуси кунҷи моилиаш 33^0 -ро гирифтааст. Барои ба $10м^3$ баробар шудани ҳаҷми сангрезаҳо баландии тӯдаи он бояд чӣ қадар шавад?

Ҷавоб:1,6м.

5. Диаметри нӯгҳои ғулла 32см ва 26см аст. Аз он ғулла чӯби чортарошеро тайёр карданд, ки масоҳати буриши квадратшакли он калонтарин аст. (дарозии чӯби чортарош ба ғулла баробар аст). Ҳаҷми чуби чортарош чанд протсенти ҳаҷми ғулларо ташкил мекунад?

Ҷавоб: 50%.

Адабиёт:

1. Боймурод Алиев. Китоби дарсӣ барои синфи 11 // Боймурод Алиев. Душанбе «Маориф», 2014.: - 128с.
2. Ислом Ғуломов. Таърих ва методологияи математика.:Душанбе «Промэкспо», 2014.саҳ.367.
3. Клопский В.М., Скопец З.А., Ягодовский М.И. Китоби дарсӣ барои синфи 9-10.:Душанбе «Маориф»,1980:саҳ.267.
4. Погорелов А. В. Геометрия: Китоби дарсӣ барои синфҳои 7 – 11 мактаби миёна. Душанбе «Маориф» 1991.: 384с.
5. *Кабалевский Ю.Д.* Самостоятельная работа учащихся в процессе обучения математике / Ю.Д. Кабалевский *// М.: Просвещение, 1988. – 128с.*
6. *Парвинаи У.С.* Асосҳои педагогии ташаккули малакаи кори мустақилонаи хонандагон дар таълими фанни физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / У.С. Парвина // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа PhD, Кӯлоб, 2020, 187с.
7. *Сирроҷиддини Д.* Методикаи омӯзиши бузургиҳои геометрӣ дар курси геометрияи мактабӣ [Матн] / Д. Сироҷиддин// Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ / Кӯлоб, 2021, 195с.
8. ШарифовҶ. Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим.// ШарифовҶ. Душанбе: «Ирфон» сол. 2014 – 240с.
9. Энциклопедия элементарной математики. Книга пятая – Геометрия. Статья о линии [Текст]. – М.: 1979. – 185 с.
10. Юшкевича, А. П. Определения и аксиомы Евклида. Хрестоматия по истории математики [Текст] / А.П. Юшкевича. Под. Ред // М.: Просвещение, 1976. - 181 – 183, 281 – 290 с.

РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ОИД БА МАВЗУИ «МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ҲАҶМИ КОНУС» ДАР КУРСИ ГЕОМЕТРИЯИ МАКТАБӢ

Дар Паёми Президенти ҶТ (26 декабри соли 2019) солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид. Аз ин бармеояд, ки омӯзиши ин фанҳо ба рушду такомули ҷомеа ба таври пурра таъсиррасон мебошанд. Масъулияти мактабу маориф, омӯзгору волидон дар самти омӯзиши фанҳои номбаршуда ба маротиб меафзояд. Яке аз мушкилотҳои умдаи таълими ин фанҳо дастрас набудани воситаҳои методӣ, педагогӣ, психологӣ, мантиқӣ ва фалсафӣ мебошанд. Бо назардошти ин, муаллиф ҳангоми таълими фанни геометрия дар МТМУ тарзҳои дуруст ташкил намудан ва гузаронидани корҳои мустақилонаро аз рӯйи адабиёти мавҷуда, методикаҳои умумӣ ва хусусӣ таҷрибаҳои амалӣ пешниҳод намуданд. Ҳангоми гузаронидани корҳои мустақилона шавқу ҳавас, майлу рағбат, дараҷаи дониш, зеҳнияти хонанда пурра бояд ба инобат гирифта шавад.

Масъалаи асосӣ дар методикаи пешгиҳоднамудаи муаллиф ҷалби сартосарии хонандагон ба омӯзиши фан мебошад. Хонандае, ки оиди фан тасаввурот надорад, ба он майлу хоҳиш надорад, бояд тавассути супоришҳои оддитарин ба фан ҷалб карда шаванд. Геометрия фанне мебошад, ки истифодаи айёният дар он омили пешбарандаи омӯзиш мебошад. Муаллиф тартиби ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона аз геометриро дар таълими мавзӯи «Ҳаҷми конус» пешниҳод намуда, барои дастрасии он ба ҳамаи хонандагон супоришҳои гуногундараҷаро тавсия намудааст.

Калидвожаҳо: Маводҳои назариявӣ, адабиёти педагогӣ-психологӣ, мустақилият, имконот ва қобилиятҳои гуногун, хусусиятҳои рӯҳию ҷисмонӣ, аломатҳои фардӣ, худомӯзӣ, худмукаммалсозӣ, теорема, формула, ҳаҷм, шаклҳои геометрӣ, ҷисми геометрӣ.

ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ УЧАЩИХСЯ НА ТЕМУ «МЕТОДИКА ИЗУЧЕНИЯ ОБЪЕМА КОНУСА» В ШКОЛЬНОМ КУРСЕ ГЕОМЕТРИИ

В Послании Президента РТ (26 декабря 2019 г.) 2020-2040 годы объявлено «Двадцатилетием изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования». Из этого следует, что изучение этих предметов в полной мере влияет на развитие и совершенствование общества. При этом повышается ответственность образования и школы, учителей и родителей в плане изучения названных дисциплин. Одним из основных проблем в изучении данных предметов это недоступность методических, педагогических, психологических, логических и философских пособий. В связи с этим, автор статьи показывает правильные способы организации и проведении самостоятельной работы в средних общеобразовательных школ при преподавании геометрии по имеющейся литературе, общей и частной методики, также предлагает практические эксперименты. При проведении самостоятельных работ учитываются интересы, желание, уровень знаний, интеллект учащихся.

Основным вопросом предложенной методики автора является всестороннее вовлечение учащихся в изучении предмета. Учащиеся, которые не имеют представления о предмете и не имеющиеся к нему стремления, следует привлекать к предмету посредством простых заданий. Геометрия - это предмет, в котором использование наглядных пособий является движущим фактором обучения. Автор предложил порядок организации и проведения самостоятельной работы по геометрии при изучении темы «Объем конуса» и рекомендовал многоуровневые задания, чтобы сделать ее доступной для всех учащихся.

Ключевые слова: теоретические материалы, педагогико-психологическая литература, самостоятельность, разные возможности и способности, психические и

физические характеристики, индивидуальные признаки, самообучение, самосовершенствование, теорема, формула, объем, геометрические фигуры, геометрическое тело.

WAYS TO INCREASE THE EFFICIENCY OF STUDENTS' INDEPENDENT WORK ON THE TOPIC "METHODOLOGY OF STUDYING THE VOLUME OF THE CONE" IN THE SCHOOL COURSE OF GEOMETRY

In the Address of the President of the Republic of Tajikistan (December 26, 2019), 2020-2040 was announced as "Twenty years of study and development of natural, exact and mathematical sciences in the field of science and education." It follows from this that the study of these subjects fully affects the development and improvement of society. At the same time, the responsibility of education and schools, teachers and parents in terms of studying these disciplines is increased. One of the main problems in the study of these subjects is the inaccessibility of methodological, pedagogical, psychological, logical and philosophical aids. In this regard, the author of the article shows the correct ways of organizing and conducting independent work in secondary schools when teaching geometry according to the available literature, general and private methods, and also offers practical experiments. When carrying out independent work, the interests, desire, level of knowledge, intelligence of students are taken into account.

The main issue of the proposed methodology of the author is the comprehensive involvement of students in the study of the subject. Students who do not have an idea about the subject and do not have aspirations for it should be attracted to the subject through simple tasks. Geometry is a subject in which the use of visual aids is a driving factor in learning. The author proposed the procedure for organizing and conducting independent work on geometry when studying the topic "Volume of a Cone" and recommended multi-level tasks to make it accessible to all students.

Keywords: theoretical materials, pedagogical and psychological literature, independence, different capabilities and abilities, mental and physical characteristics, individual characteristics, self-education, self-improvement, theorem, formula, volume, geometric figures, geometric body.

Сведения об авторе: Сироджиддини Давлатали к.п. наук, старший преподаватель кафедры математики и методики ее преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:** 735360, г. Куляб, ул. С. Сафарова. 16. Тел : 988 – 91 – 17 -01

Information about the author: Sirodjidini Dablatali the k.p.n., to department of mathematics and a technique of her teaching, the Kulob State university of Abuabdullokh Rudaki. Address: 734065, Kulob town , street S. Safarov 16. ph. 988 – 91 – 17 -01

УДК – 929.9 (2 тоҷ)
ББК – 74 (2 тоҷ)
Ҷ - 87

МОҲИЯТ ВА НАҚШИ ПАЙДОИШИ ПАРЧАМИ МИЛЛӢ ДАР ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҲИССИ ХУДШИНОСИИ НАСЛИ НАВРАСУ ҶАВОНОН

Ҷурахонзода Г. С.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҷамъоварии маводҳои таърихӣ, тавсифи сарчашмаҳои илмию фарҳангӣ, таҳвияти худшиносӣ ва ифтихори миллию рамзҳои давлатӣ маҳз ба хотири бузургдошти миллат ва пос доштани хувияти миллии насли наврасу ҷавонон анҷом дода мешавад.

Эмомалии Раҳмон

Ҳар як давлати соҳибистиқлол соҳиби рукнҳои давлатдорӣ ва муқаддасоти миллии худ мебошад, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ дорои Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ аст.

Парчамдориву парчамбардории халқи мо таърихи қадима дошта, аз аҳди бостон то имрӯз давраи тӯлониро тай намудааст. Агар ба рамзҳо бо назари таҳқиқ ва таҳлил нигарем, ҳар як рамз то андозае равшангари таърих, сарнавишту саргузашти қавмҳо, халқиятҳо, миллату давлат, инъикосгари фарҳангу тамаддун, орзуву ормонҳои ҳамаи мардумонанд.

Таърих гувоҳ аст, ки аҷдодони мо аз ибтидои тамаддуни инсонӣ соҳиби рамз ва нишони миллӣ буданд. Вобаста ба парчамбардории ниёгони абарқудрати мо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон, бахшида ба рӯзи Парчами давлатӣ, қайд намуда буданд, ки: «Дар ливои (парчами) Куруши Кабир тасвири уқоб нақш гардида буд, ки он нишонаи қудрату тавоноист, яъне парчам рамзи як давлати нерӯманди замона ба ҳисоб мерафт. Ҳамчунин, метавон аз ливои Коваи оҳангар ёдовар шуд, ки нишонаи равшани мероси муборизаву ҷоннисориҳои ниёгони мо мебошад» [7, с. 39].

Парчам яке аз рукнҳои асосии муқаддасоти миллӣ буда, ифодагари рамзи ҳаёти осоишта, меҳнатдӯстӣ, бахту иқболи сафед, умед ба ояндаи нек ва лоиқи эҳтироми пиру барнои кишвар гардидааст. Парчами миллат дар қатори дигар муқаддасот рамзи давлату давлатдорӣ ва нангу номуси миллӣ мебошад.

Парчам дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамчун истилоҳ ба маънои ливо, байрақ, дирафш ва рамзи давлатӣ омадааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» навишта шудааст, ки парчам ин пӯпаки абрешимиест, ки ба нӯги байрақ мебастанд.

Донистану дарк кардани таърихи пайдоиши рамзҳои давлатӣ дар тарбияи худшиносии миллии насли наврасу ҷавонон аҳамияти хоса дорад, зеро дар ҷараёни тарбияи худшиносии миллӣ моҳияти рамзҳои давлатӣ, ҳокимияти давлатӣ, хусусияти фарқкунандаи он дар муқоиса бо дигар давлатҳо ба наврасону ҷавонон фаҳмонида мешавад, ки бо ин роҳ ифтихори худшиносӣ ва ватандории онҳо боло бардошта мешавад.

Таърихи пайдоиши парчами миллӣ ба этногеноси таърихи пайдоиши халқи тоҷик (ориёӣ) алоқаманд мебошад. Донистани масъалаи парчаму парчамдорӣ мояи ифтихори ҳар як насли ояндасози худшиносу худогоҳ мебошад.

Дар таърихи халқи тоҷик истилоҳи парчам аз вожаи суғдии «Парчам», «Дирафш» гирифта шудааст. «Дирафш» бошад аз забони авестоӣ «Драфса», форсии бостонӣ «Драфса», паҳлавӣ «Драфс» ва бохтарӣ «Ягофо» сарчашма гирифта, маъноясш овеза, ливо, аломат мебошад.

Дар таърихи қадимаи рамзҳо, парчами миллӣ сараввал ба рамзи пирӯзӣ ва сипас ба рамзи давлатдорӣ табдил ёфт. Ҳар шахсе ба қудрат мерасид, соҳиби тахту салтанат мегашт, тоҷи шоҳӣ ба сар мениҳод, парчамро азизу муқаддас медонист ва онро баланд меафрохт.

Пайдоиши Парчамро дар таърих ва фарҳанги миллати тоҷик ҳамчунин Абурайҳони Берунӣ ба муборизаи Коваи оҳангар ба муқобили зулму ситам ва таъмини адолату зиндагии осоишта мансуб медонад.

Абдулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» худ, ки намунаи осори барҷастаи ватандӯстию тарғибгари некию мардонагист дар достони «Кова ва Заҳҳок», ба ҳар як насли наврас ҳисси баланди худшиносию худогоҳии Коваи оҳангарро хотиррасон намуда, ду қувва, некӣ ва бадиро ёдовар мешавад.

Коваи оҳангар аз пешдомани чармини худ дирафш (парчам) омода карда, халқи ситамдидаро ба муборизаи зидди душман даъват намудааст. Ҳангоми шӯриш Коваи оҳангар шӯришгаронро бо сарварии худ ба назди шоҳ Фаридун меорад. Шоҳ Фаридун дирафши омоданамудаи Коваро ба чаҳор ситораи тиллоӣ, сангҳои қиматбаҳо, матои рангаш сурх, зард ва бунафш зебу ороиш дода онро «Дирафши Ковиён» ном мегузорад. Ковиён ба маънои ба ҳудуд, қаҳрамон, бузургпаҳлавон, муаррифӣ гардидааст. Вожаи

«Дирафш» бошад ба маънои дирафшидан, дурахшидан, рӯшноӣ додан, тобидан ва аломат омадааст.

Фаридун ба ороишдиҳандагони «Дирафш» гуфтааст: «Боло бардоштани парчами Кова ин таҷассумгари зери як матои муқаддас бо ҳам муттаҳид гардонидани мардуми ситамкаш мебошад», аз дарку заковат ва ҳисси худшиносии миллии насли наврасу ҷавонон маълум гашта истодааст, ки ин гуфтаҳо то ба имрӯз моҳияти таърихии худро гум накардаанд.

Бузургии парчами халқи тоҷик аз ҳамин давра, яъне аз пешдомани Коваи оҳангар оғоз меёбад. Аниқтараш замоне, ки парчами Коваи оҳангар боло шуд, парчам мазмуни муборизаи озодию истиқлолиятро гирифт.

Муҳаббату самимият ва ҳисси худшиносии миллии халқи тоҷик нисбат ба парчами миллӣ сол то сол зиёд гардида истодааст. Дар замони сулолаи Сосониён дар он нақши Мурғи Ҳуморо зардӯзӣ намуда, парчамро нишона ва рамзи муқаддаси аҷдодӣ донистаанд [1, с. 4].

Дар асоси ин сарчашмаҳо насли наврасу ҷавонон дарк менамоянд, ки аз замони «Дирафши Ковиён» сар карда, парчам чунин рамзи озодӣ, давлатдории миллии аҷдодони тоҷикон эътироф гардида ҳамчун рамзи муқаддас то абад боқӣ хоҳад монд.

Насли наврасу ҷавонон бо як ҳисси худшиносию ватандӯстӣ ва ҳуввияти миллӣ дар хотир нигоҳ медоранд, ки парчами аҷдодиашон-ориёиҳо дар давраи мавҷудияти давлати Ковиён, асри IV пеш аз мелод пайдо шуда, ифтихори миллати тоҷик гардидааст.

Ба маълумоти насли наврасу ҷавонон расонида мешавад, ки аввалин тасвири парчами сипоҳии ориён-порсҳо, суғдиён, бохтариён дар деворнигориҳои шаҳри Помпейи Рим, асрҳои II-I то милод кашида шудааст. Дар он муҳорибаҳои сипоҳиёни давлати Ҳахоманишӣ, зери сарварии шоҳ Доро ва лашкари Искандар дар соли 331 то милод акс ёфтааст.

Сулолаи Саффориён, Тоҳириён, Сосониён, Сомониён низ парчами миллии ягонаи давлати худро доштанд ва ба он эҳтироми баланд зоҳир мекарданд.

Баъди сулолаи Оли Сомон давлатдории сулолаҳои минбаъда низ соҳиби парчами худ буданд, ки дар онҳо анъанаҳои парчамдории давлатии тоҷикон нигоҳ дошта мешуд.

Ба маълумоти насли наврасу ҷавонон расонидан лозим аст, ки парчамҳо-рамзҳои гуногун доштанд, ки онҳо чизеро ифода мекарданд. Масалан дар қисмати болои «Дирафши Ковиён» найза ҳамчун рамзи ирода ва қудрати ҳифзи Ватан тасвир ёфтааст. Қисмати чаҳоргонаи «Дирафши Ковиён» чаҳор қисмати олам буда, рамзи робитаи некӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳо ва халқҳои ҷаҳон мебошад. Дар маркази «Дирафши Ковиёнӣ» расми шери болдор ҳамчун рамзи қудрат, нерӯмандӣ ва шукуҳи давлат дар рӯи осмони кабуд тасвир ёфтааст.

Парчами сулолаи Ҳахоманишиён аз матои сурх, атрофаш бо аломатҳои ба секунҷа монанд бо рангҳои сурху кабуд ороиш дода шудааст. Дар байни парчам расми уқоби болҳояш васеъ кушода тасвир ёфтааст, ки он нишонаи қудрату тавоноӣ, рамзи як давлати пурқуввати замона ба ҳисоб меравад.

Парчами Дорои III аз се матои рангаш осмонӣ ва дар шакли чоркунҷа сохта шудааст. Дар қисми болоии он абр тасвир ёфта буд, ки ин шояд ҳимояи Ватан ва ҷангиданро ифода мекард.

Парчами империяи Сосониён (Дирафши Ковиён) аз матои рангаш гуногун зебу зинат дода шудааст. Дар қисми болои парчам ба паррандаи болҳояш паҳнгардида (шояд мурғи Ҳумо бошад) аз чаҳор тараф ва аз поён овезаҳо бо дастаи парчам тасвир ёфтааст.

Ба андешаи мо ороиши парчами Дорои III ифодаи тавоноӣ, инкишофи илму адаб ва санъат аст.

Парчами суғдиён аз матои рангаш сиёҳчатоб иборат буда, дар он расми сипоҳиёни бо ҳам муқобил истода ва аслиҳаи ҷангии онҳо тасвир ёфтааст. Ба андешаи мо ин рамзи ба ҳимояи Ватан аз ҳуҷуми аҷнабиёни беруна омода шудан аст.

Парчами бохтариён аз матои сафед тайёр карда шуда буд, дар байни он расми ҳайвонест, ки дар болои он расмҳои гуногун тасвир ёфтаанд, шояд расми ҳайвон далерию мардонагӣ, пурқувватӣ ва бузургии мардуми Бохтарро ифода кунад.

Матои парчами Аморати Бухоро сурхчатоб буда, нақшҳои сиёҳтоб дорад. Дарахтони сабз болои онро чун ҳилол оро дода буд. Дар парчам бо забони арабӣ навишта шуда буд. «Подшоҳ- сояи Худо аст», «Нест Худое ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад расули ӯ» дар байни навиштаҷот ситораи тиллои панҷгӯша ва ҳилоли дар «дасти Фотима», ки рамзи таъминоти хушбахтӣ дар анъанаҳои исломист, ҷойгир карда шуда буд. Ҳамин тавр, дар давраи мавҷудияти Аморати Бухоро парчами давлатӣ пурра рамзи динӣ мегирифт ва аъанаҳои парчамдории бисёрасраи тоҷикон ҷариб аз байн меравад [15, с. 37].

Ҳамин тавр, дар давоми чандин асрҳо халқи тоҷик аз давлатдории миллӣ ва парчами миллӣ маҳрум гардида буд. Ба насли наврасу ҷавонон маълум карда мешавад, ки танҳо бо туфайли барпо гардидани Ҷумҳурии Шӯравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон, давлати миллӣ ва парчами миллии тоҷикон аз нав эҳё мегардад.

Соли 1929 баробари барпо гардидани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Кумитаи Иҷрояи Марказии Шӯроҳои Тоҷикистон дар бораи қабул ва тасдиқи Парчам ва Нишони давлатии Тоҷикистон қарор қабул мекунад ва ҷумҳуриямон соҳиби парчаму нишони давлатӣ мегардад.

20-уми марти соли 1953 бо фармони Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба парчами Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон», ки мувофиқи он матои парчам аз чаҳор рахи уфуқӣ (сурх, сафед, сабз ва боз сурх) ва рахи болои досу болға, ситораи сурх тасвир ёфтааст.

Дар асри ХХ дар баробари Парчами давлати Шӯравӣ Парчами ҶШС Тоҷикистон низ парафшонӣ мекард, ки аз мавҷудияти давлати миллии тоҷикон шаҳодат медод. Дар асри гузашта зери ин парчам мардум ба сӯи корнамоиҳои бузург мерафтанд, миллионҳо фарзандони содиқи давлати шӯравӣ ҷони худро барои ҳимояи Ватан зери муқаддастарин парчами давлатӣ нисор кардаанд.

Пошхӯрии давлати Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои собиқи он боис шуд, ки ҳар давлати мустақили миллӣ парчами худро қабул кунад. Парчами давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол аввалин маротиба дар Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми ноябри соли 1992 қабул карда шуд. Он яке аз рамзҳои муҳими истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад.

Дар таърихи 29 октябри соли 2009 дар конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба таҷлили 15-умин солгарди қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми наҷибе пешниҳод гардид, ки 24 ноябр рӯзи Парчами миллӣ эълон карда шавад ва ҳамасола ҳамчун рӯзи Парчами миллӣ ҷашн гирифта шавад. Бо мақсади амалӣ намудану асоси ҳуқуқӣ бахшидан 3 ноябри соли 2009 ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани илова ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид ва 19 ноябри ҳамон сол Парламенти Тоҷикистон онро тасдиқ кард. Бояд қайд намуд, ки ин инқдоми наҷибу нек идомаи сиёсати созандаву бунёдкоронаи Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон буда аз ҳар як сокини кишвар, ҳисси баланди худшиносӣ, ватандӯстӣ ва дарки масъулиятро таҳозо намуда, насли наврасу ҷавони имрӯзаро дар рӯҳияи баланди худшиносию меҳанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба суннатҳои волои давлату давлатдорӣ ва эҳтирому қадршиносӣ ба рамзҳои давлатӣ тарбия менамояд. Зеро Парчам, Нишон, Суруди Миллӣ рамзҳои асосии давлат буда, муҳимтарин идеалҳои сиёсӣ ба шумор рафта воситаи тарғибу ташвиқи мақсад ва нишонаи соҳибистиқлолии ҳар як давлату миллат мебошанд.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон матои росткунҷа буда, дар он се рахи рангаи ба таври уфуқӣ ҷойгирифта кашида шудааст, рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он ба рахи сабзи поён баробар аст, рахи сафеди байн якуним баробари паҳнои яке аз раҳҳои ранга мебошад. Дар рӯи рахи сафед аз ҷои чӯбдаста дар мобайни парчам бо зарҳал рамзи тоҷ ва дар болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудааст. Рангҳои парчам ва тасвирҳои дар он нақшгардида рамзҳои махсусро ифода мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми телевизионии худ ба муносибати Рӯзи Парчам аз 23-юми ноябри соли 2010 рангҳои парчами миллиро **«Ифодагари роҳи таърихии халқи Тоҷикистон ва баёнгари арзишҳои фарҳанги миллӣ ва сиёсӣ»** дониста, гуфтанд:

"Ранги сурх-рамзи муборизаву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, ранги сафед-нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз-нишонаи сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад. Дар байни парчам тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ҷой гирифтааст, ки он ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад" [11, с. 59].

Дар фаҳмишу тасаввуротҳои аҷдодони мо ранги сурх ҳамчун рамзи шуои офтоб, ки оламро мунавар месозад, рамзи равшанию русурхӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим қобили қабул гардидааст, парастиш меёбад. Истифодаи ин ранг парчами миллии Тоҷикистони имрӯзаю соҳибистиқлолро ба «Дирафши Ковиёнӣ» (Парчами Ковиёнӣ) пайваст менамояд, ки он ҳам ранги сурх дошт ва ифодагари мубориза баҳри озодию истиқлолият ва ватандӯстӣ буд.

Ранги сафед дар парчами миллӣ, ҳамчун ранги бахту иқболи сафед, покизагӣ ифода ёфтааст, ки дар гузашта ҳамчун рамзи тозагӣ, рамзи ҳаёту абадият ва заволи зумра ифода мекунад ва ин рамз низ моро ба аҷдодони гузаштаамон ва сарчашмаҳои авестоӣ, ки мувофиқи китоби муқаддаси Авесто- покӣ, равшанӣ, сафедӣ рамзу нишони муқаддас эътироф мегашт, бевосита пайваст менамояд.

Ранги сабз дар Парчами миллӣ-ҳамчун нишони саъю кӯшиш ва заҳмату меҳнати сокинон баҳри сарсабзию хуррамии Ватан ифода ёфтааст, ки дар таърихи гузаштаи аҷдодонамон маънои зиндагӣ ва сарсабзиро дошт.

Акси тоҷ ва ҳафт ситораи Парчами миллӣ низ дар фарҳангу тамаддуни миллати тоҷик решаи таърихӣ дорад. Акси тоҷ дар парчами миллӣ маънои соҳибдавлатӣ ва анъанаҳои бузурги давлатдории куҳани тоҷиконро ифода мекунад.

Ин акс нишондиҳандаи он аст, ки тоҷикон аз қабили миллатҳои тамаддунофар ва созанда мебошанд, ки давлатҳои бошукуҳро дар таърих офаридаанд ва ҳуқуқи сиёсию маънавӣ дорад, ки имрӯз худро як миллати ифтихорманду тоҷдор бинанд ва дар ҷаҳон муаррифӣ кунанд. Аз ин лиҳоз, акси тоҷ дар Парчами миллӣ олиҳимматии ҳамин ифтихори миллӣ буда, азму ирода дар роҳи устувор бахшида ба давлати миллист. Маҳз ҳамин лаҳзаҳо дар тарбияи худшиносии миллии насли наврасу ҷавонон таъсир мерасонад. Насли наврас бояд донад ва фаромӯш накунанд, ки решаи калимаи «Тоҷик» бевосита ибораи «Тоҷ»-и мардуми тоҷдор сарчашма мегирад. Яъне гузаштагони мо ба таври анъанавӣ тоҷ доштанд ва ба миллати тоҷик буданашон ифтихор менамуданд.

Дар маънои ҳафт ситораи Парчами миллӣ- шумораи ҳафт дар мардуми тоҷик шумораи бахосият ба ҳисоб меравад ва моҳияти олами ҳастиро ифода мекунад. Чунончӣ ҳафт иқлим, ҳафт рӯзи ҳафта, ҳафтсин, ҳафтшин ва ғайра. Аз ин рӯ тоҷ ва ҳафт ситора боиси хушӣ ва ифтихори миллати тоҷикон мебошад.

Донистани моҳияти бо ҳам пайвастагии ҳафт ситораю тоҷ ҳамчун рамзи хушию ифтихори миллӣ ба ташаккули ифтихори миллии насли наврас, ки лаҳзаи муҳими худшиносии миллии мебошад, ёрӣ мерасонад.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳоди вайроннашавандаи коргару деҳқон ва зиёиён, дӯстиву бародарии ҳамаи миллатҳою сокинони ҷумҳурӣ мебошад [6, с. 89].

Парчами миллӣ муҳимтарин омили худшиносии миллӣ ва ифтихори давлатдорӣ буда, барои эҳёи анъанаҳо ва расму оинҳои миллати тоҷик мусоидат мекунад ва наслҳои гузаштаю ҳозираи тоҷиконро бо ҳам мепайвандад.

Донистани он, ки 30-уми августи соли 2011 бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Парчами давлатии Тоҷикистон дар баландии 165 метр, андозааш 60х30 дар пойтахти кишвари азизамон- шаҳри Душанбе барафрохта шуда, боиси ифтихори ҳар фарди худшиносу ватандӯсти мамлакат гардид, ки мавзеи ҷойгиршавии онро «Майдони парчам» номгузорӣ намуданд.

Бешубҳа, ҚОМАТ афрохтани Парчами миллӣ, ки баландтарин парчам дар ҷаҳон аст, бо маҷмуи биноҳои маъмурию фарҳангӣ ба шаҳри Душанбе ҳусну зебоии тоза бахшида, дар китоби рекордии Гиннес ҳамчун баландтарин парчами дунё сабт гардид ва он дар дунё парчами аз ҳама зеботарину сермазмунтарин ба ҳисоб рафта дар сиришти насли ояндасози ҷомеа эҳсоси ифтихори миллатдориро ташаккул медиҳад.

Парчами миллӣ рамзи асосии давлатдорӣ буда, маъно ва тарзи махсуси истифодабарӣ дорад ва он муқаддас аст. Муқаддас будани Парчам дар он зоҳир мегардад, ки инсоният онро ҳамчун ливои озодӣ барои амалӣ гардонидани мақсаду орзуҳои худ дар ҳар давру замон баҳри ҳаёти осоишта, баробарию баробарҳуқуқӣ ва таъмини адолат баланд бардошта метавонад. Парчам ҳамчун муқаддастарин сармояи давлат арзиш дорад. Истиқлолияти давлатро дар ҷаҳон маҳз аз рӯи парчами миллиаш мешиносанд ва баробарҳуқуқии онро эътироф менамоянд.

Бо мақсади дар худ ташаккул додани эҳсосоти баланди худшиносии миллӣ насли наврасу ҷавонон бояд донанд, ки парчам дар таъриху тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик дорои мақоми арзанда буда, як ҷузъи тамаддуни ҳалқи тоҷик ба ҳисоб рафта, дар байни аҷдодони гузашта маълуму машҳур буд.

Мардуми Ориёиро дар зери парчам на танҳо имкониятҳои абадқудратро ба вуҷуд оварданд, низоми тавоноӣ, идоракунии давлатиро офаридан, балки аввалин ҳуҷҷати ҳуқуқии аҳли оламро, ки дар таърих бо номи «Эъломияи ҳуқуқии башари Куруши Кабир» маълум аст, ба оламиён муаррифӣ намуданд. Имрӯз ин ҳуҷҷат бо номи «Эъломияи ҳуқуқи башар» дар дунё маълум гардидааст.

Чунинанд он масъалаҳои асосие, ки донистанашон ба ташаккули худшиносии миллии ҳар як насли навраси ояндасози ҷомеа таъсир мерасонад.

Онҳо бояд донанд, ки дар зери парчами миллӣ кормандони мақомоти қудратии ҷумҳурӣ ва дигар хизматчиёни давлатӣ, дар навбати аввал Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баҳри ҳимояи марзу бум, якпорчагӣ, таъмини ҳаёти осоишта, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба Ватан , ба халқ содиқ будан савганд ёд мекунад.

Донистани ин ҳама сарчашмаҳои таърихӣ бевосита ба ташаккули самтҳои гуногуни худшиносии миллии насли наврасу ҷавонон таъсири мусбат мерасонад.

Насли наврас дарк намуданд, ки Парчами миллӣ миллати тоҷикро ба сӯи муттаҳидӣ, ягонагию ваҳдат, сулҳу субот, ноил гардидан ба дастовардҳои нав роҳнамоӣ мекунад. Аз ин рӯ ба ҳар як фарди ватандӯсти тоҷик воҷиб аст, ки бо як эҳсосоти баланди шаҳрвандию ифтихори миллӣ ва худшиносию масъулиятнокӣ эҳтиромии Парчами миллии Ватани соҳибистиқлоламонро баҷо биёранд.

Парафшонии Парчами миллӣ дар маъракаҳои расмии давлатӣ, чорабиниҳои сиёсию иҷтимоӣ, фарҳангию варзишӣ ва муносибатҳои байналмиллалӣ, ҳисси худшиносии миллии ҳар як ватандӯсту худшиносро бедор менамояд [12, с. 26].

Бояд зикр намуд, ки рамзҳои давлатӣ шиносномаи соҳибистиқлолии мамлакат буда, тавассути онҳо давлати моро тамоми ҷаҳон мешиносад. Рамзҳо мазмун ва моҳияти мушаххаси идеологӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоиву сиёсиро бар дӯш доранд. Бо эҳсосоти баланд муносибат намудан ба рамзҳои давлатӣ ифодаи муҳаббат ба Ватан аст. Табиатан ҳар инсоне, ки дар дилу дидааш меҳри Ватан ҷой дорад, парафшонии ливои миллӣ ба ӯ эҳсоси худшиносию арҷгузорӣ ба арзишҳои олии ватандорӣ мебахшад. Чунончӣ, ҳангоми садо додани Суруди миллӣ таппиши қалбҳоямон дигаргун мешавад, вуҷудамонро ифтихор ва шодиву сурур фаро мегирад.

Хулоса, чунин рукнҳои давлатдорӣ, аз ҷумла донистани таърихи пайдоиши Парчами давлатӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии аҷдодони гузашта, мақоми парчами

давлатӣ гирифтани «Дирафши Ковиёнӣ» бо ороишҳои он ва дигар парчамҳои минбаъдаи гузаштагон, бо ҳам пайвастагии рамзҳои парчамҳои аҷдодӣ ба Парчами миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол, муқаддасоти давлатӣ будани парчами миллӣ; воситаи дар ҷаҳон муаррифӣ кардани миллату мустақилияти тоҷикон, ба сӯи муттаҳидӣ, ягонагию ваҳдат, сулҳу субот, устувории давлат ва оянда сарфароз намудани миллат бо парчами миллӣ, ифтихормандӣ, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, дӯстию ҳамкорӣ бо дигар халқу миллатҳо дар ташаккули худшиносии миллии насли наврасу ҷавонон саҳми боварибахш мегузоранд.

Адабиёт:

1. Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006.-26с
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Қонуни амалкунанда. Санади қабул: 204.02.2017// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №1-2, мед.1
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».- Душанбе, 2010.- 29с.
4. Қарор «Дар бораи парчами Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикон». 20-марти соли 1953.
5. Маҳмудов Абдураҳмон. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ./Абдураҳмонов М.-Душанбе, 2016.-4с.
6. Набиева Р. Зикириёев Ф. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфҳои 11./ Р. Набиева, Ф.Зикириёев.-Душанбе, «Собириён» 2006. С.89.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе: Ганҷи нашриёт, 2010.-39с.
8. Раҳмон Сафар. Ҳазору як корнамоӣ. / С. Раҳмон, Ҷ.1. Сарпед. илм. энем. Тоҷикистон.-Душанбе: 1995-567с.
9. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. / Э.Ш. Раҳмонов-Душанбе: Ирфон, 1997.-138с
10. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар роҳи демократикунонии ҷамъият ва тамаддун./ Э.Ш. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 1996.-220с.
11. Раҳмонов, Э.Ш. Мақсади мо ягонагии миллат./ Э.Ш. Раҳмонов, Душанбе: Ирфон, 1997.-70с.
12. Тарбияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ.-Душанбе, 1991.-26 с.
13. Умарзода И. Таърихи тамаддуни ориён./ И. Умарзода, Душанбе: Шарқи озод, 2006.-558с.
14. Холмуродова Меҳрафрӯз. Таърихи оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ. Душанбе, «Эр-граф», 2017. с.163-173.
15. Хуҷамуродов Т. Рукнҳои асосии давлатдории тоҷикон. / Т. Хуҷамурод, Душанбе, Ирфон, 2012-99с .

МОҲИЯТ ВА НАҚШИ ПАЙДОИШИ ПАРЧАМИ МИЛЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ ДОДАНИ ҲИССИ ХУДШИНОСИИ НАСЛИ НАВРАСУ ҶАВОНОН

Муаллиф дар мақолаи мазкур дар бораи ташаккул додани ҳисси худшиносии миллии насли наврасу ҷавонон дар донистану дарк кардани моҳияти пайдоиши таърихи парчаму парчамдории тоҷикон маълумот додааст. Ӯ аз ҷумла қайд менамояд, ки донистану дарк кардани таърихи пайдоиши рамзҳои давлатӣ дар тарбияи худшиносии миллии насли наврасу ҷавонон аҳамияти хоса дорад, зеро дар ҷараёни тарбияи худшиносии миллӣ моҳияти рамзҳои давлатӣ, ҳокимияти давлатӣ, хусусияти фарқкунандаи он дар муқоиса бо дигар давлатҳо ба наврасону ҷавонон фаҳмонида мешавад, ки бо ин роҳ ифтихори худшиносӣ ва ватандории онҳо боло бардошта шавад. Дар мақолаи мазкур рамзҳои миллии давлатдорӣ, бахусус таърихи инкишофу ташаккули парчами миллӣ ба таври шоён инъикос карда шудааст.

Муаллиф дар мақолааш дар баробари овардани иқтибосҳо аз навиштаҳои муҳаққиқону донишмандон, инчунин фикру ақидаи худро низ баён намудааст.

Калидвожаҳо: Парчами миллӣ, аҷдод, ориёӣ, давлат, муқаддасот, ташаккул, ватандӯстӣ, рамз, тарбия, наврас, ҷавонон, насл, моҳият, таърих, бедор.

СУЩНОСТЬ И РОЛЬ ПРОИСХОЖДЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО ФЛАГА В ФОРМИРОВАНИИ ЧУВСТВА САМОПОЗНАНИЯ МОЛОДЕЖИ

В данной статье автор дал информацию о формировании чувства национального самосознания у молодого поколения в знании и понимании сути происхождения истории флага и флаговедения таджиков. Среди прочего он отмечает, что знание и понимание истории возникновения государственных символов имеет особое значение в воспитании национального самосознания подрастающего поколения, поскольку в процессе воспитания национального самосознания подросткам и молодежи разъясняется сущность государственных символов, государственной власти, ее отличительные черты по сравнению с другими государствами, тем самым повышается их самосознание и патриотизм. В данной статье хорошо отражены национальные символы государственности, особенно истории развития и становления государственного флага. В своей статье, наряду с цитированием работ исследователей и ученых, автор высказал и собственное мнение.

Ключевые слова: Государственный флаг, предок, арий, государство, святость, становление, патриотизм, символ, воспитание, подросток, юность, поколение, сущность, история, бодрствование.

THE ESSENCE AND ROLE OF THE ORIGIN OF THE NATIONAL FLAG IN THE FORMATION OF YOUTH'S SELF-KNOWLEDGE FEELING

In this article, the author gave information about the formation of a sense of national identity among the younger generation in the knowledge and understanding of the essence of the origin of the history of the flag and flag science of the Tajiks. Among other things, he notes that knowledge and understanding of the history of the emergence of state symbols is of particular importance in educating the national identity of the younger generation, since in the process of educating national identity, adolescents and youth are explained the essence of state symbols, state power, its distinctive features compared to other states, thereby increasing their self-awareness and patriotism. This article well reflects the national symbols of statehood, especially the history of the development and formation of the national flag. In his article, along with citing the works of researchers and scientists, the author expressed his own opinion.

Key words: State flag, ancestor, aryan, state, holiness, formation, patriotism, symbol, upbringing, teenager, youth, generation, essence, history, wakefulness.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷурахонзода Гулрӯи Сухроб докторанти (PhD)-и кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроғa: 735360, ҶТ, ш. Кулоб, к С.Сафаров-16. Тел.: (+992) 988488028

Сведения об авторе: Джурахонзода Гулру Сухроб - докторант (PhD) кафедри общеуниверситетской педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: *735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафаров 16.*
E-mail: **gulrui.suhrob.92@mail.ru**. Тел: **(992)988488028**

Information about the author: Jurahonzoda Gulrui Sukhrob - doctoral student (PhD) of the Department of General University Pedagogy of Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulyab, st. S. Safarov 16.
E-mail: **gulrui.suhrob.92@mail.ru**. Phone: **(992)988488028**

ББК-73+74 (2 тоҷ)
УДК-37.0 (2 тоҷ)
П-49

ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ (ДАР МИСОЛИ МТОК)

Пиров М.Н.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Татбиқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар ҳаёти инсоният, аз ҷумла дар муошират ва омӯзиш рӯз аз рӯз нақши болотареро касб мекунад. Вобаста ба ин, моро лозим меояд, ки аз технологияҳои муосир ҷиҳати таълими донишҷӯён ва умуман истифодаи бисёрҷабҳаи он дар ҷомеа самаранок истифода намоем.

Истифодаи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳавасмандии иштирокчиёни таълим: омӯзгорон ва донишҷӯён мебошад. ТИК ба ташаккули шахсияти эҷодии на танҳо донишҷӯ, балки омӯзгор низ мусоидат мекунад. Татбиқи имкониятҳои ТИК барои амалӣ намудани ниёзҳои асосии инсон – муошират, таҳсилот, худшиносӣ мусоидат карда, ҷорӣ намудани он дар раванди таълим барои баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо, озод кардани омӯзгор аз кори ҷории зиёдатӣ, баланд бардоштани ҷолибияти муаррифии мавод, фарқ кардани намудҳои вазифаҳо, инчунин гуногунсозӣ ва ҷолибияти машғулиятҳо мусоидат менамояд.

Як қатор тадқиқотҳо хусусиятҳои иловагии татбиқи маводи электронии таълими дар раванди таълимро ошкор карданд. Қурбонова У.Т. дар монографияи худ қайд менамояд, ки дар ташкили кор бо маводи электронии таълимӣ таҷҳизоти техникии донишгоҳҳо нақши муҳим мебозад. Аммо, муосиртарин таҷҳизоти техникӣ иҷрои бомуваффақияти маводи электронии таълимиро кафолат дода наметавонад [3, саҳ. 41].

Хусусиятҳои аксари технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба он асос ёфтааст, ки онҳо дар заминаи компютерҳои фардӣ сохта шудаанд. Компютерҳои фардӣ, ки ба системаи усулҳои дидактикӣ дохил карда шуда, барои инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон унсури муҳими методикаи фаннӣ гардидааст [5, саҳ. 38].

Татбиқи самараноки ТИК аз дастрасӣ ба таъминоти барномавии лозимӣ вобаста аст. Технологияи таълими барномарезишуда дар ибтидои солҳои 50-уми асри ХХ ба вуҷуд омадааст. Равоншиноси амрикоӣ Скиннер баҳри баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва азхуднамоии мавод, сохтани онро ҳамчун барномаи пайваста барои пешниҳоди як қисми иттилоот ва назорати онҳо технологияи таълими барномарезишударо пешниҳод кардааст [1].

Омӯзиши барномарезишуда раванди азхудкунии назоратшавандаи маводи таълимӣ бо ёрии компютер мебошад. Маводи таълимӣ як қатор қисмҳои хурди иттилоотиест, ки бо пайдарпайии муайяни мантиқӣ пешниҳод карда мешаванд.

Принсипҳои омӯзиши барномарезӣ мувофиқи пешниҳоди Скиннер чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад:

1.**Иерархияи дастгоҳҳои идоракунӣ.** Омӯзгор ба ҳайси мудири система дар ҳолатҳои ташкили системаи муайянкунандаи пешакӣ дар барнома, ёрии инфиродӣ ва танзими таълим мебошад.

2.**Принсипи бозгашт.** Шогирдон имконияти маводи таълимиро фаҳмидан ва омӯзгорон бошанд, имконияти танзиму ислоҳ карда тавонистанро доранд.

3.**Марҳилаи раванди технологияи қадам ба қадам**. Пайванди ба ҳам алоқамандӣ: иттилоот, амалиёт бо фикру мулоҳиза ва назоратро дар бар мегирад.

4.**Фардияти раванди иттилоот**. Ҳар як шахс бо суръате пеш меравад, ки барои ӯ мусоид аст. Бо татбиқи имкониятҳои ТИК имконияти баргаштан ба иттилоот ва порчаҳои алоҳидаи он мавҷуд аст.

Фарҳанги иттилоотии омӯзгор ҷузъи идеявию технологиро дар бар мегирад. Ҷузъи идеявӣ аз хусусиятҳои ахлоқӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, эмотсионалӣ ва эстетикӣ иборат буда, муносибати арзишманди омӯзгорро ба кор тавассути иттилоот инъикос мекунад. Ҷузъи идеявию технологӣ - аз малакаҳои иттилоотӣ, ки бо таҳияи усулҳои оқилонаи ҷустуҷӯ ва коркарди мустақилонаи иттилоот бо истифода аз технологияҳои коммуникатсионӣ алоқаманд буда, иборат аст.

Дар муҳити муосири таълимӣ технологияҳое, ки фаъолият ва мустақилияти донишҷӯёнро таъмин мекунанд, ҷои махсусро ишғол менамоянд. Ин ба методологияи ҳамкорӣ мувофиқат мекунад. Дар ин намуди омӯзиш донишҷӯён аҳамияти кумак ба ҳамдигарро дарк месозанд. Кор тавре ба роҳ монда шудааст, ки супориш на ба сардори гурӯҳ, балки ба хар як аъзои гурӯҳ вобаста бошад. Намунаи барҷастаи технологияи фаъолсозӣ, ки ба фаъолияти мустақили донишҷӯён асос ёфтааст, омӯзиши лоиҳавӣ мебошад. Омӯзиши лоиҳавӣ ба ташаккули малакаҳои зеҳнӣ, эҷодӣ ва коммуникативии донишҷӯён мусоидат мекунад, аз ҷумла:

- қобилияти кор бо матн (чизи асосиро таъкид кардан, маълумоти заруриро пайдо кардан ...)
- тахлили иттилоот;
- хулоса баровардан;
- муқоиса ва эҷоди якхела;
- баёни мухтасари фикру мулоҳизаҳо.

Истифодаи ТИК имкониятҳои дидактикии марбут ба визуализатсияи мавод, "эҳёи он", қобилияти сафарҳои визуалӣ, қобилияти тасаввур кардани он падидаҳоеро, ки бо роҳҳои дигар нишон додан ғайриимкон аст, фароҳам меорад ва ба мо имкон медиҳад, ки назорат ва омӯзишро якҷоя намоем.

Системаҳои мултимедиявӣ имкон медиҳанд, ки пешниҳоди маводи дидактикӣ то ҳадди имкон қуллай ва аёнӣ гардад, ки шавқу рағбатро ба омӯзиш афзоиш дода, камбудии камтаваҷҷуҳии донишҷӯёнро бартараф намояд. Қисми ҷудонашавандаи кор оид ба таҳия ва татбиқи воситаҳои таълими компютерӣ дар раванди таълим, методологияи омода ва гузаронидани лексияҳо бо истифода аз ТИК мебошад. Қисми асосии лексия пешниҳоди мавод оид ба масъалаҳо буда, бо ҳамроҳии маводи намоишии видеоӣ: видеослайдҳо – порчаҳои муқаррароти асосии назариявии мавзуи пешниҳодшаванда, ҷадвалҳо, диаграммаҳо, графикҳо, формулаҳои математикӣ ва моделҳои таҳиякардаи лектор инъикос мегардад.

Самтҳои асосии истифодаи ТИК дар раванди таълим дар замони муосир чунин арзёбӣ мегарданд:

1. Баррасӣ ва таҳлили маводи таълимӣ дар васоити электронӣ. Интихоб ва банду басти мавод ба блокҳои пурмазмун бо назардошти қобилиятҳои инфиродии донишҷӯён.

2. Андешидани усулҳои ҳавасмандгардонии донишҷӯён бобати аз худ намудани маводи таълимӣ.

3. Кумак ба донишҷӯён дар азхудкунии малакаҳои кор дар компютер, пайгирии душвориҳои мушаххасе, ки бо муносибат ба шакли компютерии муошират, хусусиятҳои пешниҳоди иттилоот алоқаманданд.

4. Таҳияи супоришҳои назоратӣ, меъёрҳои арзёбӣ, усулҳои таҳлили хатогиҳо. Таҳияи тестҳо дар барномаи "Блокнот".

5. Ташкили машваратҳо ҳангоми омӯзиши курси таълимӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои шахсӣ, тарбиявӣ, коммуникатсионии донишҷӯён нигаронида шудаанд.

6. Пайгирӣ ва муайян кардани динамикаи дастовардҳо: дар маҷмуъ гурӯҳ ва ҳар як донишҷӯ дар алоҳидагӣ.

Мавқеи технологияи иттилоотӣ дар таълим: ҳангоми омодагӣ ба дарс, дар давоми дарс ва дар фаъолияти таҳқиқоти лоиҳавӣ.

Модели истифодаи ТИК дар синф:

- Намоиши презентатсияи компютерӣ;
- Санҷиш бо ҷавобҳои чандвариантдор;
- Навиштани диктант, асар, маърӯза;
- Инкишоф додани махорати техникӣ бо ёрии барномаҳои омӯзишии компютерӣ;
- Истифода аз китобҳои дарсии электронӣ.

Истифодаи вариантҳои боло сарфаи вақт ва самаранокии раванди таълим мусоидат мекунад.

Модели истифодаи ТИК берун аз синф:

- Ҷустуҷӯи маълумот аз Интернет ва дигар манбаъҳо;
- Муайянсозии афзалият дар бораи ҷаҳони атроф;
- Тайёр кардани нутқ ва худи намоиш бо истифода аз презентатсияҳо.

Вақте ки омӯзгор ҷараёни ҳамоҳангшудаи тасвирҳои садоӣ ва визуалиро дарк мекунад, барои вай ҷалби таваҷҷуҳи аудитория ва таълим додан ба донишҷӯён осонтар мешавад. Ҳамзамон омӯзгор ба шогирдон на танҳо аз ҷиҳати иттилоотӣ, балки аз ҷиҳати эмотсионалӣ низ таъсир расонида метавонад.

Татбиқи мултимедиа муҳити омӯзиши бисёрҷабҳаро эҷод мекунад. Иштироки тамоми ҳиссиёт боиси ба таври истисноӣ баланд шудани дараҷаи азхудкунии мавод нисбат ба усулҳои анъанавӣ мегардад. Омӯзиш бо истифода аз воситаҳои аудиовизуалии пешниҳоди мураккаби иттилоот шакли пуршиддати таълим мебошад.

Муошират инфиродӣ бо ёрии видео, графика, матн ва садои нутқӣ чунон пуршиддат аст, ки он ба қадри имкон раванди таълимро осон мегардонад. Ҳалли масъалаи татбиқи ҷараёнҳои информатсионӣ (садо, матн, графика, видео) компютерро ба воситаи универсалии таълимӣ ва иттилоотӣ барои қариб ҳама соҳаҳои дониш ва фаъолияти инсон табдил медиҳад. Ва ин тасодуфӣ нест, зеро тибқи маълумоти ЮНЕСКО, танҳо 12% иттилоот бо дарки аудио, тақрибан 25% бо визуалӣ ва то 65% иттилооти даркшуда бо аудиовизуалӣ аз худ карда мешаванд [9].

Ҳангоми татбиқи модели педагогӣ сатҳи ташаккули фарҳанги иттилоотии омӯзгор: репродуктивӣ, мутобиқшавӣ ва эҷодӣ бояд ба назар гирифта шавад.

1. Сатҳи репродуктивӣ бо донишҳои системанашуда оид ба фарҳанги иттилоотии омӯзгор ва нақши он дар навоварӣ, ташкили номуназзами кор дар муҳити иттилоотию таълимӣ, истифода набурдани технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти таълимӣ ва илмӣ ба баҳои паст тавсиф мешавад. Фоиданок будани кори андешидашуда бо иттилоот, натавонистани фаъолият ва сатҳи фарҳанги иттилоотӣ бо таҷрибаи иҷтимоӣ ва касбӣ алоқаманд мебошад.

2. Дараҷаи мутобиқшавӣ бо муносибати вазъияти ба ҳалли масъалаҳои касбӣ, қаноатмандӣ аз натиҷаҳои бадастомада бидуни муайян кардани дурнамои рушди минбаъда, азхудкунии нопурраи донишҳои асосии муосир хос аст.

3. Сатҳи эҷодӣ маънои онро дорад, ки муаллим пайваста ба баланд бардоштани сатҳи фарҳанги иттилоотӣ, донишҳои систематикӣ дар соҳаи фарҳанги иттилоотӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳои инноватсионӣ, тартиб додани лоиҳаҳо машғул мебошад.

Воситаҳои асосии мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои таълимии донишҷӯён дар ТИК тестҳо ва супоришҳои тестӣ мебошанд, ки имкон медиҳанд намудҳои гуногуни назорат: ҷорӣ, мобайнӣ, охир ва ниҳоӣ роҳандозӣ карда шавад.

Мақсади назорати ҷорӣ баҳодиҳии омодагии ибтидоии донишҷӯ ба ин фан, яъне дараҷаи донише, ки ӯ барои бомуваффақият аз худ кардани курс зарур аст, мебошад. Назорати фосилавӣ санҷишест, ки аз 5-10 супориш иборат буда, фавран пас аз маводи омӯхташуда амалӣ карда мешавад ва барои баҳодиҳии суръати азхудкунии он пешбинӣ шудааст. Охир – дар асоси омӯзиши мавзуъ, фасли курс амалӣ карда мешавад.

Назорати ниҳоӣ дар охири курс пешбинӣ гардида, мазмуни онро дар маҷмуъ фаро мегирад. Натиҷаҳои он ҳамчун асос барои баҳодиҳии сатҳи дониш хизмат мекунанд.

Санҷишҳо метавонанд дар реҷаи On-Line (дар компютер дар реҷаи интерактивӣ гузаронида шаванд, натиҷа аз ҷониби система ба таври худкор баҳо дода мешавад) ва офлайн (версияи электронӣ ё чопии тест истифода мешавад; муаллим натиҷаҳоро арзёбӣ мекунад) гузаронида шавад.

Вобаста ба вазифаи педагогӣ вариантҳои гуногуни назоратро амалӣ кардан мумкин аст: худсанҷиши нарм, худсанҷиши сахт, санҷиши назоратӣ.

Ҳангоми санҷиши нарм, донишҷӯ имкон дорад, ки такроран кӯшиш кунад, ки ба савол ҷавоб диҳад (то даме, ки ҷавоби дурустро интихоб кунад). Дар санҷиши қатъии худтанзимкунӣ танҳо як кӯшиш барои ҷавоб дода мешавад, аммо натиҷааш ба муаллим хабар дода намешавад. Ин вариантҳо, чун қоида, имконияти истинод ба маводи китоби дарсиро пешбинӣ намуда, ҳамчун қисми таркибии он амалӣ мегарданд. Варианти охирин тахмин мекунад, ки натиҷаи санҷиш ҳангоми арзёбии сатҳи дониш ба назар гирифта шавад.

Шарти муҳими татбиқи имкониятҳои ТИК дар муассисаҳои таълимӣ мавҷудияти таҷҳизоти синфи компютерӣ, беҳтараш мавҷудияти шабакаи маҳаллӣ ва дастрасӣ ба Интернет; омодагии муаллим ба истифодаи ТИК дар раванди таълим, мебошад.

Тибқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар давоми ҳафта шумораи дарсҳо бо истифода аз ТИК набояд аз 3-4 дарс барои хонандагони марҳилаи якум, 4-6 дарс барои донишҷӯёни марҳилаҳои дуюм ва сеюм зиёд бошад. Пас аз машқ бо терминали видео-дисплей (VDT) гимнастикаи чашмро, ки дар ҷои кор анҷом дода мешавад, гузаронидан лозим аст.

Бояд гуфт, ки истифодаи ТИК дар ҳамгироӣ бо дигар технологияҳои таълим якдигарро инкор накарда, балки ҳамдигарро пурратар мекунанд.

Дар замони муосир бо мақсади истифодаи имкониятҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим аз ҷониби мутахассисон афзорҳои гуногунии компютерӣ таҳия гардидааст. Мо дар кори илмии худ ба омӯзиш ва татбиқи муосиртарин афзори электронӣ **Moodle, kahood ва Padlet** дар раванди таълим таҳқиқ менамоем.

Moodle яке аз системаҳои маъмули идоракунии омӯзиши электронӣ мебошад. Ҳоло дар ҷаҳон зиёда аз як миллион захираҳо мавҷуданд, ки бо Moodle кор мекунанд. Аксарияти ширкатҳо аз сабаби ройгон будани истифодаи Moodle аз имкониятҳои он барои омӯзонидани кормандони худ васеъ истифода мекунанд [4].

Moodle як системаи ба веб асосёфта барои ташкил ва идоракунии таълими фосилавӣ мебошад, ки соли 2001 ба кор андохта шудааст. Он дар домени ҷамъиятӣ аст: мо метавонем онро аз вебсайти расмӣ зеркашӣ кунем ва ё дар компютери худ насб кунем. Система зиёда аз 120 забон, аз ҷумла забони русӣ ва тоҷикиро дастгирӣ мекунад.

Бастаи насби Moodle аз се унсур иборат аст: рамзи Moodle, ки ба сервери веб бор карда мешавад; пойгоҳи додаҳо аз ҷониби MySQL, PostgreSQL, Microsoft SQL Server, MariaDB ё Oracle идора карда мешавад, ки ба ҳайси захира барои файлҳои боршуда ва тавлидшуда хизмат мерасонад. Ҳар се қисм метавонанд ҳам дар як сервер ва ҳам дар якчанд сервер барои тақсимоти сарборӣ кор кунанд.

Ҳамчун системаи ҳамкории муаллимон ва донишҷӯён, Moodle вазифаҳои зеринро ҳал мекунад:

- ташкил ва идоракунии курси фосилавӣ;
- идора кардани корбарон дар курс;
- дастрасии дифференсиалӣ барои иштирокчиёни портали таълимӣ;
- пайгирии иҷрои унсурҳои таълимӣ - ҳам аз ҷониби омӯзгор ва ҳам аз ҷониби донишҷӯён;
- нашри маводи таълимӣ дар шаклҳои гуногун: графика, матнҳо, аудио, видео.

Moodle дорои нақшаи чандири мундариҷа мебошад. Мо метавонем ҷадвалҳои одиро ба мисли файлҳо ва ҷузвдонҳо ва ё нақшаҳои мураккабтар: бахшҳои Wiki, луғатҳо (донишҷӯён метавонанд пур кунанд), супоришҳо, шаклҳои гуногуни санҷишро бо он бор кунем.

Муҳимтарин бартарӣ, ки корбарони эҳтимолӣ фавран ба он таваҷҷуҳ мекунанд, истифодаи ройгони Moodle мебошад. Система аз рӯи шакли кушодаасос - рамзи кушодаасос кор мекунад. Аз ин рӯ, ҷомеаи васеи барномасозон мунтазам васеъшавӣ ва модулҳои муфидро дар муҳити Moodle эҷод мекунанд - ҳоло тақрибан 1500 адади онҳо мавҷуданд. Масалан:

- модулҳои видеоконфронс;
- суҳбатҳои аудио ва видео;
- плагин барои илова кардани саволҳо, шарҳҳо ва қайдҳо ба маводи таълимӣ дар ҳуҷҷати PDF;
- модулҳои ҳавасмандкунӣ;
- ҳисоботи интерактивӣ оид ба барномаи таълимӣ;
- фиристодани оммавии паёмҳо;
- портфели электронӣ.

Аз сабаби версияи ройгон ва чандирии танзимот, Moodle дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳо, инчунин аз ҷониби мураббиён барои омӯзиши шахсӣ ва ташкили курсҳои фосилавӣ фаъолона истифода мешавад.

Имкониятҳои системаи Moodle. Ҳамчун администратор дар Moodle, метавонем вазифаҳои зеринро иҷро кунем:

- ташкил ва идоракунии курс;
- илова кардани донишҷӯён;
- баҳо додан ба пешрафт;
- пайгирии пешрафти донишҷӯён;
- дастрасӣ ба маводи таълимӣ ва маҳдуд намудани блокҳои курсӣ.

Хусусиятҳои асосии Moodle-ро муфассалтар дида мебароем.

Дар байни унсурҳои таълимӣ инчунин мақолаҳои вики, луғат, форумҳо, чатҳо мавҷуданд. Вики маҷмуи ҳуҷҷатҳои веб мебошад, ки донишҷӯён якҷоя эҷод мекунанд. Асосан, ин як саҳифаи веб ҳаст, ки хоҳишмандон метавонанд дар браузер бидуни дониши зарурии HTML эҷод кунанд.

Луғатро дар Moodle дар форматҳои гуногун сохтан, ҷустуҷӯ кардан ё дидан мумкин аст. Ҳама сабтҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Дар лексияҳо истилоҳоте, ки дар луғат мавҷуданд, ба таври худкор бо истинодҳо ишора карда мешаванд.

Бо истифода аз пурсишҳо ва саволномаҳо мо метавонем тест гузаронем, дар бораи омӯзиш фикру мулоҳизаҳо ҷамъ кунем ё фикри аксариятро дар бораи ягон қарори система фаҳмем. Ҳарду элемент дар система сохта шудаанд - саволномаҳо бо саволҳои тайёр ҷамъоварӣ карда мешаванд ва пурсишҳо аз ҷониби мудир тартиб дода мешаванд.

Moodle ба мо имкон медиҳад, ки сенарияҳои гуногуни педагогиро барои омӯзиши тафриқа ташкил намоем. Одатан, маъмурон ду сенарияи умумиро истифода мебаранд:

- интихоби гурӯҳ - мундариҷа барои ҳар як гурӯҳ сохта мешавад;
- маҳдудияти дастрасии унсурҳо - агар шунавандагони курс аз викторина ё пурсиш дар мавзуи 1 нагузаранд система ба онҳо дастрасӣ ба мундариҷаи мавзуи 2-юмро иҷозат намедиҳад.

Системаи таҳлилии дарунсохт гузоришҳое тавлид мекунад, ки сатҳи фаъолияти корбарони платформаро нишон медиҳанд: чанд нафар курсҳоро тамошо кардаанд, кадоме аз онҳо шарҳ додаанд.

Системаи Moodle-ро тавассути барномаи расмии мобилӣ идора кардан мумкин аст. Бо ин роҳ мо метавонем:

- мундаричаи курсро ҳатто ҳангоми офлайн будан бинем;
- гузоштани огоҳиҳо дар бораи рӯйдодҳои курс (паёмҳо, санҷишҳои гузашта ва ғ.);
- бо иштирокчиёни курс зуд пайваст шавем;
- бор кардани мундарича ва таҳрири он;
- пешрафти шогирдонро пайгирӣ намоем;

Камбудиҳои Moodle. Бо вуҷуди афзалиятҳои зиёд системаи Moodle дорои як қатор камбудиҳо низ мебошад:

Барои ташкили омӯзиш ва курсҳои мукаммал, система бояд насб карда шавад. Ин сервер ё хостинг, номи домен ва ғайраро талаб мекунад. Агар мо дониш ва таҷрибаи зарурӣ надошта бошем, бояд мутахассиси IT-ро киро намоем. Дар натиҷа, ташкили хидмат як кори гаронбаҳо мегардад.

Moodle ба сервер серталаб аст. Хостинги ройгон ба шумо имкон медиҳад, ки танҳо версияҳои кӯҳнаи системаро насб кунед. Илова бар ин, хизматрасонӣ захираҳои зиёдеро сарф мекунад, ки хароҷоти молиявиро зиёд мекунад.

Сарфи назар аз навсозиҳои зуд-зуд, Moodle дорои интерфейси хеле кӯҳна ва ба корбарон дӯстона нест. Агар мо хоҳем, ки идоракунии курсро қулайтар кунем, бояд тамоми системаро алоҳида танзим кунем.

Moodle системаи бузурги дорои хусусиятҳои фаровон аст, ки баъзеи онҳо танҳо истифода намешаванд. Ва мо метавонем онҳоро танҳо бо ёрии барномасозон хориҷ кунем.

Ба система бештар донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Аксари плагинҳо махсусан барои таълим сохта шудаанд. Барои соҳаи тиҷорат Moodle чандирӣ ва миқёспазирӣ надорад. Барои ҳамгироии система бо қарорҳои ба тиҷорат зарурӣ, мо бояд кӯшиши зиёд ба харҷ диҳем ва мутахассисони ботаҷрибаро ҷалб созем.

Воситаҳои таҳлилӣ мавҷуданд, аммо онҳо амиқ ва фарогирии вазифаҳои тиҷоратро таъмин намекунанд. Фаромӯш набояд кард, ки Moodle шаҳодатномаҳои хатми курсро намедиҳад.

Система дорои интерфейси интуитивӣ ва муосир мебошад, ки барои омӯхтан вақти зиёдро талаб намекунад. Маҳсулот мунтазам бо назардошти тамоюлҳои муосири идоракунии кадрҳо ройгон нав карда мешавад.

Роҳбарон ба таълими тобеони худ ҷалб карда мешаванд, онҳо метавонанд онро таъйин ва таҳрир кунанд, натиҷаҳои омӯзишро барои ҳар як корбар омӯзанд. Мо метавонем ба шахси навкор нақшаи мутобиқшавӣ таъйин кунем ва раванди гузаришро назорат намоем. Аз сабаби маҷмуи функсияҳо ва схемаи тақсимоти ройгон, системаи идоракунии омӯзиши Moodle барои донишгоҳҳо ва ширкатҳо мувофиқ аст.

Kahoot - платформаи омӯзишии шавқовар аст, ки дар синфхонаҳои мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ истифода мешавад. Сайт феҳристи бозиҳои таълимиро пешкаш мекунад. "Kahoots" - ҳар яки онҳо викторинаест, ки саволҳои интихоби чандкаратаро дар бар мегиранд. Сомона метавонад дар браузери веб ва аз соли 2017 дар барномаҳо барои дастгоҳҳои мобилӣ истифода шавад (бо забонҳои камтар дастрас аст). Кахут метавонад барои санҷидани дониши хонандагону донишҷӯён ва ё ҳамчун самараноктар гузаронидани танаффус истифода шавад [11].

Кахут барои фаъолияти гурӯҳӣ пешбинӣ шудааст. Донишҷӯён дар атрофи як экрани муштарак ҷамъ мешаванд, ба монанди тахтаи интерактивӣ, проектор, монитор ё экране, ки ба таври виртуалӣ муштарак, аз қабили тавассути VNC, Jitsi, Skype ё Google Hangouts. Бозӣ оддӣ аст: ҳама бозигарон дар як вақт дар дастгоҳҳои худ ба саволҳо ҷавоб медиҳанд. Саволҳо як-як дар экран ба донишҷӯён нишон дода мешаванд. Иштирокчиён барои ҳар як ҷавоби дуруст холҳо мегиранд. Дар охири викторина, дар экран шумораи холҳои ҳамаи иштирокчиён ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳои ӯ нишон дода мешаванд.

Барои иштирок дар бозӣ сабти ном шарт нест. Викторинаҳоро аз каталоги сайт интихоб кардан мумкин аст. Шумо инчунин метавонед викторинаҳои нав эҷод кунед - аксар вақт ин вазифаро роҳбари дарс, масалан муаллим иҷро мекунад. Вақти ҷавоб барои ҳар як савол такрибан бо 30-60 сония маҳдуд аст.

Кахут соли 2012 аз ҷониби донишҷӯён ва омӯзгорони Донишгоҳи илм ва технологияи Норвегия сохта шудааст. Сайт дар бетаи хусусӣ дар SXSWedu дар моҳи марти соли 2013 ва барои истифодаи ҷамъиятӣ дар моҳи сентябри соли 2013 оғоз ёфт. Дар соли 2016 Kahoot хусусияти нав - Jumble -ро сохт, ки дар он иштирокчиён набояд ҷавобро интихоб кунанд, балки ҷавобҳоро бо тартиби дуруст ҷойгир кунанд.

Дар моҳи марти соли 2017, Kahoot дар маҷмуъ, ба як миллиард бозигари ширкаткунанда расид ва дар моҳи май ширкат дар бораи 50 миллион корбари беназири фаъоли ҳармоҳа гузориш медиҳад. Аз соли 2017 Kahoot аз Northzone, Creandum ва Microsoft Ventures, инчунин сармоягузорони хусусии Норвегия 26,5 миллион доллар маблағ ҷамъ овард. Аз 11 октябри соли 2018, даромади Kahoot ба 300 миллион доллар расид.

То соли 2020, платформа зиёда аз 70 миллион корбарони беназири ҳармоҳа дошт, ин рақам рӯз аз рӯз зиёд гардидаистодааст. Имрӯзҳо таъсири истифодаи Kahoot ба ҷараёни таълим мавзуи таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Сарфи назар аз набудани интерфейси русӣ (тарҷумаи худкор дар браузер имконпазир аст, аммо на дар барнома), Kahoot дар байни омӯзгорону донишҷӯёни Федератсияи Россия шуҳрат пайдо кардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад истифодаи он аҳён-аҳён ба назар мерасад.

Padlet – тахтаи электронии онлайн барои омӯзгорон мебошад. Истифодабарӣ аз он сода ва қулай аст. Тахтаи Padlet воситаи қулай барои истифода дар дарси онлайн дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аст, ки дар он мо метавонем қайдҳо, аксҳо, видеоҳо, файлҳо ва истинодҳоро ҷойгир намоем [6].

Барномаи Padlet ба ҳар як донишҷӯ имкон медиҳад, ки кори худро дар тахта гузорад ва омӯзгор бидуни сарфи вақти зиёд ва ҷамъоварӣ кардани дафтарҳои вазнин ҳар яки онҳоро шарҳу баҳогузорӣ кунад.

Сохтани тахтаҳои онлайнӣ ва саҳифаҳо дар он маҳдуд набуда, омӯзгор метавонад тахтаро барои ҷамъ овардани мавод дар мавзуи муайян истифода барад. Padlet-ро дар синф бо мақсадҳои зерин истифода бурдан мумкин аст [10]:

- ✓ Барои аз нав дида баромадани он чизе, ки дар дарси гузашта омӯхта шудааст;
- ✓ Барои баррасии муштараки мавзуъ;
- ✓ Барои вохӯриҳо бо донишҷӯён ё муаллимон.
- ✓ Барои банақшагирии чорабиниҳо.

Padlet як ширкати оғози технологияҳои таълимӣ дар Сан-Франсиско, Калифорния ва Сингапур аст. Padlet нармафзори ба абр асосёфтаро ҳамчун хидмат пешкаш мекунад, ки дар вақти воқеӣ платформаи муштараки веб дорад, ки дар он корбарон метавонанд мундариҷаро ба тахтаҳои бюллетенҳои виртуалӣ бо номи "padlets" бор карда, мубодила кунанд [7].

Padlet Inc як барномаи интернетиро идора мекунад, ки ба одамон имкон медиҳад, то андешаҳои худро дар мавзуи умумӣ баён кунанд. Padlet Inc қаблан ҳамчун Wallwisher, Inc маъруф буд ва дар моҳи феврали соли 2013 номи худро ба Padlet Inc иваз кард.

Аслан ширкати Wallwisher дар соли 2008 аз ҷониби Нитеш Гоел ва Пранав Пиюш, ду дӯсти ҳиндустонӣ таъсис дода шуда, дар соли 2012 бо маблағгузории акселератори Start-Up Chile таъсис дода шуд [8]. Дар соли 2013, Padlet ба таври иловагӣ аз ҷониби суръатдиҳандаҳои Y Combinator ва ImagineK12 дастгирӣ карда шуд [6]. То моҳи ноябри соли 2020, ширкат дар се даври маблағгузорӣ зиёда аз 13 миллион доллар ҷамъ овард.

Дар соли 2018 ширкат барои гузариши ногаҳонӣ аз хидмати ройгон ба модели нархгузории пулакӣ танқид карда шуд. Ҳангоми пандемияи COVID-19, Падлет

афзоиши шумораи корбаронро дид, ки ба истифодаи он аз ҷониби омӯзгорон ва донишҷӯён пас аз афзоиши омӯзиши фосилавӣ дар саросари ҷаҳон марбут аст. Дар соли 2021, платформа дар посух ба ҳолатҳои сершумори мундариҷаи таҳқиромез, аз ҷумла маводи нажодпарастӣ, антисемитӣ ва порнографӣ, ки дар ҳисобҳои донишҷӯёни Padlet нашр мешаванд, таҷрибаҳои қавии модератсияи мундариҷаро қабул кард. Хусусияти платформа дар он аст, ки дар як вақт якчанд нафар метавонанд аз он истифода баранд, масалан, ҳамаи донишҷӯён дар як ҳолат аз маконҳои гуногун метавонанд, кори якдигарро дида, изҳори назар кунанд.

Padlet тахтаи виртуалии сафед. Тахтаи виртуалӣ - тахтае дар Интернет, ки муаллим метавонад бо ёрии он вазифаҳои гуногуни таълимӣ ва тарбиявиро ҳал кунад. Padlet ба мо имкон медиҳад, ки – зерматнҳо ва матнҳои иловагӣ, графика, файлҳо, истинодҳо ба видеоҳоро ҷойгир кунем. Мо метавонем ҷойгиркунии матнҳои иловагӣ ва ё ҷудогонаро бо тартиби муайян танзим кунем. Ҳамзамон, имконияти ҷойгир кардани рейтинг ва шарҳ дар системаи мазкур мавҷуд аст.

Дар банақшагирӣ, раванди машғулиятҳо ва назорати корҳои мустақилонаи шогирдон Padlet-ро чунин истифода бурдан мумкин аст:

1. Агар шумо як ҳикояро нақл кунед, аз донишҷӯён хоҳиш кунед, ки оянда чӣ мешавад. Бигзор онҳо тамоми андешаҳои худро дар тахта гузоранд. Муҳокима кунед, ки пешгӯиҳои онҳо то чӣ андоза дуруст будаанд.

2. Барои қайди якҷоя. Вақте ки донишҷӯён лексия ё презентатсияро гӯш мекунанд, аз онҳо хоҳиш кунед, ки идеяҳои асосӣ ё саволҳоеро, ки дар давоми дарс ба миён меоянд, якҷоя ба тахта илова кунанд.

3. Барои вохӯрӣ бо донишҷӯён ё омӯзгорон. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҳамаи фикрҳо ва саволҳояшонро ба як тахта илова кунанд ва дар охири ҷаласа муҳокима кунанд.

4. Галереяи рамзҳои QR эҷод кунед. Донишҷӯён метавонанд тахтаеро бо маълумот, тасвирҳо ва истинодҳо дар мавзуи мушаххас созанд ва сипас барои он рамзи QR тавлид кунанд. Рамзҳои натиҷавӣ метавонанд дар атрофи синф овезон карда шаванд. Ин вазифаи ғайриодӣ ва шавқовар аст, ки на танҳо барои омӯхтани мавзуи муайян, балки барои баланд бардоштани саводнокии техникии хонандагон имкон медиҳад.

5. Падлет барои истифода ҳамчун системаи нигаҳдории ҳуҷҷатҳо тавассути бор кардани мавод ба тахта қулай аст, ки барои зеркашӣ дар вақти дилхоҳ дастрас хоҳанд буд.

6. Дар бораи экскурсия ё воқеаи саҳроӣ гузориш тайёр кардан. Ҳамзамон, мо метавонем аксҳои донишҷӯён ва шаҳодатҳои онҳоро дар тахта ҷойгир кунем.

7. Сохтани тахтаи Padlet метавонад вазифаи мустақил бошад. Шумо метавонед ба донишҷӯён интихоби таҳияи гузориш, презентатсия, плакати интерактивӣ, корти хотира ё Padlet пешниҳод кунед. Натиҷаи иҷрои супоришҳоро метавонед дар вебсайт ё блоги синф интишор намоед.

8. Мо метавонем бо истифода аз тахта маводро дар мавзуи муайян якҷоя ҷамъ кунем. Донишҷӯён метавонанд ҳамчун як синф ё гурӯҳҳо кор кунанд. Ҳама захираҳо дар як ҷо ҷамъ карда мешаванд ва ҳеҷ гоҳ талаф намешаванд.

9. Ҳамчун номгӯи маводи иловагӣ оид ба мавзуъ. Бо истинод ба мақолаҳо, аксҳо ва видеоҳои омӯзишӣ тахта эҷод кунед ва истинодро мубодила кунед. Чунин тахта барои онҳое, ки мавзуъро чуқур омӯхтан мехоҳанд ва барои онҳое, ки аз дарс мондаанд, бисёр ҷолиб мебошад.

10. Барои зуд илова кардани сарлавҳаҳо ба тасвир. Тасвирро ҳамчун замина бор кунед ва сипас ба қисмҳои гуногуни тасвир қайдҳо илова кунед.

11. Барои шиносоӣ дар аввали сол. Мо метавонем тахтаеро эҷод карда, аз донишҷӯён хоҳиш кунем, ки тахтаҳои худро созанд. Онҳо метавонанд дар бораи худ ҳар гуна маълумотро илова кунанд. Дар охири сол бошад, мо метавонем боз як вазифаи

дигарро иҷро кунем: ба он чизе ки дар давоми як соли охир тағйир ёфтааст, назар карда, дар бораи тағйирот суҳбат кунем.

Барои эҷоди тахтаи синфии маҷозӣ сабти ном лозим нест. Дилхоҳ истифодабаранда метавонад ба лоиҳа унсурҳои гуногун: акс, видео, аудио, истинодҳо, файлҳои матнӣ илова намояд. Ҳамзамон, имконияти зерсаҳифаи навро тавассути зер кардани лавҳаи "Создать стену" аз панели вазифаҳо эҷод кунем. Дар бахши "Модифицировать" мо метавонем ҳама чизеро, ки тағйир медиҳем, бубинем.

Агар мо бидуни сабти ном саҳифа эҷод кунем, пас аз 24 соат лоиҳаро таҳрир карда наметавонем. Мо ба ҳар ҳол метавонем дар он сабт кунем, аммо танзимоти тағйир додани номҳо, танзимоти махфият ва ғайра дастрас нестанд. Танзимоти таҳриркунӣ ва махфият пас аз бақайдгирӣ дастрас мегарданд.

Нуктаи дигари муҳим ин аст, ки "тахтаҳо" на танҳо ба осонӣ дар вебсайт ё блог дар шакли коди HTML ҷойгир карда мешаванд, балки инчунин, дар форматҳои JPEG, PDF, Excel, CSV сохта мешаванд. Кори система пурра бо забони русӣ буда, мо метавонем маълумоти бештарро аз лавҳаи дастурҳо хонда шинос шавем.

Хусусиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бисёрҷабҳа ва доманадор мебошад. Омӯзиш ва татбиқи имкониятҳои муосиртарин афзорҳои электронӣ барои болоравии сатҳу сифати таълим таъсири мусбӣ хоҳад расонд. Масъулини муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки дар шароити ҷаҳонишавии таҳсилот аз имконияти афзорҳои электронии муосир истифода намоянд.

Адабиёт:

1. Американский психолог Скиннер: Советские люди – гордые. http://ttolk.ru/articles/amerikanskiy_psiholog_skinner_sovetskie_lyudi_-_gordyie(21.06.2022)
2. Использование ИКТ в учебном процессе один из способов повышения мотивации обучения. https://gigabaza.ru/doc/87434.html (дата обращения: 10.04.2022 г).
3. Курбонова У.Т. Моделирование электронных образовательных ресурсов (научная монография). – Душанбе, 2021г. – 142 с.
4. Обзор системы дистанционного обучения (дата обращения: 01.07.2022 г).
5. Рафиев С.А. Комплексный подход к внедрению информационно-коммуникационных технологий обучения математике в вузах Таджикистана (монография). – Душанбе, 2019 с. 148 стр.
6. https://en.wikipedia.org/wiki/Padlet (дата обращения: 22.07.2022 г).
7. https://padlet.com/sergeyvolkov/b28pdu3se7p6rlen?fbclid=IwAR1QnwWhaWOqA8JCUlzoLCFuQY3ko3dHKttfilHpGXv7aIpEngDwuUoVhW4
8. https://padlet.com/sgpucdo/Bookmarks
9. https://ru.unesco.org/themes/ikt-v-oblasti-obrazovaniya(дата обращения:10.04.2022г).
10. https://youtu.be/wSHCmE8bmls (дата обращения: 22.07.2022 г).
11. Kahoot. Материал из Википедии — свободной энциклопедии https://ru.wikipedia.org/wiki/Kahoot! (дата обращения: 02.07.2022 г).

ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ (ДАР МИСОЛИ МТОК)

Истифодаи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳавасмандии иштирокчиёни таълим: омӯзгорон ва донишҷӯён мебошад. ТИК ба ташаккули шахсияти эҷодии на танҳо донишҷӯ, балки омӯзгор низ мусоидат мекунад. Татбиқи самараноки ТИК ба дастрасӣ ба таъминоти барномавии лозимӣ вобаста аст.

Барои татбиқи имкониятҳои ТИК роҳи дигар ин баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии омӯзгорони оянда мебошад. Фарҳанги иттилоотии омӯзгор ҷузъи идеявию

технологиро дар бар мегирад. Ҷузъи идеявӣ аз хусусиятҳои ахлоқӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, эмотсионалӣ ва эстетикӣ иборат буда, муносибати арзишманди омӯзгорро ба кор бо иттилоот инъикос мекунад.

Дар муҳити муосири таълимӣ технологияҳое, ки фаъолият ва мустақилияти донишҷӯёнро таъмин мекунанд, ҷои махсусро ишғол мекунанд. Муоширати инфиродӣ бо ёрии видео, графикӣ, матнӣ ва садо чунон пуршиддат аст, ки он ба қадри имкон раванди таълимро осон мекунад.

Шарти дигари муҳим барои татбиқи имкониятҳои ТИК дар муассисаҳои таълимӣ мавҷудияти таҷҳизоти электронӣ, синфҳои компютерӣ, шабакаи дохилӣ (маҳаллӣ), дастрасӣ ба Интернет, омодагии муаллим ба истифодаи ТИК дар раванди таълим, мебошад.

Қобили қайд аст, ки истифодаи ТИК дар ҳамгироӣ бо дигар технологияҳои таълим якдигарро инкор накарда, балки ҳамдигарро пурратар мекунанд. Дар ин мақолаи илмӣ мо оид ба татбиқи муосиртарин афзорҳои электронӣ: **Moodle, kahood ва Padlet** масъалагузорӣ кардаем.

Хусусиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бисёрҷабҳа ва доманадор мебошад. Омӯзиш ва татбиқи имкониятҳои муосиртарин афзорҳои электронӣ барои болоравии сатҳу сифати таълим таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

Калидвожаҳо: ТИК, таҳсилот, раванди таълим, ҳавасмандӣ, омӯзгор, донишҷӯ, фарҳанги иттилоотӣ, дидактика, мултимедиа, онлайн, афзорҳои электронӣ, Moodle, kahood, Padlet.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИЦИОННЫЙ ТЕХНОЛОГИИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ (НА ПРИМЕРЕ ВУЗОВ)

Использование возможностей информационно-коммуникационных технологий в образовательном процессе является одним из способов повышения мотивации участников образования: преподавателей и студентов. ИКТ способствует формированию творческой личности не только студента, но и учителя. Эффективное внедрение ИКТ зависит от доступа к необходимому программному обеспечению.

Еще одним способом реализации возможностей ИКТ является повышение информационной культуры будущих учителей. Информационная культура педагога включает в себя идеологическую и технологическую составляющую. Мировоззренческий компонент состоит из нравственных, психологических, социальных, эмоционально-эстетических особенностей и отражает ценностное отношение педагога к работе с информацией.

В современной образовательной среде особое место занимают технологии, обеспечивающие активность и самостоятельность учащихся. Индивидуальное общение с помощью видео, графики, текста и звука настолько интенсивное, что максимально облегчает процесс обучения.

Еще одним важным условием реализации возможностей ИКТ в образовательных учреждениях является наличие электронного оборудования, компьютерных классов, внутренней (локальной) сети, доступа к сети интернет, готовность учителя к использованию ИКТ в образовательном процессе.

Стоит отметить, что использование ИКТ в сочетании с другими образовательными технологиями не отрицает друг друга, а дополняет.

В этой научной статье мы обсудили применение самых современных электронных инструментов: Moodle, kahood и Padlet.

Особенности использования информационных и коммуникационных технологий в образовательном процессе, особенно в учреждениях высшего профессионального образования, многогранны и разнообразны. Изучение и применение самых современных возможностей электронных средств влияет положительно на повышении уровня и качества образования.

Ключевые слова: ИКТ, образование, образовательный процесс, мотивация, приподователь, студент, информационная культура, дидактика, мультимедиа, онлайн, электронные средства, Moodle, kahood, Padlet.

PECULIARITIES OF USING INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL PROCESS (BY THE EXAMPLE OF UNIVERSITIES)

Using the possibilities of information and communication technologies in the educational process is one of the ways to increase the motivation of education participants: teachers and students. ICT contributes to the formation of a creative personality not only of the student, but also of the teacher. The effective implementation of ICT depends on access to the necessary software.

Another way to realize the potential of ICT is to increase the information culture of future teachers. The information culture of a teacher includes an ideological and technological component. The ideological component consists of moral, psychological, social, emotional and aesthetic features and reflects the value attitude of the teacher to work with information.

In the modern educational environment, a special place is occupied by technologies that ensure the activity and independence of students. Individual communication through video, graphics, text and sound is so intense that it makes the learning process as easy as possible.

Another important condition for the implementation of ICT opportunities in educational institutions is the availability of electronic equipment, computer classes, internal (local) network, access to the Internet, and the teacher's readiness to use ICT in the educational process.

It should be noted that the use of ICT in combination with other educational technologies does not negate, but complements each other.

In this scientific article, we discussed the use of the most modern electronic tools: Moodle, kahood and Padlet. Features of the use of information and communication technologies in the educational process, especially in institutions of higher professional education, are multifaceted and varied. The study and application of the most modern possibilities of electronic means has a positive effect on improving the level and quality of education.

Key words: ICT (information and communication technologies), education, educational process, motivation, teacher, student, informational culture, didactics, multimedia, online, electronic means, Moodle, kahood, Padlet.

Маълумот дар бораи муаллиф: Пиров Муҳаммад Ниёзмадович – ассистенти кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Суроға: 735360,ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров -16. Тел.:985520695

Сведения об авторе: Пиров Мухаммад Ниёзмадович – ассистент кафедры методики преподавании информатики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360 РТ, г. Куляб, ул.С.Сафарова -16.. Тел.: 985520695

Information about the author: Pirov Mukhammad Niyozmadovich - Assistant of the Department of Teaching Methods of Informatics, Kulob state university named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S. Safarova St -16. tel: 985520695

УДК: 37.0 (2-тоҷ)
ББК: 74.00 (2 тоҷ)
Ҷ-87

ТАШАККУЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ “АМПЛИТУДА (ДОМАНА), ДАВР ВА БАСОМАДИ ЛАППИШИ ЭЛЕКТРОМАГНИТӢ. ФОРМУЛАИ ТОМСОН”

Лутфияи Ҷурахон

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ташкили кори мустақилона ва иҷрои он аз ҳар як омӯзгор масъулияти баландро талаб менамояд. Баланд бардоштани фаъолият ва мустақилияти хонандагонро қисми таркибии кори тарбиявии онҳо дида баромадан лозим аст. Ин вазифа дар назди ҳар як омӯзгор ҳамчун масъалаи аввалиндараҷа ба шумор меравад. Доир ба ташаккулёбии мустақилияти хонандагон ду масъалаи ба ҳам алоқаманди зеринро ба инобат гирифтан зарур аст. Аввалан, дар хонандагон фаъолияти маърифатӣ ва мустақилиятро инкишоф дода, ба онҳо мустақилона азхудкунии донишҳоро омӯзонида, ҷаҳонбинии илмиашонро баланд бардоштан лозим аст ва дуюм мустақилона татбиқ намудани донишҳои гирифташудаашонро дар амалия нишон додан ба мақсад мувофиқ мебошад [1, с. 25 - 30].

Омӯзиши номунтазам ва ғайрисистемавӣ дар мактаб ва хона имкон намедиҳад, ки хонандагон ҳатто аз иҷрои оддитарин супориши омӯзгор бароянд. Диққати асосиро омӯзгор бояд ба он равона созад, ки ҳамаи хонандагон аз уҳдаи иҷрои супоришҳои додашуда мустақилона бароянд.

Кори мустақилонаи хонандагон худмақсадгузорӣ набуда, балки василаи мубориза барои амиқ ва мустаҳкам намудани донишҳои хонандагон, воситаи ташаккулдиҳии фаъолнокӣ ва мустақилияти онҳо баҳри инкишофи қобилияти зеҳнии онҳо мебошад. Хонанда ба остонаи мактаб қадам гузошта, фаъолияти мустақилонаи мақсаднок надорад, банақшадарории амалиётҳои худро намедонад, ба амалигардонии мақсадҳои гузошташуда сарфаҳм намеравад. Мувофиқати натиҷаҳои ҳосилшударо бо мақсади гузошташуда муқоиса карда наметавонад [2, с.100-110].

Дар дарсҳои физика чун дар дигар дарсҳо тавассути корҳои мустақилонаи гуногун хонандагон дониши заруриро аз худ намуда, ба маҳорат ва малакаҳои зарурӣ соҳиб мегарданд. Корҳои мустақилонаи хонандагон ҳамон вақт натиҷаҳои мусбат медиҳанд, ки агар ба таври қатъӣ ва системанок иҷро карда шаванд.

Бо ин мақсад яке аз мавзуъҳои курси физикаи мактабӣ “**Амплитуда (домана), давр ва басомади лаппиши электромагнитӣ. формулаи Томсон” –** ро пешниҳод менамоем.

Амплитуда яке аз бузургиҳои муҳими тавсифдиҳандаи лаппиш ба ҳисоб меравад.

Амплитудаи лаппиш гуфта қимати зиёдтарини бузургии тағйирёбандаро меноманд. Бузургии тағйирёбанда модули заряд ё бузургии дигари даврии тағйирёбанда ба шумор меравад.

Вобаста ба бузургии заряди ба конденсатор додашуда қимати амплитуда гуногун мешавад.

Дар лаппиши гармоникии озод бузургиҳои лаппишро тавсифдиҳанда бо гузашти вақт аз рӯйи қонуни синус ё косинус тағйир меёбанд [4, с.213 - 215].

Бинобар ин тағйирёбии зарядро дар контури лаппиш бо гузашти вақт ин тавр ифода намудан мумкин аст:

$$q = q_m \cos\omega_0 t \text{ ё } q = q_m \sin\omega_0 t. \qquad (1)$$

Дар ин ҷо q_m – амплитудаи лаппиши заряд, ω_0 – басомади доиравӣ буда аз ифодаи зерин муайян карда мешавад:

$$\omega_0 = \frac{1}{\sqrt{LC}}, \qquad (2)$$

дар ин ҷо L – индуктивнокии ғалтаки контури лаппиш ва С – ғунҷоиши электрикии конденсатори контури лаппиш мебошанд [5].

Дар натиҷаи лаппишҳои электромагнитӣ қиматҳои заряди конденсатор ба таври даврӣ такрор меёбанд.

Фосилаи вақте, ки дар давоми он лаппиш комилан такрор меёбад, даври лаппиш (Т) меноманд. Даври лаппиш бо сонияҳо ифода карда мешавад.

Дар мавриди маълум будани даври лаппиш, басомади лаппишро ба таври осон муайян кардан мумкин аст. Адади лаппишҳои дар воҳиди вақт баамалояндаро басомади лаппиш ν меноманд [14].

Басомади лаппиш бо даври он чунин алоқамандӣ дорад:

$$\nu = \frac{1}{T}, T = \frac{1}{\nu}. \qquad (3)$$

Басомади лаппиш бо ҳертс (Ҳ) чен карда мешавад.

Агар ҷисм дар як сония як лаппиши пурра иҷро намояд, басомади он ба 1Ҳ баробар мешавад:

1 Ҳ = 1/с.

Инчунин, аз воҳидҳои басомад килоҳертс (кҲ), мегаҳертс (МҲ) ва гигаҳертс (ГҲ) истифода мебаранд:

1кҲ = 1000Ҳ, 1МҲ = 1000кҲ, 1ГҲ = 10^9 Ҳ.

Баъд аз як даври лаппиш яъне ҳангоми ба бузургии $\omega_0 T$ афзудани аргументи косинус дар ифодаи (1) қимати заряд тағйир меёбад ва косинус ба қимати пешинаи худ соҳиб мегардад. Аз математика маълум аст, ки кӯтоҳтарин даври косинус ба 2π баробар аст. Бинобар ин, навиштан мумкин аст:

$\omega_0 T = 2\pi.$

Аз ин ҷо $\omega_0 = \frac{2\pi}{T}.$ (4)

Ҳамин тариқ, басомади доиравӣ ω_0 адади лаппишҳое, ки дар муддати $2\pi/с$ ба амал меоянд [15].

Ба баробарии (4) қимати ω_0 – ро аз ифодаи (2) гузошта ҳосил мекунем:

$$\frac{1}{\sqrt{Lc}} = \frac{2\pi}{T}.$$

Аз ин ҷо, барои даври лаппиши контурӣ лаппиш навиштан мумкин аст:

$$T = 2\pi\sqrt{Lc}. \qquad (5)$$

Баробарии (5) формулаи Томсон (ба номи олими англис Уилям Томсон).

Мувофиқи формулаи Томсон даври лаппиш дар контур ба решаи квадратӣ аз ҳосили зарби индуктивнокии ғалтак L ва ғунҷоиши электрикии конденсатори он С мутаносиб мебошад [5].

Барои мустаҳкам кардани дониши хонандагон ҳалли маъалаҳоро доир ба мавзуи "Амплитуда (домана), давр ва басомади лаппиши электромагнитӣ. Формулаи Томсон"

1.Даври ларзиш ва басомади ларзишҳои электромагнитӣ муайян карда шавад, агар индуктивнокии ғалтак 2мҲн ва ғунҷоиши кондесатор 200нФ бошад.

Д.ш.аст:
$L = 2мҲн = 2 \cdot 10^{-3}Ҳн$
$C = 200нФ = 2 \cdot 10^{-7}Ф$
$T = ?\ \nu = ?$

Ҳал. Барои муайян намудани даври лаппиши электромагнитӣ аз формулаи Томсон истифода мебарем:

$$T = 2\pi\sqrt{LC} = 2 \cdot 3{,}14\sqrt{2 \cdot 10^{-3} \cdot 2 \cdot 10^{-7}} =$$
$$= 6{,}28\sqrt{4 \cdot 10^{-10}}с = 6{,}28 \cdot 2 \cdot 10^{-5}с = 12{,}56 \cdot 10^{-5}с.$$
$$\nu = \frac{1}{T} = \frac{1}{12{,}56 \cdot 10^{-5}с} = 0{,}0796 \cdot 10^5Ҳ = 7{,}96 \cdot 10^3Ҳ = 7{,}96кҲ \approx 8кҲ.$$

Ҷавоб: $\nu \approx$ 8кҲ.

2.Агар ғунҷоиши конденсатор 2,8мкФ ва индуктивнокии ғалтак 0,5Ҳн бошад, даври лаппишҳои электромагнитии озод муайян карда шавад.

Д.ш.аст:
$C = 2{,}8мкФ = 2{,}8 \cdot 10^{-6}Ф$
$L = 0{,}5Ҳн$
$T = ?$

Ҳал. Барои муайян намудани даври лаппиши электромагнитӣ аз формулаи Томсон истифода мебарем.

$$T = 2\pi\sqrt{LC} = 2 \cdot 3{,}14\sqrt{0{,}5 \cdot 2{,}8 \cdot 10^{-6}Ф} \approx$$
$$\approx 6{,}28 \cdot 1{,}2 \cdot 10^{-3}с \approx 7{,}5 \cdot 10^{-3}с \approx 7{,}5мс.$$

Ҷавоб: $T \approx$ 7,5мс.

3.Дар занҷир конденсатори ғунҷоишаш 4мкФ ва ғалтаки индуктивияташ 0,8Ҳн пайваст карда шудааст. Басомади лаппиши электромагнитиро дар контури лаппиш муайян намоед.

Д.ш.аст: Ҳал. Аз формулаи Томсон даври лаппиши

$C = 4мкФ = 4 \cdot 10^{-6}Ф$ электромагнитиро дар контури лаппиш муайян

$L = 0{,}8Ҳн$ менамоем:

$T = ?$ $T = 2\pi\sqrt{LC} = 2 \cdot 3{,}14\sqrt{0{,}8 \cdot 4 \cdot 10^{-6}Ф} = 6{,}28 \cdot 1{,}8 \cdot 10^{-3} =$

$= 11 \cdot 10^{-3}с = 11мс.$

Басомади лапппиши электромагнитиро муайян менамоем:

Ҳ = 900Ҳ.

Ҷавоб: $\nu = 900Ҳ$.

4.Барои он ки ҳангоми 50пФ будани ғунҷоиши конденсатор дар контур лаппишҳои озоди басомадашон 10МҲ ҳосил гардад, ба ин контур ғалтаки индуктивияташ чӣ қадарро пайваст карданд лозим аст?

Д.ш.аст: Ҳал. Даври лаппиши озодро муайян менамоем:

$C = 50пФ = 50 \cdot 10^{-12}Ф$ $T = \frac{1}{\nu} = \frac{1}{10 \cdot 10^6} = 0{,}1 \cdot 10^{-6}с;$

$\nu = 10МҲс = 10 \cdot 10^6Ҳ$ Аз формулаи Томсон индуктивияти ғалтакро меёбем:

$T = 2\pi\sqrt{LC}; (T)^2 = \left(2\pi\sqrt{LC}\right)^2; \ T^2 = 4\pi^2LC;$ $L = \frac{T^2}{4\pi^2Lc}.$

$L = ?$ *Қиматҳои ададиро гузошта ҳисоб мекунем:*

$L = \frac{(0{,}1 \cdot 10^{-6}с)^2}{4 \cdot (3{,}14)^2 \cdot 50 \cdot 10^{-12}Ф} = \frac{0{,}01 \cdot 10^{-12}}{2000 \cdot 10^{-12}} = \frac{0{,}01}{2000} = 0{,}000005 == 5 \cdot 10^{-6}Ҳн = 5мкҲн.$

Ҷавоб: $L = 5мкҲн.$

5.Ба занҷири ҷараёни тағйирёбандаи басомадаш 500Ҳ ғалтаки индуктивияташ 0,2Ҳн пайваст карда шудааст. Барои он ки дар занҷир резонанс ба амал ояд, конденсатори чӣ гуна ғунҷоиш доштаро ба он пайваст кардан лозим аст?

Д.ш.аст: Ҳал. Даври лаппишро дар контур муайян менамоем:

$\nu = 500Ҳс$ $T = \frac{1}{\nu} = \frac{1}{500} = 0{,}002с = 2 \cdot 10^{-3}с;$

$L = 0{,}2Ҳн$ $T = 2\pi\sqrt{LC}; (T)^2 = \left(2\pi\sqrt{LC}\right)^2; \ T^2 = 4\pi^2Lc;$

$C = ?$ Барои ғунҷоиши электрикии контенсаторро дар контури лаппиш муайян кардан аз формулаи Томсон истифода мебарем:

$$C = \frac{T^2}{4\pi^2L}.$$

Қиматҳои ададиро гузошта ҳисоб мекунем:

$C = \frac{(2 \cdot 10^{-3})^2}{4 \cdot (3{,}14)^2 \cdot 0{,}2} = \frac{4 \cdot 10^{-6}}{8}Ф = 0{,}5 \cdot 10^{-6}Ф = 0{,}5мкФ.$

Ҷавоб: $C = 0{,}5мкФ.$

Барои баланд бардоштани малакаи мустақилона кор кардани хонандагон доир ба мавзуи **“Амплитуда (домана), давр ва басомади лаппиши электромагнитӣ. Формулаи Томсон”** масъалаҳои зеринро пешниҳод менамоем.

Варианти 1.

1.Контури лаппиш аз конденсатори ғунҷоишаш 600пФ ва ғалтаки индуктивияташ 1,5мГн иборат аст. Даври лаппиши хусусии контур чӣ қадар аст?

Ҷавоб: $T = 6мкс.$

2.Контури лаппиши аз конденсатори ғунҷоишаш 800 пФ ва ғалтаки индуктивияташ 2 мкҲн иборат аст. Даври лаппиши хусусии контур чӣ қадар аст?

Ҷавоб: $T = 0{,}25мкс.$

3.Даври лаппишҳои электромагнитии озод муайян карда шавад, агар ғунҷоиши конденсатор 2,5 мкФ ва индуктивнокии ғалтак 1,6 Ҳн бошад.

Ҷавоб: $T = 4\pi$ с.

4.Давр ва басомади лаппиши контури лаппиши индуктивнокиаш 10 мкҲн ва ғунҷоишаш 250 пФ муайян карда шавад.

Ҷавоб: $T = 0{,}3мкс; \ \nu = 3{,}3МҲ.$

5.Даври лаппиши электромагнитӣ дар контури лаппиш ба 0,314 мкс ва ғунҷоиши конденсатор ба 250 нФ баробар аст. Индуктивнокии ғалтак муайян карда шавад.

Ҷавоб: $L = 10$мкҲн.

Варианти 2.

1.Дар занҷири ҷараёни тағйирёбандаи басомадаш 400Ҳ ғалтак индуктивияташ 0,2 Ҳн васл шудааст. Барои ба вуҷуд овардани резонанс ба занҷир конденсатори чӣ қадар ғунҷоишдоштаро пайваст намудан лозим аст?

Ҷавоб: 0,78мкФ.

2.Дар занҷири тағйирёбандаи басомадаш 400Ҳс ғалтак васл карда шудааст. Барои ба вуҷуд овардани резонанс дар занҷир конденсатори ғунҷоишаш 1,6кФ пайваст карда шудааст. Индуктивияти ғалтак муайян карда шавад.

Ҷавоб: $L = 0{,}1$Ҳн.

3.Контури лаппиш аз конденсатори ғунҷоишаш 400нФ ва ғалтаки индуктивияташ 200мҲн иборат аст. Даври лаппиши хусусӣ ва басомади онро дар контур муайян намоед.

Ҷавоб: $T = 17{,}8$мкс; $\nu = 56$кҲ.

4.Дар занҷир конденсатори ғунҷоишаш 4мкФ ва ғалтаки индуктивияташ 0,06Ҳн васл карда шудааст. Дар кадом басомади ҷараён дар ин занҷир резонанс ба амал меояд.

Ҷавоб: $\nu = 250$кҲ.

5.Дар занҷири ҷараёни тағйирёбандаи басомадаш 400Ҳс ғалтаки индуктивияташ 0,2Ҳн васл шудааст. Барои ба вуҷуд овардани резонанс ба занҷир конденсатори чӣ қадар ғунҷоишдоштаро пайваст намудан лозим мбошад.

Ҷавоб: $C = 0{,}58$мкФ.

Варианти 3.

1.Агар индуктивияти контурро дар ҳудуди аз 0,1 то 10мкҲн ва ғунҷоишашро дар ҳудуди аз 50 то 5000нФ тағйир додан мумкин бошад, диапазони басомадҳои лаппиши хусусии он чӣ қадар аст?

Ҷавоб: Аз 710кҲ то 71МҲ.

2.Агар ғунҷоиши конденсаторро 25 маротиба зиёд карда, индуктивияти ғалтакро 16 маротиба кам кунем, басомади хусусии лаппиш дар контури лаппиш чанд маротиба тағйир меёбад?

Ҷавоб: 1,25 маротиба хурд мешавад.

3.Дар контури лаппиш индуктивияти ғалтак 0,2Ҳн буда, амплитудаи лаппиши қувваи ҷараён 40мА аст. Энергияи майдони электрикии конденсатор ва майдони магнитии ғалтакро дар мавриде ёбед, ки қимати лаҳзавии қувваи ҷараён назар ба қимати амплитудавиааш 2 маротиба хурд аст.

Ҷавоб: 120мкҶ; 40мкҶ.

4.Конденсатори ғунҷоишаш С = 10мкФ – ро то шиддати $U = 4000B$ заряднок карда, ба ғалтак вал кардаанд. Баъди ин дар контур лаппишҳои хомӯшшаванда ба вуҷуд меоянд. Дар муддати вақте, ки дар давоми он амплитудаи лаппишҳои шиддат 2 маротиба хурд мешавад, дар контур чӣ қадар гармӣ Q хориҷ мегардад?

Ҷавоб: $Q = 0{,}6$Ҷ.

5.Контури лаппиш аз конденсатор ғунҷоишаш $C = 400$пФ ва ғалтаки индуктивияташ $L = 10$мҲн иборат аст. Амплитудаи лаппишҳои шиддат $U_m = 500$В аст. Амплитудаи лаппишҳои қувваи ҷараён I_m – ро ёбед.

Ҷавоб: $I_m = 0{,}1$Ҷ.

Адабиёт:

1. А. В. Чепотараева. Самостоятельные работы учащихся по физике в 6 – 7 классах: Дидактичиский материал // А. В. Чепотараева. М.: - «Просвешение» 1985.

2. А. В. Усова., З. А. Вологодская. Самостоятельная работа учащихся по физика в средней школе. Москва, «Просвешение» 1981, - 158с.

3. В. Г. Разумоского, Р. Ф. Кривошановой. Контроль знаний учащихся по физике / Под ред // В. Г. Разумоского, Р. Ф. Кривошановой. – М.:Просвещение, 1982.

4. *Сафарзода, П.У.* Намудҳои кори мустақилонаи хонандагон аз рӯи мақсади дидактикӣ [Матн] / П.У. Сафарзода, Сироҷиддини Д // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. №3/6 С.213- 215.
5. Раҳимов Б., Шукуров Т., Рачабов П. Физика-10,- Душанбе, «Матбуот», 2006.
6. Хилькевич В.В. Организация самостоятельной работы на уроках математики – как средство развития школьников» - М.:Просвещение, 2013
7. Хусравбеков Л. Д., Ҳароев М.Г., Султонмамадова Ф.О. «Сборник задач по физике», Душанбе 2011, 165 с.
8. Хусравбеков Л.Д., Ҳамроев М.Г., Султонмамадова Ф.О. «Маҷмуаи масъалаҳои тестӣ аз физика», Душанбе, 2010,175 с.
9. Ҳамроев, Ҳ. Омилҳои рушди сифати таълим [Матн] / Ҳ. Ҳамроев // Маърифати омӯзгор. №2-3 С.25-26.
10. Чанбарисов, Ш.Х. Самостоятельная работа и самообразование [Текст] / Ш. Х. Чанбарисов // Вестник высшей школы,1978, №12. С.23-25.
11. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. /Муҳаррири масъул С.Сулаймонӣ; Академияи таҳсилоти Тоҷикистон // Шарифзода Ф . Душанбе: Ирфон , 2010. - 544с.
12. ШарифовҶ. Методикаи ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо ёрии маводи дидактикӣ. // ШарифовҶ. Паёми донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав. 1/1 (51). Бохтар 2018 саҳ. 139 – 145.
13. Шилов В.Ф. Организация самостоятельной работы учащихся с учебником.// Физика в школе. 1994. - № 4. - С. 34.
14. Шукурзод Т.А., Раҳимов Б., Раҳимов Ф. Ҳалли масъалаҳои физикаи мактабӣ (кисми 3). Душанбе, «Маориф ва фарҳанг» - 2011.
15. Шукурзод Т.А., Ситамов С., Зуҳуров Б.С., Комилов А.Ш. Намунаи ҳалли масъалаҳо аз физикаи мактабӣ. Душанбе, «Кондор» - 2010.

ТАШАККУЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ “АМПЛИТУДА (ДОМАНА), ДАВР ВА БАСОМАДИ ЛАППИШИ ЭЛЕКТРОМАГНИТӢ. ФОРМУЛАИ ТОМСОН”

Мақсади таълим дар шароити муосир мазмун ва мундариҷаи бештареро ба худ касб намудааст. Амалӣ сохтани он вазифаи мудахассисони соҳавӣ мебошад. Таълими физика ҳамчун фанни табиатшиносӣ яке аз проблемаҳои умдаи раванди донишомӯзӣ ба шумор меравад. Ба таври амиқ ба роҳ мондани он аз омӯзгор ҷаҳонбинии васеъ, донишҳои мукаммал, тафаккури сареҳ, методикаи истифодабарии усулҳои таълим ва пурра ба ҳисобгирии ҷанбаҳои педагогӣ – психологии ҷараёни таҳсилро тақозо мекунад.

Дар мақола сухан дар бораи ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар мавзуи “Амплитуда (домана), давр ва басомади лаппиши электромагнитӣ.Формулаи Томсон” меравад. Дар ин ҷо омӯзгор аввал каме маълумоти назариявӣ дода, бо ҳалли якҷоя бо хонандагон мавзуъро мустаҳкам намуда, барои инкишофи зеҳнии хонандагон саволҳо пешниҳод мекунад. Дар охир вариантҳои кори мустақилона пешниҳод карда мешаванд. Чунин ташкил намудани кори мустақилона барои бештар пайдо намудани малакаву маҳорат ва қобилияту донишазхудкунии хонандагон оиди ин мавзуъ ёрӣ мерасонад.

Калидвожаҳо: Хусусиятҳои психологию фардии хонандагон, кори мустақилона, ташкили кори мустақилона, шаклҳои кори мустақилона, раванди таълим, таълими салоҳиятнок, амплитуда, давр ва басомади лаппиши электромагнитӣ, формулаи Томсон, масъалаҳо, супоришҳои эҷодии инфиродӣ мисолҳо ва ғайраҳо.

ФОРМИРОВАНИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ УЧАЩИХСЯ ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ “АМПЛИТУДА, ЭТАПЫ И ЧАСТНОСТИ ЭЛЕТРОМАГНИТНОГО КОЛЕБАНИЯ. ФОРМУЛА ТОМСОНА”

Цель обучения в современных условиях заключает в себя большое содержательное значение. Её реализация, прежде всего является задачей отраслевых специалистов. Обучение физике как естественная наука является ватнейшей проблемой в процессе освоения современных знаний. Его правильное осуществление требует от преподавателя широкое мировоззрение,

совершённые знания, ясность и чёткость мышления, методику использования учебных методов и полного учёта психолого – педагогических аспектов учебного процесса.

В статье речь идёт о формировании самостоятельных работ учащихся на тему “Амплитуда, этапы и частности элетромагнитного колебания. формула томсона”. Вначале преподаватель характеризует тему с теоретической точки зрения, вместе с учениками закрепляет её и с целью развития их мировоззрений задаёт дополнительные и новодящие вопросы. Затем ученикам распределяют варианты самостоятельных работ. Безусловно организация и проведение самостоятельных работ помогут ученикам по больше освоиватьзнания, навыки и умения.

Ключевые слова: психолого – индивидуальные особенности учащихся, самостоятельное работа, процесс обучения, компетентость обучения, амплитуда, этапы и частотности электромагнитного колебания, формула Томсона, проблемы, творческие, индивидуальные проблемны и другие.

FORMATION OF INDEPENDENT WORK OF STUDENTS IN THE LEARNING PROCESS “AMPLITUDE, STAGES AND PARTICULARITIES OF ELECTROMAGNETIC OBLATION. THOMSON FORMULA”

The purpose of education in modern conditions contains a great content value. Its implementation, first of all, is the task of industry specialists. Teaching physics as a natural science is the most important problem in the process of mastering modern knowledge. Its correct implementation requires from the teacher a broad outlook, perfect knowledge, clarity and clarity of thinking, a methodology for using teaching methods and full consideration of the psychological and pedagogical aspects of the educational process.

The article deals with the formation of independent works of students on the topic “Amplitude, stages and particulars of electromagnetic oscillation. Thomson's formula. First, the teacher characterizes the topic from a theoretical point of view, consolidates it together with the students and asks additional and innovative questions in order to develop their worldviews. Then the students are distributed options for independent work. Of course, the organization and conduct of independent work will help students learn more knowledge, skills and abilities.

Key words: psychological and individual characteristics of students, independent work, learning process, learning competence, amplitude, stages and frequencies of electromagnetic oscillations, Thomson's formula, problems, creative, individual problems and others.

Сведения об авторе: *Лутфияи Джурахон ассистент кафедры МПФ, Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки. 735360, г. Куляб, улица С. Сафаров 16.тел : (992) 987-26-93 -09.*

Information about the author:Lutfiyai Jurahon is *an assistant Chair of the ITF KSU the Kulob State university of Abuabdullokh Rudaki. Address: The Kulob state university of Abuabdullokh Rudaki. 734065, Kulob, Kulob town , street S. Safarov 16.ph. 987-26-93 -09.*

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ - ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

УДК: 930 (2-тоҷ)
ББК: 63 (2 тоҷ)
А-14

АЗ ТАЪРИХИ МУАССИСАҲОИ МАДАНӢ-РАВШАННАМОИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ ХХ

Абдуллоев М.Х., Шарифов Ш.Ҷ.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Дар замони шӯравӣ муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ, тарбияи ватандӯстӣ аҳолии ҶШС Тоҷикистон нақши муҳимро бозидааст.

Дар натиҷаи ғалабаи Инқилоби Октябр ва ёрии амалии халқи рус солҳои 1917 – 1918 дар ноҳияҳои шимол, соли 1919 дар Бадахшон, сентябри соли 1920 дар дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва то охири моҳи марти 1921 дар ҳама ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон Ҳокимияти Шӯравӣ барқарор карда шуд. Аз рӯзҳои аввали барпо гардидани ҳукумати нав дар Тоҷикистон, давлати Шӯравӣ ба рушди муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ диққати ҷиддӣ медод. 1 ноябри соли 1925 дар ҳисоботи Бюрои ташкилии тоҷикистонии ҲК (б) ҶШС Ӯзбекистон, кайд гардид, ки кори сиёсӣ-маърифатӣ дар ҷумҳурӣ баъди ташкилёбии Комиссариати халқии маорифи ҶМШС Тоҷикистон оғоз ёфт. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 7 клуб, 10 чойхонаи Сурх, 2 китобхона, 1 мактаби мусиқӣ, 1 хонаи деҳқон, 47 мактаби маҳви бесаводӣ, 1 мактаби шӯравию ҳизбӣ мавҷуд буд [11]. Аммо бинобар набудани мутахассисони соҳаи фарҳангу маърифат аз байни мардуми маҳаллӣ ва китобу дастурҳо ба забони тоҷикӣ, кори фарҳангу маърифат суст амалӣ мешуд.

Солҳои нахустини таъсисёбии Ҳукумати Шӯравӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон кори ташкил намудани чойхонаҳои Сурх, клубҳо ва китобхонаҳо босуръат ривоҷ меёфт. Клубу чойхонаҳои Сурх ҷойи истироҳат ва фароғати мардум ба ҳисоб мерафтанд. Ҳукумат ба маърифатнокии оммаи меҳнаткашон диққати махсус медод.

Дар байни муассисаҳои маданӣ – рашаннамоӣ китобхонаҳо ҷойи намоёнро ишғол мекарданд. Созмон додани фаъолияти китобхонавӣ дар қисмати Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ аввали солҳои 20 –уми асри ХХ, баъди таъсис ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон оғоз ёфтаанд. Соли 1923 дар шаҳри Душанбе аввалин китобхона таъсис ёфт, ки фонди захиравии он ҳамагӣ 300 китобро ташкил медод.

Соли 1923 аз шаҳри Қаршӣ дар ҳолати ниҳоят вазнини набудани роҳ ба воситаи корвони уштурҳо ба Душанбе 3 ҳазор нусха китоб оварда шуда буд, ки як миқдори онро ба шаҳри Кӯлоб фиристоданд. Ин китобҳо барои дар назди гарнизонҳо ташкил намудани китобхонаҳо оварда шуда буданд [5.с-18].

13 декабри соли 1925 дар шаҳри Душанбе китобхонаи шаҳрӣ кушода шуд, ки аз ҳисоби Китобхонаи дивизияи 3 – юми тирандозии Туркистон фаъолияташро сар карда буд [12.с-27].

Дар шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлоб аввалин китобхонаҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ солҳои 1925 - 1926 ташкил шуданд.

Дар соли 1927 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 28 муассисаи фарҳангию маърифатӣ фаъолият менамуданд. Дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бошад дар солҳои 1927-1928 як клуби занонона, 5 чойхонаи Сурх мавҷуд буд, ки барои пеш бурдани фаъолияти ин муассисаҳо аз буҷаи давлатӣ ва маҳаллӣ ҳамагӣ 9106 сӯм ҷудо карда шуда буд [12.с-27].

Дар Тоҷикистон фаъолияти китобдорӣ аз аввали солҳои 30 – юм бо суръати баланд инкишоф ёфт. Агар соли 1929 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 11 китобхона фаъолият менамуд, пас дар ҷамъбасти панҷсолаи аввал шумораи онҳо то 119 ва фонди захираи китобии онҳо ба 107 ҳазор расида буд [8.с-200].

Дар минтақаи Кӯлоб то соли 1929, ба ҷуз китобхонаҳои қисмҳои ҳарбии аскарони сурх дигар ягон китобхонаи оммавӣ фаъолият намекард. Моҳи октябри соли 1929 Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мустақил ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ шомил гардид. Ин воқеаи муҳими таърихию сиёсӣ дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд овард. Аз ҷумла, ҳаҷми маблағгузориҳо баҳри инкишофи муассисаҳои фарҳангӣ ва нашри китоб, рӯзномаву маҷаллаҳо хеле зиёд гардида, маҷмуи китобхонаҳову дигар муассисаҳои фарҳангӣ васеъ гардид. Вобаста ба ин талаботи аҳолӣ нисбат ба китобу китобхона баланд гашта, шароити воқеӣ барои дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо таъсис додани китобхонаҳои марказӣ ба вуҷуд омад. Ҳамин тавр, дар шаҳри Кӯлоб дар соли 1932 дар заминаи китобхонаи Артиши Сурхи шӯравӣ, китобхонаи шаҳрӣ бо теъдоди 12 - ҳазор нусха китоб бо забони русӣ, таъсис дода шуд [3.с-210]. Ташкил ёфтани китобхонаи шаҳрӣ дар ҳаёти фарҳангии шаҳри Кӯлоб, дар аввали солҳои 30 - юми асри ХХ воқеаи муҳими сиёсиву фарҳангӣ ба ҳисоб мерафт. Аз тарафи дигар, кушодашавии китобхона дар шаҳри Кӯлоб барои равнақи корҳои маданиву маърифатӣ ва ба хизмати китобдорӣ фаро гирифтани аҳолӣ аҳамияти ниҳоят муҳим дошт.

Ганҷинаи бузург дар фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон соли 1933 дар шаҳри Душанбе бо кушодашавии китобхонаи ҷумҳуриявии давлатӣ - ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ба даст омад, ки ба бузургтарин манбаи захираҳои китобӣ дар ҷумҳурӣ табдил ёфта, маркази асосии фаъолияти илмӣ ва маданӣ – равшаннамоӣ ба ҳисоб меравад.

Дар инкишофи фаъолияти минбаъдаи китобхонаҳо дар ҶШС Тоҷикистон, Қарори КИМ ИҶШС «Дар бораи кори китобхонаҳо дар ИҶШС», ки 27 марти соли 1934 қабул гардида буд, мавқеи сазоворро ишғол менамояд. Баъди қабули қарори мазкур роҳбарии асосии китобхонаҳо ба зиммаи Комиссарияти маорифи халқ гузошта шуд.

14 - июни соли 1934 Қарори КМ ҲК (б) Тоҷикистон «Дар бораи васеъ намудани маҷмуи китобхонаҳо ва беҳтар намудани кори китобхонаҳо дар Тоҷикистон», қабул гардид. Қарори номбурда дар кори пуррагардонии захираи китобии китобхонаҳо бо адабиёти забони тоҷикӣ нашршуда, мустаҳкамгардонии базаи моддӣ - техникӣ ва тайёр кардани кадрҳои маҳалии соҳаи китобдорӣ аҳамияти ниҳоят калон дошт. Ҳамаи чорабиниҳои андешидашуда ба мукаммалгардонии захираи китобии китобхонаи марказии шаҳри Кӯлоб низ самараи хуб бахшида, барои инкишофи минбаъдаи он мусоидат намуд.

Дар нақшаи панҷсолаи дуюм, яъне то соли 1937 зарурияти сохтмони шабакаи васеи китобхонаҳо барои хизмат дар шаҳрҳо ва аҳолии деҳот дар назар дошта шуда буд. Дар ин асно диққати асосӣ ба масъалаҳои созмон додани китобхонаҳои мактабӣ равона шуда буд.

То соли 1940 дар ҳудуди навоҳии минтақаи Кӯлоб 22 китобхона фаъолият менамуданд, ки аз ин миқдор 12 китобхона дар ҳудуди колхозҳо, 8 китобхона дар назди муассисаҳои маорифи халқ ва 2 китобхона дар назди дигар идораҳо амал мекарданд. Дар назди мактабҳои минтақа бошад, 121 китобхона фаъолият мекарданд. Дар ин давра хазинаи китобии китобхонаҳои шаҳри Кӯлоб 28 ҳазор нусха ва шумораи хонандагон 20 ҳазор нафарро ташкил медод. Дар китобхонаҳои ноҳияи Ховалинг 14 ҳазору 633 нусха китоб бо забони тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ мавҷуд буд. Ба китобхонаҳои Ховалинг 5851 нафар хонандагон аъзо буданд. Танҳо дар ноҳияи Ховалинг дар моҳҳои январ ва феврали соли 1941 20 намоиши консертӣ, 26 намоиши кино ва 16 маротиба лексияҳои сиёсию оммавӣ гузаронида шуда буд.

Муассисаҳои клубӣ, ки яке аз қисмҳои таркибии сохтори соҳаи фарҳанг маҳсуб меёбанд дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ- фарҳангии меҳнаткашон мавқеи хосаеро дороянд. Аввалин клубҳо дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон дар миёнаҳои солҳои 20 –ум таъсис ёфта буданд. Вале фаъолияти пурсамари клубҳо баъди ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон назаррас буд. Тӯли ин солҳо дар қатори фаъолияти клубу чойхонаҳои Сурх, ки аввалин муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ ба ҳисоб мерафтанд ва дар онҳо мардону занон якҷоя ҳунарнамоӣ менамуданд, инчунин клубҳои занона низ таъсис ёфтанд. Аввалин клуби занона дар ноҳияи Истаравшан (Уротеппа) ташкил ёф буд.

Дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аввалин клубҳо миёнаҳои солҳои 20- уми асри ХХ созмон дода шуда буданд, ки дар баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба санаҳои муҳими таърихӣ, ҷашну маросимҳои миллӣ корҳои мушаххасеро анҷом медоданд. Масалан, дар ноҳияи Ховалинг хишти аввалин муассисаи фарҳангӣ, бинои клуб, соли 1925 бо ташаббуси яке аз аввалин ревкомҳои ноҳия Мирзотӯра Раҳимов гузошта шуда буд. Дар он солҳо оилаҳои санъаткор дар ноҳия хело зиёд буданд, ки ба ин хонаводаи Валии Исо (аз деҳаи Чуқурак) ва фарзандашон Сайдалӣ Вализода мисол шуда метавонад [1.с-136].

Нахустин клуб дар ноҳияи Фархор аввали солҳои 30-юм дар назди Корхонаи пахтатозакунӣ ба кор даромад, ки он маркази гузаронидани чорабиниҳои сиёсӣ - фарҳангӣ гардид. Ба ин ҷо дар қатори коргарони завод, инчунин, мардуми маҳаллӣ низ барои шунидани хабарҳои нав ва истироҳату фароғат меомаданд. Дастаҳои ҳунарӣ дар баробари ҳунарнамоӣ, аз байни мардуми маҳаллӣ ромишгарони соҳибистеъдод, нақкошону рассомон, ҳунармандони асилро ҷустуҷӯ карда, дари омӯзиши ҳунару истеъдодро ба рӯяшон мекушоданд.

Дар ноҳияи Темурмалик (Қизилмазор) бошад, солҳои 30 – юм дар чойхонаю клубҳо бо иштироки санъаткорон, дастаҳои худфаъолияти бадеӣ консертҳо намоиш медоданд. Тӯли ин солҳо бо супориши махсуси ҳукумат роҳбарони идора ва муассисаҳои давлатӣ ба клубу чойхонаҳо бо аҳли оилаашон меомаданд. Ба гуфтаҳои боло нақли собиқадори меҳнат Эркамоҳ Ҷӯраева мисол шуда метавонад: «Шавҳарам Ватан Дулоев дар вазифаи раиси суди ноҳияи Кангурт фаъолият менамуд ва мо ҳар бегоҳ ба чойхона омада, шавҳарам дутор менавохту ман ракс мекардам» [2.с—517-518].

Аввалин маҳфилҳои ҳаваскорони бадеӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон солҳои 30-юми асри ХХ таъсис ёфтаанд. Маҳфилҳои худфаъолиятии бадеӣ дар марказҳои ноҳияҳо бо ёрии омӯзгорон, коркунони ташкилотҳо, мардумони пешқадами деҳот ва ҳаваскорони халқӣ алалхусус масхарабозҳо ташкил ёфта буданд.

Маҳфили худфаъолияти бадеии собиқ ноҳияи Даштиҷум (Шамсиддин Шоҳин) аввалин маҳфил дар минтақаи Кӯлоб буд ва он бо ташаббуси Ҳошим Қосимов таъсис ёфта буд. Маҳфил бо роҳбарии Ҳошим Қосимов дар ин солҳо асари хурди мусиқавии бо номи «Духтари Буйдоқ» -ро рӯи саҳна баровардaнд. Мавзуи асар воқеае, ки соли 1918 дар Даштиҷум гузашта буд, ташкил медод. Матни асар аз тарафи Ҳ. Қосимов тайёр карда шуда, иҷрокунандагон бошанд аъзоёни маҳфил - милитсионерҳо буданд, ки нақшҳои ба зимма доштаашонро бо як маҳорати баланд иҷро намуданд. Нақши Маҳтобро Сабоҳат Қудратова бо як маҳорати баланд иҷро карда буд. Ӯ аввалин зане буд, ки дар собиқ ноҳияи Даштиҷум рӯи саҳна баромада буд [6.с-18].

Дар нимаи дуюми солҳои 30 – ум дар ҳудуди навоҳии минтақаи Кӯлоб 38 чойхонаҳои Сурх амал менамуданд, ки аз ин миқдор 26 чойхона дар колхозҳо ва 12 чойхона дар назди дигар идораю муассисаҳо фаъолият менамуданд. Дар ин солҳо муассисаҳои тарғиботӣ, оммавию сиёсӣ, махсусан дар ноҳияҳои Фархор, Балҷувон, Ховалинг хеле хуб кор мекарданд [10]. Дар ин ноҳияҳо кормандони ҳизбӣ ба муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ёрии амалӣ мерасониданд. Дар назди чойхонаҳои Сурхи ин ноҳияҳо маҳфилҳои омӯзиши рӯзномаю маҷаллаҳо мавҷуд буданд. Инчунин, барои ташкил намудани бозиҳои шавқовар, аз ҷумла шатранҷбозӣ шароит муҳайё карда шуда буд.

Дар санаи 11 октябри соли 1936 рӯзномаи «Коммунисти Балҷувон» навишта буд: «Дар маркази ноҳияи Балҷувон шуъбаи маорифи халқи ноҳия Чойхонаи Сурх

сохта ба истифода дод. Ин бинои Сурх яке аз биноҳои беҳтарин ва ҳозиразамони маркази ноҳия мебошад. Колхозчиён аз ин хеле хушнуд гардидаанд, зеро медонанд, ки чойхонаи нав ҷойи истироҳати мардуми меҳнаткаш мегардад.

Дар нимаи дуюми солҳои 30 – ум дар ҳудуди навоҳии минтақаи Кӯлоб 38 чойхонаҳои Сурх амал менамуданд, ки аз ин миқдор 26 чойхона дар колхозҳо ва 12 чойхона дар назди дигар идораю муассисаҳо фаъолият менамуданд. Дар ин солҳо муассисаҳои тарғиботӣ, оммавию сиёсӣ, махсусан дар ноҳияҳои Фархор, Балҷувон, Ховалинг хеле хуб кор мекарданд. Дар ин ноҳияҳо кормандони ҳизбӣ ба муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ёрии амалӣ мерасониданд. Дар назди чойхонаҳои Сурхи ин ноҳияҳо маҳфилҳои омӯзиши рӯзномаю мачаллаҳо мавҷуд буданд. Инчунин, барои ташкил намудани бозиҳои шавқовар, аз ҷумла шатранҷбозӣ шароит муҳайё карда шуда буд.

Боғи фарҳангу истироҳатӣ - як навъ муассисаи маданию маърифатиест, ки барои истироҳат ва тарбияи меҳнаткашон мусоидат мекунад. Боғи фарҳангу истироҳатӣ дар тарбияи маънавии ҷомеа мақоми хос пайдо карда, маркази кори оммавию сиёсӣ, илмию оммавӣ ва бадеӣ гардиданд. Дар Тоҷикистон аввалин боғи фарҳангу истироҳатӣ соли 1936 дар шаҳри Душанбе кушода шуд, ки зали хониш, маркази техникони ҷавон, толори варзишӣ, кинотеатри тобистона, майдончаҳои варзишӣ (волейбол, баскетбол, футбол) ва ғайра дошт. Инчунин, дар он маҳфилҳои драма, хор ва ғайра амал мекарданд. Баъдтар дар боғҳои фарҳангу истироҳатӣ театри тобистона таъсис ёфт, ки дар он спектаклу инсенировкаҳо, азназаргузаронии дастаҳои ҳаваскорони санъат, карнавалҳо, чорабиниҳои театрӣ ва ғайра намоиш дода мешуданд.

Доир ба таъсис ёфтани аввалин боғи фарҳангу истироҳатӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон фикрҳо мухталифанд. Олимони энсиклопедист дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъат» овардаанд, ки то соли 1939 дар ҷумҳурӣ 4 боғи маданият ва истироҳат фаъолият менамуд ва соли 1948 миқдори боғҳои фарҳангӣ ба 16 адад расид, ки аз ин шумора 8-адади он доимоамалкунанда: Сталинобод (Душанбе), Қурғонтеппа (Бохтар), Ленинобод (Хуҷанд), Конибодом, Исфара, Панҷакент, Кӯлоб, Хоруғ ва боқимондааш дар вазъи ташкилёбӣ буд: Куктош (Рӯдакӣ), Регар (Турсунзода), Шаҳритуз, Балҷувон, Қизилмазор (Темурмалик), Сарихосор, Ғарм (Рашт).

Дар бораи санаи таъсисёбии боғи фарҳангу истироҳатии шаҳри Кӯлоб дар «Энсиклпедияи адабиёт ва санъат» маълумоти аниқ надодааст. Аз рӯи маълумоте, ки то соли 1939 дар ҷумҳурӣ 4 боғи фарҳангу истироҳат фаъолият мекард, шояд яке аз онҳо боғи фарҳангу истироҳатии шаҳри Кӯлоб бошад. Дар Энсиклопедияи мазкур фаъолияти боғи фарҳангу истироҳатии шаҳри Кӯлобро дар соли 1948 доимоамалкунанда маълумот додааст. Дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳои зиёд, аз Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб буда, санади таъсисёбии боғи фарҳангу истироҳатии шаҳри Кӯлоб ба даст омад, ки мувофиқи он боғи фарҳангу истироҳатии шаҳри Кӯлоб 25- уми апрели соли 1936, таҳти № 1459 таъсис ёфтааст. (Замимаи № 1). Бо ин далел метавон гуфт, ки боғи фарҳангу истироҳати шаҳри Кӯлоб ва боғи фарҳангу истироҳати шаҳри Душанбе дар як сол таъсис ёфта, яке аз нахустин боғҳои фарҳангу истироҳат дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар «Энсиклпедияи адабиёт ва санъат» таъсисёбии боғи фарҳангу истироҳатии ноҳияи Темурмаликро дар соли 1948 дар арафаи ташкилёбӣ маълумот додааст, ҳол он ки ба андешаи муаллифи «Қобусномаи айн», Гадозода Айниддин боғи фарҳангу истироҳатии ноҳияи Темурмалик соли 1935 таъсис ёфтааст. Агар мо ба ақидаи муаллифи «Қобусномаи айн» розӣ шавем, пас боғи фарҳангу истироҳатии ноҳияи Темурмалик аввалин боғи фарҳангу истироҳатӣ на танҳо дар минтақаи Кӯлоб, балки дар қаламрави ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Кӯлоб ба номи Сайдалӣ Вализода соли 1936 дар заминаи дастаи ҳаваскорони санъати омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ташкил ёфта, дар шакли дастаи худфаъолият амал мекард. Сипас дар асоси Қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 29 апрели соли 1938 таҳти № 433 ба театри мусиқӣ-драмавӣ табдил ёфта, доираи фаъолияташ нисбатан васеъ мегардад.

Барномаҳои нахустини театр аз суруду таронаҳои мардумӣ, рақсҳои дилошӯби миллӣ ва асарҳои начандон калони драмавӣ иборат буд. Яъне, кормандони эҷодии он мувофиқ ба талабот ва завқи бадеии тамошогарони даврони худ бештар рӯ меоварданд ба фолклори тоҷик. Маҳсули аввалини ҳаҷман бузурги театр ин намоишномаи дуқисмаи «Дохунда» аз рӯи асари устод С. Айнӣ буд, ки бо вуҷуди баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба мухлисони адабу ҳунар писанд меояд.

Солҳои баъдина сафи санъаткорони театр аз ҳисоби намояндагони миллату халқиятҳои гуногуни ватанамон - ӯзбекҳо, русҳо, тоторҳо, яҳудиён ва амсоли инҳо, ки истеъдоди фавқулодда доштанд, пурра ва мустаҳкамтар мегардад. Дар ҷалби ҳунармандон ба кори театр ва ҷаззобу рангин гардонидани барномаҳои он саҳми шоир ва ҳофизи шуҳратёри халқ Сайдалӣ Вализода низ хеле бузург буд. Устоди ширинкалом он замон асарҳои «Хоҳиши Гулчеҳра», «Аҳмад ва Барно»-ро бо мароқи том эҷод карда, дар ҳамбастагӣ бо ҳайати эҷодӣ рӯи саҳнаи театр меорад.

Солҳои 1937 - 38 дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 53 клуб, аз ҷумла, 37 клуб дар ҳудуди колхозҳо, 9 клуб дар муассисаҳои маорифи халқ ва 7 клуб дар назди дигар муассисаҳову идораҳо фаъолият мекарданд. Дар китобхонаҳо ва чойхонаҳои Сурх маҳфилҳои омӯзиши рӯзномаву маҷаллаҳо амал мекарданд. Гӯшаҳои бозиҳои шавқовар, шатранҷбозӣ мавҷуд буданд.

Соли 1940 дар минтақаи Кӯлоб 55 чойхонаи Сурх ва 18 гӯшаи Сурх амал мекарданд.Дар ин давра аввалин кинотеатр дар маркази ноҳияи Фархор ба кор даромад. Филмҳое, ки дар ин кинотеатр намоиш медоданд, бештар хусусияти тарғиботию ташвиқотӣ дошта, дар тарбияи маънавии мардуми ноҳия нақши арзанда мегузоштанд.

Шуъбаи фарҳанги ноҳияи Ховалинг солҳои 40-ум таъсис меёбад, ки аввалин роҳбари он Сайато Муқимов буд. Мувофиқи гуфтаҳои собиқадорони соҳаи фарҳанг Нуралӣ Афандиев, Барфимо Ёраҳмадова маълум мегардад, ки солҳои 40-ум дар колхозҳои Иттифоқ, ба номи Калинин ва ба номи Сталин клуб ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ фаъолият мекарданд, ки ҳар кадом дастаҳои ҳунарии алоҳидаи худро доштанд.

Ҳамин тавр, дар ҶМШС Тоҷикистон муаасисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоб яке аз шохаҳои муҳими фаъолияти идеологии роҳбарияти собиқ вилояти Кӯлоб ба ҳисоб мерафтанд. Дар он солҳо чойхонаҳои Сурх, китобхонаҳо, муассисаҳои клубӣ, осорхонаҳо, театрҳои халқӣ ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ бунёд гардиданд, ки дар онҳо чорабиниҳои фарҳангӣ бо ҷалби васеи мардум гузаронида мешуданд. Фаъолияти ин муассисаҳо сол аз сол дар баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва маънавиёти мардум нақши муҳим мебозиданд. Агар дар солҳои 20 - 30 юми асри ХХ масъалаҳои асосӣ дар минтақаи Кӯлоб ин бунёди муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ ба ҳисоб мерафтанд, масъалаҳои рушди ин муассисаҳо, аз ҷумла сохтмони хонаҳои фарҳанг, клубу китобхонаҳо, маблаггузорӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг ҳаллу фасл мегардиданд. Дар ин давра дар назди хонаҳои фарҳанг маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ амал менамуданд, ки бо барномаҳои рангини худ дар ҷашнҳо ва озмуну фестивалҳои минтақавӣ иштироки фаъолона доштанд.

Китобхонаҳо бо захираи китобии худ ба хонандагон хизмати китобӣ расонида, дар гузаронидани чорабиниҳое, ки ба масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва берунии Ҳукумати Шӯравӣ дахл доштанд, саҳми арзанда мегузоштанд.

Адабиёт

1. Амир Сайиди Мункӣ, Саидҷалол Сатторзода Ховалинг. - Душанбе; Ирфон, 2001.- С. 136

2. Гадозода А. Қобусномаи айн. - Душанбе, 2011,- С. 517-518.

3. Из истории культурного строительства Таджикистане (1917 - 1977). [текст]. : - том 1. / Под ред., К. П. Марсакова., - Душанбе, Дониш 1979. - С. 210 .

4. История таджикского народа / Под ред. Б.А. Антоненко. – М.: Наука, 1964.– Том III.– С. 324-325

5. Кӯлоб. Энсиклопедия. // Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2006. - С. 42
6. Низам Нурджанов. Таджикский народный театр (по материалам Кулябской области). – Москва, 1956.
7. Низам Нурджанов.Таджикский народный театр по материалам Кулябской области. – Москва, 1956. – С 18.
8. Таджикистан за 40 лет: Ст. сборник. – Душанбе, 1964. – С. 200.
9. Таджикская ССР за 20 лет. - Сталинобод; Таджикгосиздат, 1949. - С. 127.
10. Тоҷикистони Сурх. – 1939. - октябр.
11. ФБ ҲКТ дар назди Кумитаи марказии ҲКИШ, Ф. 3. - Р. 1.- П. 570. - В 94.
12. Шевченко З.М. Из истории библиотечного дела в Таджикистане / Под ред. К. Я. Марсакова Душанбе:Дониш,1968.– С.27.
13. Сафармуҳаммад Аюбӣ. Ним асри тарбияи завқ. – Кӯлоб: 1988. – С 8.
14. ФБ ҲКТ дар назди Кумитаи марказии ҲКИШ, Ф. 3. - Р. 109.- П. 140. - В 61-64.
15. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷ.I, - Душанбе; 1988. - С. 295.
16. Энсиклопедияи Фархор, Душанбе: Ирфон. 2011.
17. Файзи Ашӯр, Мунаввара Аминова. Даргоҳи ҳунар. – Душанбе: 2008 . – С 34.

АЗ ТАЪРИХИ МУАССИСАҲОИ МАДАНӢ-РАВШАННАМОИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ ХХ

Муаллифон дар мақола, оид ба муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-30-юми асри ХХ тадқиқот анҷом додаанд. Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ яке аз шохаҳои муҳими фаъолияти идеологии роҳбарияти собиқ вилояти Кӯлоб ба ҳисоб рафта, дар он солҳо чойхонаҳои Сурх, китобхонаҳо, муассисаҳои клубӣ, осорхонаҳо, театрҳои халқӣ ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ бунёд гардиданд, ки дар онҳо чорабиниҳои фарҳангӣ бо ҷалби васеи мардум гузаронида мешуданд. Фаъолияти ин муассисаҳо сол аз сол дар баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва маънавиёти мардум нақши муҳим мебозиданд. Агар дар солҳои 20 - 30 юми асри ХХ масъалаҳои асосӣ дар минтақаи Кӯлоб ин бунёди муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ ба ҳисоб мерафт, пас дар солҳои 40 – 80 ум масъалаҳои рушди ин муассисаҳо, аз ҷумла сохтмони хонаҳои фарҳанг, клубу китобхонаҳо, маблаґгузорӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг ҳаллу фасл мегардиданд. Дар ин давра дар назди хонаҳои фарҳанг маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ амал менамуданд, ки бо барномаҳои рангини худ дар ҷашнҳо ва озмуну фестивалҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқӣ иштироки фаъолона доштанд.

Ҳарчанд, ки таъсисёбии осорхонаҳо дар ҶШС Тоҷикистон ба аввали солҳои 30 – юми асри ХХ рост омада бошад, аммо дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бунёд ёфтани аввалин осорхона ба солҳои 70 – ум рост меояд. Ташкил ёфтани осорхонаҳои таъриху кишваршиносӣ, боґ – осорхона ва хона – осорхонаҳо дар минтақа то солҳои 80-уми асри ХХ ба хотири баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ ва гиромидошти арзишҳои фарҳангӣ равона гардида буданд.

Аммо бояд қайд кард, ки дар байни муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ китобхонаҳо ҷои намёнро ишґол мекарданд. Созмон додани фаъолияти китобхонавӣ дар қисмати Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ аввали солҳои 20-уми асри ХХ баъди таъсиси ҶМШС Тоҷикистон оґоз ёфтанд.

Калидвожаҳо: минтақа, Кӯлоб, Тоҷикистон, осорхона, китобхона, театр, фарҳанг, муассиса, клуб, чойхона, мактаб, ансамбл.

ИЗ ИСТОРИИ КУЛЬТУРНО-ПРОСВЕТИТЕЛЬСКИХ УЧРЕЖДЕНИЙ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА В 20-30-Е ГГ. ХХ ВЕКА

В статье исследована история культуно просветительных учреждений Кулябского региона в 20-30-х годах ХХ века. Авторы отмечают, что культурно-просветительние учреждения являлис одним из важных направлений в деятельности руководства Кулябского региона, и в те годы в регионе были построены Красные

чайханы, библиотеки, клубные учреждения, музеи, народные театры и другие учреждения культуры, такие культурно-массовые мероприятия проводились с широким участием людей. Деятельность этих учреждений год за годом играла важную роль в повышении политического сознания и духовности народа. Если в 20-х - 30-х годах XX века основными вопросами в Кулябском регионе были вопросы строительства культурно-просветительских учреждений, то в 40-х - 80-х годах - вопросы развития этих учреждений, в том числе строительство домов культуры, клубов и библиотек, финансирование и подготовка специалистов в области культуры. В этот период при домах культуры действовали кружки художественного самодеятельности, которые своими красочными программами принимали активное участие в областных, республиканских и всесоюзных праздниках и конкурсах и фестивалях.

Хотя создание музеев в Таджикской ССР началось в начале 30-х годов 20 века, создание первого музея в Кулябском районе Хатлонской области относится к 70-м годам. Создание историко-географических музеев, садов-музеев и домов-музеев в области до 80-х годов XX века было направлено на повышение чувства национальной гордости и уважение культурных ценностей. Однако следует отметить, что среди учреждений культуры и образования библиотеки занимали видное место, организация библиотечной деятельности в центральной и южной части Таджикистана началась в начале 20-х годов XX века, после образование Таджикский ССР.

Ключевые слова: регион, Куляб, Таджикистан, музей, библиотека, театр, культура, учреждение, клуб, чайхана, школа, ансамбль.

FROM THE HISTORY OF CULTURAL AND EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE KULOB REGION IN THE 20-30S XX CENTURY

The article explores the history of cultural and educational institutions of the Kulyab region in the 20-30s of the twentieth century. The authors note that cultural and educational institutions were one of the important areas in the activities of the leadership of the Kulyab region, and in those years Red teahouses, libraries, clubs, museums, folk theaters and other cultural institutions were built in the region, such cultural events were held with broad participation of the people. The activities of these institutions year after year played an important role in raising the political consciousness and spirituality of the people. If in the 20s - 30s of the twentieth century the main issues in the Kulyab region were the construction of cultural and educational institutions, then in the 40s - 80s - the development of these institutions, including the construction of houses of culture, clubs and libraries, financing and training of specialists in the field of culture. During this period, amateur art circles operated at the houses of culture, which, with their colorful programs, took an active part in regional, republican and all-Union holidays and competitions and festivals.

Although the creation of museums in the Tajik SSR began in the early 30s of the 20th century, the creation of the first museum in the Kulyab district of the Khatlon region dates back to the 70s. The creation of historical and geographical museums, gardens-museums and house-museums in the region until the 80s of the twentieth century was aimed at increasing the feeling of national pride and respect for cultural values. However, it should be noted that among the institutions of culture and education, libraries occupied a prominent place, the organization of library activities in the central and southern parts of Tajikistan began in the early 20s of the twentieth century, after the formation of the Tajik SSR.

Key words: region, Kulyab, Tajikistan, museum, library, theater, culture, institution, club, tea house, school, ensemble.

Маълумот дар бораи муаллифон: Абдуллоев Маҳмуд Холович-доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Суроғa 735360 ҶТ. ш.Кӯлоб кӯчаи С.Сафаров 16. E-mail: abdulloev.48@mail.ru; Телефон: +992918685205.

Шарифов Шӯҳратҷон Ҷумъаевич- саромӯзгори Коллеҷи омӯзгории назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ . Суроғa 735360 ҶТ. ш.Кӯлоб кӯчаи С.Сафаров 16.

Сведения об авторов: Абдуллоев Махмуд Холович – доктор исторических наук, профессор кафедры история таджикского народа Кулябский государственный университет имени А.Рудаки. Адрес. 735360 г. Куляб ул. С.Сафаров 16., E-mail: abdulloev.48@mail.ru; Телефон: +992918685205.

Шарифов Шухратжон Джумаевич - старший преподаватель педагогического колледжа Кулябский государственный университет имени А.Рудаки. Адрес. 735360 г. Куляб ул. С.Сафаров 16.

Information about the authors: Abdulloev Mahmud, Holovich – doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of History of the Tajik People Kulyab State University named after A. Rudak. Address. 735360 Kulyab st. S. Safarov 16.,E-mail: abdulloev.48@mail.ru; Phon:+992918685205.

Sharifov Shukhratjon Dzhumaevich - SLecturer of the Pedagogical Colleg Kulyab State University named after A. Rudak. Address. 735360 Kulyab st. S. Safarov 16.

УДК – 01+930.27 (2 тоҷ)
ББК – 66+67 (2 тоҷ)
О - 42

ГУСТАРИШИ РОБИТАҲОИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН ВА ПОКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Олимов М.А., Суфиев С. Н.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ муносибатҳои наздики миллатҳо ва давлатҳоро тавсеаи бесобиқа бахшида, дастрасӣ ба комёбиҳои навину арзишманди башарӣ ва бахрабардорӣ аз дастовардҳои тафаккури созандаи инсониро барои аҳли башар муяссар мегардонад. Дар баробари ин, мушкилоти моддиву маънавӣ ва ахлоқии башар низ хислати глобалӣ касб карда, ин амр боиси торафт афзудани фишор ба сохторҳо ва арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо ва ангезиши бархӯрди тамаддунҳо мегардад.

Бо назардошти вазъи ҳассоси оғози ҳазораи навин Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстонаро амалӣ месозад, ки яке аз ҳадафҳои асосии он таҳкими пояҳои шартномавию ҳуқуқии робитаҳои фарҳангӣ ва башардӯстона бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ мебошад [6].

Дар шароити муосир имиҷи кишварҳо на танҳо бо сиёсати иқтисодии он дар саҳнаи байналхалқӣ, балки сиёсати хориҷии он ташаккул меёбад. Дар ин самт ҳамкории гуманитарӣ аҳамияти зиёд дорад. Тавассути донистани забон, анъанаҳо ва дар маҷмӯъ фарҳанги халқи дигар дарки мусбати фарҳангҳои миллии дигар, муносибати таҳаммулпазирона нисбати халқҳои дигар ташаккул меёбад, ки дар натиҷаи он эътимод байни одамон ҳосил мешавад.

Дар ин радиф густариши ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳиндустон бо назардошти умумияти фарҳангӣ, гузаштаи таърихӣ теъдоди аҳолӣ ва нақши ин кишвар дар равандҳои ҷаҳонӣ аҳамияти хосса дошта, ҷиҳати муаррифии фарҳангу тамаддуни тоҷикон дар саҳнаи минтақавӣ ва байналхалқӣ нақши муассир мерасонад.

Ба қавли Пешвои миллат яке аз омилҳои мусоиди пешрафти кишвари мо дар шароити соҳибистиқлолӣ ҳамсоягӣ бо кишварҳоест, ки иқтисоди сареҳан рушдёбанда доранд ва дорои қаробати забониву таърихӣ ва фарҳангӣ ҳастанд. Табиист, ки дар байни онҳо Ҳиндустон мақоми хоса дорад. Мо онро баланд арзёбӣ менамоем ва аз имкони эҳёву рушди равобит бо кишвари шумо бо қадрдонӣ истифода хоҳем кард. Ҳоло дар харитаи сиёсии ҷаҳон Ҳиндустон мақоми кишвареро дорост, ки нерӯи худро торафт тақвият мебахшад, соҳибқудрат ва обрӯманд мебошад.

Мо шоҳиди рушди босуръати кишвари шумо ҳастем, комёбиҳои мутахассисини шуморо дар соҳаҳои технологияи пешрафта ва барномаҳои компютерӣ баланд арзёбӣ мекунем ва шайдои таърих, фарҳанг ва тамаддуни кӯҳан ва волои шумо ҳастем [10, с.137].

Яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии Ҳиндустон дар Осиёи Марказӣ аз он иборат аст, ки ба густариш ва тасдиқи бунёдгароии ҷангҷӯёнаи исломӣ дар ин минтақа монеа гардад. Ҳиндустон кӯшиш мекунад то аз Покистон қафо намонад, ки баҳри татбиқи ҳадафҳои худ омили мусулмониро дар наздикшавӣ ва миқёси ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ истифода менамояд [5,с.68].

Соли 2001 Комиссияи муштараки ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Ҳиндустон таъсис ёфта, он дар фаъол сохтани ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бомуваффақият саҳм мегирад. Дар раванди тавсеаи муносибатҳо фаъолияти самараноки Комиссияи муштараки Тоҷикистон ва Ҳиндустон оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ низ саҳми арзанда дорад. Натиҷаҳои ҷаласаҳои Комиссияи муштарак барои истифодаи васеъ аз зарфиятҳои бузурги ҳамкориҳо заминаҳои мусоидро фароҳам месозанд [18, с.83].

7 - 14 декабри соли 2001 дар шаҳри Деҳлӣ аввалин ҷаласаи Комиссияи муштараки ҳамкориҳои байниҳукуматӣ баргузор шуд, ки дар анҷоми ӯ Санади ҷаласаи якуми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи савдо, иқтисод, илм ва техника ба имзо расид.

Бо ташаббуси ҷамъияти дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ, ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон - Ҳиндустон ва сафорати Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон а 8 то 15 августи соли 2002 бахшида ба Рӯзи истиқлолияти Ҳиндустон Ҳафтаи дӯстӣ бо халқи ҳинд доир шуд.

Дар рафти гузаронидани Ҳафтаи дӯстӣ байни халқи тоҷик ва халқи Ҳиндустон як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ доир шуданд. Дар доираи Ҳафтаи дӯстӣ 9 август дар китобхонаи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ба номи И. Ганди намоиши китобҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо бо се забон: ҳиндӣ, англисӣ ва русӣ баргузор гардид. Гузаронидани чунин намоишгоҳҳо дар китобхона барои ҷамъияти дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Ҳиндустон анъанаи нек гаштааст [12,с.237].

28 - 30 январи соли 2003 бо даъвати ҷониби Тоҷикистон боздиди расмии ВКХ Ҷумҳурии Ҳиндустон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Зимни сафар Яшвант Синха бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарвазир, ВКХ, вазири мудофиа, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯриҳо анҷом дод. Зимни мулоқот бо Сарвари давлат ҷонибҳо дурнамои муносибатҳои дуҷонибаро ба таври муфассал баррасӣ намуда, оид ба масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор карданд [13, с.237].

27 май - 1 июни соли 2003 ҷаласаи 2 - юми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои савдо, иқтисод, илм ва техника баргузор гардид.

11 июни соли 2003 ба мақсади таҳкими минбаъдаи муносибатҳои мутақобилан судманд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кушодани сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ҳиндустон фармон имзо кард.

Моҳи майи соли 2004 дар шаҳри Душанбе бахшида ба 90-солагии Зиёдулло Шаҳидӣ ва 80- солагии шаҳри Душанбе Хазинаи байналхалқии фарҳанги мусиқӣ ба номи З. Шаҳидӣ (Маркази “Муколамаи фарҳангҳо”) якҷоя бо Вазорати фарҳанг, ҳукумати шаҳри Душанбе, сафоратҳои Австрия ва Франсия, Маркази фарҳангии “Бактрия” аввалин фестивали байналхалқии мусиқии муосир ташкил карда шуд [4].

Дар барномаи фестивал намоиши операи “Комде ва Мадан” (аз эҷодиёти шоири тоҷику форс Бедил, ки дар Ҳиндустон зиндагӣ ва эҷод менамуд) дохил шуд. Операи мазкурро З. Шаҳидӣ бо хоҳиши Садриддин Айнӣ ҳанӯз соли 1940 навишта буд [14,с.10].

Арҷгузорӣ ба шахсиятҳои таърихии якдигар яке аз омилҳои густариши ҳамкориҳо мебошад. 14 ноябри соли 2005 дар Маркази фарҳанги ҳиндӣ дар назди сафорати Ҳиндустон якҷоя бо Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Ҳиндустон озмуни рақси «Расмҳо», бахшида ба рӯзи таваллуди аввалин сарвазири Ҳиндустон Ҷавоҳирлаъл Неҳру баргузор шуд. Ҳамасола рӯзи таваллуди ӯ -14 ноябр дар Ҳиндустон ҳамчун рӯзи кӯдакон ҷашн гирифта мешавад. Дар он мактаббачаҳои макотиби гуногуни шаҳри Душанбе аз 8 то 12 сола иштироки фаъол доштанд.

18 ноябри соли 2005 дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон маросими тақдими асбобҳои мусиқии ҳиндӣ аз ҷониби сафорати Ҳиндустон баргузор гардид. Мулоқотро бо сухани ифтитоҳӣ ректори консерватория профессор Т. Сатторов кушод, ки сафорати Ҳиндустонро дар шаҳри Душанбе барои туҳфаи бебаҳо раҳмат гуфт, ки коллексияи асбобҳои мусиқии консерваторияро афзоиш дода, саҳми Ҳиндустонро дар мустаҳкам гаштани дӯстии байни ду халқ таъкид кард. Баъдан сафири фавқуллода ва мухтори Ҳиндустон дар Тоҷикистон ҷаноби Вандал Ҷайшанкар баромад кард. Ӯ дар бораи умумияти анъанаҳои фарҳангии мо сухан кард, ки дар қолабҳои бадеии халқӣ ифода меёбанд ва айни замон дар маъруфияти бузурги мусиқӣ ва филмҳои ҳиндӣ дар Тоҷикистон инъикос мешаванд. Баъди анҷоми баромади ӯ маросими тантанавии супурдани асбобҳои классикии мусиқии ҳиндӣ ба монанди: сетор, сантур, табл ва ғайра баргузор гардид. Баъди ин маросим кормандони Маркази фарҳангии ҳиндӣ дар назди сафорати Ҳиндустон намоиши рақсу мусиқӣ ташкил карданд, ки бо консерт дар иҷрои донишҷӯёни консерватория ба анҷом расид. Консерти мазкур аз решаҳои умумии анъанаҳои мусиқии ҳиндӣ ва тоҷикӣ шаҳодат медод.

Дар сатҳи байнидавлатӣ байни Тоҷикистон ва Ҳиндустон боздидҳои гурӯҳҳои мусиқии ҳар ду кишвар амалӣ мешавад. Аввалин маротиба баъди касби истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳҳои фарҳангии ҳиндӣ дар фестивали байналхалқии мусиқии "Садои дилҳо", иштирок карданд, ки моҳи сентябри соли 2005 доир шуда буд. Моҳи январи соли 2006 бо кӯмаки Шӯрои Ҳиндустонӣ оид ба ҳамкориҳои фарҳангӣ гурӯҳи мусиқии "Рухшона", ки аз 60 аъзо иборат буд, ба Ҳиндустон рафт. Моҳи августи соли 2006 гурӯҳи фарҳангии ҳиндӣ, ки аз мусиқии суфӣ намояндагӣ карда, аз 11 аъзо иборат буд, ба Душанбе ва шаҳрҳои дигари Тоҷикистон омад. Моҳи августи соли 2007 дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд гурӯҳҳои санъати ҳарбӣ аз шаҳри Манипур (иёлати Шимолу шарқии Ҳиндустон) ҳунарнамоӣ карданд. Моҳи апрели соли 2008 маҳифлҳои рақсии Катакро ҳамватанони мо дидан карда, 29 марти соли 2009 бошад гурӯҳи фарҳангии иборат аз 10 намояндаи санъат дар соҳаи рақс Кучипуди (Ҷануби Ҳиндустон) Хиндустани (Шимоли Ҳиндустон) дар Театри опера ва балет ба номи Садриддина Айни намоиши ҳунарӣ нишон доданд.

6 - 10 августи соли 2006 боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон аз Ҷумҳурии Ҳиндустон сурат гирифт. Сарвари давлатро дар ин сафар аз ҷумла Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Илолов, Раиси иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Бахтӣ, Шоирони маъруфи Тоҷикистон Иноят Хоҷаева (Фарзона), Толиб Каримов (Озарахш) ҳамроҳӣ намуданд. Дар ҷараёни сафар 6 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими кушодани лавҳаи хотиравӣ дар назди оромгоҳи шоири машҳури адабиёти орифонаи форсу тоҷик Мирзо Абдулқодири Бедил ва маҳфили мушоара ба мавзеи «Боғи Бедил» дар шаҳри Деҳлӣ иштирок намуд. Дар суханронӣ Сарвари давлат Мирзо Абдулқодири Бедилро аз бузургтарин намояндагони илму адаби форсу тоҷик номида, таъкид дошт, ки дар оғози асри XXI ӯ пайвандгари таърихӣ ва маънавии ду кишвари дӯст – Тоҷикистон ва Ҳиндустон гаштааст. Ба ибораи Э. Раҳмон панди Бедил метавонад омили хуби таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи мо гардад [15, с.386].

Дар рафти ин сафар панҷ созишнома дар бораи ҳамкорӣ ба имзо расид, ки ҳуҷҷатҳои зерин ба густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ равона гашта буданд: [2, с.117].

- Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар бораи густариши минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ;

- Барномаи ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар соҳаи фарҳанг ва санъат барои солҳои 2006 – 2009.

Моҳи октябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои савдо, иқтисод, илм ва техника баргузор шуд.

Дар асоси «Барномаи ҳамкори дар соҳаи фарҳанг ва санъат», ки аз тарафи ҳукуматҳои ҳар ду кишвар моҳи сентябри соли 2012 ба имзо расидааст, самти фарҳангии ҳамкорӣ хислати комплексӣ гирифт.

Таҳлили ин ҳуҷҷати муҳим нишон медиҳад, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи назариявии ҳамкориҳои фарҳангӣ байни Тоҷикистон ва Ҳиндустон таъмини тарафҳо бо адабиёти зарурӣ пешбинӣ мегардид: «Ҳар ду тарафҳо мубодилаи таълифот, адабиёт ва маводи таҳқиқотиро дар соҳаи фарҳанг ва санъат дастгирӣ менамоянд».

Ба ғайр аз ин, дар ҳуҷҷат таъкид шудааст: «Консерваторияи миллии Тоҷикистон ва Академияи Санҷат Натани Ҳиндустон барои таълими мусиқии анъанавии ҳиндӣ ва тоҷикӣ бо омӯзгорон ва мутахассисон таъмин мегарданд».

Бояд қайд кард, ки ҳамкории Тоҷикистон бо Ҳиндустон дар қаринаи минтақаи Осиёи Марказӣ низ ҷараён мегирад. ОМ барои Ҳиндустон бо назардошти ду ҷанба манфиат дорад: дар навбати аввал ҳамчун содиркунандаи захираҳои энергетикӣ, ки имкони коҳиши вобастагиро аз кишварҳои минтақаи нооромии Шарқи Наздик фароҳам меорад, инчунин ҳамчун кафили амнияти ҚИТҲА, ки сарҳадҳои ҳиндиро аз таҳдиди эҳтимолии террористӣ эмин медорад [9, с.111].

Ҳиндустон ба тамоми ҷаҳон бо чорабиниҳои фарҳангии рангин, шеъру рақс машҳур аст. Дар ин ҷо ҳамасола фестивалҳои «Эҷодиёти халқӣ», «Ҳунарҳои дастӣ», «Ғазалҳои сӯфиёна», «Рақсҳои анъанавӣ» ва дигар анвои озмунҳо баргузор мешаванд. Соли 2006 ансамбли тарона ва рақси тоҷик «Рухшона» ба фестивали «Эҷодиёти халқӣ» ба Ҳиндустон даъват карда шуд. Дар муддати як ҳафта ҳунармандони мо дар пойтахти Ҳиндустон – шаҳри Деҳли баромад карданд, ки мухлисон онҳоро гарму ҷушон истиқбол намуданд. Дар ин чорабинии фарҳангӣ ансамбли рақсии «Гулрез» баромад намуд. Дар толори консертӣ нақшҳои рассоми тоҷик Вафо Назаров ва дигарон овезон буданд, ки ӯ ба суолҳои шавқмандони мактаби бадеии тоҷик ҷавоб дод [11].

Асос барои роҳандозии чунин ҳамкориҳои бисёрҷанба Хартия СҲШ — санади асосӣ баромад менамояд, ки самтҳои асосии ҳамкории фарҳангӣ- гуманитарии созмонро муайян мекунад. Кори амалӣ барои амалӣ намудани ин самт ба Машварати вазирони фарҳанги кишварҳои — аъзои СҲШ вогузор шудааст, ки механизми ҳамоҳангсоз-машваратии ҳамкорӣ ба шумор рафта, фаъолияти он бо муқаррароти Хартияи СҲШ ва дигар санадҳои дар чаҳорчӯбаи созмон қабулшуда мутобиқат менамояд.

Натиҷаҳои ҳамкориҳои амалӣ дар сандаҳое инъикос мегарданд, ки дар мулоқотҳои солонаи СҲШ қабул мегарданд. Дар мулоқоти сарварони кишварҳо дар Бишкек соли 2007 созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ба имзо расид, дар мулоқоти сарварони кишварҳо дар Тошканд бошад, соли 2016 самтҳои минбаъдаи мукаммал намудани ҳамкории бисёрҷониба дар чаҳорчӯбаи СҲШ, аз ҷумла дар соҳаи ҳамкории фарҳангӣ-гуманитарӣ муайян карда шуданд.

Кишварҳои аъзои СҲШ бо "руҳияи Шанхай" муттаҳид гаштаанд, ба принсипҳои эҳтиромии мутақобила ва муколамаи баробар такя карда, сол то сол фаъолияти амалиро дар соҳаи фарҳанг, маориф, илм ва техника, тандурустӣ, варзиш, сайёҳӣ, алоқаҳои ҷавонон фаъол менамоянд". Ба қавли дабири кулл, намунаи возеҳи тавсеаи ҳамасолаи ҳамкории фарҳангӣ- гуманитарӣ барномаи маҷмӯавии "СҲШ — хонаи ҳамаи мо" ба шумор меравад, ки дар чаҳорчӯбаи он рӯзҳои фарҳанги кишварҳои аъзои созмон, силсилаи ҳунарнамоиҳои фортепяноии "Нуҳ нотаи афсункор",

марафонҳои ҳамасолаи СҲШ баргузор мегарданд. Лоиҳаи "Ҳашт муъҷизаи СҲШ" ба бунёди фазои ягонаи сайёҳӣ равона шудааст [3].

Дар самти густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон ба назар гирифтани имкониятҳои СҲШ муҳим мебошад. Саммити таърихии СҲШ дар Остона 8-9 июни соли 2017 давраи нави инкишофи созмонро оғоз кард. Яке аз натиҷаҳои муҳимми он додани мақоми узви баробарҳуқуқ ба Ҳиндустон ва Покистон буд. Муттаҳид кардани чор давлати ядроӣ – дар доираи СҲШ унсури такягоҳи дастгирии суботи стратегии ҷаҳон мебошад [1].

Ҳамкорӣ дар соҳаи гуманитарӣ асоси қавии иҷтимоиро барои мустаҳкам кардания дӯстӣ байни кишварҳои СҲШ гузошта тамоюли инкишофро соҳиб аст. Бо шарофати махсусияти захираҳои гуманитарии ҳар як кишвари аъзои Созмон иқтидори бузург барои ҳамкорӣ мавҷуд мебошад. Пеш аз ҳама, алоқаҳои наздики чандинасра байни мардумони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ба умқи дарки якдигарӣ ва ғановати фарҳангҳои миллӣ мусоидат намудаанд.

Моҳи июли соли 2005 Созишнома байни кишварҳои-аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар бораи расонидани кӯмак дар бартараф кардани ҳолатҳои фавқуллода ба имзо расид. Мутобиқи ин ҳуҷҷат, кишварҳо ба якдигар дар бартараф кардани ҳолатҳои фавқуллода дар асоси дархост мутобиқи имкониятҳои худ ва ихтиёрӣ кӯмак мекунанд. Шароити пешниҳоди кӯмак дар созиши ҷонибҳо муайян мегардад.

Ҳамзамон ҷонибҳо мутобиқи қонунгузории дохилии худ ба транзити бемамониати гурӯҳи наҷотдиҳандагон бо таҷҳизоти зарурӣ, инчунин борҳои гуманитарнӣ мусоидат хоҳанд намуд. Ба қайдгирии гумрукӣ дар шакли содашуда бо тавсияи мақомотҳои салоҳиятдори ҷонибҳо амалӣ мегардад.

Дар радифи рушди ҳамкориҳо дар самти сайёҳӣ бо Ҳиндустон дидани манзараҳои таърихии ин кишвар низ аз манфиат холӣ нест. Зеро дар Ҳиндустон зимни сайру саёҳат имкони шиносоӣ бо шоҳкориҳои меъморӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ фараҳам меояд, ки дар онҳо нақши аҷдодони тоҷик ва фарҳанги онҳо ҳувайдо мебошад.

7-9 октябри соли 2018 сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Шри Рам Натҳ Ковинд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар ҷараёни мулоқот ду Роҳбар Изҳороти муштаракро қабул намуданд. Сарварони кишварҳо ба мувофиқа расиданд, ки пос доштани хотираи шоири бузурги тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, ки фасеҳона дар бораи Ҳиндустон навишта, равобити дӯстонаи мардуми Тоҷикистону Ҳиндустонро тавсиф кардааст, дар таҳкими робитаҳои фарҳангии ду кишвар саҳм мегузорад.

Дар рафти сафари мазкур байни кишварҳо санадҳои зерин ба имзо расиданд, ки хислати таҳвияти ҳамкорӣ дар самти фарҳангӣ-гуманитариро инъикос менамуданд:

- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои ҷавонон ва варзиши Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои ҷавонон;

Боздиди мазкур ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ такони мусбат бахшида, заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии онро мустаҳкам намуд.

Ҳамин тариқ, масъалаи рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Ҳиндустон таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

- умумияти таърихӣ дар муносибати халқҳои тоҷику ҳинд мақоми махсус дорад;
- ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар доираи СҲШ ба ғановати дуҷониба мусоидат карда, ба халқҳои онҳо эҳсоси дарки мушкилоти якдигарро фароҳам оварда шарикиро қувват медиҳад;
- моҳи сентябри соли 2012 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ ба имзо расида буд. Вале моҳият ва мазмуни ҳамкории тарафҳо ба мундариҷаи стратегӣ пурра ҷавобгӯ нест. Аз ин рӯ

зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд;

- Тоҷикистон ва Покистонро, ки бо муносибатҳои наздик, таърихи умумӣ ва андешаҳои наздики иҷтимоӣ-маънавӣ пайванданд, новобаста аз мушкилоти мавҷуда муносибатҳои худро дар соҳаҳои ҳаёти маънавӣ ва модии халқҳо инкишоф медиҳанд. Инкишофи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Покистон ба ҳалли масъалаҳои душвори иҷтимоӣ-иқтисодӣ кӯмак мекунад ва рушди мунтазами онҳоро дар оянда таъмин месозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон робитаҳои устувори қадимаву дӯстона доранд. Шаҳрвандони ҳар ду давлат бо посдорию ифтихор аз гузаштагони оламшумули адабиёту фарҳанги пурғановат ба мисли Мирзо Абдулқодири Бедил, Мирзо Ғолиб, Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ва бо пайравӣ аз суннатҳои неку арзишманди ҳамкориҳои академик Бобоҷон Ғафуров, Файз Аҳмади Файз, Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ ва Аҳмад Ҳасани Донӣ фазои боэътимоди муносиботи дуҷонибаро таҳвият мебахшанд.

Бо шарофати истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи равобити Тоҷикистону Покистон марҳилаи сифатан нав оғоз гардид.

Ҷумҳурии Исломии Покистон аз аввалин мамолики хориҷӣ буд, ки истиқлолияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, муносиботи дипломатӣ барқарор намуд.

Пояи қарордодӣ-ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро зиёда аз 55 адад созишномаю ёддоштҳои тафоҳуми байниҳукуматӣ ва соҳавӣ ташкил медиҳад.

Асри XXI бо ҷаҳонишавӣ ва паҳншавии арзишҳои ғарбӣ оғоз шуд, ки барои кишварҳои миллӣ як хатар аст. Барои ҳифзи асолати миллӣ ва фарҳанг бояд на танҳо онро дар замири фарзандони миллат арзишҳои фарҳангию таърихиро ҷой кард, балки ба воситаи ҳамкорӣ ба ҷаҳониён онро муаррифӣ намуд. Маҳз барои ҳамин Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои ҷаҳон ҳамкории фарҳангиро ба роҳ мондааст. Дар ин шароит яке аз авзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии чунин дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстона аст, ки он бо дарназардошти тамоюлҳои мусбат ва манфии раванди ҷаҳонишавӣ ба таъмини ҳастии маънавӣ ва ҳифзу ҳимояи арзишҳои асили миллии фарҳангиву ахлоқии халқи тоҷик, муаррифии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари дорои фарҳангу тамаддуни қадима ва давлати муосири демокративу ҳуқуқбунёд, тавсеаи ҳамкориҳои самарабахши фарҳангию башардӯстона бо кишварҳои олам бо мақсади таҳкими шинохти мусбати Тоҷикистон ва мардуми он мусоидат намояд. Дар ин ҷо ҳамкорӣ бо Покистон, ки бо халқи тоҷик умумияти зиёди таърихӣ ва фарҳангӣ дорад аҳамияти хосса дорад.

Нақши фарҳанг ва маориф дар меъмории ояндаи муносибатҳои байналхалқӣ хеле муҳим мебошад. Муколамаи байнифарҳангӣ, ки мавзуи калидии баҳси ҷомеаи ҷаҳонӣ дар даҳсолаи охир гаштааст, метавонад танҳо дар асоси дониш ва эҳтироми мутақобила инкишоф ёбад. Маҳз ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва маориф ҳамчун иқтидор барои ҳалли аксари мушкилоти муосир баромад менамояд. Мавҷудияти мушкилот дар ин раванд, дар сатҳи байналхалқӣ ва минтақавӣ маънои онро дорад, ки иродаи сиёсии иштирокчиён дар умқ ва тавсеаи ҳамкорӣ метавонад барои ҳалли он мусоидат намояд [8]..

Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов таъкид кард, ки бо пайравӣ аз суннатҳои волои ниёгон мо ба баланд бурдани сатҳи маърифатии мардум, бахусус, ҷавонон аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир мекунем. Мо соли 2006-ро соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон доштем ва барои таҷлили шоистаи он омодагии ҳамаҷониба мебинем.

Профессор Аҳмад Ҳасани Донӣ ин иқдоми Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмоновро, ки ҳадафи аслии он худшиносӣ ва худогоҳии солими таърихии

мардум аст, ифодаи олитарини шинохти илмии давлатдории миллӣ, арзишҳои волои ахлоқӣ ва фарҳангӣ, равобити дерин ва судманди таърихӣ номид, ки ба эҳёи равобити мардумони кишварҳои ориёитабор, ки такрибан 1 миллиарду дусад миллион нафар мебошанд, мусоидат хоҳад намуд [17, с 76].

Дар натиҷаи сафари аввалини давлатӣ созишномаҳои байнидавлатии зерин ба имзо расиданд:

- Эъломияи муштарак оид ба натиҷаҳои боздиди давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов аз Ҷумҳурии Исломии Покистон дар таърихи 12-14 майи соли 2004;
- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм;
- Созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Исломии Покистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф;

Рӯзи 13 май Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Лоҳур омада, дар ин ҷо бо Нахуствазири музофоти Панҷоб Парвиз Илоҳӣ мулоқот намуд. Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Панҷоб равобити дерини таърихӣ ва фарҳангӣ дорад. Дар даврони гуногуни таърих дар мулки Панҷоб ва қабл аз ҳама шаҳри таърихӣ ва зебои Лоҳур шахсиятҳои бузурги маънавӣ, адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ фаъолият намудаанд, ки барои кишвари мо ошно ва соҳибэҳтироманд.

Эмомалӣ Раҳмонов ва Парвиз Илоҳӣ таъкид сохтанд, ки олимону фарҳангиёни ду кишвар метавонанд дар эҳё ва густариши равобит ва ҳамкории илмӣ ва фарҳангӣ саҳми шоиста гиранд.

Шаҳри таърихӣ ва зебои Лоҳур муддати расо 10 сол бародаршаҳри пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе қарор гирифта, ин ду шаҳр метавонанд бо густариши ҳамкории фаъол ва созанда дар рушди умумии равобити дуҷониба саҳми шоиста дошта бошанд.

Ин мулоқотҳо далели тавсеа ва таҳкими равобити дӯстона байни ду кишвар, ҳамкории мутақобилан судманд бо Покистон, муайянсозандаи самтҳои муҳими сиёсати минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Байни ду кишвар Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ фаъолият дорад, ки яке аз механизмҳои асосии рушди ҳамкориҳои дуҷониба ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ки то ба имрӯз 6 ҷаласаи Комиссияи мазкур баргузор шудааст.

Дар густариши ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Покистон нақши сафари расмии сарвазири Покистон Навоз Шариф ба кишвари мо дар санаи 5 июли соли 2017 муҳим мебошад. Ҳар ду ҷониб нисбат ба мавзӯоти густариши ҳамкории фарҳангию башарӣ низ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуданд.

Дар ин зимн аз ҷониби мо ба дурнамои хуб ва аҳаммияти омӯзишу амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои илмию техникӣ ишора карда шуд. Мо доир ба номгӯйи фарохи масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор намудем [7].

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ барои рушду густариши муносибатҳои дӯстию ҳамкорӣ 3 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид, ки Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот байни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон ва Вазорати иттилоот, телевизион, радио ва мероси миллии Ҷумҳурии Исломии Покистон мақоми хосса дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари дорои манотиқи зиёди таърихӣ мебошад ва рушди соҳаи сайру сайёҳат бо истифодаи таҷрибаи чониби Покистон ва ҷалби маблағгузориҳо дар ин соҳа боиси пешрафт ва шинохти бештари кишвари мо дар байни кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ хоҳад буд.

Ниҳоят, Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати бетараф дар барҳӯрдҳои миёни Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон хоҳони халлу фасли ҳарчи

бештари мусолиматомези низоъҳои ин ду кишвари ба мо дӯст буда, метавонад бо таҷрибаи фаровони таърихию сулҳофаринии худ дар ба эътидол овардани вазъи мураккаби байни он ду кишвар чун миёнарав хидмат намояд [16, с.63].

Омӯзиши таҳаввули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон имкон медиҳад, ки ба чунин хулосаҳо расем:

- байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмӣ-техникӣ таъсис ёфта, ба механизми инкишофи муносибати байни давлатҳо табдил ёфт;
- пояи шартномавӣ-ҳуқуқии ҳамкории Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар ин давра мустаҳкам гашта, бо Ҳиндустон аз 60 санад ва бо Покистон аз 50 санади муҳими танзимкунандаи муносибатҳои ҳамкории иқтисодиву тиҷоратӣ, фарҳангиву гуманитарӣ, низомиву техникӣ иборат аст. Вале дар ин радиф бояд таъкид намоем, ки на ҳамаи созишномаҳо ба пуррагӣ иҷро мешуданд. Ҳолати мазкур бештар ба самти иқтисодӣ-тиҷоратӣ алоқаманд мебошад. Сабаби асосии чунин ҳолат дуруст фаъолият накардани механизмҳои ҳамкорӣ ва ниҳодяҳои байнидавлатии кишварҳо ба шумор меравад. Новобаста аз ин, созишномаҳои танзимкунандаи ҳамкории кишварҳо дар самти илм, адабиёт ва фарҳанг асосан иҷро гардида, маҳз ин самти ҳамкории байнидавлатӣ дар сатҳи нисбатан зарурӣ ба роҳ монда шудаанд;
- илму фарҳанг дар муносибатҳои Тоҷикистону Покистон на танҳо ҳамчун воситаи ҳамкорӣ, балки ҳифзи асолати таърихӣ ва муаррифии умумиятҳои тамаддунӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва шусташавии айнияти фарҳангӣ ба ҳисоб меравад;
- ҳамкориҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Душанбе буд;
- ба сифати иштирокчии бевоситаи муосибатҳои байналхалқӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон пайдо намуд, ки бо мақсади омӯзиши таъриху фарҳанги хеш ва баргардондани осори аҷдодони фарзонаи хеш аз ин кишварҳо ҷидду ҷаҳд намояд.

Адабиёт:

1. Алимов, Р. Роль Шанхайской организации сотрудничества в противодействии угрозам мира и безопасности [Электронный ресурс] URL: https://www.un.org/ru /chronicle/article/21818. (дата обращения. 24.12.2018).
2. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷ. I. [Матн] (зери таҳрири умумии Ҳ. Зарифӣ). - Душанбе: 2009. - С. 117.
3. Интервью ТАСС: «Генеральный секретарь ШОС выступил в защиту культурного разнообразия в условиях пандемии» [Манбаи электронӣ] URL:http://rus.sectsco.org/news/20200521/648599.html (санаи мурочиат. 28.06.2020).
4. Комилова, М. Первый душанбинский международный фестиваль современной музыки [Электронный ресурс]. URL: [Электронный ресурс] URL:http://www.naison.tj /news/ru/news_3.htm (дата обращения. 28.10.2017).
5. Комиссина, И. Станет ли Индия полноправным участником «Большой игры» в Центральной Азии? [Текст] / И. Комиссина // Центральная Азия и Кавказ №1 (55), 2008. - С. 68.
6. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ] // URL: [Манбаи электронӣ] URL:http://mfa.tj/?l=tj&cat=109 &art=1072. (санаи мурочиат. 20.11.2017).
7. Қадами нав дар самти густариши муносибатҳои дӯстӣ. [Матн] // Садои мардум №50 (3717) 6 июли соли - 2017.
8. Лазоркина, О. И. Некоторые аспекты культурно-гуманитарного взаимодействия в рамках Шанхайской организации сотрудничества: достижения и

перспективы [Электронный ресурс]. URL: http://elib.bsu.by/ bitstream /123456789/156190/1/lazorkina_2016 _Krugl_stol (дата обращения. 23.12.2017).

9. Нуриддинов, Р.Ш. Некоторые вопросы становления внешней политики Республики Таджикистан в годы независимости. [Текст] // Р.Ш. Нуриддинов. Сиёсати хорицӣ. 2016. №1; Шарипов А.Н. Бархӯрди манфиати геополитикии кишварҳои абаркудрат дар Осиёи Марказӣ // Илм ва фановарӣ. №2. Шарипов, А.Н. Осиёи Марказӣ дар низоми манфиатҳои геополитикии Чин // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Тоҷикистон. 2018. № 1 С. 111-116.

10. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар семинари бахшида ба нақши Тоҷикистон дар ҳамкории минтақавӣ Деҳлӣ. [Матн] 7 августи соли 2006. / Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. VII. – Душанбе: 2007. - С. 137.

11. Рахматуллоева, З. Сайри гули истиқлол [Матн] / З. Рахматуллоева. // Адабиёт ва санъат. - 2012. 13 сент.

12. Убайдуллоев, З.Ф. Индология в Таджикистане [Текст] // Индийские исследования в странах СНГ. Материалы научной конференции. / З.Ф. Убайдуллоев. - М.: 2007. - С. 53.

13. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмонов: Оғози марҳалаи созандагӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориции Президенти Тоҷикистон дар солҳои 2000-2003).-Китоби 3. [Матн] / А. Шарипов., С. Фаттоев. - Душанбе: Деваштич, 2006. - С. 237.

14. Шаҳидӣ, З. Мусиқӣ дар ҳаёти ман. [Матн] / З. Шаҳидӣ. - Душанбе: Ирфон, 1986. - С. 10

15. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмонов: Соли тамаддуни ориёӣ. (Сиёсати дохилӣ ва хориции Президенти Тоҷикистон дар соли 2006). [Матн] / А. Шарипов., З. Сироҷов - Душанбе: Деваштич, 2006. - С. 386.

16. Шодиев, Ҳ. Дурнамои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон. [Матн] / Ҳ. Шодиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. №2 (15) 2007. - С. 63.

17. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмонов: Соле, ки ба қарнҳо баробар аст. [Матн] (Сиёсати дохилӣ ва хориции Президенти Тоҷикистон дар соли 2004). -Китоби 4. / А. Шарипов., С. Шамсиддинов. - Душанбе: 2006. – С.76

18. 25 қадам дар паҳнои олам. [Матн] - Душанбе: Ирфон. 2016. - С. 83.

ГУСТАРИШИ РОБИТАҲОИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН ВА ПОКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар мақола масъалаи омӯзиши густариши робитаҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Покистон дар замони истиқлолият мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин раванди ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистону бо Ҳиндустон ва Покистон бо дарназардошти зарурати фарҳангӣ инъикос гардидааст, ки дар мавҷудияти кишварҳо дар як минтақа, манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои гуногун ифода меёбад. Дар заминаи ин, қайд мегардад, ки дар замони истиқлолият ҳамкории кишварҳо марҳилаҳои барқароршавӣ, ташаккул ва таҳаввулро сипарӣ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳар як кишвар дар дорои барқарор намудани муносибат бо кишвари дигар пеш аз ҳама манфиатҳои миллиро ба назар мегирад. Муаллиф зимни баррасии густариши ҳамкориҳо ба хулосае омадааст, ки рушди тадриции муносибатҳо заминаи гусариши онҳо ба сатҳи нави ҳамкориҳо расидааст.

Инчунин, дар мақола таҳлили сатҳи муосири ҳамкориҳои мутақобила, ҷамъбасти онҳо бо мисолҳои мушаххас, ояндабинии муносибати кишварҳо дар қаринаи тағйирёбии вазъи ҷаҳонӣ ва пешбурди сиёсати дуҷониба таъкид гардидааст.

Калидвожаҳо: истиқлолият, сиёсати хорицӣ, Тоҷикистон, Ҳиндустон, Покистон, минтақа, фарҳангӣ, илмӣ- бадеӣ, кишвар, манфиат, ҳамкорӣ, президент, сафир.

РАСШИРЕНИЕ НАУЧНО-КУЛЬТУРНЫХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РЕСПУБЛИКОЙ ИНДИЯ И ПАКИСТАНОМ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье обсуждается вопрос изучения расширения научных и культурных связей между Республикой Таджикистан и Республикой Индия и Пакистан в период независимости. Также отражен процесс формирования сотрудничества между Таджикистаном и Индией и Пакистаном с учетом культурной необходимости, что выражается в наличии у стран одного региона общих интересов в различных сферах. В данном контексте отмечается, что за период независимости сотрудничество стран прошло этапы восстановления, становления и развития. Автор отмечает, что каждая страна учитывает национальные интересы при установлении отношений с другой страной. Рассматривая расширение сотрудничества, автор пришел к выводу, что постепенное развитие отношений является основой их перехода на новый уровень сотрудничества.

Также в статье акцентируется анализ современного уровня взаимного сотрудничества, их суммирование на конкретных примерах, перспектива отношений стран в условиях меняющейся мировой ситуации и продвижение двусторонней политики.

Ключевые слова: независимость, внешняя политика, Таджикистан, Индия, Пакистан, регион, культурный, научно-художественный, страна, интерес, сотрудничество, президент, посол.

EXPANDING SCIENTIFIC AND CULTURAL RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE REPUBLIC OF INDIA AND PAKISTAN IN THE YEARS OF INDEPENDENCE

The article discusses the issue of studying the expansion of scientific and cultural ties between the Republic of Tajikistan and the Republic of India and Pakistan during the period of independence. It also reflects the process of formation of cooperation between Tajikistan and India and Pakistan, taking into account the cultural need, which is expressed in the presence of common interests among the countries of one region in various fields. In this context, it is noted that during the period of independence, cooperation between countries has gone through stages of restoration, formation and development. The author notes that each country takes into account national interests when establishing relations with another country. Considering the expansion of cooperation, the author came to the conclusion that the gradual development of relations is the basis for their transition to a new level of cooperation.

The article also focuses on the analysis of the current level of mutual cooperation, their summation on specific examples, the prospect of relations between countries in a changing world situation and the promotion of bilateral policy.

Key words: independence, foreign policy, Tajikistan, India, Pakistan, region, cultural, scientific and artistic, country, interest, cooperation, president, ambassador.

Маълумот дар бораи муаллифон: Олимов Музаффар Абдулвақосович доктори илмҳои таърих, профессор, Суфиев Садриддин Насриддинович муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. **Суроғa:** 734065, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. Тел: (992)918-89-84-85.

Сведения об авторах: Олимов Музаффар Абдулвакосович, доктор исторических наук, профессор, Суфиев Садриддин Насриддинович старший преподаватель кафедры права и международных отношений Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. **Адрес**:. 734065, г. Куляб, ул. С.Сафаров **16.** Тел: (992)918-89-84-85.

Information about the authors: Olimov Muzaffar Abdulvakosovich, Doctor of Historical Sciences, Professor, Sufiev Sadriddin Nasriddinovicn, senior lecturer department of Law and International Relations, Kulyab State University named after A.Rudaki. Address:. 734065, Kulob town , street S. Safarov 16.Tel: (992)918-89-84-85,

УДК – 323 (1-87) (2 тоҷ)
ББК – 66 (2 тоҷ)
Ҳ - 28

КАСБИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КИШВАРҲО ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ КИШВАРҲО

Ҳалимова Д.Ғ.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҳангоми соҳиб шудан ба истиқлолияти миллӣ барои давлати навбунёди Тоҷикистон сиёсати хориҷӣ аз ҳама самтҳои мураккаб ва печида буд. Дар даврони шӯравӣ Тоҷикистон чун яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ роҷеъ ба идораи самтҳои мухталифи хоҷагии халқ таҷрибаи муайяне дошт, вазорату муассисаҳо ва ташкилотҳо кор мекарданд, вале дар самти сиёсати хориҷӣ ҷумҳурӣ аз ваколату салоҳияти лозимӣ бархӯрдор набуд. Ҳарчанд моҳи майи соли 1944 Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон таъсис ёфта бошад ҳам, дар ин муассиса теъдоди маҳдуди кормандон кор мекард ва вазифаҳояш низ аз ҳалли баъзе масъалаҳои ҷузъӣ ва иҷрои чорабиниҳои ташрифотӣ фаротар намерафт.

Моҳи сентябри соли 1991 вақте, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти комили давлатӣ ба даст овард, таҳия ва амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ барояш самти тамоман нав буд. Сароғоз аз охири соли 1991 давлатҳои хориҷӣ пайи ҳамдигар ба эътироф намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пардохтанд, моҳи январи соли 1992 дар Душанбе нахустин сафорати кишвари хориҷӣ ба фаъолият шурӯъ намуд, дар муддати кӯтоҳ ҷумҳурӣ узви Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо гардид. Вале сарфи назар аз ҳамаи ин бетаҷрибагии сиёсӣ дар баробари омилҳои дигар боиси сар задании ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар шуд.

Сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати давлат ва фаъолияти Ҳукумати ҳар давлат ба ҳисоб меравад. Ба таърихи сисолаи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ назар афканда, мебинем ки дар ин самти муҳим корҳои арзанда ба анҷом расида, дар баланд бардоштани иқтидори кишвар ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ иқдомҳои зиёд рӯи кор омадаанд.

Дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлолият дар ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ бартараф кардани низои дохилӣ тавассути ҷараён додани гуфтушунид бо мухолифин, бартараф сохтани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ бо иштироки ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушду тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳамёрони хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба лоиҳаҳои гуногуни кишвар нақши муассир дошт.

Тайи даҳсолаи охир бо шарофати сиёсати «дарҳои боз» ва ҷалби кишварҳои гуногун ба ҳамкории судманд дар кишвар лоиҳаҳои зиёде дар соҳаҳои саноат, энергетика, коммуникатсия амалӣ шуданд, ки барои рушди устувори давлати мо заминаҳои мустаҳкам гузоштаанд.

Шуруъ аз соли 1993 роҳбарияти ҷумҳурӣ ҷиддан ба таҳия ва татбиқ намудани сиёсати хориҷии давлат пардохт. Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар иҷлосияи 18 Шӯрои Олии Тоҷикистон дар бораи зарурати таҳияи консепсияи сиёсати хориҷии давлат ибрози андеша ронда, панҷ минтақаи манфиатҳои Тоҷикистонро зикр намуд: Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Осиёи Марказӣ, кишварҳои форсизабони ҳамсоя, кишварҳои исломии Шарқ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ. Сарвари давлат ҳифзи манфиатҳои миллии кишварро ҳамчун мақсади ниҳоии сиёсати хориҷӣ муайян кард.

Дар он шабу рӯз масъалаи аз ҳама муҳим дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ба ҷои муқимии худ баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, барқарор намудани манзилу маскани дар натиҷаи ҷанг харобгардидаи онҳо ва фурӯ нишондани

оташи ҷанги дохилӣ буд. Бо назардошти имкониятҳои маҳдуди ҷумҳурӣ роҳбарияти давлат аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ низ ёрӣ пурсид. Дар натиҷа, аз соли 1993 раванди бозгашти шаҳрвандон ба ҷойҳои зисти доимии худ, бахусус аз Афғонистон шурӯъ шуда, дар давоми ду сол комилан ҳалли худро пайдо кард[6, с. 5].

Дар пешорӯи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии кишварамон қарор дошта, метавон гуфт, ки дипломатияи мо дар ин муддат таҷрибаи бузурге ҳосил кард ва баъзе самтҳои он омӯзанда низ мебошанд. Аз ин рӯ бо боварӣ иброз доштан мумкин аст, ки сохторҳои марбута ва дипломатҳои тоҷик дар иҷрои вазифаҳои худ, ҳифзи манфиатҳои миллии ҷумҳурӣ минбаъд низ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон сиёсати «дарҳои боз»ро эълом дошт. Равиши минбаъдаи ҳамкориҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дурустӣ ва манфиатнок будани ин самтро нишон дод. Тоҷикистон дар доираи ин сиёсат метавонад бо тамоми кишварҳои узви СММ дар асоси баробарӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар ва умумияти манфиатҳо ҳамкорӣ намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатиро бо Ҷумҳурии Қазоқистон 7 январи соли 1993 барқарор намуда, моҳи июни ҳамон сол намояндагии дипломатии Тоҷикистон дар ин кишвар ба фаъолият шурӯъ кард. Намояндагии дипломатии Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Душанбе аз соли 1998 фаъолият дорад [2, с. 5].

Аз оғоз ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба байни Тоҷикистону Қазоқистон дар фазои мутақобилан судманд ва ҳусни тафоҳум ҷараён гирифта, алъон дар ҳоли рушду инкишофи сатҳи баланд қарор доранд. Дар баррасии масъалаҳои муҳими дорои моҳияти байналмиллалӣ ва минтақавидошта мавқеи ҷонибҳо ҳамоҳанг буда, тарафҳо асосан мавқеи наздик ё ба ҳам мушобеҳ доранд.

Дар ин замина боздидҳои сарони давлатҳо аз кишварҳои якдигар ба рушди муносибатҳо такони мусбат бахшида, таҳкимгари пояи шартномавию ҳуқуқии ҳамкориҳо гардидаанд. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қазоқистон дар соли 1993 санади асосӣ «Аҳднома дар бораи заминаи муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон» ва зимни сафарҳои минбаъдаи Президенти кишвар ба ин кишвар дар солҳои 1995, 2006 ва 2008 маҷмуи санадҳои фарогири бахшҳои иқтисодию фарҳангӣ байни ду давлат ба имзо расид [3, с. 5].



Қайд кардан бамаврид мебошад, ки Қазоқистон вобаста ба мавқеи хуби ҷуғрофӣ, захираҳои бойи табии, иқлими мусоиди сармоягузорӣ ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаи иқтисодӣ-тиҷоратӣ ноил гардидааст. Агар ба нишондодҳои ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ назар афканем, афзалияти баръалои Ҷумҳурии Қазоқистон ба назар мерасад. Агар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 то соли 2001 -157 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб намуда, ҳаҷми он ба ҳар сари аҳолии кишвар 34 доллар -ро ташкил намояд, Ҷумҳурии Қазоқистон тӯли давраи мазкур 7 миллиарду 650 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб намудааст. Сармояи мустақими хориҷӣ ба ҳар сари аҳолии ин кишвар ба 1171 доллар рост меояд [11, с. 4].

Ташрифи расмии аввалини Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2000, яке аз рӯйдодҳои муҳим дар таърихи муносибатҳои ду кишвар ба ҳисоб меравад, ки дар рафти он санадҳои байниҳукуматию байниидоравии алоқаманд ба соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ, илмию маърифатӣ ва гумрук ба имзо расиданд.

Санадҳои дигари муҳим оид ба ҳамкории тарафайн дар бахшҳои фарҳангу санъат, маориф, савдою сармоя ва кишоварзӣ, ки дар ҷараёни сафари расмии Президенти Қазоқистон ба Тоҷикистон дар моҳи сентябри соли 2007 ба имзо расиданд, таҳкимбахши раванди муносибатҳои дуҷониба гардиданд [12, с. 5].

Тоҷикистон ва Қазоқистон бо мақсади ҳалли самарабахши масъалаҳои аввалиндараҷа ва таъмиқи минбаъдаи ҳамкории дуҷониба, таҳкурсии институтсионалии устувор - Шӯрои Ҳамоҳангсозии байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро таъсис доданд.

Ҷаласаҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ, ки солҳои 1998, 2001, 2004, 2006, 2007, 2008, 2009, 2011, 2012 доир шуданд, ҳолати муносибатҳо ва амалишавии санадҳои қаблан имзошударо баррасӣ намуда, самтҳои равобити дуҷонибаро боз ҳам васеътар гардониданд [12, с. 2].

Алҳол асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистонро беш аз 75 санад ташкил медиҳад. Санадҳои мазкур асосан фарогири самтҳои муҳими ҳамкориҳо, аз ҷумла, сиёсию иқтисодӣ, сармоягузорию андозбандӣ, бонкӣ ва гумрукӣ, инчунин ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ буда, густариши фаъолонаи муносибатҳои минбаъдаро таъмин менамоянд.

Асоси ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистонро соҳаҳои саноати сабук, металлургияи ранга, энергетика, нақлиёт, коммуникатсия ва бахши кишоварзӣ ташкил медиҳад. Тоҷикистон ба Қазоқистон электроэнергия, пахта, алюминий ва анвои мухталифи маҳсулоти кишоварзиро содир намуда, аз ин кишвар гандум ва маҳсулоти он, маҳсулоти нафтӣ, оҳан ва нуриҳои минералӣ ворид менамояд.

Қобили зикр аст, ки самти ҳамкориҳои фарҳангию башардӯстонаи Тоҷикистону Қазоқистон дар сатҳи вусъатёбанда рушд ёфта, он ҳамаҷониба мавриди дастгирии мардуми ба ҳам дӯсти ҳарду кишвар мебошад .

Бояд ёдовар гардаем, ки баъди ба даст овардани Истиқлолият Қазоқистон дар байни кишварҳои ИДМ оиди ҳаҷми гардиши мол бо Тоҷикистон дар ҷойи дуюм қарор дорад. Дар ин бора Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрии васеъи ҳайати вакилони расмии ду кишвар иброз дошт. Тавре, ки хабарнигори «Авасто» иттилоъ дод, Эмомалӣ Раҳмон ба инкишофи муносибатҳои давлатӣ аҳамияти калон дод. Хусусан ӯ гуфт, ки агар соли гузашта ҳаҷми гардиши мол байни ду кишвар ба 15% афзуда бошад, дар ҳафт моҳи соли равон ин нишондод ба 54% афзуд ва $204 миллионро ташкил дод [1].

Тоҷикистон дар рушди муносибатҳо бо Қазоқистон дар чунин соҳаҳои афзалиятнок, ба монанди саноати истихроҷи маъдан, истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ ва гидроэнергетика манфиатдор аст», - қайд кард Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз рӯи суханҳои Эмомалӣ Раҳмон афзалиятҳои асосии ҳамкории Тоҷикистону Қазоқистон дар вақти кори комиссияи байниҳукуматӣ дар Остона муаян шудаанд.

«Қазоқистон ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар Тоҷикистон ҷалб карда шудааст, ва мо умед дорем, ки вохӯрии имрӯзаи ҳайати васеъи вакилони ҷонибҳо ба он мусоидат менамояд, ки муносибатҳои мутақобилаи мо ба сатҳи нисбатан сифатнок гузаранд» [4].

Рӯзномаи давлатии «Ҷумҳурият» дар ин замина менависад, ки санаи 20-уми майи соли 2021 байни кишварҳои болозикр созишномаҳои зериин ба имзо расонида шудааст:

- Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди бемории сил;
- Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2021 – 2023;
- Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкориҳои фарҳангӣ байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва варзиши Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Ёддошти қолабӣ байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва рушди инфрасохтори Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат;
- Ёддошти тафоҳум байни Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи аэрокайҳонии Вазорати рушди рақамӣ, инноватсионӣ ва саноати аэрокайҳонии Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Ёддошти тафоҳум байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати савдо ва ҳамгироии Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои муштарак доир ба таъсиси низоми тақсимоти молҳо [12, с. 4]. Расонаи Қирғизии Haq.kz менависад, ки «Бояд гуфт, ки дар доираи ин санад доир ба таъсиси марказҳои низоми тақсими молҳо дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон 45 миллион доллари ИМА ва, дар маҷмӯъ, барои татбиқи лоиҳаҳои соҳаи саноат наздики 500 миллион доллар ҷудо мегардад.

Хулоса, ҷараёни инкишофи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва гуманитарии байни Тоҷикистону Қазоқистон бо назардошти манфиатҳои мутақобилан муфид ба роҳ монда шуда, дар ин асос муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ мустаҳкам мегарданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки саъю кӯшиши ҳамкориҳои дутарафа тараққӣ ва инкишоф ёфта истодааст. Бо итминон собит намудан мумкин аст, ки муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти воқеияти муосир устуворона ва давра ба давра тамоюлот ба таъмиқу тавсеа доранд. Дар ҳошияи афзун гардидани нақши дипломатияи Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам тақвият ёфта, онҳо торафт ҷабҳаҳои нав ба нави ҳамкориро мувофиқи имконият, ниёзмандӣ манфиатҳои мутақобила ва наздикии мавқеъ оид ба сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фарогиранд.

Адабиёт:

1. www. jumhuriyat.tj
2. www. mfa.tj.
3. Nur.kz
4. www. malumot@netrt.org.
5. **АМИТ-Ховар**
6. Маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотии «Сиёсати хориҷӣ» №1, 2011.с. 45
7. Ояндаи бозори энержии Осиёи Марказӣ дар муаррифии Аслов // http://www.energyprojects.tj/index.php?option=com_content&view=category&layout=blog&id=176& Itemid=679&lang=tj - охирин бознигарӣ: 3.08.15.

8. Рӯзномаи Ҷумҳурият 19.05.2021 №:6
9. Рӯзномаи «Ҷумҳурият», Ҷумъа, 7-октябри соли 2016, №200 (23022);
10.Рӯзномаи Ҷумҳурият Санаи нашр: 21.05.2021 №: 100
11.Рӯзномаи Ҷумҳурият.21.05.2021. №1651
12.Рӯзномаи Ҷумҳурият 19.05.2021 №: 99
13.Рӯзномаи Садои мардум-19 декабри соли 1992 №227(477)
14.Сомона (сайт)-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www. President.tj;
15.Сомонаи (сайти)- Кумитаи омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.www.stats.tj ;

КАСБИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КИШВАРҲО ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ КИШВАРҲО

Дар мақола касби истиқлолият ва ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Чумҳурии Қазоқистон дар матбуоти даврии кишварҳо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, густариши онҳоро дар давраҳои гуногуни рушди истиқлолият қиёс намуда, бобати таърихи муносибати кишварҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рондааст.

Инчунин, дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшидааст, то ҳамдигарфаҳмию ҳамоҳангсозии мавқеҳои ҳарду давлат, ҳамчунин дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ амал намудани кишварҳои таҳқиқшавандаро мавриди барассии ҷиддӣ қарор диҳад.

Дар ҷои дигар муаллиф зимни таҳқиқи худ ба чунин хулоса омадааст, ки асоси ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистонро соҳаҳои саноати сабук, металлургияи ранга, энергетика, нақлиёт, коммуникатсия ва бахши кишоварзӣ ташкил медиҳад. Тоҷикистон ба Қазоқистон электроэнергия, пахта, алюминий ва анвои мухталифи маҳсулоти кишоварзиро содир намуда, аз ин кишвар гандум ва маҳсулоти он, маҳсулоти нафтӣ, оҳан ва нуриҳои минералӣ ворид менамояд.

Илова бар ин, муаллиф дар ин тадқиқот вижагиҳои хосаи касби истиқлолият ва ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Чумҳурии Қазоқистон дар матбуоти даврии кишварҳоро мавриди омӯзиши муқоисаи илмӣ қарор дода, зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи таҳқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, расонаҳои ду кишвар, китобҳои марбут ба дипломатияи тоҷик ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули касби истиқлолият ва ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Чумҳурии Қазоқистон дар матбуоти даврии кишварҳо моҳият, таърихи онҳоро ошкор намояд.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, дипломатия, муносибат, шартнома, ҳамкорӣ, омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ, таҳқиқи дипломатӣ ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои интернетӣ, ташаккул, таҳаввул, сиёсати хориҷӣ, истиқлолият, матбуоти даврӣ ва ғ.

ПРИОБРЕТЕНИЕ НЕЗАВИСИМОСТИ И ФОРМИРОВАНИЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ СТРАН В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ ГОСУДАРСТВ

В статье анализируется и рассматривается обретение независимости и становление внешней политики Республики Таджикистан и Республики Казахстан в периодических изданиях стран, сравнивается их развитие на разных этапах независимости и рассматривается история отношений между странами на основе надежные источники.

В данной статье автор также пытается серьезно рассмотреть взаимопонимание и согласование позиций обеих стран, а также деятельность изучаемых стран в рамках международных и региональных организаций.

В другом месте автор делает вывод, что основу экономического сотрудничества между Таджикистаном и Казахстаном составляют легкая промышленность, цветная металлургия, энергетика, транспорт, связь и сельское хозяйство. Таджикистан

экспортирует в Казахстан электроэнергию, хлопок, алюминий и различные сельскохозяйственные продукты, а импортирует пшеницу и продукты из нее, нефтепродукты, железную руду и удобрения. Кроме того, в данном исследовании автор рассматривает специфику независимости и становления внешнеполитического курса Республики Таджикистан и Республики Казахстан в периодической печати стран отечественными и зарубежными исследователями, СМИ двух стран, книги по таджикской дипломатии и сайтам, процесс становления и эволюции независимости и внешней политики Республики Таджикистан и Республики Казахстан в периодических изданиях, их история.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, Республика Казахстан, дипломатия, отношения, договоры, сотрудничество, изучение и анализ, дипломатическое исследование исторических событий, интернет-источники, становление, эволюция, внешняя политика, независимость, пресса.

PROFESSIONAL INDEPENDENCE AND THE FORMATION OF FOREIGN POLICY IN THE COUNTRY PRESS

The article analyzes and discusses the gaining of independence and the formation of the foreign policy of the Republic of Tajikistan and the Republic of Kazakhstan in the periodicals of the countries, compares their development at different stages of independence and examines the history of relations between the countries based on reliable sources.

In this article, the author also tries to seriously consider the mutual understanding and coordination of the positions of both countries, as well as the activities of the studied countries within the framework of international and regional organizations.

Elsewhere, the author concludes that the basis of economic cooperation between Tajikistan and Kazakhstan is light industry, non-ferrous metallurgy, energy, transport, communications and agriculture. Tajikistan exports electricity, cotton, aluminum and various agricultural products to Kazakhstan, and imports wheat and wheat products, oil products, iron ore and fertilizers. presses of countries by domestic and foreign researchers, media of the two countries, books on Tajik diplomacy and websites, the process of formation and evolution of independence and foreign policy of the Republic of Tajikistan and the Republic of Kazakhstan in periodicals, their history.

Key words: Republic of Tajikistan, Republic of Kazakhstan, diplomacy, relations, treaties, cooperation, study and analysis, diplomatic research of historical events, Internet sources, formation, evolution, foreign policy, Independence and the press.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳалимова Дилноза Ғоибовна- ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Суроғa:** 734065, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. **E-mail**: Dilnoza@mail.ru, **тел**: 9888710172

Сведения об авторе: Халимова ДилнозаҒоибовна – ассистент кафедры инсранных языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:**. *734065, г. Куляб, ул. С.Сафаров 16.* **E-mail**: Dilnoza @mail.ru, **тел**: 9888710172

Information about the author: Halimova Dilnoza - assistant of the English language department of the Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki. **Address:** 734065, Kulob town , street S. Safarov 16. **E-mail**: Dilnoza @mail.ru, **тел**: (992)9888710172

УДК – 321 (2 тоҷ)
ББК – 67 (2 тоҷ)
Ҳ - 28

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО ҚАЗОҚИСТОН

Ҳалимова Д.Ғ.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатиро бо Ҷумҳурии Қазоқистон 7-уми январи соли 1993 барқарор намуда, моҳи июни ҳамон сол намояндагии дипломатиаш дар ин кишвар ба фаъолият шурӯъ кард. Аз оғоз ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба байни Тоҷикистону Қазоқистон дар фазои ҳусни тафоҳум ҷараён гирифта, имрӯзҳо дар ҳоли рушду таҳаввул қарор доранд. Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон роҷеъ ба бисёр масъалаҳои муҳими дорои моҳияти байналмилалӣ ва минтақавӣ мавқеи наздик ё ҳамсон доранд.

Омӯзиши илмии мушкилоти барқарор ва таҳкими муносибатҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба решаҳои қадимаи таърихӣ, ба усулҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамдигарфаҳмӣ асос ёфтааст. Ин аст, ки Қазоқистон дар давраи душвори ташаккули давлатдории тоҷикон борҳо кумаки моддӣ ва маънавӣ расонида, роҳи роҳбарияти сиёсии ҷумҳурии моро барои истиқрори сулҳ, субот ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон устуворона дастгирӣ намуд.

Таърихан Тоҷикистон ва Қазоқистонро робитаҳои деринаи тиҷоративу фарҳангӣ ва илмӣ муттаҳид мекунанд, ки имрӯзҳо дар заминаи сифатан нав эҳё мешаванд. Таърихи барқарор намудани муносибатҳои дипломатии байни ҳарду давлат пур аз боздидҳо ва мулоқотҳои судманд дар сатҳи олӣ ва баланд, инчунин робитаҳои кории намояндагони ду кишвар мебошад, ки ба ҳамкориҳои умедбахш дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо замина мегарданд. Дар ин росто бояд нақши сарони давлатҳо, алахусус Президенти мо Э.Раҳмонро таъкид кард. Маҳз мавқеи устувори ӯ нисбат ба ин кишвар ва дӯстии шахсӣ бо сарвари Қазоқистон Н.Назарбоев рушди пешрафтаи муносибатҳои ду ҷумҳуриро пешакӣ муайян кард. Дар ин робита, мо метавонем суханронии Президент Э.Раҳмонро ҳангоми сафари расмии ӯ ба Қазоқистон ёдовар шавем: "Рушди робитаҳои дӯстона бо Қазоқистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон ҳисобида мешавад [6, с. 5].

Аввалин сафари Роҳбари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қазоқистон дар соли 1993 сурат гирифт. Дар рафти ин сафар санади асосӣ – Аҳднома дар бораи заминаи муносибатҳо байни ду кишвар ба имзо расид. Инчунин сафарҳои минбаъдаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин кишвар дар солҳои 1995, 2005, 2006, 2008, 2010, 2011 ва 2015 таҳкимбахши муносибатҳои дӯстона миёни ду кишвар гаштанд.

Боздиди аввалини Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2000 яке аз рӯйдодҳои муҳим дар таърихи муносибатҳои ду кишвар ба ҳисоб меравад, ки зимни он 8 санади байниҳукуматию байниидоравии алоқаманд ба соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ, илмию фановарӣ ва гумрук ба имзо расид. Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев солҳои 2004, 2007, 2008, 2014 ва 2015 бо сафарҳои гуногун ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда буд[5, с. 5].



Соли 1995 Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон таъсис дода шуд [2, с. 5].

Омори сафари Президентҳои ду кишвар то соли 2015 аз рӯйи шумора



Шуруъ аз соли 1998 то ба имрӯз Комиссия пайваста ҳолати муносибатҳо ва амалишавии санадҳои қаблан имзошударо баррасӣ намуда, самтҳои равобити дуҷонибаро боз ҳам васеътар гардонид. Феълан асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистонро беш аз 100 санад ташкил медиҳад. Санадҳои мазкур асосан фарогири самтҳои муҳими ҳамкориҳо, аз ҷумла сиёсию иқтисодӣ, сармоягузорию андозбандӣ, бонкӣ ва гумрукӣ, инчунин ҳарбӣ ва техникии ҳарбӣ буда, густариши фаъолонаи муносибатҳои минбаъдаро таъмин менамоянд.

Тоҷикистон ташаббус ва иқдомҳои Қазоқистонро дар масъалаҳои сиёсати байналмилалӣ ва минтақавӣ пайваста дастгирӣ менамояд. Аз ҷумла пешниҳод дар мавриди ташкили Машварат оид ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиёро ҷонибдорӣ намуда, яке аз аввалин кишварҳоест, ки номзадии Қазоқистонро барои раёсат дар САҲА мавриди дастгирӣ қарор додааст.

Ҳарду кишвар дар мавриди таъсиси «Фонди сармоягузории мустақими Тоҷикистону Қазоқистон» ба мувофиқа расиданд, ки мақсад аз он татбиқи амалии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар қаламрави кишварҳои якдигар ва хориҷ аз онҳо мебошад. Тоҷикистон, ҳамчунин ба ҳаёту фаъолияти ҳамватанони муқими Қазоқистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд. Аз ин ҷост, ки зимни ҳар як сафари худ ба ин кишвар Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо созмонҳои ҷамъиятии тоҷикон мулоқоту вохӯриҳои алоҳида мегузаронад ва ҷиҳати дастгирии ҳамаҷониба аз онҳо ба вазорату мақомоти марбутаи Тоҷикистон дастуру супоришҳои мушаххас медиҳад.

Моҳи сентябри соли 2010 дар шаҳри Душанбе муаррифии намояндагии тиҷоратии Агентии миллии Қазоқистон оид ба содирот ва сармоягузорӣ «KAZNEX» ва Бизнес-форум баргузор шуд [1].

Ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни ду кишвар мунтазам рушду тавсеа ёфта, аз ҷониби мардуми ба ҳам дӯсти ҳар ду кишвар дастгирӣ меёбанд. Дар ин марҳила ҳайатҳои расмии ду давлат дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва илмию техникии якдигар пайваста ширкат варзиданд. Дар сатҳи баланд гузаронидани Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Қазоқистон, Намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Остона (августи соли 2007) ва ҳамчун рамзи эҳтиром дар боғи «Дӯстии халқҳо»-и шаҳри Душанбе гузоштани муҷассамаи 35 афсари қазоқистонии дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон қурбоншуда далели возеҳи ин гуфтаҳост. Дар ҳамин замина ташкили Рӯзҳои фарҳангии Қазоқистон дар Тоҷикистон (октябри соли 2008) низ анъанаи густариши робитаҳои фарҳангии ду кишвари дӯстро идома дод[7, с. 5].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари расмии Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, 14 сентябри соли 2015 изҳор дошт, ки “Мо ба ташрифи Шумо ба Тоҷикистон аҳамияти беандоза медиҳем. Бовар дорам, ки ин боздид бо муҳтаво ва самтгириаш имкон дорад дар муносиботи Тоҷикистону Қазоқистон саҳифаҳои нав боз намояд”[6]. Нурсултон Назарбоев изҳор дошт, ки

“Ҳамаи солҳои истиқлолият миёни Қазоқистон ва Тоҷикистон ҳеҷ гуна мушкилоти сиёсию дигар вуҷуд надошту надорад.

Мусаллам аст, ки обрӯ ва нуфузи имрӯзаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ самараи талошҳои пайгирона ва хастагинопазири Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Ӯ бо қабули масъулияти кишвар дар солҳои басо вазнин ва пайгирии ҳадафҳои олии созандагӣ манфиати умумимиллиро аз ҳамаи манфиатҳои дигар боло гузошта, боварии халкро соҳиб шуд. Корҳое, ки таи солҳои гузашта анҷом дод, боис шуд, ки дар дохили мамлакат тамоми халқ, махсусан равшанфикрон ва нерӯҳои ақлонӣ ба нақшаву барномаҳои ояндаи ӯ бо диди умед бингаранд ва бо боварӣ пайрави роҳаш бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон тавассути хирад, шуҷоату қатъият ва ҷонбозиҳои беназираш марзу буми кишварро аз вартаи нестиву ҳалокат эмин дошта, рукнҳои фалаҷшудаи давлатдориро эҳё ва мардуми оворaву саргаштаро ба Ватан бозгардонд, ваҳдату ҳусни тафоҳумро дар дохил барқарор ва ҷойгоҳу нуфузи кишварро дар хориҷ устувор намуд. Ӯ буд, ки аркони давлатдории муосирро пайрезӣ, рушди устувори иқтисоди миллиро таъмин ва се ҳадафи стратегиро рӯйи даст гирифт [8].

Бо роҳнамоии ӯ пояҳои бунёдии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва низоми хидмати дипломатӣ шакл гирифт, нахустин бор Консепсияи сиёсати хориҷӣ рӯи кор омад ва бо тақозои равандҳои сиёсиву таҳаввулоти ҷаҳонӣ дар солҳои баъдӣ мавриди таҷдиди назар қарор гирифт.

Президенти муҳтарами мо ҳанӯз дар рӯзҳои душвор ва печидаи кишвар, дар ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон, роҳандозии тамосу равобити дӯстона бо кишварҳои гуногун, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ва муаррифии кишвару миллат дар ақсои олам нақши созанда ва беназир дорад.

Натиҷаи ҳидояту роҳнамоиҳои Пешвои миллат, аз ҷумла сиёсати “дарҳои боз” аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксарияти кулли кишварҳои олам муносибатҳои судмандро ба роҳ мондааст.

Даҳҳо кишвари хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон намояндагиҳои худро боз намуда, ҳамзамон дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон – аз Осиё то Аврупо ва аз Африқо то Амрико намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Тоҷикистон баҳри таҳкиму густариши ҳамкориҳои ду ва чандҷониба муваффақона фаъолият доранд.

Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуда, аз минбари онҳо ташаббусу ибтикорҳои созандаи Президенти кишвар ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷаҳону минтақа, аз ҷумла муборизa бар зидди терроризму ифротгароӣ, маводди мухаддир, ҷиноятҳои муташаккилонаи аромиллӣ, масъалаҳои экологӣ ва амсоли он ба самъи ҷаҳониён расонида мешавад. Махсусан, силсилаи ташаббусҳои Пешвои миллат дар робита ба ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти мавзӯъ, боиси ба гунаи хос муаррифӣ шудани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гардид. Ҳамчунин, ӯ пайваста аз паёмадҳои номатлуби тағйирёбии иқлим бонги хатар зада, зимни таъкид бар зарурати омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо, рушди устувори кишварҳои кӯҳсор ва таваҷҷуҳ ба рушди энергияи таҷдидшаванда ҷомеаи ҷаҳониро ба иқдому ҳамкориҳои наздик даъват менамояд.

Гузашта аз ин, саъю талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат барои барқарории сулҳу субот ва сарҷамъии миллӣ басо нодир ва арзишманд арзёбӣ мегарданд.

Таҳқиқи амиқи таърихи 30 соли сӯхтанҳову сохтанҳо, дар ҳақиқат, худ ба мисли оина хидматҳои бузургу бемисли Эмомалӣ Раҳмонро ба унвони раҳнамо, ҳидоятгар, мушкилкушо ва наҷотбахш рӯшан мекунад. Бешак, Ҷаноби Олӣ тули фаъолияти сиёсиаш ба сифати Сардори давлат ба хотири якпорчагии кишварамон ва таъмини амнияту зиндагии босаодати мардум хидмати пурарзишеро анҷом дода, дар дилу дидаи мардуми Тоҷикистон маъво гирифтааст. Унвони «Пешвои миллат» - ро сазовор шудани Президенти мамлакат эътирофи рисолати таърихии ӯ дар миёни мардум аст.

Миллати мо тӯли 30 сол рӯзҳои сангинеро паси сар кард ва аз онҳо барои ояндаи худ таҷрибаҳои арзишманде бардошт, ба гирдоби офату сахтиҳо гирифтор шуд, вале бо тадбиру дурандешии Пешвои маҳбуби худ аз миёни амвоҷи пурталотуми ҳаводис солим берун омад. Инак, 30-юмин солгарди Истиқлолияти худро дар ҳоле ҷашн мегирад, ки ба оромтарину босуботтарин кишвари минтақа табдил ёфта, бо азму иродаи матин ба сӯи ояндаи шукуфон роҳ мепаймояд. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷаҳон ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масоили глобалӣ ва таъсиргузор дар танзими равандҳои сиёсии минтақа мешиносанд. Тоҷикистон тӯли 30 сол дар арсаи ҷаҳон қадамҳои устуворе гузошта, бо пешбурди сиёсати мантиқӣ ва пешниҳодҳои созандааш мавқеи худро истеҳком бахшид ва дар оянда низ таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат бо қадамҳои устувортаре дар паҳнои олам нақшофарӣ хоҳад кард[11, с. 5].

Бояд гуфт, ки дигар самти муҳим иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар ҳаллу фасли масоили байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад, ки дар ин маврид низ дастовардҳои мо чашмрасанд. Аз ҷумла, чандин ташаббуси кишвари мо, бахусус дар ҳаллу фасли масъалаҳои обу энергетика, мубориза алайҳи тероризм, тундгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аз байн бурдани мушкилоти Афғонистон аз ҷониби соири кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфта, тадричан амалӣ мешаванд.Дар баробари ин, дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчун идораи асосии татбиққунандаи сиёсати хориҷии давлат, намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар, дигар сохторҳои давлатие, ки ба роҳандозии ҳамкориҳо бо ҳамёрони хориҷӣ сарукор доранд, вазифаҳои зиёде истодаанд. Дар марҳилаи ҳозира истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои ҳамшарикони хориҷӣ дар амалӣ намудани се вазифаи стратегии давлат таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ аз вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ҳангоми комёб шудан ба ин ҳадафҳои тақдирсоз кишвари мо сатҳи тамоман нави рушду пешрафтро соҳиб хоҳад шуд.

Сиёсати «дарҳои боз» ба мо имкон дод, ки доираи робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, сафи ҳамёрони анъанавӣ ва доимиамонро афзоиш диҳем.

Метавон гуфт, ки дипломатияи мо дар даврони истиқлолият таҷрибаи бузурге ҳосил кард ва баъзе самтҳои он омӯзанда низ мебошанд. Аз ин рӯ бо боварӣ иброз доштан мумкин аст, ки сохторҳои марбута ва дипломатҳои тоҷик дар иҷрои вазифаҳои худ, ҳифзи манфиатҳои миллии ҷумҳурӣ минбаъд низ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

Хулоса, бо итминон собит намудан мумкин аст, ки муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти воқеияти муосир устуворона ва давра ба давра тамоюлот ба таъмиқу тавсеа доранд. Дар ҳошияи афзун гардидани нақши дипломатияи Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам тақвият ёфта, онҳо торафт ҷабҳаҳои нав ба нави ҳамкориро мувофиқи имконият, ниёзмандӣ манфиатҳои мутақобила ва наздикии мавқеъ оид ба сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фарогиранд.

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО ҚАЗОҚИСТОН

Мақола дарбаргирандаи масъалаҳои дастоварди ҷонибҳо дар сиёсати хориҷӣ ва инъикоси онҳо дар матбуоти дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон буда, муаллиф зимни таҳлилу таҳқиқи мавзӯи мазкур кӯшиш кардааст, то муносибати ду кишвари бо ҳам дӯстро дар доираи фаҳмиши худ ва андешаҳои сиёсатмадорони тоҷику қазок мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистонро метавон ҳамчун пешрафта ва устувор тавсиф кард. Ҳарду давлат дар муносибатҳои худ дастурҳои дурустро интихоб кардаанд. Равобити кишварҳо дар доираи сохторҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз ин шаҳодат медиҳад.

Омӯзиши мавзуъ ба мо имкон медиҳад бовар кунем, ки дар муносибатҳои ду кишвар захираву имкониятҳои бузурги истифоданашуда мавҷуданд, ки бо истифода аз онҳо муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро амиқтар ва ба сатҳи нав баровардан мумкин аст

Дар шароити муосир, Тоҷикистон ва Қазоқистон саъй доранд, ки муносибатҳои мутақобилан судмандро дар тамоми соҳаҳои ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла масъалаҳои тиҷорат, азхудкунии захираҳои муфид амиқ ва густариш диҳанд.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Чумҳурии Қазоқистон, дипломатия, муносибат, шартнома, ҳамкорӣ, омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ, тадқиқи дипломатӣ ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои интернетӣ, ташаккул, таҳаввул, сиёсати хориҷӣ, Истиқлолият, матбуоти даврӣ ва г.

РОЛЬ ЛИДЕР НАЦИИ В РАЗВИТИИ СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И КАЗАХСТАНОМ

В статье рассматриваются достижения сторон во внешней политике и их освещение в отечественной и зарубежной прессе Республики Таджикистан и Республики Казахстан.

Таджикско-казахстанские отношения можно охарактеризовать как поступательные и стабильные. Обе страны выбрали правильные ориентиры в своих отношениях. Об этом свидетельствуют отношения стран в рамках международных и региональных структур.

Изучение данной темы позволяет полагать, что отношения между двумя странами имеют большие неиспользованные ресурсы и возможности, которые можно использовать для углубления и поднятия отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Таджикистан на новый уровень.

В нынешних условиях Таджикистан и Казахстан стремятся к углублению и расширению взаимовыгодных отношений во всех сферах двустороннего сотрудничества, включая торговлю, освоение полезных ископаемых.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, Республика Казахстан, дипломатия, отношения, договоры, сотрудничество, изучение и анализ, дипломатическое исследование исторических событий, интернет-источники, становление, эволюция, внешняя политика, Независимость и пресса.

THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE DEVELOPMENT OF COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND KAZAKHSTAN

The article discusses the achievements of the parties in foreign policy and their coverage in the domestic and foreign press of the Republic of Tajikistan and the Republic of Kazakhstan.

Tajik-Kazakh relations can be characterized as progressive and stable. Both countries have chosen the right benchmarks in their relations. This is evidenced by the relations of the countries within the framework of international and regional structures.

The study of this topic suggests that relations between the two countries have large untapped resources and opportunities that can be used to deepen and raise relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Tajikistan to a new level.

In the current conditions, Tajikistan and Kazakhstan are striving to deepen and expand mutually beneficial relations in all areas of bilateral cooperation, including trade and the development of minerals.

Key words: Republic of Tajikistan, Republic of Kazakhstan, diplomacy, relations, treaties, cooperation, study and analysis, diplomatic research of historical events, Internet sources, formation, evolution, foreign policy, Independence and the press.

Адабиёт:

1. http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44204
2. https://mfa.tj/tg/main/view/138/munosibathoi-tojikiston-bo-qazoqiston.

3. Nur.kz
4. The aim of project CASA-1000 - rational use of natural recourses // http://www.casa1000.org/MainPages/CASAAboutr.php#Главная_цель - the last browsing 3.08.15.
5. АМИТ-Ховар
6. Маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотии «Сиёсати хориҷӣ» №1, 2011.с. 45
7. Ояндаи бозори энержии Осиёи Марказӣ дар муаррифии Аслов // http://www.energyprojects.tj/index.php?option=com_content&view=category&layout=blog&id=176& Itemid=679&lang=tj - охирин бознигарӣ: 3.08.15.
8. Рӯзномаи Ҷумҳурият 19.05.2021 №:6
9. Рӯзномаи «Ҷумҳурият», Ҷумъа, 7-октябри соли 2016, №200 (23022);
10. Рӯзномаи Ҷумҳурият Санаи нашр: 21.05.2021 №: 100
11. Рӯзномаи Ҷумҳурият.21.05.2021. №1651
12. Рӯзномаи Ҷумҳурият 19.05.2021 №: 99
13. Рӯзномаи Садои мардум-19 декабри соли 1992 №227(477)
14. Сомона (сайт)-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www. President.tj;
15. Сомонаи (сайти)- Кумитам омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.www.stats.tj;

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳалимова Дилноза Ғоибназаровна- ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Суроғa:** 734065, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. **E-mail**: Doilnoz@mail.ru, **тел**: 988710172

Сведения об авторе: Халимова Дилноза Гоибназаровна – ассистент кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:** 734065, г. Куляб, ул. С.Сафаров 16. **E-mail**: Doilnoz@mail.ru, **тел**: 988710172

Information about the author: Khalimova Dilnoza Goibnazarovna - assistant of the Department of Foreign Languages, Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki **Address:** 734065, Kulob town, street S. Safarov 16.**E-mail**: Doilnoz@mail.ru, **тел**: 988710172

УДК –32 (2 тоҷ)
ББК – 66 (2 тоҷ)
К - 65

ТАҒЙИРЁБИИ ВАЗЪИ МИНТАҚА ВА ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ БИСЁРСАМТӢ ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI

Комилов Н.И.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар охири асри XX - ибтидои асри XXI тамоюли зуҳури марказҳои нави қуввахои ҷаҳонӣ мушоҳида карда мешуд. Омили афзоиши нуфузи аксари ин кишварҳо афзоиши иқтидори иқтисодии онҳо буд. Аз ҷониби дигар, афзоиши нақши бозингарони ғайрианъананавӣ – созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ возеҳ шуда ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ ширкатҳои фаромиллӣ ворид гаштанд.

Тавре Пешвои миллат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз соли 2002 таъкид намуда буд: Дар интиҳои асри XX ва оғози асри XXI андозаву миқёси хатарҳои бузурги умумибашарӣ ба ҷойи кам шудан бештар доман афрохтаанд, ки онҳоро аз рӯйи моҳияту ҳадафҳояшон метавон ба якчанд гурӯҳ тақсим кард.

Ин хатарҳо, якум, афзоиш ёфтани истеҳсол ва ихтирооти мудҳиштарин яроқҳои ядроӣ ва дигар воситаҳои қатли ом - таҷҳизоти радиоактивӣ, биологӣ, химиявӣ ва ғайра

мебошад, ки дар натиҷаи истифодаи онҳо хавфи нест шудани инсоният ва захролуд гардидани муҳити зист дар сайёра ба вуҷуд меояд.

Дуюм, хатари афзудани муноқишаҳои минтақавӣ дар заминаи ихтилофоти динию мазҳабӣ, зиддиятҳои қавмию нажодӣ, тамоюлҳои идеологӣ, талошҳои ошкору ниҳон барои ба даст овардани захираҳои сӯзишворию ашёи хом, тақсимоти нави бозори ҷаҳонӣ ва ғайра мебошад, ки дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои давлатҳои гуногун дар гӯшаҳои мухталифи сайёра аланга мегирад.

Сеюм, мавқеи устувори минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ пайдо кардани терроризми байналхалқӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи яроқ, ҷиноятқории муташаккил, ҳамчунин паҳншавии ғояҳои зӯроварӣ, тарғиботи зараровари мазҳабию идеологӣ ва ба воситаҳои иттилооти омма роҳ ёфтани онҳо мебошад.

Чорум, унсурҳои нави хатари умумибашарӣ дар заминаи дастовардҳои навтарини соҳаи компютерӣ ва технологияи алоқаву коммуникатсия падид меоянд, ки сарҳадҳоро шиканда, ба махфитарин кашфиётҳои ҳарбӣ, силоҳҳои ядроӣ ва нуқтаҳои мушакҳои дурзан даст меёбанд.

Ва ниҳоят, хатари афзудани фарқияти миёни давлатҳои бой ва камбағал дар миқёси ҷаҳонӣ мебошад, ки ҳосили он афзоиши рӯзафзуни аҳолӣ ва аз назорат берун мондани он маҳсуб мегардад [9].

Дар чунин шароит яке аз минтақаҳои калидии Авруосиё, ки Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, бо дарназардошти иқтидори табиӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ ба саҳнаи фаоли сиёсати ҷаҳонӣ ворид гардид. Осиёи Марказӣ бо захираҳои бузурги манбаъҳои маводи тавлидкунандаи неру ва манбаъҳои маъданӣ ва бархӯрдор будан аз вазъияти ҳамлу нақлии бартар аз муддатҳо пеш ба нуқтаи баҳамрасии манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии бозигарони бузурги сиёсати ҷаҳонӣ табдил гардидааст.

Ба навиштаи Ҳалфред мак Киндер Осиёи Марказӣ бахше аз қалби Авроосиё (Ҳартлэнд)-ро ташкил медиҳад. Ба андешаи ин назарияпардоз, «касе, ки Ҳартлэндро назорат мекунад, Авроосиёро назорат мекунад. Касе, ки Авроосиёро назорат мекунад, бар тамоми ҷаҳон назорати худро барқарор менамояд» [13, с.23].

Дар оғози асри XXI олам дигаргуниҳои амиқеро, ки дар натиҷаи шаклгирии низоми ҷаҳонии бисёрқутбӣ ба вуҷуд омадааст, аз сар мегузаронад. Ҷараёнҳое, ки дар марҳилаи кунунӣ дар ҷаҳон зуҳур намудаанд, арсаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавиро фаро гирифтаанд [10].

Маҳз дар ҳамин марҳила тамоюлоте возеҳ гардиданд, ки ба болоравии нақши минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат намуданд. Бо дарназардошти тағйиротҳои бунёдӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, нақши омили иқтисодӣ, болоравии арзиши маводи сӯхт, мавқеи ҷуғрофӣ ва иқтидори транзитии минтақа, таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ба Осиёи Марказӣ бештар гардид. Аз ҷониби дигар, оғози амалиётҳои байналмилалии зиддитеррористӣ дар Афғонистон боиси наздикшавии нерӯҳои ғарбӣ ба минтақа ва ҷалби кишварҳои Осиёи Марказӣ ба равандҳои минтақавӣ гардид, ки фаолшавии Россия ва Чинро ба бор овард.

Имрӯз аллакай аён аст, ки Осиёи Марказӣ тадричан пеш меравад ва аз соҳаи сиёсати ҷаҳонӣ баромада, ба яке аз мавзӯъҳои муҳимме табдил мегардад, ки бештар дар доираҳои бонуфузи русӣ, чинӣ, амрикоӣ, аврупоӣ, туркӣ, покистонӣ ва ҳиндустонӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Соли 2016 муҳаққиқи машҳури амрикоӣ Ф. Фукуяма кайд намуд, ки ба наздикӣ Осиёи Марказӣ аз канораи иқтисоди ҷаҳонӣ ба маркази он табдил меёбад. Ба сифати ангезаи муҳимми ин раванд, олим нақши иқтисоди Чинро кайд мекунад, ки торафт бештар ба Авруосиё нигаронида шудааст.

Осиёи Марказӣ дар сарҳади се тамаддуни бузург ҷойгир буда, соҳиби таърихи мураккаб ва таркиби қавмӣ-динии гуногунранги аҳолӣ мебошад, ки дар консепсияҳои Хантингтон аксар вакт ҳамчун минтакаи дорои иқтидори "қуттии борут" дарк карда мешавад [18, с.7].

Маъмулан, аҳамияти минтақа дар таҳқиқоти хориҷӣ аз нуқтаи назари мавҷудияти захираи бузурги энергетики ва табиӣ дар қаъри он ба назар гирифта мешавад. Новобаста аз ин, бинобар болоравии иқтисоди Хитой, коҳиши рақобати идеологӣ байни Шарқ ва Ғарб, баланд рафтани омили иқтисодӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ аҳамияти минтақа ҳамчун нуқтаи пайвандкунандаи қитъаҳо боло рафт. Аммо Осиёи Марказӣ дастрасии мустақим ба уқёнуси баҳрӣ надорад, аз ин рӯ ба вобастагии наклиётиву транзитӣ ва сарҳадӣ аз давлатҳои дигар маҳкум аст. Дар чунин ҳолат зарурати ҳамгироии минтақавӣ, сиёсати мутавозин бо қудратҳои ҷаҳонӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ лозим меояд.

Осиёи Марказӣ, бинобар омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ дар меҳвари ин масъалаҳо қарор гирифт. Сабабҳои паҳншавии терроризм дар минтақа шартан ба хориҷӣ ва дохилӣ ҷудо мегарданд. Ба омилҳои хориҷӣ метавон чунин масъалаҳоро, аз қабили атрофи носуботи минтақавӣ (Афғонистон, Кашмир, Қафқози Шимолӣ, Навоҳии мухтори Синзян - Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой), қочоқи маводи мухаддир, зиддият дар манфиатҳои қудратҳои пешбар, мавҷудиятие ихтилофҳои байнидавлатӣ ворид намуд [8].

Аз ин рӯ, дарки нисбатан амиқи равандҳои дар ин зернизоми минтақавӣ ҷараёндошта ба инобат гирифтани махсусият ва моҳияти сиёсати ҳам иштирокчиёни он ва ҳам бозингарони хориҷиро тақозо менамояд. Дар чунин ҳолат барои кишварҳои Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон ҳамчун кишвари дар ҳамсоягии Афғонистон қарордошта ва Қазоқистон – пайвандкунандаи Шарқ ва Ғарб тавассути ҳудуди паҳновараш зарурати таҳияи консепсияи санҷидашудаи сиёсати хориҷӣ бо дарназардошти тамоми омилҳои болозикр ва татбиқи сиёсати воқеъбинона возеҳ мегардад [4, с,52].

Сарфи назар аз он, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият муайян гардида буданд, бояд қайд кард, ки дар шакли консептуалӣ Стратегияи сиёсати хориҷӣ соли 2002 дар қаринаи Паёмҳои солонаи Пешвои миллат ба парлумон дар солҳои 2001 ва 2002 ташаккул ёфт.

Маълум аст, ки дар сиёсати хориҷии тамоми кишварҳои олам афзалиятҳое вуҷуд доранд. Густариши муносибатҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун яке аз афзалиятҳои устувори сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Дар Паёми соли 2001 аввалин маротиба дар баробари афзалияти ҳамкорӣ бо шарикони анъанавӣ, пеш аз ҳама Россия ва кишварҳои минтақа, зарурати роҳандозии сиёсати фаоли хориҷӣ ва таҳияи Консепсияи сиёсати хориҷӣ таъкид гардид [10].

Новобаста аз он ки Қазоқистон оид ба пешбурди сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ аллакай дар охири асри XX ълом дошта буд, вале раванди татбиқи амалии он бо оғози ҳазораи навин пайванди ногусастанӣ дорад. Қазоқистон яке аз кишварҳои камшумор дар фазои пасошӯравӣ буд, ки тавонист бе расонидани осеб ба манофеи стратегии худ бо ҳама кишварҳо равобити хуби устувор барқарор кунад [11].

Бояд тазаккур дод, ки Қазоқистон дар тӯли солҳои истиқлолият сиёсати хориҷии мутавозин ва санҷидашударо роҳандозӣ менамояд, ки асоси онро бисёрсамтӣ ташкил медиҳад.

Бисёрсамтӣ ҳамчун роҳандозии муназзамсозии сиёсати хориҷӣ дар нимаи аввали солҳои 1990-ум ташаккул ёфтааст. Қазоқистон бо касби истиқлолияти бо масъалаҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид: зиёда аз ҳазор пайкони ҳастаӣ, қаламрави бузург, ки бояд муҳофизат гардад, аҳолии гуногунтаркиб ва бисёрмиллӣ. Дар баробари ин ҳамоягӣ бо ду кишвари бузург– Россия ва Хитой, мутаносибан –сарҳадҳои тӯлонӣ ва масъалаҳои ҳалношудаи сарҳадӣ, захираҳои бойи табиӣ, ки ба он ҳамсоягони дуру наздик таваҷҷӯҳ доштанд, дур будан аз роҳҳои баҳрӣ ва ҷаҳонӣ мушкилоте дигаре буданд, ки ҳалли онҳо ба зиммаи кишвари ҷавон вогӯзор гаштанд. Дар ин шароит роҳандозии чунин самти сиёсати хориҷӣ зарур буд, ки имкони «ислоҳи» камбудиҳои табии ҷуғрофӣ ва истифодаи афзалиятҳоро фароҳам орад. Бо назардошти далели

мазкур бояд эътироф намуд, ки роҳбарияти кишвар дар чунин давраи муҳим қарорро дар бораи роҳандозиии сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ дуруст қабул намуда буданд.

Дар таърихи Қазоқистон аввалин консепсияи сиёсати хориҷӣ соли 1995 таҳия гардид. Дар заминаи он усули бисёрсамтӣ меистод, ки маънои рушди ҳамкориҳои дӯстона ва пешгуишаванда бо тамоми кишварҳоеро дошт, ки дар умури ҷаҳонӣ нақши муассир дошта барои кишвари таваҷҷӯҳи амалӣ доранд. «Бисёрсамтӣ набудани вобастагии қатъии самти сиёсати хориҷиро аз ин ё он шарик, аз ғайри қобили пешгуии рушди вазъият дар ин ё он минтақа, аз тағйироти ҳаҷми бозори ҷаҳонӣ пешбинӣ менамояд». Дар консепсия афзалияти бешубҳа ба ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамҷавор дода шуда буд.

Дар сатҳи минтақавӣ (қолаби Осиёи Марказӣ) –вазъи носуботи ҳарбӣ-сиёсӣ дар минтақа; мероси баъдиҳарбии ҷангҳои гузашта; воқеияти таҳдиди дахлнопазирии сарҳадҳо, эҳтимолияти омадани гурезагон аз ҳудудҳои ҳамҷавор; имконияти истифодаи қувва нисбати Қазоқистон ва таҷовуз ба муқобили он; дохилшавӣ ва амалҳои ҷузъу томҳои ҳарбии ғайриқонунӣ ва гурӯҳҳои террористӣ; таҷаммуи манфиатҳои кишварҳо дар минтақаи баҳри Хазар; экстремизми сиёсӣ-динӣ; қочоқи маводи мухаддир ва ғайра таҳдидҳои асосӣ ба шумор мераванд.

Дар баробари татбиқи сиёсати фаъоли хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон идомаи пешбурди сиёсати санҷидаи хориҷӣ ва тақвияти муносибат бо кишварҳои ҳамҷавор ва минтақа зарур буд. Ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ, хусусан аввалияти ину он тадбир ё ташаббуси байналхалқӣ, моро зарур аст, ки манфиат ё ниёзҳое, ки дар ҳавзаҳои мазкур дорем ва ё хоҳем дошт, ба ҳам муқобил нагузорем. Албатта, чун мо ба ҳавзаҳое низ дохил мешавем, ки сурату сирати минтақавӣ доранд, моро зарур аст, ки сиёсати минтақавӣ (чунончи, дар ҳудуди Осиёи Марказӣ) ҳам дошта бошем, вале набояд ба минтақагаро роҳ дод, ки он фақат ба ҷудоию тафриқаҷӯиҳои нохуши сиёсӣ оварда метавонаду бас» [13, с.181].

Бо назардошти манфиатҳои миллӣ муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Консепсия сиёсати хориҷӣ онро сифатан нав кард. Консепсияи сиёсати хориҷӣ аз 24 сентябри соли 2002 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида моҳияти сиёсати хориҷӣ ва самтҳои афзалиятноки онро муайян намуд.

Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳилаи ҳозира ва дар дурнамои наздик дар Консепсия чунин муқаррар шудааст:

Ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, тамомияти марзӣ, таъмини амнияти миллӣ, истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар;

Таҳкими эътидоли сиёсӣ ва оштии миллӣ;

Муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва боло бурдани сатҳи некуаҳволии халқ, амнияти иқтисодӣ ва экологии мамлакат;

Бунёди ҷомеаи демократӣ бар асоси усули иқтисоди бозоргонӣ;

Ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, шараф ва манфиати шаҳрвандон дар дохили кишвар ва берун аз он;

Ташаккули камарбанди ҳамсоягии нек дар марзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Инкишофи муносибатҳои боэътимод, дстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳо;

Таҳкими имиҷи мусбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дунё;

Мусоидат ба ҷомеаҳои тоҷикӣ дар кишварҳои дигар дар чаҳорчӯбаи муқаррар намудаи қонунгузории онҳо [6, с. 67].

Дар баробари ин, парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ»-ро қабул кард. Ин санадҳо аввалин пояҳои консептуалии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол буданд. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати асосии сиёсӣ гардид, ки дар он низоми назарҳо оид ба самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои фаъолияти байналмилалии давлат инъикос ёфтааст [5, с.116].

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Қазоқистон дар бахши «Ҳадафи асосии сиёсати хориҷӣ – ташаккули муҳити мусоиди хориҷӣ ва дастгирӣ барои рушди устувори кишвар дар асоси ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ - ишора шудааст».

Низоми амнияти миллӣ, яъне сиёсати хориҷиро бунёд намуда, Қазоқистон мебоист аз махсусияти мавқеи геополитикӣ ва иқтисодӣ бармеомад [1].

Асоси фаъолияти хориҷии имрӯзаи Қазоқистонро сиёсати дарҳои кушода, омодагӣ барои ҳамкорӣ бо ҳамаи субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар заминаи эҳтиромӣ усулу меъёрҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳад. Саъю кӯшиш ва талошҳои пайвастаи мо, ки ҳадаф аз он аз ҷониби кишварҳои хориҷӣ дар симои Тоҷикистон дида тавонистани шарик ва ҳамкори боэътимод буд, натиҷаҳои хуб ба бор оварданд. Ва имрӯз мо метавонем бо қаноатмандӣ гӯем, ки дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва мулоқотҳои дуҷонибаи кишварҳо фикру мавқеи Тоҷикистон қадру қимати арзанда дорад. Акнун Тоҷикистон аз тарафи аҳли олам ҳамчун давлате шинохта шудааст, ки бемайлон бо роҳи демократия ва иқтисоди бозорӣ пеш меравад.

Қазоқистон дар ҷое мавқеъ гирифтааст, ки масирҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионии пайвандкунандаи Ғарб ва Шарқ ба ҳам меоянд. Қисмати асосии содироти кишварро ашёи хом ташкил медиҳад (металлҳо, нефт, ғалла, пашм). Бо назардошти мавқеи худ Қазоқистон дар саҳнаи байналхалқӣ сиёсати бисёрсамтиро пеш мебарад. Моҳияти он дар истиқрор ва рушди ҳамкориҳои мутақобила бо тамоми кишварҳои дуру наздик ифода меёбад. Вазифаҳои стратегии сиёсати хориҷӣ - ин роҳбарии муқаррароти усулӣ дар бораи устуворӣ, усулҳои истиқлолият, тамомияти арзӣ ва дахолатнопазирии сарҳади кишвар ба шумор меравад.

Мақом ва нақши Қазоқистон дар муносибатҳои байналхалқӣ бо мавқеъгирӣ ва имкониятҳои ҷуғрофӣ, геополитикӣ ва геоиқтисодӣ алоқаманд мебошанд. Аз ҳама муҳим – ин мавқеи Қазоқистон дар минтақаи иттисоли роҳҳоест, ки Аврупо ва Осиёро мепайванданд. Ҳамсоягони наздики кишвари мо – Россия, Хитой ва кишварҳои исломии Осиёи Марказӣ мебошанд. Тавассути қаламрави Қазоқистон дар аҳди қадим Роҳи бузурги абрешим мегузашт. Аз ин рӯ, аксари кишварҳои ҷаҳон дар истиқрор ва рушди алоқаҳои гуногунҷанба бо Қазоқистон таваҷҷӯҳ доранд. Таваҷҷуҳи асосӣ – ин боигариҳои табиӣ, захираҳои бузурги канданиҳои фоиданок ба шумор меравад. Дар маҷмуъ, дар Қазоқистон ҳамасола зиёда аз 1,5 млрд. тонна канданиҳои фоиданок аз худ мегарданд.

Вазифаҳои мусоидат ба эҷоди камарбанди эътимоду амнийат дар тамоми тӯли сарҳади кишвар аз роҳи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор, бо истифода аз созукорҳои (механизмҳои) сиёсию дипломатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, бо шумули иқдомҳои дипломатияи пешгирона, барои ҳалли саривақтии мушкилоти мавҷуд ё эҳтимолӣ дар минтақа саъю талош намудан дар сиёсати хориҷии кишвари мо мавқеи муҳим доранд.

Зарурати айнии мустаҳкам намудани амнийат дар минтақаи Осиёи Марказӣ, наздикии моделҳои инкишофи иқтисодӣ, инчунин умумияти таърихии халқҳо аҳамияти стратегии сиёсати Қазоқистонро дар Осиёи Марказӣ муайян менамоянд. Бо ташаббуси Қазокистон ҷомеаи иқтисодии Осиёи Марказӣ ташкил шуд, ки самаранокии худро на танҳо зимни ҳалли масоили иқтисодӣ, балки масъалаҳои ҳамкории сиёсӣ нишон дод. Тасодуфӣ нест, ки 5 январи соли 2001 роҳбарони чор кишварҳои Осиёи Марказӣ қарорро дар бораи ташкили Форуми Осиёи Марказӣ дар асоси созмони амалкунанда қабул намуданд.

Ҳадафи ниҳоии талошҳои дипломатияи қазоқистонӣ дар самтҳои россиягӣ, хитойӣ ва Осиёи Марказӣ таъмини камарбанди амниятӣ дар тамоми периметри сарҳадҳои Қазоқистон, бунёди шароитҳои зарурии хориҷӣ барои мустаҳкам намудани истиқлолияти кишвар ба шумор меравад [14, с.33].

Яъне, яке аз заруратҳои асосии пешбурди сиёсати фаоли хориҷӣ ин таъмини амнияти миллӣ мебошад, ки бо равандҳои минтақавӣ, зарурати ҳамоҳанг сохтани

амалҳои кишварҳои минтақа, роҳандозии муносибатҳои мутақобила бо кишварҳои муқтадир ба шумор меравад.

Амнияти миллӣ ба сифати асоси муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Қазоқистон бо созмонҳои байналхалқӣ баромад менамояд. Ба мақсади таъмини инкишофи устувори дохилии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ҳарбӣ, қавмӣ ва субот ҷумҳурӣ ба таври доимӣ муносибатҳои корӣ ва мутақобилан судмандро бо созмонҳо ва кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба роҳ мондааст. Ин бо сабабҳои айнии мавҷудияти таҷрибаи васеъ, таъсири сиёсӣ, воситаҳои молиявӣ, алоқаҳои байналхалқӣ, иттилооти мубрам ва маълумотм созмонҳои байналхалқӣ асоснок мегардад. Дар ҳар як ҳолати алоҳида ва намуна кишварҳо соҳаҳои мухталифи ҳамкориро меҷӯянд, ки ба таври мусбат ва самаранок дар татбиқи манфиатҳо ва барномаҳои онҳо ифода меёбанд.

- Ба мақсади таъмини амният ва суботи худ, Ҷумҳурии Қазоқистон муносибатҳои доимии корӣ ва шарикиро бо кишварҳои дигар ба роҳ мондааст. Ба ин мақсад созмонҳое ташаккул ва дастгирӣ меёбанд, ки ба наздикшавӣ ва ҳамкорӣ мусоидат менамоянд. Муносибатҳои байнидавлатӣ ва алоқаҳои байниҷамъиятӣ на танҳо тавассути сохторҳои давлатӣ, балки зери сарпарастӣ ва бо кумаки созмонҳо низ роҳандозӣ мегарданд [2, с.40].

Бисёрҷонибагӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ яке аз механизмҳои калидии ҳалли як қатор мушкилот, пеш аз ҳама масоили амнияти байналхалқӣ ва минтақавӣ мебошад. Масалан, истифодаи бисёрҷонибаи механизмҳо яке аз воситаҳои танзими низоъҳо дар дипломатияи пешгирикунанда (превентивӣ) гардид. Истифодаи равишҳои бисёрҷониба– инчунин воситаи ташкили баробарӣ дар тавозунҳои гуногун– иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва ғайра мебошад. Истифодаи равишҳое, ки ба бисёрҷонибагӣ ва усулҳои ҳамкории амният асос ёфтаанд, дар бахши амалӣ дар зуҳури сохторҳо дар созмонҳои байналхалқӣ ва мақомотҳои сиёсати миллии хориҷӣ зоҳир мешаванд, ки барои равандҳои бисёрҷониба масъул мебошанд. Тавре амалияи байналхалқӣ шаҳодат медиҳад, барои теъдоди зиёди кишварҳои хурд иштирок дар созмонҳои бисёрҷонибаи мухталиф (вазоифӣ, минтақавӣ ва ғ.) василаи таъмини ба шумор мераванд.

Маҳз бо назардошти сабабҳои объективии афзоиши терроризми байналхалқӣ, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва таҳдиди ҳуҷуми кишварҳои хориҷӣ СААД фишанги воқеии муҳофизати амният ва тамомияти арзии иштирокчиёни он гардид. Соли 2002 мустаҳкамшавии созмон, ҳамчун иштирокчии комилҳуқуқи равандҳои ҳарбӣ-сиёсии байналхалқӣ гардид. Вале вазифаҳо ва мсъулияти ба души он гузошташуда, хислати минтақавии онро возеҳ намуданд.

- истодагарӣ дар муқобили хатарҳои нави ғайрианъанавӣ;

- инъикоси арзишҳои фарҳангию таърихӣ ва суннатии халқи тоҷик яъне дӯстӣ ва ҳусни ҳамсоягӣ дар сиёсати хориҷии кишвар;

- нигоҳ доштани тавозун дар самти афзалияти самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар;

- ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ барои эҳёи иқтисоди кишвар ва татбиқи ислоҳот дар самти рушди ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон [15, с.83].

Дар баробари ин як қатор омилҳое мавҷуданд, ки зарурати роҳандозии бисёрсамтиро дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон асосонок менамоянд:

1. Ҷойгиршавии Ҷумҳурии Қазоқистон дар қаламрави бузург байни ду қудратҳои бузург Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой;

2. Зарурати ҳифзи сарҳад ва масъалаҳои ҳалношудаи сарҳадӣ;

3. Набудани роҳи мустақими баромад ба роҳҳои ҷаҳонии баҳрӣ, ки дастрасӣ ба онҳо танҳо тавассути қаламрави кишварҳои ҳамҷавор;

4. Фишори марказҳои нави ҷаҳонӣ ва қудратҳои минтақавӣ;

5. Захираҳои бузурги табиӣ, ки ба онҳо таваҷҷӯҳи кишварҳои дуру наздик равона гашта буданд;

6. Ҳаҷми нисбатан кӯчаки иқтисоди Қазоқистон дар муқоиса бо масоҳати қаламрави он;

8. Гуногунтаркибии аҳолӣ.

Бо назардошти омилҳои мазкур, метавон хулоса намуд, ки бисёрсамтӣ маҳз он фишанге ба шумор меравад, ки имкони ислоҳи камбудиҳои табиӣ ва истифодаи афзалиятҳоро барои Қазоқистон фароҳам меорад.

Бояд эътироф намуд, ки дар тӯли истиқлолият сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ барои дар роҳи ворид шудани Қазоқистон ба ҷомеаи сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин таҳкими мавқеи байналхалқӣ самараи зиёд додааст.

Имрӯз метавон дар бораи зуҳури вазъи нави геополитикӣ ва геоиқтисодӣ дар ҷаҳон гуфт, ки Қазоқистонро ба бозиди мавқеи худ дар ҷаҳон водор менамояд. Ба омилҳое, ки вазъи нави ҷаҳониро маайян менамоянд метавон инҳоро ворид намуд: анҷоми давраи таҳаввул дар Қазоқистон; афзоиши таъсири минтақавии Қазоқистон; номуайянӣ ва анҷом наёфтани равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ ва ИДМ; тағйирёбии вазъи геополитикӣ дар ҷаҳон, тавозуни марказҳои қудрати байналхалқӣ; зуҳури таҳдид ва хатарҳои нав; падидаҳои шадиди бухронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ [3].

Дар натиҷаи таҳлили тағйири ваъи минтаҷа ва зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ метавон ба хулосае омад, ки пешбурди сиёсати бисёрсамтӣ, истиқрори муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва узвият ба созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ аз асли дарёфти ҷойгоҳи муносиб дар саҳнаи ҷаҳонӣ ва муаррифии таърих, фарҳанг ва дастовардҳои кишвар дар арсаи байналхалқӣ бармеояд.

Дар баробари ин бинобар зуҳури хатарҳои муосири ғайрианъанавӣ, таҳдидҳое, ки аз Афғонистон бармеоянд, набудани иқтидори кофӣ барои ҳар як кишвари миллӣ ҷиҳати дар алоҳидагӣ истодагарӣ ва муқовимат намудан бо онҳо зарурати ҳамоҳанг сохтани амалҳои кишварҳои минтаҷа, созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ пеш меояд, ки то кадом андоза даст ёфтан ба ин ҳадафҳо аз пешбурди сиёсати воқеъбинона ва санҷидаи хориҷӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ зарурати айние ба шумор меравад, ки дар тӯли мавҷудияти мустақилона дар роҳи воридшавии арзандаи кишварҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, муаррифии худ ҳамчун давлатҳои ташаббускор ва муваффақ мусоидат намудааст.

Адабиёт:

1. Внешняя политика Республики Казахстан. http://testent.ru/index/0-93
2. Гирфанов Р. М. Внешняя политика Республики Казахстан в контексте обеспечения глобальной и региональной безопасности (политологический анализ) Гирфанов Ринат Марсович Диссертация на соискание академической степени доктора философии (PhD). 23.00.00 – политические науки. Астана 2010, 140 с. - С.40
3. Деловарова Л.Ф. Некоторые теоретические аспекты многовекторности. https://articlekz.com/article/7012
4. Комилов Н. Натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон оғози асри XXI. //Паёми ДМТ, №3, 2022, С.52
5. Комилова Х.Г. Республика Таджикистан в системе международных отношений и геополитических координат в условиях нового мирового порядка (региональный формат). Дисс. д.и.н. душанбе, 2021, Душанбе, 373 с. С.116
6. Назаров Т. Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. Душанбе, ,2006, С. 67.
7. Основные черты внешней политики Казахстана. https://www.kazportal.kz/osnovnyie-chertyi-vneshney-politiki-kazahstana/
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.04.2002, http://www.president.tj/node/6694
9. Пешвои миллат ва дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар даврони истиқлол. Мулоҳизаҳои Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин. https://khovar.tj/2020/09/peshvoi-millat-va-dastovard-oi-siyosati-hori-ii-to-

ikiston-dar-davroni-isti-lol-mulo-iza-oi-vaziri-kor-oi-hori-ii-um-urii-to-ikiston-siro-iddin-mu-riddin/
10. Паём ба Аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2001 http://www.president.tj/node/15126
11. Послание Президента Республики Казахстан Н.А. Назарбаева народу Казахстана. Апрель 2002 г. https://www.akorda.kz/ru/addresses/addresses_of_president/
12. Сайидзода З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с. С.23
13. Сайидзода З., Давлатзода П., Даминова А. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2018. – 422 с. С.181
14. Токаев К. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка. Дисс. на соискание уч.степени кан. пол.наук. Специальность 23.00.04 - Политические проблемы международных отношений и глобального развития. М., 2001, 440 с. С.33
15. Шарипов А.Н.//Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тавсеаи сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон дар шароити муосир". "Душанбе, 11 декабри соли 2019. 256 с. –С.83
16. Центральная Азия 2027: меняющийся стратегический ландшафт. Вероятные сценарии на 10 лет вперед. Астана: Издательство Библиотеки Первого Президента РК – Елбасы, 2017. – 100 с. С.7

ТАҒЙИРЁБИИ ВАЗЪИ МИНТАҚА ВА ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ БИСЁРСАМТӢ ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI

Дар мақола масъалаи омӯзиши тағйирёбии вазъи минтақа ва зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ дар ибтидои асри xxi мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Баъди касби истиқлолият кишварҳои пасошӯравӣ ба низоми нави ҷаҳонӣ ворид гаштанд. Ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон новобаст аз вазъияти баамаломадаи минтақа бо дарназардошти зарурати таърихӣ инъикос гардидааст, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаёти ҷамъияти инъикос мегардад. Дар ин замина, қайд мегардад, ки дар замони истиқлолият ҳамкории кишварҳо марҳилаҳои барқароршавӣ, ташаккул ва таҳаввулро сипарӣ намудааст. Бояд қайд намуд, ки ташаккули сиёсати хориҷӣ аз яккасамти ба бисёрсамтӣ дар вазъияти навини минтақа саривақтӣ мебошад. Сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ яке аз механизмҳои калидии ҳалли як қатор мушкилот, пеш аз ҳама масоили амнияти байналхалқӣ ва минтақавӣ мебошад.

Инчунин, дар мақола таҳлили вазъи таъғйирёбии минтақа, нақши созмонҳои минтақавӣ дар таъмини амнияти давлатҳо рӯ овардан ба сиёсати хорҷии бисёрсамтӣ ва натиҷаҳои он дар замони муосир таъкид гардидааст.

Калидвожаҳо: истиқлолият, сиёсати хориҷӣ, Тоҷикистон, Қазоқистон, Осиёи Марказӣ, минтақа, таъмини амнийат, сиёсати бисёрсамтӣ, шарикии стратегӣ, хатар, кишвар,

ИЗМЕНЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ СИТУАЦИИ И НЕОБХОДИМОСТЬ РАЗРАБОТКИ МНОГОВЕКТОРНОЙ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА

В статье анализируется и обсуждается вопрос изучения изменений региональной ситуации и необходимости разработки многовекторной внешней политики в начале XXI века. После обретения независимости постсоветские страны вошли в новую мировую систему. Развитие сотрудничества между Таджикистаном и Казахстаном находит свое отражение в современной ситуации в регионе с учетом исторической необходимости, которая находит свое отражение в различных сферах общественной жизни. В данном контексте отмечается, что за период независимости сотрудничество

стран прошло этапы восстановления, становления и развития. Следует отметить, что формирование внешней политики от одновекторной к многовекторной своевременно в новой ситуации региона. Многовекторность внешней политики в международных отношениях является одним из ключевых механизмов решения ряда проблем, прежде всего вопросов международной и региональной безопасности.

Также в статье анализируется ситуация изменений в регионе, роль региональных организаций в обеспечении безопасности государств, переход к многовекторной внешней политике и ее результаты в современное время.

Ключевые слова: независимость, внешняя политика, Таджикистан, Казахстан, Центральная Азия, регион, обеспечение безопасности, многосторонняя политика, стратегическое партнерство, риск, страна.

CHANGES IN THE REGIONAL SITUATION AND THE NEED TO DEVELOP A MULTI-VECTOR FOREIGN POLICY AT THE BEGINNING OF THE XXI CENTURY

The article analyzes and discusses the issue of studying changes in the regional situation and the need to develop a multi-vector foreign policy at the beginning of the 21st century. After gaining independence, the post-Soviet countries entered the new world system. The development of cooperation between Tajikistan and Kazakhstan is reflected in the current situation in the region, taking into account the historical necessity, which is reflected in various spheres of public life. In this context, it is noted that during the period of independence, cooperation between countries has gone through stages of restoration, formation and development. It should be noted that the formation of foreign policy from one-vector to multi-vector is timely in the new situation in the region. The multi-vector nature of foreign policy in international relations is one of the key mechanisms for solving a number of problems, primarily issues of international and regional security.

The article also analyzes the situation of changes in the region, the role of regional organizations in ensuring the security of states, the transition to a multi-vector foreign policy and its results in modern times.

Keywords: independence, foreign policy, Tajikistan, Kazakhstan, Central Asia, region, security, multilateral policy, strategic partnership, risk, country.

Маълумот дар бораи муаллиф: Комилов Насим муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. **Суроғa:** 734065, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. Тел: 985-41-51-93. **E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru;

Сведения об авторе: Комилов Насим старший преподаватель кафедры права и международных отношений Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. *Адрес: 734065, г. Куляб, ул. С.Сафаров 16.* Тел: 985-41-51-93. **E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru;

Information about the author: Nasim Komilov senior lecturer, Department of Law and International Relations, Kulyab State University named after A.Rudaki. **Address**734065, Kulob town , street S. Safarov 16. Tel: (992)985-41-51-93, **E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru;

УДК: 94.30.100
ББК: 94.100 (И)
И-94 (100-01)

ТАШКИЛЁБИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Исмоилов З.И.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мавриди зикр аст, ки пас аз бозсозии солҳои 80-ум ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва зуҳуроти давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрда, он ба ҷумҳуриҳои мустақил ҷудо шуд. Дар натиҷа Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) «Дар бораи эълон шудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯзи 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълом дошт ва 9-уми сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нав Ҷумҳурии Тоҷикистон падид омад. Соли 1992 вазъи сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ хеле душвор ва бӯҳронӣ гардида буд. Аксари мардум аз фардои кишвару давлат ва зиндагии оромона умедашонро канда буданд. Дар минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ҷараёни созандагӣ ба сӯзандагӣ табдил ёфт [5, с.37].

Албатта вазъи нобасомони сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ ба мактабу маорифи он низ таъсири амиқи худро гузошт. Махсусан, пойгоҳи моддию таълимии макотиби олии ҷумҳурӣ сахт хароб гардид. Душвориҳои ба миёномада, боиси аз ҷумҳурӣ баромадани кадрҳои хуби илмӣ-омӯзгорӣ шуд, ки таъсири манфии худро ба соҳаи маорифи кишвар расонд. Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги бародаркушӣ кашида шуд. Робитаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамаи шаҳру ноҳияҳо бо маркази ҷумҳурӣ қатъ гардид. Толибилмону донишҷӯёни мактабҳои олӣ пас аз шӯрӯъ шудани ҷанг ба хонаҳояшон рафтуо карда наметавонистанд. Махсусан, донишҷӯён аз навоҳии Кӯлоб маҷбур буданд, ки танҳо ба воситаи роҳи ҳавоии Хуҷанд ба шаҳру ноҳияҳои худ раванд. Бисёр толибилмон тарки мактабу донишгоҳҳо намуда, ба ноҳияҳои худ рафтанд. Дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ аксари донишкадаҳои ҷумҳурӣ ба донишгоҳҳои давлатӣ табдил дода шуданд [11, с.97].

Хушбахтона, Иҷлосияи такдирсози XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 16- уми ноябр то 2-юми декабри соли 1992 дар Қасри фарҳанги Арбоби вилояти Хуҷанд ҷамъ омад, Ҳукумати конституцсионӣ дар кишвар аз нав барқарор ва эҳё гардид. Бо кӯшишу талошҳои фарзанди фарзонаи миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва дигар ҷонибдорони сулҳу ваҳдат ва бо миёнаравии сарони давлатҳои дӯст 27-уми июни соли 1997 «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расид [1, с.68].

Ба ҳамагон маълум аст, ки тараққии ҷомеаро бе инкишофи бемайлони соҳаи илму маориф тасаввур намудан ғайриимкон аст, зеро ҳеҷ як зуҳуроти дигаре мисли илму маориф ба инкишофи ҷомеа таъсир надорад. Ҳалли мақсадноки вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ба ҳамин таъсир вобаста аст.

Дар ин раванд саҳми яке аз маъхазҳои илмию-маърифатӣ-Донишгоҳи давлатии Кӯлоб бузург аст. Донишгоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳорумин ва дар ҷануби Тоҷикистон нахустин боргоҳи илму маърифат ба шумор меравад.

Бояд хотиррасон кард, ки пас аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва оғози барқароркунии хоҷагии халқ тибқи қарори Вазорати маданияти Иттиҳоди Шӯравӣ аз 15 августи соли 1945 таҳти рақами 1373 дар заминаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб, ки дар гузашта номҳои «курси таълимӣ» (1931-1934), «техникуми педагогӣ» (1934-1935), «комбинати педагогӣ» (1935-1938) ном доштааст, Институти дусолаи муаллимии шаҳри Кӯлоб таъсис ёфт [4, с.79].

Агар шумораи донишҷӯёни Донишкадаи муаллимтайёркуниро ба ҳисоб гирем, пас миқдори умумии донишҷӯёни он дар соли таҳсили 1953-1954 аз 311-нафар иборат буд. Дар соли хониши 1953-1954 дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб 72-нафар омӯзгорон кор мекарданд [11, с. 41-42].

Қайд кардан ба маврид аст, ки заминаҳои моддӣ-таълимӣ дар зарфи 8 соли мавҷудияти Институт пайдо шуда буд. Қабл аз ҳама, ҳайати устодону омӯзгорони ботаҷриба ҷиҳати пешбурди кори таълиму тарбия дар мактаби олӣ – Институти 4-солаи педагогӣ омода буд. Роҳбарияти Институт дар назди мақомоти шаҳру вилояти Кӯлоб ва Ҳукумати мамлакат оид ба таъсис додани Институти давлатии педагогии Кӯлоб батакрор дархостҳо пешниҳод мекард. Ниҳоят, ин хоҳишу дархостҳои садорати Институт аз тарафи Ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ пазируфта шуд ва 7 августи соли 1953

фармони Вазорати маорифи СССР таҳти рақами 1373 «Дар бораи барҳам додани Институти дусолаи муаллимтайёркунии Кӯлоб ва дар заминаи он ташкил намудани Институти давлатии педагогии Кӯлоб дар соли таҳсили 1953-1954» ба тасвиб расид.

Дар асоси фармони мазкур Совети Вазирони РСС Тоҷикистон низ аз 15 августи соли 1953 «Дар бораи дар заминаи Институти муаллимпайёркунии шаҳри Кӯлоб кушодани Институти давлатии омӯзгории Кӯлоб» қарори махсус қабул намуд [2, с.4-5].

Соли 1960 Институт ҳамчун воҳиди мустақил барҳам дода шуда, филиали Институти давлатии педагогии Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) мегардад.

Бо қарори КМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон ва Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз 27 июли соли 1962 Институти давлатии педагогии Кӯлоб барқарор гардид. Ректори он номзади илмҳои таърих, дотсент Тоҳир Умаров таъйин карда шуд [2, с. 6-7].

2-юми июли соли 1992 Кумитаи Иҷроияи намояндагони меҳнаткашони вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи навбатии худ масъалаи вазъи фарҳангии ҷомеаро дар солҳои мудҳиши буҳрони иҷтимоӣ - иқтисодӣ баррасӣ намуда, чунин қарор қабул кард: «Бо назардошти эҳтиёҷоти хоҷагии халқи вилоят ба мутахассисони гуногунихтисос Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб ба Донишгоҳ (Университет) табдил дода шуда, базаи мавҷудаи омӯзишгоҳи касбҳои техникии №38-и шаҳр ба ихтиёри он дода шавад. Бо дастури Девони вазирони ҷумҳурӣ вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобу китоби заруриро анҷом дода, барои ҳалли масъалаҳои таъминоти молявию техникии он ба муассисаи мазкур манбаи маблаґгузориро муайян намояд». Талабу дархостҳои Кумитаи иҷрояи вилояти Кӯлобро 24-уми июли соли 1992 ба назар гирифта, дар ҳошияи ҳамин фармон Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон зери рақами 235 чунин қарор қабул кард: «Дар бораи ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб табдил додани Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб” Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамин қарори худ Вазорати маориф ва Вазорати молияи Тоҷикистонро вазифадор намуд, ки тарафҳои молиявии ин масьаларо бо ҳам ҳаллу фасл намоянд [3, с.79]. Соли хониши 1992-1993 дар маҷмуъ 2800-нафар донишҷӯён дар донишгоҳ таҳсил мекарданд [11, с.57]

Новобаста ба вазъи номусоиди кишвар олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб танҳо дар соли 1992 35 дастури методӣ, 21 васоити таълимӣ, 11 китоби дарсӣ, 12 коркарди методӣ, 13 монографияи калонҳаҷм навишта дастраси хонандагон намуданд [5, с.75-76].

Моҳи ноябри соли 1993 яке аз ректорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Самариддин Каримович Каримов ташаббус нишон дода, тавонист, ки нуфузи Донишгоҳро дар байни мактабҳои олии ҷумҳурӣ афзун гардонад. Акнун аксари довталабони ихтисосҳои иқтисодиёт, тиб, кимиё, биология, таърих, тарбияи ҷисмонӣ ба мактабҳои олии шаҳри Душанбе нарафта, ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб меомадагӣ шуданд [14, с.58].

Дар муддати 77 соли мавҷудияти хеш ин боргоҳи илму маърифат тавонист, ки теъдоди донишҷӯёнро аз 48 нафар то ба зиёда аз 11 ҳазор нафар, шумораи устодону муаллимонро аз 9 ба 558 нафар, миқдори кадрҳои дараҷа ва унвони илмидорро аз 5 номзади илм ба 8-нафар доктори илм, профессор, 60-нафар номзади илм дотсент, 22-нафар номзади илм, саромӯзгор 111-нафар, 314-нафар ассистентон расонад [6].

Ҳоло Донишгоҳ дорои беш аз 11 ҳазор нафар донишҷӯ, 10 факулта, 35 кафедра буда, аз рӯи 55 ихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мутахассисони дорои таҳсилоти олиро тайёр менамояд.

Дар соли таҳсили 2020-2021 ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ 11 китоби дарсӣ, 16 монография, 20 васоити таълимӣ-методӣ ва зиёда аз 715 мақолаҳои илмӣ ва дигар маводи илмиро рӯи нашр овардаанд [6].

Донишгоҳ на танҳо ҳамчун маркази асосии тарбияи мутахасисони соҳаи маориф ва риштаҳои дигари хоҷагии халқ маъруф гардид, балки як зумра дастпарварони он ҳамчун арбобони сиёсӣ ва давлатӣ, олимону донишмандони номӣ,

ҳунармандону адибони мумтоз, журналистони варзида симои ҳақиқии донишгоҳро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он дар беҳтарин вазъ муаррифӣ менамоянд.

Басо рамзист, ки сароғоз ва аввалин маркази илму маърифат дар ин водии зархез Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа буд. Арзи вуҷуд намудани донишгоҳ дар шаҳри Қӯрғонтеппа як навъ пайванди гузашта ва имрӯзаи илму фарҳанги Вахшонзамин ва таҳозои давру замон буд.

Лозим ба ёдоварист, ки Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа тифли кӯчаки даврони Истиқлолияти ҷумҳурӣ мебошад. Дар тӯли 70 соли тантанаи Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон водии Вахш соҳиби таълимгоҳи мустақил нагашт. Дар ҳоле, ки дар дигар вилояту шаҳрҳо ҳар сол як донишгоҳи нав ба хотири касе ё чизе таъсис меёфт. Дар аксари навоҳии ин водӣ мутахассисони соҳибмаълумоти соҳаи маориф, муҳандисон, иқтисодчиён намерасиданд. Бо мақсади таҳсил маскунини ин водӣ маҷбур буданд, ки ба маркази ҷумҳурӣ, вилояти Суғд ё шаҳри Кӯлоб азимат намоянд, вале чунин имконияти васеи иқтисодӣ на ба ҳар кас даст медод. Баъзеҳо мехостанд, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, аз рӯйи тахассуси дилхоҳашон таҳсилро давом диҳанд. Ин таманнои бошандагони водиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфт ва бадин минвол дар маркази вилояти Хатлон – шаҳри Қӯрғонтеппа Донишгоҳи давлатӣ арзи ҳастӣ намуд. Таъсиси Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа дар Вахшонзамин як падидаи хеле муҳими фарҳангию маърифатӣ дар раванди таърих маҳсуб мегардад [9, с.6].

Донишгоҳи давлатии шаҳри Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав аввал ҳамчун филиали Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко соли 1978 ташкил шудааст. Сипас соли 1991 ба Донишкадаи давлатии педагогӣ ва аз соли 1992 ба Донишгоҳи давлатии ш.Қурғонтеппа ба номи Н.Хусрав табдил ёфт, ки дар вилояти Хатлон дуюмин боргоҳи илму маърифат дониста мешуд [7, с.1].

Аз 1 апрели соли 1991 тибқи Қарори девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 10 аз 11-уми марти соли 1991 ва фармоиши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 16 аз 13-уми марти соли 1991 шуъба (филиал) ба донишкадаи мустақили омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа табдил ёфт.

Соли 1992 дар асоси Қарори девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 236 аз 24 июли соли 1992 ва фармоиши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо №76 аз 1 сентябри 1992 донишкада ба Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа бадал гардид.

Дар соли аввали ифтитоҳ донишгоҳ дорои 4 факулта буд: факултаҳои физика, математика, забон ва адабиёти рус ва таҳсилоти ибтидоӣ. Дар соли 1993 дар Донишгоҳ тағйиротҳои сифатию миқдорӣ дар дар кори илмӣ, илмӣ-методӣ ба амал омаданд. Дар 17 кафедраи донишгоҳ 143-нафар омӯзгорон фаъолият мекарданд. Аз онҳо 2-нафар доктори илм, профессор, 17-нафар номзади илм, 20-нафар дотсентон ва ассистентон кор мекарданд. Коргарҳои ёрирасони таълимӣ 42 нафар буда, аз онҳо 9 лаборанти калон, 19 лаборант, 3 мудири кабинет, 2 инженер, 2 котибаи кафедра, 5 танзимгар машғули кор буданд.

Дар нимсолаи якуми соли 1993 дар донишгоҳ дар 84 гурӯҳ 1760/595 донишҷӯ, аз он ҷумла 366/164 дар факултаи филология, 471/67 дар факултаи математика, 388/25 дар факултаи физика, 435/210 дар факултаи омӯзгорӣ, 100/38 дар факултаи тиббӣ таълим мегирифтанд [8, с.2].

Дар солҳои авали фаъолият кормандони донишгоҳ аз 17 кафедраи мавҷудбуда, 1 монография, 8/12 дастури таълимӣ, 8/1 мақолаҳои илмӣ методӣ, 11/7 мақолаи илмӣ, 16/0 тезис, 63 мақолаи илмӣ омавӣ рӯй чоп оварданд [8, с.23-24].

Бинобар талаботи бозори меҳнат дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав дар соли 2012-2013 18 ихтисоси нав қабул карда шуд [6, с.9].

Фаъолияти илмии устодони донишгоҳ имрӯзҳо боиси таваҷҷуҳ аст. Олимони донишгоҳ дар 40 самт аз рӯи 65 мавзуъ фаъолияти илмӣ бурда истодаанд. Алҳол дар донишгоҳ 14 нафар докторони илм, профессорон ва 92 нафар номзадҳои илм, дотсентон кор мекунанд.

Соли 2012 нахустин бор аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули донишҷӯён ба шуъбаи магистратура иҷозат дода шуд. Айни ҳол,

464 нафар магистрантҳо дар донишгоҳ машғули таҳсиланд ва имрӯз хониш дар магистратура ба ҳукми зинаи устувори таҳсилот табдил ёфтааст [13,с.11]. Дар соли 2016 бошад, дар донишгоҳ 10 ихтисоси нав қабул карда шуд [9,с.9].

Имрӯзҳо бо гузашти вақт донишгоҳ ба маркази илму фарҳанг мубаддал гашта, дар он донишҷӯён тариқи рӯзона ва ғоибона ба таълим фаро гирифта шудаанд. Дар донишгоҳ 13 факултет, 45 кафедра ва 71 ихтисос амал менамояд, ки 37-тои он ихтисосҳои омӯзгорӣ ва 34-тояшон ихтисосҳои ғайриомӯзгорӣ мебошанд. Коллеҷи омӯзгорӣ ва литсей низ ба сохтори донишгоҳ шомиланд. Дар тӯли беш аз 40 соли фаъолият донишгоҳро бештар аз 50 ҳазор нафар донишҷӯён хатм кардаанд, ки айни ҳол дар риштаҳои мухталифи хоҷагии халқи кишвар кору фаъолият карда истодаанд.

Донишгоҳ дорои 9 бинои таълимӣ бо теъдоди умумии 416 адад ҳуҷра, ки аз он: 162 адад синфхона, 41 адад кабинети таълимӣ, 22 адад озмоишгоҳҳои таълимӣ, 3785 адад миз, 7570 адад курсӣ, 2 кабинети лингофонӣ мебошад. Ҳамчунин, дар ихтиёри донишҷӯён ду адад майдонча, 2 толори варзишӣ, як маҷмааи варзишӣ ба ҳама шароити замонавӣ ва хобгоҳ қарор дорад. Ҳайати омӯзгорони донишгоҳ 762 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз ин шумора 20 нафари онҳо доктори илм, профессор, 165 нафар номзади илм, дотсент, 29 нафар саромӯзгор, 355 нафар омӯзгор ва 213 нафар ассистентон мебошанд.

Айни замон, дар донишгоҳ беш аз 649 адад компютер, 105 тахтаи электронӣ, 134 адад принтер, 70 адад экран, аз ҷумла 6 адад дастгоҳи бузургҳаҷм барои формати А-3, 4 адад сервер ва 3 адад сканери махсус барои коркард ва санҷиши тестҳо мавҷуд мебошад.

Донишгоҳ ба воситаи кабели нурӣ бо шабакаи байналмилалии интернет васл шудааст. Инчунин, дар китобхонаи электронии донишгоҳ, ки бо компютерҳои навтарин таъмин карда шудааст, технологияи WiFi (интернети бесим) мавриди истфодаи васеъ қарор дорад.

Ҳайати профессорону устодони донишгоҳ дар 45 кафедра муттаҳид шуда, ба корҳои илмию таҳқиқотӣ ва илмию методӣ машғул мебошанд. Имсол корҳои илмию таҳқиқотӣ дар донишгоҳ аз рӯйи 45 равия сурат гирифт, ки зиёда аз 70 мавзӯро дар бар мегирад. Олимону устодони донишгоҳ натиҷаи фаъолияти илмияшонро дар 1316 номгӯйи кор, аз ҷумла 422 монография, 61 китоби дарсӣ, дастури методию васоити таълимӣ ва барнома, 182 мақолаҳо дар маҷаллаҳои КАО назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР, 66 гузориш дар конференсияҳои симпозиумҳои байналмилалӣ, 305 гузориш дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ 643 гузориш дар конференсияҳои вилоятию донишгоҳӣ ва 3 нахустпатент нашр намуданд. Соли 2021 барои иҷрои се мавзӯи фармоишӣ 9 нафар докторони илму профессорон ва 5 нафар номзадҳои илм, 1 нафар саромӯзгор ҷамъ 16 нафар машғул буданд.[12].

Яке аз донишгоҳҳои дигаре, ки дар тайёр кардани кадрҳои педагогӣ дорои маълумоти олӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ саҳми сазовор гузоштааст ин Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад. Донишгоҳи давлатии Данғара бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми майи соли 2013, № 205 дар заминаи филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар ноҳияи Данғара бо мақсади таъмин намудани талаботи муассисаю корхонаҳои минтақа бо кадрҳои дорои дараҷаи тахассусӣ таъсис ёфтааст. Донишгоҳ дорои тамоми шароити муосири кору таҳсил буда, барои таҳсили донишҷӯён синфхонаҳои барҳаво ва муҷаҳҳаз бо воситаҳои замонавии таълим, хобгоҳҳои замонавӣ барои истиқомат сохта шудаанд [15].

Шумораи умумии ҳайати омӯзгорони донишгоҳ ба 260 нафар мерасад, ки аз онҳо омӯзгорони доимӣ (ҳамкор ва штатӣ) 225 нафар мебошанд. Шумораи омӯзгорони штатӣ ба 172 нафар баробар аст, ки аз онҳо 2 нафар доктори илм, 28 нафар номзади илм мебошанд. Шумораи омӯзгорони то 35 сола ба 128 нафар мерасад, ки аз онҳо 4 нафар дорои унвони илмӣ мебошанд.

Фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва илмию фарҳангӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара ҳамчун муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Барномаи

идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.03.2013, № 497), Оинномаи Муассисаи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара (фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.12.2017, № 6608) ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар асоси Иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ АУ 0001865 (фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.07.2015, № 2024) ва замима ба иҷозатномаи мазкур аз 31.07.2017 қабули донишҷӯён дар зинаи бакалавриат аз рӯи 64 ихтисос, магистратура 17 ихтисос, аспирантура 20 ихтисос ва қабули шунавандагон ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ аз рӯйи 33 самт ба нақша гирифта шудааст [15].

Дар айни замон, теъдоди умумии донишҷӯёни донишгоҳ ба **5661** нафар мерасад, ки аз ин 4722 нафар дар таҳсилоти рӯзона ва 939 нафар дар шуъбаи фосилавию ғоибона таҳсил менамоянд. Соли таҳсили 2017-2018 донишгоҳро 562 нафар донишҷӯён, аз ҷумла 280 нафар бо дараҷаи мутахассис хатм карданд.

Дар асоси Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ва замимаи ҳуҷҷати мазкур соли таҳсили 2018-2019 дар Донишгоҳи давлатии Данғара донишҷӯён аз рӯи 82 ихтисос дар зинаи бакалавриат, аз ҷумла 8 ихтисос дар зинаи мутахассис (марҳилаи ниҳоӣ) таҳсил менамоянд. Дар зинаи магистратура аз рӯйи 8 ихтисос 87 нафар магистрантон, аз ҷумла 51 нафар дар курси 1-ум ва 36 нафар дар курси 2-юм таҳсил менамоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот раёсати донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ соли 2020 35 нафар омӯзгорони соҳибкасбро ҳамчун ҳамкор ба фаъолияти педагогӣ ҷалб намудааст, ки аз онҳо 13 нафар профессорон ва 10 нафар дотсентон мебошанд.

Донишгоҳ дар шакли маҷмааи таълимӣ (кампус) бунёд ёфта, аз бинои асосӣ, инчунин 2 хобгоҳи 9 ошёна бо беш аз 1000 ҷойи хоб барои донишҷӯён, 3 бинои истиқоматии 5 ошёна бо 60 ҳуҷра барои омӯзгорон, толори варзишӣ бо 450 ҷойи нишаст, толори мунаққаши фарҳангӣ бо 530 ҷойи нишаст, ошхона бо 300 ҷойи нишаст, китобхона барои нигаҳдории 650 ҳазор адад китоб ва дигар иншооти ёрирасон иборат аст, ки барои 4 ҳазор нафар донишҷӯ дар як баст пешбинӣ шудааст. Раёсати донишгоҳ барои беҳтар намудани шароити таҳсил ва ташкили фаъолонаи раванди таълим чораҳои зарурӣ андешида, шумораи синфхонаҳои таълимиро ба 115 адад бо фарогирии 6146 ҷойи нишаст расонидааст [15].

Албатта бо ташаббус ва ибтикороти Сарвари маорифпарвари кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯзҳо дар пойтахти азизамон шаҳри Душанбе ва марказҳои вилоятҳои ҷумҳурӣ муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар фаъолият доранд, ки дар аксари онҳо мутахассисони соҳаи маориф омода карда мешаванд, ки дар рушди ин соҳаи калидии кишвар саҳми босазое мегузоранд [17].

Адабиёт:

1. Абдулло Ҳ., Куганов И., Сайвалӣ Г., Шарофат Х. Рушди омӯзгорӣ аз баракати истиқлолияти давлатӣ. Кӯлоб.- 2016.с.280

2. Абдулло Ҳабибулло. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб-ифтихори илму маориф. Пайёми. ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (маҷалаи илмӣ) 2 (13) 2015.

3. Абдуллоев М.Х. Нақши истиқлолият дар рушди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳӣ Рӯдакӣ/ Исмоилов З.И//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯъи «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир».(ш.Кӯлоб, 19-марти соли 2021). Кӯлоб:2021,с.-79

4. Абдуллоев М.Х., Аъзамов Х.С., Аллоева Ҳ.Ҳ. Ислоҳот ва рушди маорифи Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе, ҶДММ “ПРОМЭКСПО” Душанбе.-2016.-100.с.

5. Абдуллоев М.Х. Мақоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Душанбе-2011.саҳ.123
6. Анвори дониш №5 (329), 25-уми апрели соли 2022
7. Бойгонии давлатии назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.з. 360, рӯйхати 21, д. 1140, в.1.
8. Бойгонии давлатии назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.з. 360, рӯйхати 21, д.254, в.2/24.
9. Донишномаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Душанбе, 2018. – 400 саҳ.
10. Обидов И. Очерки мухтасари таърихи маорифи халқи Тоҷикистон. Душанбе, «Ирфон» 1965,с 32
11. Раҳимов Ф.Мактаби Олӣ: мушкилот ва зарурати ислоҳот.//Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият.-с.97
12. Фуруғ. 1 марти соли 2022. № 7 (472)
13. Худоёрзода Р.С., Муродиён. Ҳ.Ғ., Комилӣ А.Ш. Донишномаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Душанбе, 2018. – 400 саҳ.
14. Шарифов Д. Боргоҳи илму маърифат.//Монография. Шарифов Д. Душанбе-2006.
15. http://dsu.tj/home/category/3 (санаи истифодабарӣ: 27.12.2020)
16. http://ddst.tj/sohai-maorif-maqomi-shoista-kasb-menamoyad/ (соҳаи маориф мақоми шоиста касб мекунад.) 05.04.2022
17. http://hhdtkhatlon.tj/node/ 26206 (Маориф – пояи асосии рушди давлат ва миллат аст) 05.04.2022.

ТАШКИЛЁБИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои муҳим “Ташкилёбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон” бахшида шудааст.

Муаллиф дар тадқиқоти худ, оиди таърихи таъсиси Донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон ва нақши онҳо дар тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ, ҳамчунин, зинаҳои ташаккулёбии ин даргоҳҳои илму маърифатро дар замони Шӯравӣ ва истиқлолияти давлатӣ баён намудааст.

Аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ халқи тоҷик аз пирӯзиҳои он сарфарозу ифтихорманд гашта, ҳар як дастовардҳои онро эҳтиёткорона ҳифз менамояд.

Албатта вазъи нобасомони сиёсии ҷумҳурӣ дар ибтидои солҳои 90-ум ба мактабу маориф алалхусус муассисаҳои олии ҷумҳурӣ низ таъсири амиқи худро гузошт. Аз назари иқтисодӣ ҷумҳурӣ зиёда аз 7 млрд доллари амрикоӣ зарар дида аз ҷиҳати маънавӣ зарари расида ба пойгоҳи моддию таълимии донишгоҳҳои вилояти Хатлон таъсири бесобиқа расонид.

Хусусан тадбирҳои пешгирифтаи ҳукумат ба Донишгоҳҳои вилояти Хатлон бе таъсир намонда пояи моддию техникии ин муассисаҳои олӣ торафт пурқувват мегардад ва ин тадбирҳо асоси баланд гардонидани сатҳу сифати таълим маҳсуб меёбанд ва ташаккули ҳамаҷонибаи ҷомеа, умуман ояндаи кишвар аз вазъи ин муассисаҳои олӣ низ вобаста аст.

Калидвожаҳо: Истиқлолият, Тоҷикистон, ваҳдат, маориф, мактаб, донишгоҳ, донишкада, муаллимон, донишҷӯён, таълим, тарбия.

ОРГАНИЗАЦИЯ УЧРЕЖДЕНИЙ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ОБУЧЕНИЯ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Данная статья посвящена одной из важнейших тем «Организация учреждений высшего профессионального образования и обучения в Хатлонской области».

В своем исследовании автор описывает историю создания высших педагогических вузов Хатлонской области и их роли в подготовке учителей, а также

этапы становления этих учреждений науки и образования в советское время и в период государственно независимости.

С первых дней обретения государственной независимости таджикский народ гордится своими достижениями и бережно оберегает каждое свое достижение.

Конечно, политические положение стране в начале 1990-х годов оказали глубокое влияние на школы и образование, особенно на высшее. С экономической точки зрения страна понесла более 10 миллиардов долларов США, что нанесло беспрецедентный ущерб материально-образовательной базы вузов Хатлонской области.

В частности, меры, принимаемые государством в отношении вузов Хатлонской области, заключаются в укреплении материально-технической базы данных учреждений, что является основой повышения уровня и качества образования, общего развития общества и будущего страны.

Ключевые слова: Независимость, Таджикистан, единство, образование, школа, университет, институт, преподаватели, студенты, образование, воспитание.

ORGANIZATION OF INSTITUTIONS OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION AND TRAINING IN KHATLON REGION

This article is devoted to one of the most important topics "From the history of the formation of higher educational institutions in the Khatlon region."

In his study, the author describes the history of the creation of higher pedagogical universities in the Khatlon region and their role in the training of teachers, as well as the stages of the formation of these institutions of science and education in the era Soviet and during the period of state independence.

Since the first days of gaining state independence, the Tajik people have been proud of their achievements and carefully guard each of their achievements.

Of course, the political situation in the country in the early 1990s had a profound effect on schools and education, especially higher education. From an economic point of view, the country suffered more than 10 billion US dollars, which caused unprecedented damage to the material and educational base of universities in the Khatlon region.

In particular, the measures taken by the state in relation to the universities of the Khatlon region are to strengthen the material and technical database of institutions, which is the basis for improving the level and quality of education, the overall development of society and the future of the country.

Key words: Independence, Tajikistan, unity, education, school, university, institute, teachers, students, education, upbringing.

Маълумот дар бораи муаллиф: Исмоилов Зафар Иброҳимович ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроғa 735360 ҶТ.ш.Кӯлоб кӯч. С.Сафаров 16. E-mail:zafar-0807@mail.ru Тел:. 918107207.

Сведения об авторе: Исмоилов Зафар Иброхимович, ассистент кафедры истории таджикского народа. Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес 735360 РТ, ул. Куляб, ул. С.Сафарова, 16. E-mail:zafar-0807@mail.ru Тел:. 918107207.

Information about the author: Ismoilov Zafar Ibrokhimovich, assistant of the department of the history of the Tajik people. Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address 735360 RT, st. Kulyab, st. S.Safarova, 16. E-mail: zafar-0807@mail.ru Phone 918107207.

УДК: 930 (2- тоҷ)
ББК: 63 (2- тоҷ)
С-21

ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ТӮЙ ДАР САРЧАШМАИ ИЛМӢ - ТАЪРИХИИ «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Сайдалиев Р.А.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Халқи тоҷик дорои анъана, маросим ва ҷашнҳои гуногуне мебошад, ки тадқиқ ва таҳлили он барои пажӯҳишгарони илми таъриху мардумшиносӣ аз аҳамият холӣ нест.

Аслан анъана – маҷмуи арзишҳои миллӣ (халқӣ) буда, аз насл ба насл мегузарад. Сартарошони домод, саршӯёни арӯс, ҳинобандон, дугонаталбон, ордбезон, тахтзанон ва ғайра.

Маросим аз рӯи хислати худ муносибатҳои муайяни иҷтимоии аҳолиро ифода мекунад, ки дар тӯли таърих, шаклу зуҳуротҳои худро тағйир дода, то ба замони мо омада расидааст. Маросими тӯйи хонадоршавии фарзанд, азодорӣ, хатнасур ва ғайра.

Ҷашнҳо низ ҳамчун падидаи алоқаманд ба ҳаёти иҷтимоии мардум аз қадим вуҷуд дошта, баробари инкишофи ҷомеа хислат ва хусусиятҳои худро тағйир дода омадааст. Ҷашни таваллуд, гаҳворабандон, сартарошӣ, дандонбарорӣ, роҳгардӣ, номмонӣ, гӯшворандозӣ ва ғайра.

Яке аз масъалаи мавриди омӯзиш қарордодаи мо дар асари таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ маросими тӯй мебошад. Маънои тӯй ин базм ва шодию хурсандӣ мебошад. Дабдабаи аз ҳад зиёд, сарфу хароҷоти бисёр, майнӯшию қадаҳбардорӣ, суханони беҳаё ва раксу бозиҳои бемаънӣ, қадри тӯйро батамом мекоҳонанд. Ҷашни арӯсии тоҷикон дар ҳаёти маънавию иҷтимоӣ мақоми махсусро ишғол менамуд. Мақсади асосии тӯйи арӯсию домодӣ аз бо ҳам пайвастани сарнавишти ду навҷавон иборат аст. Бояд қайд намуд, ки ин анъанаи миллӣ дорои ҷиҳатҳои педагогию психологӣ буда, ҳиссиёту ҳаяҷон, хурсандӣ, баробарии зану мард, ташкили оила, уҳдадории мард, инсондӯстиро ифода мекард. Вожаи тӯй аз забони туркӣ гирифта шуда, маънои ҷашн, ид, маросими хурсандиро, ки ба муносибатӣ арӯсӣ барпо мегардад, ифода мекунад [1, с. 382].

Тӯй дар асари Зайниддини Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар 5 ҷой дучор омадааст, ки тарзи иҷрои хоси худро дорад. Тавре Восифӣ ишорат намудааст: «Алҳосил гӯсфандон ва аспон куштанд ва тӯйе рост карданд [2, с. 665]. Ё ин, ки «Баъд аз он мардуми маҳалларо ҷамъ карда, чунончӣ расм ва одат бошад, тарҳи тӯй андохтанд» [3, с. 983].

Ҷашн ва ё маросими тӯй ҳамчун падидаи таърихӣ – миллӣ, хоси тамоми гурӯҳҳо ва ҳайати этникии мардумони олам низ мебошад, ки мақсади он барпо намудани оилаи нав ба шумор меравад. Вобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумон, ба назар гирифтани вазъи молию маишии тарафи арӯс ва домод дар дараҷаи муайян, ҷои муайян, ҳалқаи пайвандон барпо гардида, онро муҳаққиқони соҳа ба се давраи муайян тасниф намудаанд: арафа ё тайёрии тӯй, тӯи калон (никоҳ) ва маросими хотимаи тӯй [4, с. 14].

Маросими тӯйи тоҷикон аз рӯи анъанаи миллӣ ба чунин давраҳо тақсим карда мешавад: хостгорӣ, тӯи фотиҳа, қалинг ё туқузбарӣ, никоҳ, рӯйбинон.

Қадами нахустини тӯй аз хостгорӣ шуруъ мегардад. *Хостгорӣ* дар асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» танҳо дар 3 ҷой дучор гардидидааст, ки «...ба хоҷаи бозаргон гуфт, ки бархез (ва) Табрез рав ва фалон духтар, ки мазкур шуд (аз барои ин писар) хостгорӣ кун» [3, с. 806-807].

Нақши хостгорон дар бунёди оила хеле бузург аст. Хостгорон аз ду нафар зан ва мардони чашми кордон иборат буда, барои интихоби арӯс мебаромаданд. Онҳо барои розӣ кунонидани падару модари духтар нақш мебозиданд. Пурсуҷӯи онҳо баъзан дуру дароз тӯл мекашид. Онҳо дар ҷустуҷӯи духтари зебо ва қоматбаланду тарбиядида мебаромаданд. Духтари боинтизом, боадаб, бошарму ҳаёро келин интихоб менамуданд. Ҷустуҷӯ ва интихоби арӯс моҳҳо ва баъзан солҳо давом мекард. Зарбулмасали «Хока гирӣ аз хоктӯдаи баланд гир», «Як дар баста сад дар кушода» дар вақти интихоби арӯс ва духтаркобӣ дар байни тоҷикон бештар маълуму машҳур буданд. Мурод аз «хоктӯдаи баланд» оилаи сарватманд ва ба обрӯй аст.

Хостгоронро дар водии Кӯлоб ва Варзоб духтархушкун, авсақол, дар Суғд, Самарқанд ва Ҳисор завҷӣ, дар ноҳияи Айнӣ духтарталб, дар Қаротегину Дарвоз гапрасон, хостгор меномиданд.

Риштаҳои дӯстии байни ду тараф арӯс ва домодро ба воситаи хостгорон барпою мустаҳкам мекарданд. Қадами нахустини хостгорӣ баъди ризоияти падару модари арӯс ба маросими ноншиканон анҷом меёфт. Дар замони зиндагонии Зайниддини Восифӣ шахси хостгор пеш аз ҳама хароҷоти тӯй ва қалинги духтарро муайян карда, аз натиҷааш ба падар ё домодшаванда хабар медод. Дар ҳолати навишта додани хароҷоти тӯй ба дасти хостгорон он бояд иҷро мешуд. Чунончӣ: «Равед ва панҷоҳ калла қанд ва панҷ ман қарз лиму ва панҷ ман нахуди қандӣ гиред, баъд аз он ба бозори гӯсфанд рафта, панҷоҳ гӯсфанди фарбеҳ гирифта биёваред ва бист суф мураббаъ ва панҷоҳ (тоқ) зарбофти навъи олӣ бихаред» [3, с. 978-979].

Маросими дигаре, ки дар асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ишорат шудааст, *фотиҳа мебошад*, ки дар 2 ҷой дучор омадааст. Маросими фотиҳаро дар водии Ҳисор туқузбарӣ, фотиҳадиҳӣ дар Суғд, Бухоро ва Самарқанд фотиҳа ё тӯи фотиҳа меноманд. Ин маросим дар хонаи арӯс барпо мегардид. Ба ин муносибат дар хонаи арӯс таомҳои гуногун мепухтанд. Фотиҳа ин пайвасти ибтидоии риштаи дӯстии ду оила буда, рафту омади қудоён баъди он ба таври расмӣ оғоз меёфт. Ин маросим аз гирифтани қалинг барои арӯс иборат аст. Пардохти қалинг (маҳр) барои арӯс дар асрхои XV-XVI байни мардуми тоҷик ва ӯзбек низ дида мешуд. Дар вақти гирифтани қалинг ҷиҳатҳои иҷтимоию иқтисодии ду тараф ба инобат гирифта мешуд. Давраи аввали маросими қалинг аз қинғолбозӣ, рӯйпанаҳкунӣ, парчабуррон, маслиҳати тӯй, қалингбарӣ; даври дуюми он бошад, аз қоидаҳои сартарошони домод, саршӯёни арӯс ва никоҳ иборат аст.

Масъалаи дигари марбути тӯй никоҳ мебошад, ки дар асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар 12 ҷой дучор омадааст. Бояд ибрози андеша намуд, ки ақди никоҳ дар байни зан ва мард баста мешуд. Дар ин бора Восифӣ менависад, ки «Мавлоно Тойибӣ он занро ба вай никоҳ кард» [3, с. 985]. Аксар маврид бастани ақди никоҳ дар хонаи арӯс ба иҷро мерасид ва таго ва наздикони арӯс дар он иштирок мекарданд. Ин вазифаро домуллоимоми маҳалла бар ӯҳда дошт. Домулло арӯсу домодро дар арӯсхона рӯ ба рӯ шинонида, хутбаи никоҳро хонда тамом мекард. Дар никоҳ бастан ду нафар шоҳиди мард шарт аст. Ин суннати пайғамбари ислом Ҳазрати Муҳаммад (С) аст. Тибқи таълимоти ислом ва насиҳати паёмбарамон Муҳаммад (С) фармудааст: Издивоҷ кардан суннат аст ҳар, ки тарк кунад аз уммати ман нест. Ибтидо аз духтар мепурсиданд. Шумо бинти фалонӣ нафсу нафисаи худро ба ҳамин ҷавони ҳозир истода, фалонӣ ибни фалонӣ бе ягон маҷбурият ваколатан бахшидед. Домулло ё шахси онро ивазкунандаи донишманди аҳли ислом ин ҷумларо бо овози баланд се бор такрор мекард. Духтар, «тану нафсамро бахшидам» мегӯяд. Боз мард Шумо ибни фалонӣ бинти фалониро ба занӣ қабул кардед. «Ҳа қабул кардам мегуфт». Бо ҳамин ақди никоҳ ба анҷом расида, онҳо зану шавҳари расмӣ мегардиданд.

Мақсад аз бастани ақди никоҳи байни зан ва мард аз он иборат буд, ки мард ухдадор буд, ки занро то муддати муайян танҳо нагузорад, бо хӯрок ва пулу мол таъмин намояд. Ба ӯ ҷабру зулмро раво набинад ва ғайра. Устод ва муаррихи тоҷик А. Ҷалилов дар таҳкиқоти хеш дар мавриди бастани ақди никоҳ чунин менависад: «Мусулмон ҳуқуқ дошт, танҳо бо мусулмонзан хонадор шавад. Никоҳи байни мусулмон ё мусулмонзан бо

шахси пайрави дини дигар баръакс манъ карда мешуд. Дар он сурат иҷозат дода мешуд, ки агар охирин исломро қабул намояд ва мусулмон гардад» [4, с. 33].

Дар замони зиндагонии Зайниддин Восифӣ низ *талоқ,* яъне роҳи ҷудошавии мард аз зан вуҷуд дошт. Дар ҳолати боҳам созгор наомадани ду тараф мард занашро талоқ медод, дар ҳолате, ки шоҳидон бошанд. Чунончӣ: «Шайх фармуданд, ки маро маблаге харҷ шуда, он зан гуфт, ки ду миқдор он чӣ харҷ шуда, аз моли ман гир ва маро талоқ деҳ» [3, с. 985].

Занон дар тобеияти мардони оила қарор доштанд. Талоқ ин роҳи ҷудоии зан аз мард ва мард аз зан буд. Баъди ҷудоӣ онҳо метавонистанд аз нав хонадор шаванд. Лекин лаззат ва ширинии ҳаёти аввалаи хешро пайдо намудани тарафайн хеле мушкил буд. Зани талоқ гирифта, дар ин давра то ба никоҳи дигар мард намедаромад, никоҳ ба шавҳари аввалааш ҷоиз ва дуруст ҳисоб намешуд. Дар ин ҷо зикр намудан лозим аст, ки фарзандони аз ин зан тавлидёфта ҳаромӣ ҳисоб мешуданд. Агар тарафҳо баъди гузашти муддати муайян пушаймон шуда, ба идомаи зиндагонӣ майл дошта бошанд, аз нав ақди никоҳ баста рӯзгори хонадориашонро идома медоданд. .

Масъалаи дигаре, ки мувофиқ ба шариат ба роҳ монда шуда буд, ҳалола мебошад, ки танҳо дар як ҷойи асар дучор омадааст. Чунончӣ: «Ҳазрати султон ба муходим гуфтанд, ки равед ва ҳамчунон созед, ки ин зан ба шавҳари худ ҳалола шавад» [3, с. 685]. Ҳалола ин роҳи бо ҳам ҳалол будан, дуруст будан аз нуқтаи назари шариат ва қонун ва ризои худ расидани зани талоқгирифта мебошад, ки имрӯзҳо дар байни мусулмонон вуҷуд дорад.

Аҳкоми дин ва ирс ба андозае печида буд, ки рӯҳониён ҳар чӣ мехостанд мекарданд ва дар ин замина ихтиёроте доштанд, ки дар ҳеҷ шариате ба рӯҳониён надодаанд. Тавре Зайниддини Восифӣ дар бораи табақаи ашрофи аҳди Темурӣ менависад, Хар кадом аз онҳо чанд зани ақдӣ доранд, вале иддаи занони ғайриақдӣ бештар аст. Низоми хонаводагии занон мураккаб буда, ин масоил пеш аз ҳама ба тавоноии молӣ ё ҷинсӣ вобастагӣ дошт. Мардони камбизоат ба таври куллӣ беш аз як зан надоштанд. Раиси хонавода (кадхудо) ба шумор мерафт. Маҳбубтарин зан ва соҳиби ҳуқуқи комила маҳсуб шуда ва ӯро подшоҳзан ё зани мумтоз меномиданд. Аз ӯ пасттар зане буд, ки унвони хидматкорӣ дошт ва ӯро зани хидматгор ё чокарзан мегуфтанд. Ҳуқуқи конунии ин ду навъ завҷа мухталиф буд. Шавҳар вазифадор буд, ки то охири умр зани мумтози худро нон диҳаду нигоҳдорӣ намояд.

Духтар мустақилан ҳаққи ихтиёри шавҳар кардан надошт. Ин ҳақ ба падар ихтисос дошт. Агар падар дар қайди ҳаёт набуд, шахси дигаре иҷозаи шавҳар додани духтарро дошт. Ин ҳақ нахуст ба модар тааллуқ мегирифт ва агар модар мурда буд, мутаваҷҷеҳи яке аз амакҳо ё тағоҳои ӯ мешуд.

Шавҳар бар амволи зан вилоят дошт ва зан бидуни иҷозаи шавҳар ҳақ надошт дар амволи хеш тасарруф кунад. Ҳар гоҳ шавҳаре ба зани худ мегуфт: аз ин лаҳза ту озод ва соҳибихтиёри худат ҳастӣ, зан бад ин васила аз назди шавҳари худ дур шуда, иҷозат меёфт шавҳари дигарреро интихоб намояд. Зани мумтоз ва писаронаш ҳаққи ирс доштанд. Чокарзан ва фарзандони ӯ ҳаққи ирс надоштанд.

Ба андешаи мо дар ин давраи асримиёнагии феодалӣ амалҳои зиёди дар пойбанд нигоҳ доштани инсонҳо дида мешуд, ки ин амали манфӣ мебошад.

Тавре, ки мардумшиноси барҷастаи рус Токарев С. А. дар бораи ҳаёти оилавии мардуми Осиёи Миёна чунин овардааст: «Тамоми ҳаёти оила тибқи одат ва ҳуқуқи мусулмонон (шариат) ба тартиб андохта мешуд. Дар оила яккасардор мард ба ҳисоб мерафт. Занон ягон хел ҳуқуқро доро набуданд. Кори асосии онҳо ба шавҳар итоат кардан буд. Аҳволи занон ниҳоят вазнин буд. Дар оянда тамоми вазнинии кори хонаро бар зимма дошт. Аз ҳаёти ҷамъиятӣ зан комилан дар канор монда буд» [5, с. 325-326].

Ба андешаи мо дар асрҳои XV ва XVI урфу одатҳои тӯй аз қоидаҳои гуногун ва вазнини иқтисодӣ издивоҷ, хостгорӣ, фотиҳа, никоҳ, тӯй, талок, халола иборат буда, дар гузаронидани тӯйҳо дар ҳаёти мардумон тибки урфу одатҳои исломӣ гузаронида мешуданд. Бисёре аз суннатҳои хислати динӣ доштаи маросимҳо дар айни замон арзишҳо ва хусусиятҳои баргузории худро ба куллӣ дигаргун кардаанд.

Адабиёт:
1. Фарҳанги забони тоҷикӣ, қ. 2. Нашриёти «СЭ».М .1969. -С. 382.
2. Зайниддин Восифӣ. Бадоеъулвакоеъ.Матни интиқодӣ бо муқаддима ва феҳрастҳо ба қалами Болдыров А.Н. [Матн]/ А.Н. Болдыров М. ИВЛ. 1961. к. 1 . -С. 665.
3. Зайниддин Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ.Болдырев А.Н. [Матн] / А.Н. Болдырев М. 1961 .к. 2. -С. 983.
4. Зехниева Ф. Сурудхои маросими тӯи точикон.[Матн]/ Ф. Зеҳниева Нашриёти «Дониш», Душанбе-1978, -С. 14.
5. Зайниддин Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ.Болдырев А.Н. [Матн] / А.Н. Болдырев М. 1961 .к. 2.-С. 806-807.
6. Зайниддини Восифӣ. Бадоеъ-ул-вакоеъ. Болдырев А. Н. [Матн]/ А. Н. Болдырев М. 1961. қ . 2. -С. 978-979.
7. Зайниддини Восифӣ. Бадоеъ-ул-вакоеъ. Болдырев А. Н. [Матн]/ А. Н. Болдырев М. 1961. қ . 2. -С. 985.
8. Джалилов А. Из истории положения женшин Средней Азии до исламе и после распространения ислама.[Текст] / А. Джалилов.- Издательство «Ирфон». Душанбе, 1974.- С. 33.
9. Зайниддин Восифӣ. Бадоеъ- ул-вақоеъ. Болдырев А. Н [Матн] / А.Н. Болдырев. М. 1961. к. 2. - С. 985.
10. Зайниддин Восифи . Бадоеъ-ул-вакоеъ. Болдырев А.Н. [Матн] А.Н. Болдырев М .1961. к. 2. - С. 685.
11. Токарев С. А. Основы этнографии. [Текст] С. А. Токарев. М. Издательство «ВШ» 1968 . - С. 325-326.
12. Ш. Абдуллоев. А. Мардонова, Р.Ҷумъаева, М. Забарова, З. Дӯстов «Дар ҷустуҷӯи фарҳанги Водии Ҳисор» . Душанбе- 1992. 82 с.
13. Мусофиров К. Ном ва номгузорӣ. [Матн]/ К.Мусофиров. Душанбе-2008. 10 с.
14. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».[Матн] /С. Айнӣ. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Сталинобод-1956. 314 с.
15. Сайдалиев Р. «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-хулосагирии илмӣ-таърихӣ ва таҳлили этнографӣ.[Матн]/ Р. Сайдалиев. Душанбе. «Ирфон»-2019. 168 с.
16. Устод Муртазо М. Хадамоти мутақобили ислом ва Ирон. [Матн]/ М. Мутаҳҳарӣ. Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Ирон дар Тоҷикистон. Душанбе-1999. 550 с.

ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ТУЙ ДАР САРЧАШМАИ ИЛМӢ - ТАЪРИХИИ «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Асари муаррихи тавонои тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бо номи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихии охири асри XV ва аввали асри XVI-ро, ки дар қаламрави вилоятҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр ба вуқуъ омадаанд дар бар мегирад.

Мо таърихро аз рӯи манбаъҳо, яъне аз рӯи сафарномаҳову саёҳатномаҳо, васиятномаву зафарномаҳо, шоҳномаву ёддоштҳои гузаштагон меомӯзем. Дар асрҳои миёна дар байни маруми тоҷик анъана, маросим ва ҷашнҳои зиёде мавҷуд буданд, ки баробари инкишофи ҷомеа рушду пешрафт мекарданд. Яке аз анъанаҳои қадимаи мардуми тоҷик тӯй мебошад, ки маънои аслии он базм, шодию хурсандист.

Тибқи маълумотҳои Зайниддини Восифӣ тӯй аз як қатор марҳалаҳо иборат буда, хароҷотҳои зиёди миёншиканро дарбар мегирифт. Дабдабаи аз ҳад зиёд, сарфу хароҷотҳои зиёд, майнӯшию қадаҳбардорӣ қадри тӯйро мекоҳониданд. Ба тӯй асосан хешу табор, ҳаққу ҳамсояҳоро даъват мекарданд. Дар маросими тӯй таъомҳои гуногун пӯхта мешуд ва баргузории ин маъраки хурсандӣ дар ҷойи муайян ва ҳалқаи атрофиён баргузор мегардид. Ҷашни арӯсии тоҷикон бо вижагиҳои нотакрор, мазмун ва мӯҳтавои худ дар ҳаёти маънавию иҷтимоии мардуми мо аз қадим мақоми махсусро ишғол карда

омадааст. Дар гузаронидани маросими тӯй урфу одатҳои қавмҳо бо ақидаҳои исломӣ гузаронида мешуд. Муаррихи намоён Зайниддини Восифиро таърихбону ҳомӣ ва қосиди таъриху тамаддуни миллати тоҷик номидан лозим аст, чунки танҳо аз рӯи маълумотҳои асари ёддоштии ӯ бо номи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» мо ба бисёр масъалаҳои воқеаҳои таърихӣ ва фарҳангии замони гузашта шиносоӣ пайдо карда метавонем.

Калидвожаҳо: тӯй, хостгорӣ, ноншиканон, қалинг, фотиҳа, никоҳ, сартарошон, саршӯён, домодталбон, талоқ, ҳалола.

ОТРАЖЕНИЕ СВАДЕБНОЙ ПРОБЛЕМЫ В НАУЧНО-ИСТОРИЧЕСКОМ ИСТОЧНИКЕ "БАДОЭ – УЛ - ВАКАЕ" ЗАИНИДДИНА МАХМУДА ВАСИФИ

В труде влиятельного таджикского историка Зайниддина Махмуди Васифи под названием «Бадоэ-уль-Вакое» отражены политические, социальные, культурные и исторические события конца XV –го и начала XVI веков, происходившие на территории Хорасанского и Моваруннахрского районов.

Мы изучаем историю по источникам, то есть по путеводителям, завещаниям и победным свидетельствам, шахнамы и воспоминаниям о прошлом. В средние века среди таджикского народа существовало множество традиций, обрядов и праздников, которые развивались и прогрессировались вместе с развитием общества. Одной из древних традиций таджикского народа является свадьба, изначальный смысл которой – праздник, радость и счастье.

По сведениям Зайниддина Васифи, свадьба состояла из нескольких этапов и требовала больших посреднических расходов. Слишком много роскоши, трат, выпивки испортили ценность свадьбы. На свадьбу были приглашены в основном родственники и соседи. Во время свадебной церемонии готовили различные блюди, и это радостное событие проходило в определенном месте и в кругу окружающих людей. Свадебный обряд таджиков с его уникальными особенностями, смыслом и содержанием издавна занимал особое место в духовной и общественной жизни нашего народа. Во время свадебной церемонии традиции народов проводились с исламскими представлениями. Знаменитого историка Зайниддина Васифи следует назвать историком, защитником и посланником истории и цивилизации таджикского народа, ибо со многими вопросами историко-культурных событий прошлого мы можем ознакомиться только на основании сведений его мемуаров под названием « Бадаи-уль-Вакаи».

Ключевые слова: свадьба, обручение, хлеболомы, приданое, благословение, брак, обряды развод, халала.

REFLECTION OF THE WEDDING PROBLEM IN THE SCIENTIFIC AND HISTORICAL SOURCE "BADI-UL-WAKAE" BY ZAINIDDIN MAHMUD VASIFI

The work of the influential Tajik historian Zainiddin Mahmudi Vasifi entitled "Badoe-ul-Vako" reflects the political, social, cultural and historical events of the late XV and early XVI centuries that took place in the Khorasan and Movarunnakhr regions.

We study history from sources, that is, guidebooks and guidebooks, wills and victorious testimonies, shahnamas and memories of the past. In the Middle Ages, many traditions, rites and holidays existed among the Tajik Marums, which developed and progressed along with the development of society. One of the ancient traditions of the Tajik people is a wedding, the original meaning of which is a holiday, joy and happiness.

According to Zainiddin Vasifi, the wedding consisted of several stages and required large mediation costs. Too much luxury, spending, booze and booze have ruined the value of the wedding. Mostly relatives, relatives and neighbors were invited to the wedding. During the wedding ceremony, various dishes were prepared, and this joyful event took place in a certain place and in the circle of people around. The wedding ceremony of Tajiks with its unique features, meaning and content has long occupied a special place in the spiritual and social life of our people. During the wedding ceremony, traditions of peoples were held with Islamic representations. The famous historian Zainiddin Vasifi should be called a historian, defender

and envoy of the history and civilization of the Tajik people, because we can familiarize ourselves with many issues of historical and cultural events of the past only on the basis of information from his memoirs entitled "Bado-ul-Wakai."

Key words: wedding, betrothal, bakery, dowry, blessing, marriage, rite of first visit by young son-in-law of wife's family, divorce, halala.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сайдалиев Рустам. Муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ 735360 ш. Кӯлоб кӯчаи С. Сафаров 16. Тел: 989-19-82-30 Email: Nsadi79@mail.ru

Сведения об авторе: Сайдалиев Рустам. Старший преподаватель кафедры истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллахи Рудаки. Адрес: 735360 ш. Куляб улица С. Сафарова 16. Тел: 989-19-82-30 Email: Nsadi79@mail.ru

Information about the author: Saydaliev Rustam. Senior Lecturer, Department of History and Methods of Teaching History, Abuabdullahi Rudaki Kulyab State University. Address: 735360 sh. Kulyab street S. Safarov 16. Tel: 989-19-82-30 Email: Nsadi79@mail.ru

УДК: 930 (2-тоҷ)
ББК: 63 (2 тоҷ)
И-65

ЁРИИ ИҚТИСОДИИ СОКИНОНИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБИ ҶШС ТОҶИКИСТОН БА ҶАБҲА ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (с.1941-1945)

Исуфов Ш.В.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои ҳамаи халқҳои собиқ ИҶШС санаи хеле муҳими таърихӣ мебошад. Дар ғалабаи умумӣ сокинони ҳамаи минтақаҳо саҳми муносиб гузоштанд. Тадқиқоти пешниҳодшуда аввалин кӯшиши таҳлили ёрии иқтисодии сокинони вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон ба ҷабҳаи ҷангӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад.

Вилояти Кӯлоб яке аз чор вилояти аввалини ҶШС Тоҷикистон буд, ки бо фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 27 октябри соли 1939 ташкил карда шуд. Ба ин вилоят соли 1939 1 шаҳр- Кӯлоб, 12 ноҳия- Балҷувон, Фархор, Данғара, Ховалинг, Кангурт, Муъминобод, Даштиҷум, Шӯрообод, Сарихосор, Колхозобод, Қизилмазор, Кӯлоб ва 89 шӯрои деҳот дохил мешуданд [12, с.261]. Дар ин давра қисми зиёди аҳолии вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекард. Шумораи умумии аҳолии вилояти Кӯлоб дар ин сол 210 575 нафар, аз ҷумла дар шаҳр 8 439 нафар, дар деҳот 202 136 нафарро ташкил медод [21, с.9, 239].

Аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ халқҳои бародарии Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми қувват ва нерӯи худро барои мағлуб кардани душман равона карда буданд. Дар ақибгоҳ бошад, меҳнаткашони ҷумҳуриҳои ИҶШС кӯшиш мекарданд, ки ҳарчи бештар ба фронт ва давлат ба қадри имкон гандум, гӯшт ва дигар маҳсулот равон намоянд.

Дар ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Кӯлоб, аз рӯзҳои аввали ҷанг дар ҳама нуқтаҳои аҳолинишин дар колхозҳо ва совхозҳо барои сафарбар намудани тамоми захираҳои мавҷуда гирдиҳамоиҳо ва маҷлисҳо гузаронида шуданд.

3-июли соли 1941 Раиси Кумитаи Давлатии Мудофиаи ИҶШС И. В. Сталин тариқи радио баромад намуда ба халқ характери одилонаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд будани муҳофизати Ватан ва мудофиаи музаффариятҳои сотсиализмро фаҳмонда, халқро ба мардонагӣ ва қаҳрамонӣ дар фронт, ба меҳнати фидокорона дар ақибгоҳ даъват мекард. Инчунин, дар назди Армияи Сурх вазифа гузошта шуд, ки ҳар як ваҷаби заминро муҳофизат намуда, то қатраи

охирини хун муборизa баранд [19, с.543-544]. Аз нутқи баёнкардаи И.В.Сталин коргарон, колхозчиён, зиёиёни миллатҳои давлати Шӯравӣ рӯҳбаланд шуда, шиори умумихалқии «Ҳама барои фронт, ҳама барои ғалаба» - ро сармашқи кори ҳаррӯзаи худ медонистанд. Ҷавонмардони вилояти Кӯлоб зери шиори болозикр амал намуда, дар давоми солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиёда аз 50 ҳазор ҷавононро ба ҷабҳаҳои ҷанг сарфарбар намуданд [24, с.28]. Фиристодагони вилояти Кӯлоб қариб дар ҳама набардҳои хунин ширкат варзида, аз худ далерию шуҷоат нишон доданд. Зеро, зуҳуроти олии ватандӯстӣ омодагӣ барои қурбонии манфиатҳои шахсӣ ва ҳатто ҳаётӣ ба хотири ҳимояи Ватан ва хушбахтии мардуми он мебошад. Ватандӯстӣ - маънои муҳаббат ба Ватанро дошта, он қудрати ҳалли ҳама гуна мушкилотро дорад, маҳз хусусиятҳои баланди меҳанпарастии халқҳо ҷомеаи шӯравиро дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 аз болои фашизм пирӯз гардонда буд.

Дар солҳои ҷанг, бинобар ба фронт рафтани мардон, аҳолии қобили меҳнат дар колхозҳои вилояти Кӯлоб 23,7 % коҳиш ёфт, ки ин фавран ба истеҳсолоти кишоварзӣ таъсир расонд. Мувофиқи сарчашмаҳои бойгонӣ то 1-уми июли соли 1940 дар вилояти Кӯлоб 685 колхозҳо мавҷуд буд [6, в.8]. Дар давраи ҷанг шумораи онҳо коҳиш ёфт ва то 20 январи соли 1945, дар вилоят 569 колхоз боқӣ монд [3, в.16].

Дар ин солҳои мудҳиш ҳосилнокии меҳнат хеле баланд бардошта шуд. Масалан, арзиши як рӯзи кории деҳқонони кӯлобӣ (тоҷик) дар соли 1941 агар 1,23 кг ғалла бошад, пас соли 1942 он то 1,57 кг расид. Дар баъзе ноҳияҳои вилояти Кӯлоб, ба монанди н.Шӯрообод то ба 6,3 кг ғалла расонида шуд [14, с.262/22,с.271].

Бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ, яке аз вазифаҳои асосии замони ҷанг расондани кӯмаки ҳамаҷониба ба фронт буд. Дар доираи фаҳмиши фаъолиятҳои кӯмакрасонӣ се ҷанба фаҳмида мешавад: 1) ба сифати чораи зарурӣ, нақша, шартнома; 2) оммавӣ ва умумимиллӣ; 3) кӯмаки ихтиёрӣ [10, с.266]. Аз ин рӯ, деҳқонон кӯшиш мекарданд, ки на танҳо нақшаҳои давлатии тайёр намудани маҳсулотро сари вақт иҷро намоянд, балки таъсис додани захираҳои озуқавории иловагиро ба нақша гиранд.

Яке аз ташаббусҳои таъсиси фонди мудофиа дар рӯзҳои аввали ҳафтаҳои ҷанг дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва дар байни тамоми гурӯҳҳои этникии аҳолӣ ба тариқи ихтиёрӣ ба вуҷуд омада буд. Колхозчиёни Тоҷикистон бо тайёрии пурра таъсис додани “Фонди мудофиа”-ро дар шаҳрҳои Москва ва Ленинград тарафдорӣ намуданд. Зеро, хуҷҷатҳои сершумори бойгонӣ ва хотираҳои ҳамзамонон, нишон медиҳанд, ки фавран пас аз ҳамлаи Германияи фашистӣ, корвони аввал бо нон, гӯшт, сабзавот якҷоя бо даъватшудагони аввалини колхозҳо ба фронт фиристода шуда буд.

Ташкили Фонди мудофиа аз ҷониби тамоми табақаҳои аҳолии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт. Дар манотиқи деҳоти ҷумҳурӣ гирдиҳамоиҳои серодам баргузор шуданд, ки дар онҳо деҳқонони колхозӣ пасандоз ва маҳсулоти худро ба Фонди мудофиа бо шавқ мебахшиданд.

Ин намуди кӯмак ба фронтро тамоми меҳнаткашони вилояти Кӯлоб аз ҷумла ноҳияи Ховалинг дастгирӣ мекарданд. Аввалин шуда котиби комитаи комсомолии ноҳияи Ховалинг Абдураҳмонов ба фонди мудофиа 5000 сӯм супорида, ташкил шудани ин хазинаро ҷонибдорӣ намуд. Дар рӯзҳои аввали моҳи агусти соли 1941 аввалин шуда Раиси комиҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ин ноҳия Азимов ба маблағи 1200 сӯм заём дод ва уҳдадор шуд, ки то анҷоми ҷанг ҳар сол 100 сӯми ба фонди мудофиа месупорад. Дар ин кори ёрӣ ба фронт қисми зиёди деҳқонони колхозӣ аз қабили Ҳоҷизода Н 100 сӯм заём ва 700 сӯм пули нақд, Сафоев 400 сӯм заём[1] ва 80 кг гӯшт, Муқимов С. 300 сӯм заём ва 3 рӯзи корӣ, Нозимов 100 сӯм пули нақд ва 50 сӯми ҳар моҳ то анҷоми ҷанг, Убайдов 1000 сӯм заём ва то анҷоми ҷанг 3 рӯза музди корашро ҳамчун ёрӣ ба фронт бахшиданд [2, с.255].

Раиси колхози «Иттифоқ»-и ноҳияи Ховалинг Раҳимов С 150 кг гандум, аъзоёни ҳамин колхоз Аюбов Р, Кабиров А, Сангов Абдураҳмон низ 100 килограммӣ гандум ба фонди мудофиа супориданд.

[1] Қарзи пул бо шарти муайяни адои он.

Дар як муддати кӯтоҳ таввасути корҳои фаҳмондадиҳӣ супоридани маблағ ба фонди мудофиа авҷ мегирифт. Дар баробари ин дар тамоми хоҷагиҳои коллективии ноҳияи Ховалинг ҷамъомаду маҷлисҳо баргузор гашта, меҳнаткашон баҳри ҳимояи Ватан саҳмгузорӣ менамуданд. Ҷамъомаде, ки оғози моҳи августи соли 1941 дар колхозҳои «Коммунаи Париж» ва «Маданият» (шӯрои қишлоқи Ҷонбахт)-и ноҳияи Ховалинги вилояти Кӯлоб баргузор гардид, хеле пуртаъсир буд. Аввалин шуда раиси колхози мазкур О. Музаффаров ба сухан баромада, мардумро барои торумор кардани фашизм даъват намуда, дар бораи хазинаҳои мудофиа маълумот дода, якумин шуда 1000 сӯм заём ва 50 кг гӯштро ба хазинаи Ватан супорид. Дар пайрави бо ӯ, колхозчиён Олимов С. 2 сар буз ва 500 сӯм заём, Нозимов К. як сар гӯсфанд, 350 сӯм заём ва 50 сӯми нақд ба хазинаи мудофиа супориданд. Ҳамчунин Раиси колхози «Маданият»-и ноҳияи Ховалинг Абдулхаев С. бошад, 150 сӯми нақд, 130 сӯм заём, котиби кумитаи комсомолии колхоз Сафар С. 60 сӯм пули нақд, 120 сӯм заём ба фонди мудофиа гузаронидaнд. Колхозчиёни ин колхоз қарор қабул карданд, ки фавран як тонна гандум ҷамъоварӣ намуда ба ин фонд супорида шавад [2, с.255-256].

Аъзоёни колхози «Роҳи Ленин» бо сарварии раиси он Аминов Н. 370 сӯм пули нақд, се ҷуфт ҷӯроби пашмин, як нимҷома, як шим ба фонди мудофиа супориданд. Аз колхози ба номи Ворошилов (раис Ширин Холов) 50 сӯм, як ҷуфт ҷӯроби пашмин, як дастпӯшаки зимистона, аз колхози ба номи Папанин 50 сӯм, як куфайка, як шинел, як шим, инчунин колхозчиёни колхози «Сотсиализм» 195 сӯм пули нақд ба хазинаи мудофиаи Ватан супориданд [2, с.256].

Аз рӯзҳои аввали саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ колхозчиёни ноҳияҳои Ховалинг 20 декабри соли 1941 ба хазинаи мудофиа 52677 сӯм пули накд, 1 750 605 сӯм вомбаргҳои давлатӣ, 50 сентнеру 80 килограмм гандум, 7 сентнер ҷав, 9 сентнеру 35 кг шолӣ, 1758 килограмм гӯшт, 47 килограмму 340 грамм равған, 237 килограмм пашм, 158 дона пӯст, 301 килограмм метал ба фонди мудофиа супориданд [2, с.259].

Колхозҳои ноҳияи Балҷувон бошад, то моҳи ноябр соли 1941 ба фонди мудофиа 1883 сӯм вомбарги давлатӣ, 20364 сӯми нақд, 310 грамм нуқра супоридаанд [11]. Дар ҷамъ кардани ин маблағ нисбати дигар колхозҳои ноҳия колхози ба номи “Карл Маркс” ва колхози ба номи “Каганович” фаъол буданд. Аъзоёни ин колхозҳо дар як вақт ба фонди мудофиа 6082 сӯм ёрдампулӣ пардохт карданд.

Колхозчиёни ноҳияи Фархор бошад, то моҳи августи соли 1941 ба фонди мудофиаи Ватан 12400 сӯм пули нақд ва 115650 сӯм вомбаргҳои давлатӣ харидорӣ карда супориданд [13]. Аз байни колхозҳои мавҷудаи ноҳия ҳар як аъзои колхози “Роҳи Ленин” 15 рӯзи кории худро ба фонди мудофиа бахшиданд.

Гарчанде вазъи иқтисоӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ дар як ҳолати ниҳоят вазнин қарор дошт, дар давоми як ҳафта аз 18 то 26 декабри соли 1941 аз вилояти Сталинобод 355 сандуқ, аз вилояти Кулоб 81 сандуқ, аз вилояти Ғарм 457 сандуқ, аз вилояти Ленинобод 5 вагон тӯҳфаҳои солинавӣ ба фронтҳои ҷангӣ фиристода шуданд. Дар маҷмуъ соли 1941 аз ҷумҳурӣ 3102 сандуқ тӯҳфа бо вазни 86270 кг ба фронт фиристода шуд [16, с.237].

12 апрели соли 1942 Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб «Дар бораи қисман тағйир додани қарори Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои меҳнаткашони вилоятро аз 26 марти соли1942 оид ба масъалаи тақсим намудани миқдори заёмҳои ҳарбӣ ба ноҳияҳои вилоят»-ро мавриди баррасӣ қарор дод. Бо саъю кӯшиши Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб аз тарафи меҳнаткашони вилоят харида гирифтани заёмҳои ҳарбӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гашт. Зеро то моҳи майи соли 1942 колхозчиён, коргарон ва хизматчиёни давлатии вилоят ба маблаги 4220,0 ҳазор сӯм заём харидаанд [8, в.в.41-42]. Инчунин, дар соли 1942 аҳолии вилояти Кӯлоб ба маблаги 900 ҳазор сӯм маҳсулоти гуногун, аз қабили равғани маска, ғалла, гӯшт, тухм, меваи хушк ва дигар намуди маҳсулотро ба фронт фиристоданд [5, в.17]. Ҳамзамон, аз тарафи колхозчиёни вилоят дар ин сол бо маблаги 4 миллиону 290 ҳазор сӯм лотореяҳои ихтиёрӣ харида шуд [23, с.10]. Умуман то якуми декабри соли 1942 ба фонди мудофиаи Ватан аз ҷаниби меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ба миқдори 1160 миллион сӯм супорида шуд [22, с.260].

Бо тақсим намудани заёмҳои ҳарбӣ ба ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дарҳол обунашавии меҳнаткашони вилоят ба ин заём оғоз гардид. Обунашавӣ ба заёмҳои ҳарбиро аҳолии ноҳияҳои вилоят пазируфтанд. Масалан, дар якчанд рӯзи обунашавӣ то 21 апрели соли 1942 дар ноҳияи Ховалинг 1 318 089 сӯм, аз ҷумла 21 292 сӯм пули нақд ҷамъ карда шуд [2, с.262]. Инчунин, колхозҳои ноҳия сари вақт маҷбуриятҳои давлатиро дар соли 1942 месупориданд. Масалан, аъзоёни колхози "Панҷсолаи дуюм"-и ноҳияи Ховалинг (раис Умаров И.), барои пурра нест кардани фашистон маҷбуриятҳои давлатии гӯшт, пашм, тухм, равған ва маҳсулоти дигарро пеш аз муҳлат иҷро карданд [4].

Соли 1942 колхозчиёни ноҳияи Қизилмазор дар таъмини маҳсулот ба фронт бениҳоят фаъол буданд. Дар ин сол хоҷагиҳои коллективии ин ноҳия ба фронт 17 710 кг гӯшт, 7 700 дона пӯст, 10 362 килограмм равған фиристоданд [23, с.12].

Меҳнаткашони ноҳияи Фархор бошанд, то моҳи майи соли 1942 ба фонди мудофиа 1 миллиону 500 ҳазор сӯм супориданд. Колхозчиёни колхози «Тоҷикистони Сурх»-и Шӯрои қишлоқи Деҳқонариқ дар фиристодани маблағ ва дигар лавозимоти зарурӣ ба фронт нисбати колхозҳои дигари ноҳия фаъол буданд. Аъзоёни колхози номбурда 1000 сӯм пули нақд, 5 ҷуроб, 3 дастпӯшак, 8 килограмм пашм, 20 дона пӯст ва монанди инҳоро ба муҳофизатгарон ва ҷанговарони шаҳри Ленинград фиристоданд. Инчунин, то ин давра колхозчиёни ноҳия 345 сандуқ тӯҳфа бо вазни 4 тонна маҳсулоти озуқаворӣ ба мудофиони ватан фиристоданд. Илова бар ин дар соли 1942 кишоварзони ноҳияи Фархор нақшаи кишти ғалларо 130%, кишти зироатҳои техникиро 100%, кишти пахтаро бошад 100%, яъне 12 рӯз пеш нисбати соли гузашта иҷро намуданд [14].

Меҳнаткашони вилояти Кӯлоб зери роҳбарии Кумитаи вилоятии ҲК (б) Тоҷикистон дар соли 1943 дар ҷамъоварии маблағ ва хариди лотореяҳои пулӣ[2] хеле фаъолона иштирок намуданд. То санаи 26 октябри соли 1943 шумораи маблағи ҷамъоварда ба 31578 ҳазор сӯм расид [22, с.260]. Дар кори обунашавӣ ба заёми давлатии ҳарбии соли 1943 дар вилояти Кӯлоб ба як қатор ташкилотҳо, кормандони ҳизбию ҳукуматӣ, аз ҷумла ба котиби Кумитаи ҳизбии ноҳияи Ховалинг Абдураҳмонов ба маблағи 1000 сӯм, котиби Кумитаи ҳизбии ноҳияи Қизилмазор Исмоилов 6000 сӯм, котиби Кумитаи ҳизбии ноҳияи Кангурт Пӯлодов бо маблағи 1500 сӯм, котиби дуюми Кумитаи ҳизбии ҳамин ноҳия Муҳаммадраҳимов 600 сӯм мукофоти пулӣ дода шуд [7, в.в. 29-30, 43-44.].

Новобоста аз вуҷуд доштани ҳолати ҳарбӣ, дар мамлакат раванди ҷамъоварии маблағ ва обунашавӣ ба заёмҳои давлатӣ то охори солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ идома ёфта, ташкилотчиёну роҳбарон бо туҳфаҳо ҳавасманд гардонида мешуданд. Масалан, дар ҷамъоварии маблағ ва обунашавии аҳолии вилояти Кӯлоб дар соли 1944, аҳолии ноҳияи Шӯрообод ба натиҷаи назаррас ноил гардид. Ба як қатор кормандони ҳизбию ҳукуматии ноҳия барои иҷрои нақшаи фурӯши заёми давлатии ҳарбӣ, аз ҷумла ба котиби ҲК(б) ноҳия Восиев 1000 сӯм, раиси комиҷроия Носиров Б. 1000 сӯм, мудири шуъбаи молия Ҳамидов 700 сӯм, мудири кассаи амонатӣ Файёзов 600 сӯм муофотпулӣ дода шуд [17, с.60].

Дар маҷмуъ, коргарони Тоҷикистон 30,5 миллион сӯм пул, 45,7 миллион сӯм вомбаргҳои қарзи давлатӣ ба фонди дифоъ ворид намуда, 6491 сентнер ғалла супурданд [10, с.266].

Меҳнаткашони Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Кӯлоб ин қарори КМ ҲК (б) ва ШКХ ИҶШС - ро тарафдорӣ намуда, ӯҳдадор шуданд, ки барои барқарор кардани иқтисодиёти кишвар ёрии худро расонанд. Бо мақсади иҷроиши ин қарор дар ҳамаи корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо, мактабу муассисаҳои вилояти Кӯлоб маҷлису гирдиҳамоиҳо гузаронида шуда, барои ёрӣ расонидан ба аҳолии ин ноҳияҳо маблағҳои зиёде ҷамъоварӣ карда шуда буд. Масалан, коргарзани заводи равғани шаҳри Кӯлоб Қурбонова О. дар гирдиҳамоие, ки 23 августи соли 1943 дар ин завод барпо гардида буд, баромад намуда чунин изҳори ақида карда буд: «Писари ягонаи ман дар

[2] Бо роҳи ихтиёри ҷамъ кардани маблағ аз мардум бо роҳи фурӯши чиптпҳо ва гузаронидани бозии он.

муҳофизати шаҳри Ленинград аз дасти фашистони хунхор қаҳрамонона ҳалок гардид. Ҳар чизеро, ки дар бисотам дорам ба Артиши Шӯравӣ ва ба онҳое, ки азоби фашизмро дидаанд, мебахшам. Ман маоши моҳонаамро ба фонди азнавбарқароркунии хоҷагиҳое, ки аз истилогарони фашист озод шудаанд мебахшам ва Шумо ҳамкасбонамро даъват мекунам, ки ба ин ташаббус шарик шавед». Ба ташаббуси пешниҳодкардаи Қурбонова О. 16 нафар коргарзани заводи равғанкашӣ, 19 коргарзанони заводи пахтатозакунии шаҳри Кӯлоб ва 73 нафар коргарони дигар корхона ва муассисаҳои шаҳри Кӯлоб ҳамроҳ шуданд [22, с.267]. Ба душвориҳои зиёди иқтисодию иҷтимоӣ нигоҳ накарда, коргарон ва инженерону техникҳои завод бо меҳнати қаҳрамононаи худ дар «Фонди муҳофизати Ватан» ҳиссаи худро мегузоштанд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳолии вилояти Кӯлоб барои ҳимояи Ватан ва мағлуб кардани фашизм ҳеҷ чизро дареғ намедоштанд ва то анҷоми ҷанг ба фронт тамоми лавозимоти заруриро барои ғалаба ба Артиши Сурх мефиристониданд. Масалан, дар солҳои ҷанг колхозҳои ноҳияи Колхозобод барои сохтани колонаи танкии “Колхозчии Тоҷикистон” 635000 сӯми нақд ва ҳамин миқдор сӯм шакли заём, барои сохтани колонаи танки “Комсомоли Тоҷикистон” ва эскадрилияи ҳавоии “Тоҷикистони Советӣ” 97332 сӯм супориданд [9, с.40]. Ҳамзамон, аз ҷониби колхозчиёни ноҳияи Муъминобод як қатор тӯҳфаҳо ба Аскарони Сурх омода карда буданд. Духтарони гулдасти ноҳияи Муъминобод 900 кг чормағз, 90 кг меваи хушк, 20 кг себ ба фронт фиристоданд [1, с.15].

Далелҳои овардашуда аз ватандӯстии баланди деҳқонони вилояти Кӯлоб шаҳодат медиҳанд, ки онҳо эҳтиёҷоти кишварро дарк мекарданд. Дар шароити коҳиш ёфтани истеҳсолот, назар ба солҳои пешини ҷанг меҳнаткашони вилояти Кӯлоб зиёдтар қувваи корӣ сарф мекарданд, ки ин аз он гувоҳӣ медод, ки ватандӯстии деҳқонони кохозӣ падидаи истисноӣ набуда, балки муқаррарӣ, ҷузъи ҷудонашавандаи системаи арзишии ҷомеаи Шӯравӣ мебошад. Ғалаба ва ватандӯстӣ сабаби баланд шудани қувваи меҳнатии тамоми мардуми ИҶШС гардид, ки ин боис шуд, ки ба душвориҳои харобиовари пас аз ҷанг низ далерона тоб оваранд.

Адабиёт:

1. Алимов Д.Х. Хатлонская область Республики Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (194 1-1945 г.г.): автор….канд. ист. наук. Душанбе-2012. с.15
2. Амир С. М. Ёхсу, очеркҳои илмӣ-оммавӣ. Душанбе 2014, с- 255.
3. Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТН ҶТ) Ф. 3.,Р.,126, П. 276., В. 16.
4. Бегов М. Маҷбуриятҳои давлатиро супориданд / Болшевики Ховалинг 31 майи соли 1942.
5. Бойгонии вилоятии ҲК(б) Тоҷикистон дар минтақаи Кӯлоб. Ф. 6., Р.1., П.19., В.17.
6. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. . Ф 7. Р.1. П.13. В. 8.
7. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф. 7., Р.1., П. 44., В.В.29-30, 43-44.
8. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф. 7., Р.1., П.41., В.В. 41-42.
9. Ёдгорӣ Н., Ҳафизов Д., Раҳмат П., Холзода М. Зиндагӣ дар пояи ду кӯҳи намак(Ноҳияи Восеъ: таърих, тараққиёт, одамон ва имрӯзу фардои он). Душанбе-1994, с.40.
10. Қараев Ф.Қ. Таджикистан в годы Великой Отечественной Войны (1941-1945 гг.): проблемы историографии. Дисс.док ист наук. Душанбе – 2018. с.226.
11. Коммунисти Балҷувон. 10 декабри соли 1941
12. Кошкина О.А., Исуфов Ш.В, Крестьянство Марийской АССР РСФСР и Кулябской области Таджикской ССР в годы Великой Отечественной войны (сравнительный анализ) // Регионы России в военной истории страны. Выпуск III: сборник материалов III Всероссийской (с международным участием) научно-

практической конференции, г. Йошкар-Ола, 17–18 ноября 2021 года / ред.-сост. О.А. Кошкина, Е.П. Кузьмин. – Йошкар-Ола: МарНИИЯЛИ, 2022. – 480 с. 261.

13. Пахтачӣ. 11 августи соли 1941
14. Пахтачӣ. 14 майи соли 1942
15. Пахтачӣ. авгӯсти соли 1942
16. Рахимов С.А. Деятельность Компартии Таджикистана по мобилизации всех материальных и духовных сил республики на разгром немецко-фашистских захватчиков в годы Великой Отечественной войны Советского Союза (1941 – 1945 гг.): дисс... докт. ист. наук , Душанбе, 1991. с. 237.
17. Розиқи С. Равзанаи субҳ. Душанбе – 2002, с.60.
18. Степанищев А.Т., Хасанов Р.Ш. Патриотизм– один из решающих факторов Победы в Великой Отечественной Войне 1941 – 1945 годов / Вестник Военного университета. 2010. №2 (22). с.11 – 15.
19. Таърихи партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ. Душанбе- 1973, с.543-544.
20. Флоров В.В. Куляб: (Путеводитель). Душанбе:Ирфон,1983.с.24.
21. Численность насельения СССР на 17 января 1939 г. Москва 1941, с. 9, 239.
22. Шарифов Д. Маҷмӯаи рисолаҳои таърихӣ ва адабӣ. Душанбе, 2013. с.271.
23. Шарифов Д., Шарифов З. Барои ному нанги Ватан. Кӯлоб-1990, с.130
24. Исуфов Ш.В. Ҳаёт ва фаъолияти меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ//Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе:Дониш-2019, №4 (008), с. 28.

ЁРИИ ИҚТИСОДИИ СОКИНОНИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБИ ҶШС ТОҶИКИСТОН БА ҶАБҲА ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (с.1941-1945)

Тадқиқоти пешниҳодшуда аввалин кӯшиши таҳлили ёрии иқтисодии сокинони вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон ба ҷабҳаи ҷангӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад. Аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ халқҳои бародарии Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми қувват ва нерӯи худро барои мағлуб кардани душман равона карда буданд. Дар ақибгоҳ бошад, меҳнаткашони ҷумҳуриҳои ИҶШС кӯшиш мекарданд, ки ҳарчӣ бештар ба фронт ва давлат ба қадри имкон гандум, гӯшт ва дигар маҳсулоти озуқааворӣ равон намоянд.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда, нишон медиҳад, ки ватандӯстии баланди деҳқонони вилояти Кӯлоб дар шароити коҳиш ёфтани истеҳсолот, назар ба солҳои пешини ҷанг зиёдтар қувваи корӣ сарф мекарданд, ки ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ватандӯстии деҳқонони колхозӣ падидаи истисноӣ набуд. Ғалаба ва ватандӯстӣ сабаби баланд шудани қувваи меҳнатии тамоми мардуми ИҶШС гардид, ки ин боис шуд, ки ба душвориҳои харобиовари пас аз ҷанг низ далерона тоб оваранд.

Калидвожаҳо: Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ИҶШС, Тоҷикистон, Кӯлоб, ҷабҳа, саҳм, иқтисодиёт, кишоварзӣ, маҳсулот, ҳосил, колхозҳо, деҳқонон.

ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ПОМОЩЬ ЖИТЕЛЕЙ КУЛЯБСКОЙ ОБЛАСТИ ТАДЖИКСКОЙ ССР В ФРОНТУ В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945 гг.)

Предлагаемое исследование является первой попыткой анализа экономической поддержки жителей Кулябского района Таджикской ССР фронту в годы Великой Отечественной Войны. С первых дней Великой Отечественной Войны братские народы Советского Союза направили все свои силы и энергию на разгром врага. В тылу трудящиеся республик СССР старались направить на фронт и государство как можно больше пшеницы, мяса и других продуктов.

Проведенное исследование показывает, что при высоком патриотизме крестьян Кулябского района в условиях сокращения производства они затрачивали больше труда, чем в предыдущие годы войны, что свидетельствует о том, что патриотизм крестьян-земледельцев не был исключительным явлением. Победа и патриотизм стали

причиной увеличения трудовой силы всего народа СССР, заставившей его мужественно переносить разрушительные тяготы послевоенного периода.

Ключевые слова: Великая Отечественная Война, СССР, Таджикистан, Куляб, фронт, вклад, экономика, сельское хозяйство, продукция, урожай, колхозы, колхозники.

ECONOMIC ASSISTANCE OF THE RESIDENTS OF THE KULYAB REGION OF THE TAJIK SSR IN THE FRONT DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR (1941-1945)

The proposed study is the first attempt to analyze the economic support of the inhabitants of the Kulyab region of the Tajik SSR to the front during the Great Patriotic War. From the first days of the Great Patriotic War, the fraternal peoples of the Soviet Union directed all their strength and energy to defeat the enemy. In the rear, the working people of the republics of the USSR tried to send as much wheat, meat and other products as possible to the front and the state.

The study shows that with the high patriotism of the peasants of the Kulyab region, in the conditions of reduced production, they expended more labor than in previous years of the war, which indicates that the patriotism of the peasant farmers was not an exceptional phenomenon. Victory and patriotism became the reason for the increase in the labor force of the entire people of the USSR, which made them courageously endure the destructive hardships of the post-war period.

Key words: Great Patriotic War, USSR, Tajikistan, Kulyab, front, contribution, economy, agriculture, production, harvest, collective farms, collective farmers.

Маълумот дар бораи муаллиф: Исуфов Шердил Ватанович - муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроғa: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: (+992988026304), E-mail: sherdil.isufov@mail.ru

Сведения об авторе: Исуфов Шердил Ватанович - старший преподаватель кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени А.Рудаки, Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова 16. Телефон: (+992988026304), E-mail: sherdil.isufov@mail.ru.

Information about the authors: Isufov Sherdil Vatanovich - doctor student (PhD) of the Department of the History of the Tajik People Kulyab State University named after A. Rudaki,. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street 16. Phone: (+992988026304), E-mail: sherdil.isufov@mail.ru

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ФИЛОЛОГИЯ

Холиқзода А., Қурбонов К. Вижагиҳои сохтории ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забони англисӣ.....5
Джуракулов Б.Р. Структурная классификация педагогических терминов таджикского и английского языков……11
Искандарова М.Н. Типичные ошибки в речи учащихся, связанные с употреблением местоимений 26
Исломов О.А., Хомидова Ф. Проблемы профессионально-педагогической подготовки молодых преподавателей вуза……34
Табаров Б. Фразеология ҳамчун қисмати мустақил дар забоншиносӣ……..40
Сабоҳати И. Номи анвои гиёҳони ғайриистеъмолӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ...49
Шарипова О.П. Лексико-грамматические разряды имен существительных. разные типологии……55
Авғонова Н. Мавқеи ибораҳои рехта ва нақши онҳо дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....59
Муҳаммадҷони А. Жанри ғазал дар эҷодиёти Урфии Шерозӣ.....69
Сабоҳати И. Назарияи таҳаввули истилоҳоти гиёҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 78
Раҳмонова Г.С. Инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ дар асарҳои «Асрор» ва «Фарзанди ҳукумат»-и Ғаффор Мирзо (таҳқиқи матншиносӣ).....86
Гуламадшоев Ш.Ш. К истории формирования шугнанских антропонимов.....94
Гуламадшоев Ш.Ш. Хусусияти антропонимҳои этнографӣ ва этнолингвистӣ дар забони шуғнонӣ.....100
Зулфиев Г.Н. Таҷассуми масъалаҳои иҷтимӣ – ахлоқӣ дар романи «Ишқи сархӯр»-и Кароматуллоҳи Мирзо.....107

ПЕДАГОГИКА

Сафарзода М.В., Мирализода А.М. Андрагогика ҷанбаҳои рушди таълими ғайрирасмӣ ва такмили тахассус.....114
Бозоров Х., Ҳамроева Қ. Ба кори мустақилонаи таълими забони модарӣ одат кунонидани талабагони синфҳои ибтидоӣ.....123
Файзализода Б.Ф., Сафарова С.Х. Таҳаввулоти сохтории технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар таҳсилоти касбии ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ.....130
Сулаймонов У. И. Асосҳои методологии фарогирии бакалаврҳо ба таҳсилот дар низоми таҳсилоти фосилавӣ.....137
Шоимардонов Х.Н. Оид ба мафҳуми «тарбияи ҷисмонӣ» ва арзишҳои он.....144
Қурбонов М.С. Мавқеи муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотӣ дар ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён.....148
Сироҷиддини Д. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии кори мустақилонаи хонандагон оид ба мавзуи «методикаи омӯзиши ҳаҷми конус» дар курси геометрияи мактабӣ.....152
Ҷурахонзода Г.С. Моҳият ва нақши пайдоиши парчами миллӣ дар ташаккул додани ҳисси худшиносии насли наврасу ҷавонон.....157
Пиров М. Хусусиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим.....165
Лутфияи Ч. Ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълими “амплитуда (домана), давр ва басомади лаппиши электромагнитӣ. формулаи Томсон”.....176

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ - ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

Абдуллоев М.Х., Шарифов Ш.Ҷ., Аз таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-30-юми асри XX.....182
Олимов М.А., Суфиев С.Н. Густариши робитаҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Покистон дар замони истиқлолият.....189
Ҳалимова Д.Ғ. Касби истиқлолият ва ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо дар матбуоти даврии кишварҳо.....199
Ҳалимова Д.Ғ. Нақши Пешвои миллат дар рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Қазоқистон.....204
Комилов Н.И. Тағйирёбии вазъи минтақа ва зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ дар ибтидои асри XXI……210
Исмоилов З. Ташкилёбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон.....218
Сайдалиев Р.А. Инъикоси масоили тӯй дар сарчашмаи илмӣ - таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ.....226
Исуфов Ш. В. Ёрии иқтисодии сокинони вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон ба ҷабҳа дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945)……231

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «**Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** мақолаҳои илмие, ки натиҷаи таҳқиқоти соҳаи **илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таъриху бостоншиносиро** фаро мегиранд, нашр карда мешаванд.

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ:

1. Таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 12, ҳошияҳо 2 см, фосилаи байни сатрҳо 1,0 см ва формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 5 саҳифа ва на беш аз 14 саҳифа;
2. Индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
3. Номи мақола бо ҳарфҳои калон;
4. Насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Сатторзода М.Ш.);
5. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он)-и мақола кору фаъолият менамоя (н) д;
6. Матни асосии мақола на камтар аз 5 саҳифа (схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
7. Рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
8. Рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 10 номгӯи адабиёти илмӣ. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад.
9. Намунаи таҳияи адабиёт: нишон додани манбаи иқтибос дар матн ба таври зер: [3, с. 24], [3, с. 24; 7, с. 53], ки ин ҷо рақами аввал манбаи истифодашуда ва рақами дувум саҳифа;
10. Рӯйхати адабиёти истифодашуда ба забони аслии китобӣ;
11. Тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 10 ва на бештар аз 20 сатр, калидвожаҳо аз 10 то 15 номгӯй;
12. Маълумот дар бораи муаллиф (он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Маълумот дар барои муаллиф ба тартиби зайл оварда мешавад: насаб, ном, номи падар, дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошад), вазифа ва ҷои кор, телефон ва почтаи элекронӣ;
13. Дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
14. Мақолаи аспирант докторанти PhD унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ мушовири илмӣ ва ё мудири кафедра қабул карда мешавад;
15. Мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад ва доктори илм қабул карда мешавад;
16. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририя дар муддати 10 рӯз баррасӣ мегардад.

Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд тақризи мусбии мутахассиси соҳаи дахлдорро дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки матни мақоларо таҳрир ва кӯтоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририя барои нашр тавсия намегарданд.

Нишонӣ барои дастрасии маълумоти иловагӣ:

Маълумоти иловагӣ: www.vestnik.kgu.tj, **тел**: 918-48-44-05.

ВЕСТНИК
КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ
АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Научный журнал «Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки» основан в 2009 г. Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан от 12.04.2022 г., №245/МҶ-97. Журнал принимает научные статьи по трем направлениям: исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Журнал включен в Реестр рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан с 1.06.2022, №174/м.

Журнал включен в базу данных
Российского индекса научного цитирования (РИНЦ),
регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде методданных.
Полная текстовая версия журнала доступна на сайте издания
(vestnik.kgu.tj).

ВЕСТНИК
Кулябского государственного университета имени
Абуабдуллох Рудаки
Серия историческиеи и археологические, педагогические и филологические науки
1 (26) 2022

Над номером работали:
Главный редактор:Мирализода А.М.
Заместитель главного редактора: Рафиев С.А.
Ответственный секретарь: Сафарзода М.Н.

735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С.Сафарова, 16
Сайт журнала: vestnik.kgu.tj
E-mail: payom@kgu.tj
Тел.: 8(3322) 2-41-06

Отпечатано в типографии ООО «Нушбод»
Формат 60x84 1/8. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 50 экз. Уч. изд. л. 15,06 усл. п.л. 30,25
Подписано в печать 20.10.2022. Заказ №96